ПАЁМШИНОСӢ

(МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ)

ADDRESS STUDIES

(SCIENTIFIC JOURNAL)

2025. №2(2)

“Ман аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ҳайси Роҳбари давлат то имрӯз дастгирӣ ва рушди илму маорифро самти афзалиятнок эълон карда, дар тӯли беш аз се даҳсола ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир менамоям.

Зеро хуб медонам, ки рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, ояндаи босаодати давлату миллат аз илму маорифи пешрафтае вобаста аст, ки заминаи мустаҳками онҳо имрӯз гузошта мешавад.

Ба ибораи дигар, ман дастгирӣ ва таваҷҷуҳ ба ин соҳаҳои муҳимму тақдирсозро сармоягузорӣ ба ояндаи дурахшони миллат ва бақои давлат мешуморам”.

Иқтибос аз паёми Пешвои миллат
муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон
аз 16 декабри соли 2025

АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ, ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ
ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МЕЖДУНАРОДНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ТУРИЗМА
И ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА ТАДЖИКИСТАНА**

**INTERNATIONAL UNIVERSITY OF TOURISM
AND ENTREPRENEURSHIP OF TAJIKISTAN**

ПАЁМШИНОСӢ

(МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ)

ADDRESS STUDIES

(SCIENTIFIC JOURNAL)

2025. №2(2)

ДУШАНБЕ, 2025

МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ “ПАЁМШИНОСӢ”

Муассиси маҷалла: Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Маҷалла соли 2025 таъсис дода шудааст

Масъулият оид ба муҳтаво ва саҳеҳияти иттилооти дар мақолаҳо истифодашударо дар маҷаллаи мазкур ба муаллиф вогузор карда мешавад.

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.
Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.iutet.tj).
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №402/МҶ-97 аз 24.02.2025 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДБСТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад 48/5
Сомонаи маҷалла: (www.iutet.tj).
E-mail: majala.dbsst@gmail.com Тел.: (+992 37) 234-88-02

НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ “ПАЁМШИНОСӢ”

Учредитель журнала: Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

Журнал основан в 2025 г.

Ответственность относительно содержания и достоверности использованной информации несет автор статьи в данном журнале.

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.
Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.iutet.tj).
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство №402/МҶ-97 от 27.11.2023 г.
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре МУТПТ.
Адрес Издательского центра: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад 48/5.
Сайт журнала: (www.iutet.tj).
E-mail: majala.dbsst@gmail.com Тел.: (+992 37) 234-88-02

SCIENTIFIC JOURNAL “ADDRESS STUDIES”

Journal Founder: International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

The journal was founded in 2025.

The author of the article in this journal is responsible for the content and reliability of the information used.

The journal is included in the database of the Russian Science Citation Index (RSCI).
The journal is printed in Tajik, Russian and English.
Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.iutet.tj).
The journal is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. Certificate №402/МҶ-97 of 24.02.2025
The journal is being prepared for publication at the IUTET Publishing Center.
Address of the Publishing Center: 48/5 Borbad Avenue, Dushanbe, Tajikistan, 734055
Journal website: (www.iutet.tj).
E-mail: majala.dbsst@gmail.com Tel.: (+992 37) 234-88-02

© Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
© Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана
© International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

САРМУҲАРРИР / ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР / CHIEF EDITOR

Асрорзода У.С. - ректори ДБССТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

Асрорзода У.С. - ректор МУТПТ, доктор экономических наук, профессор

Asrorzoda U.S. - rector of the IUTET, Doctor of Economics Sciences, Professor

Кудратов Н.А. - муовини сармуҳаррир, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Кудратов Н.А. - заместитель главного редактора, доктор юридических наук, профессор

Kudratov N.A. - deputy Chief Editor, Doctor of Law Sciences, Professor

АЪЗОИ ШУРОИ МУШОВАРА / РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ / EDITORIAL COUNCIL

Маҳмудзода М.А. – академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Махмудзода М.А. – академик Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор

Mahmudzoda M.A. – academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan, doctor of law Sciences, professor

Раҳимзода М.З. – узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Рахимзода М.З. – член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор

Rahimzoda M.Z. – Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law Sciences, Professor

Ализода З. - ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Ализода З. - помощник Президента Республики Таджикистан по правовым вопросам, доктор юридических наук, профессор

Alizoda Z. - Assistant to the President of the Republic of Tajikistan on legal issues, Doctor of Law Sciences, Professor

Сафарзода А.И.– сардори раёсати маориф, илм ва фарҳанги дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Сафарзода А.И. – начальник управления образования, науки и культуры Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор

Safarzoda A.I. – Head of the Department of Education, Science and Culture of the Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan, Doctor of Law Sciences, Professor

Шарофзода Ф.Р. – директори Институти илмӣ-тадқиқотии рушди устувор ва иқтисодиёти сабзи ДБССТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

Шарофзода Ф.Р. – директор Научно-исследовательского института устойчивого развития и зеленой экономики МУТПТ, доктор экономических наук, профессор

Sharofzoda F.R. – Director of the Research Institute for Sustainable Development and Green Economy of the IUTET, Doctor of Economics Sciences, Professor

Иброҳимзода И.Р. - директори Институти илмӣ-тадқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории ДБССТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

Ибрагимзода И.Р. – директор Научно-исследовательского института туризма и предпринимательства МУТПТ, доктор экономических наук, профессор

Ibrahimzoda I.R. – Director of the Research Institute of Tourism and Entrepreneurship of the IUTET, Doctor of Economics Sciences, Professor

АЪЗОЁНИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ / ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ / MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD

1.	***Умаров Х.У.*** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор	***Умаров Х.У.*** – доктор экономических наук, профессор	***Umarov Kh.U.*** – Doctor of Economics Sciences, Professor
2.	***Ҷамшедов М.Ҷ.*** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор	***Джамшедов М.Дж.*** – доктор экономических наук, профессор	***Jamshedov M.J.*** – Doctor of Economics Sciences, Professor
3.	***Маҷидов Ҳ.М.*** **–** доктори илмҳои техникӣ, профессор	***Маджидов Х.М.*** **-** доктор технических наук, профессор	***Majidov H.M.*** **–** Doctor of Technical Sciences, Professor
4.	***Ҷӯрабоев Ғ.Ҷ.*** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор	***Джурабаев Г.Дж.*** **-** доктор экономических наук, профессор	***Juraboev G.J.*** **–** Doctor of Economics Sciences, Professor
5.	***Курбонова З.М.*** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор	***Курбонова З.М.*** – доктор политических наук, профессор	***Kurbonova Z.M.*** **–** Doctor of Political Sciences, Professor
6.	***Иброҳимов С.И.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор	***Иброхимов С.И.*** – доктор юридических наук, профессор	***Ibrahimov S.I.*** – Doctor of Law Sciences, Professor
7.	***Бобоҷонзода И.Ҳ.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор	***Бободжонзода И.Х.*** – доктор юридических наук, профессор	***Babajonzoda I.H.*** – Doctor of Law Sciences, Professor
8.	***Меликов У.А.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор	***Меликов У.А.*** – доктор юридических наук, профессор	***Melikov U.A.*** – Doctor of Law Sciences, Professor
9.	***Буризода Э.Б.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор	***Буризода Э.Б.*** – доктор юридических наук, профессор	***Burizoda E.B.*** – Doctor of Law Sciences, Professor
10.	***Нематов А.Р.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор	***Нематов А.Р.*** – доктор юридических наук, профессор	***Nematov A.R.*** – Doctor of Law Sciences, Professor
11.	***Раҷабов С.А.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор	***Раджабов С.А.*** – доктор юридических наук, профессор	***Rajabov S.A.*** – Doctor of Law Sciences, Professor
12.	***Зоир Ҷ.М.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор	***Зоир Дж.М.*** – доктор юридических наук, профессор	***Zoir J.M.*** – Doctor of Law Sciences, Professor
13.	***Исмоилов Ш.М.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор	***Исмоилов Ш.М.*** – доктор юридических наук, профессор	***Ismoilov Sh.M.*** – Doctor of Law Sciences, Professor
14.	***Абдуҷалилов А.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор	***Абдуджалилов А.*** – доктор юридических наук, профессор	***Abdujalilov A.***– Doctor of Law Sciences, Professor
15.	***Кабиров Х.Ш.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессор	***Кабиров Х.Ш.*** – доктор филологических наук, профессор	***Kabirov H.Sh.*** – Doctor of Philology Sciences, Professor
16.	***Рустамова Г.Р.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессор	***Рустамова Г.Р.*** – доктор филологических наук, профессор	***Rustamova G.R.*** – Doctor of Philology Sciences, Professor
17.	***Ҳотамов Н.Б.*** – доктори илмҳои таърих, профессор	***Хотамов Н.Б.*** – доктор исторических наук, профессор	***Hotamov N.B.*** – Doctor of historical Sciences, Professor
18.	***Ҷононов С.*** – доктори илмҳои таърих, профессор	***Джононов С.*** – доктор исторических наук, профессор	***Jononov S.*** – Doctor of historical Sciences, Professor
19.	***Хоҷаев Қ.Т.*** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор	***Ходжаев Қ.Т.*** – доктор педагогических наук, профессор	***Khojaev K.T.*** – Doctor of Pedagogical Sciences, Professor
20.	***Мирзоев А.Р.*** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор	***Мирзоев А.Р.*** – доктор педагогических наук, профессор	***Mirzoev A.R.*** – Doctor of Pedagogical Sciences, Professor
21.	***Бобоев Ҷ.*** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент	***Бобоев Дж.*** – кандидат юридических наук, доцент	***Babaev J.*** - Candidate of Law Sciences, Associate Professor
22.	***Наботов С.Х.*** - доктори ҳуқуқ (PhD), дотсент	***Наботов С.Х.*** – доктор права (PhD), доцент	***Nabotov S.Kh.*** – Doctor of Law (PhD), Associate Professor
23.	***Ҷумаев Б.М.*** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор	***Джумаев Б.М.*** – доктор экономических наук, профессор	***Jumaev B.M.***– Doctor of Economics Sciences, Professor
24.	***Садриддинзода М.И.*** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор	***Садриддинзода М.И.*** – доктор экономических наук, профессор	***Sadriddinzoda M.I.*** – Doctor of Economics Sciences, Professor
25.	***Сафоев А.К.*** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор	***Сафоев А.К.*** – доктор экономических наук, профессор	***Safoev A.K.*** – Doctor of Economics Sciences, Professor

КОТИБИ МАСЪУЛ / ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ / RESPONSIBLE SECRETARY

26.	***Матробиён М.Х.*** – ходими калони илмии ДБСТ	***Матробиён М.Х.*** – старший научный сотрудник МУТПТ	***Matrobiyon M.Kh.***– Senior Researcher IUTET
27.	***Шоҳзода Н.И.*** – ходими калони илмии ДБСТ	***Шохзода Н.И.*** – старший научный сотрудник МУТПТ	***Shokhzoda N.I.*** - Senior Researcher IUTET

ПАЁМШИНОСӢ

УДК 31

МАҚОМ ВА НАҚШИ ЗАНОН ДАР ПАЁМИ НАВБАТИИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

СТАТУС И РОЛЬ ЖЕНЩИН В ОЧЕРЕДНОМ ПОСЛАНИИ ОСНОВАТЕЛЯ МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА – ЛИДЕРА НАЦИИ, ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН УВАЖАЕМОГО ЭМОМАЛИ РАХМОНА

THE STATUS AND ROLE OF WOMEN IN THE LATEST ADDRESS OF THE FOUNDER OF PEACE AND NATIONAL UNITY – LEADER OF THE NATION, PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN, HONORABLE EMOMALI RAHMON

АБДУЛЛОЕВА Л.М. - ассистенти кафедраи фалсафа ва таърихи Донишгоҳи байналмилаии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: abdulloeva21@inbox.ru

АБДУЛЛОЕВА Л.М. – ассистент кафедры философии и истории Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: abdulloeva21@inbox.ru

ABDULLOEVA L.M. – assistant of the Department of Philosophy and History, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: abdulloeva21@inbox.ru

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур нақш ва мақоми занон дар Паёми навбатии Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баррасӣ шудааст. Дар он зан ҳамчун шахсе, ки қобилияти муттаҳид кардан, ташкил ва сафарбар намудани омма, роҳбарӣ ва назорати самтҳои муайяни фаъолияти ҳаёти иҷтимоиро дорад, нишон дода шуда, хислату сифатҳои занон дар корҳои давлатию ҷамъиятӣ аз ҷумла бештар ташаббускорӣ, зиракӣ, шинохти боварии мардум, сухандонӣ, бо маданиятӣ ва хушахлоқӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар ҷомеаи имрӯзае, ки мову шумо умр ба сар мебарем, корҳои давлатию ҷамъиятӣ аз рӯи мансубияти ҷинсӣ муайян карда намешавад. Аз ин рӯ мақоми занон дар корҳои давлатию ҷамъиятӣ падидае тозае дар равандҳои сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, аз онҳо ташаббускорӣ, ирода, амалҳои таъсирнок ва фаъолияти пурсамаро талаб менамояд. Имрӯз ҷомеа ҷаҳонӣ ба зани босавод маҳорати қобилияти роҳбаридошта, ватандӯстӣ ва худогоҳ ниёз дорад. Бояд тазаккур дод, ки баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, махсусан ҳаёти сиёсӣ дастоварди бузурги инсоният аст. Ҳарчанде ки дар таърих қариб тамоми муҳаққиқон мақоми занро дар ҷодаи сиёсат ва идоранамоӣ рад намуда бошанд ҳам, буд замоне, ки ҳамчун давраи модаршоҳӣ маъмул аст ва имрӯз барқарор намудани мартабаи бузурги занон аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад.
Калидвожҳо: сиёсати гендерӣ, зан, модаршоҳӣ, ҷомеа, давлатдорӣ, истиқлолият, арзишҳо, худшиносӣ, ватандӯстӣ, эътироф.

Аннотация. В данной статье рассматривается роль и положение женщин в следующем послании Великого Лидера нации, Его Превосходительства Эмомали Рахмона. В нем женщина изображена как человек, способный объединять, организовывать и

мобилизовывать массы, руководить и контролировать определенные сферы общественной жизни, проанализированы характеристики и качества женщин в общественной и государственной жизни, включая инициативность, интеллект, умение завоевывать доверие людей, красноречие, культуру и хорошие манеры. В современном обществе, в котором живем мы с вами, общественные и государственные дела не определяются гендерными признаками. Таким образом, положение женщин в государственном и общественном управлении является новым явлением в политических процессах мирового сообщества, требующим от них инициативы, воли, эффективных действий и плодотворной деятельности. Сегодня мировому сообществу нужны образованные женщины, обладающие лидерскими качествами, патриотизмом и самосознанием. Следует отметить, что повышение статуса женщин в обществе, особенно в политической жизни, является огромным достижением для человечества. Хотя почти все исследователи истории отрицали статус женщин в политике и управлении, существовал период, широко известный как эпоха матриархата, и сегодня восстановление высокого статуса женщин имеет как теоретическое, так и практическое значение.
Ключавие слова: гендерная политика, женщины, матриархат, общество, государственность, независимость, ценности, самосознание, патриотизм, признание.

Abstract: This article examines the role and position of women in the following message of the Great Leader of the Nation, His Excellency Emomali Rahmon. It depicts a woman as a person capable of uniting, organizing and mobilizing the masses, leading and controlling certain spheres of public life, the characteristics and qualities of women in public and government life are analyzed, including initiative, intelligence, the ability to win people's trust, eloquence, culture and good manners. In the modern society in which we live, public and state affairs are not determined by gender. Thus, the position of women in state and public administration is a new phenomenon in the political processes of the world community, requiring from them initiative, will, effective action and fruitful activity. Today, the global community needs educated women with leadership qualities, patriotism, and self-awareness. It should be noted that raising the status of women in society, especially in political life, is a huge achievement for humanity. Although almost all historical scholars have denied the status of women in politics and government, there was a period widely known as the Age of Matriarchy, and today the restoration of the high status of women has both theoretical and practical significance.
Key words: Gender policy, women, matriarchy, society, statehood, independence, values, self-awareness, patriotism, recognition.

Ҳамасолаи бо иштироки Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Паём ироа карда мешавад, ки дар он самтҳои мухталифи сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар ва вазифаҳои муҳими рушди минбаъдаи давлатамон муайян ва пешниҳод мегардад.

Паёми имсола, ки санаи 16 декабри соли ҷорӣ дар толори Парлумони Тоҷикистон ҷаласаи якуми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид. Ҳамзамон дар толор раёсати ҳарду маҷлиси Парламент, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазир ва аъзои Ҳукумати кишвар, роҳбарияти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти вазорату кумитаҳои давлатӣ, идораҳои назди Президент ва Ҳукумат, мақомоти марказии судӣ ва дигар ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқу тартибот, Академияи миллии илмҳо, муассисаҳои олии таълимӣ, роҳбарони марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, як гуруҳ вакилони

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ, Ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, вакилони як қатор иттиҳодияҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва эҷодӣ, роҳбарияти корхонаю муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, бонкҳо, тоҷирону соҳибкорони фаъол ва ҷавонони ташаббускор, намояндагони ҳайати дипломатӣ ва воситаҳои ахбори умум ҳузур доштанд.

Дар Паём ба Маҷлиси Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба пешбурди самараноки сиёсати дохилию хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои гуногун, аз ҷумла саноат, энергетика, кишоварзӣ, роҳу нақлиёт, сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, маориф ва илму фарҳанг, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ҷавонону варзиш ва сайёҳӣ, андозу гумрук, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, рушди муносиботи дӯстию ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, вазифаҳои мушаххас муайян намуданд.

Бояд тазаккур дод, ки зимни ироаи Паёми Пешвои муаззами миллат ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, бахшҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, занон, ҷавонон ва варзиш таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуданд. Масъалаи барасишавандаи банда махсусан дар масъалаи нақш ва мақоми занон дар ҷомеаи тоҷикистонӣ мебошад.

Чун агар ба таърихи афкори ҷамъиятӣ назар афканем, мебинем, ки дар гузашта аз ҷиҳати зеҳнӣ ва қувва аз занон бартарӣ доштани мардонро эътироф мекарданд ва занҳо онро чун сарчашмаи кайфу сафои мардон медонистанд. Шояд ҳамин ақидаи гузаштагон сарварони қавму қабилаҳо ва давлатҳои қадимро ба андешае оварда, ки занҳо ғайр аз тавлиди фарзанд дигар коре карда наметавонанд ва ҷои онҳо сари оташдон, яъне сари дегу табақ аст. Бешубҳа зане, ки дар маҳкамаи рӯзғордорӣ бо заҳмат умр ба сар мебарад ва бо меҳнати каммаҳсул машғул аст, дар арсаи вуҷуд ба коми рӯзғор фурӯ рафта, шинохти қудрату нерӯ ва мақоми аслиаш коҳида, дар равшан дар кардан ва иҷрои вазифаи иҷтимоии худ нисбатан каммасъул мегардад [7. с. 89].

Дар ҳақиқат агар амиқтар фикр кунем, мебинем, ки тафаккур чун падидаи иҷтимоӣ худ натиҷаи инъикоси муҳит, дарки маънӣ ва андешаҳои пешина ва тавлиди фикру маърифат аст. Пас метавон гуфт, ки занон чун давомдиҳандаи насли инсон, ки тавлидкунӣ яке аз вазифаҳои ҷонии онҳо мебошад, набояд бо дигар корҳои ҷамъиятӣ банд бошад. Чуноне ки таҷрибаи таърихи нишон медиҳад занҳо бо замми вазифаи ҷонии худ боз чун мардон дар муҳорибаҳои шадид баҳри дифои ватан, иҷрои корҳои гуногуни хоҷагию фарҳангӣ ва дар мақомотҳои гуногуни давлатию ҷамъиятӣ фаъолият намудаанд. Аз ҷумла шуҷоату далелии Хутак Хотун, Фотимаи Хуросонӣ, Рухшонаи Суғдӣ, Гурдофарид, Ҳумой, Гирдуя, Манижа, Бурондухт, Фарангис, Понту, Пурондухт, Динаг, Озармидухт ва дигарон ҳар кадоми онҳо вазифаи сарварии кишварро ба уҳда дошта ва ҳомии меҳани хеш буда, далели равшани тасдиқи ин фикр аст [14. санаи мурочиат 17.12.2025].

Имрӯз ҷомеа ҷаҳони мекушад, ки мақоми занро дар тамоми саҳаҳои ҷамъиятӣ беш аз пеш баланд бардорад. Баланд бардоштани мақоми зан дар ҳаёти сиёсӣ, махсусан иштирок дар корҳои давлтию ҷамъиятӣ яке аз масъалаҳои доғи рӯз аст. Ҳарчанде ки дар таърих қариб тамоми муҳаққиқон иштироки занро дар ҳаёти сиёсӣ ва идоранамоӣ рад намуда бошанд ҳам, буд замоне, ки ҳамчун давраи модаршоҳӣ маъмул аст ва имрӯз барқарор намудани мартабаи бузурги занон аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад.

Имрӯз ҳам шинохти вазифаи аслӣ ва масъулияти зан дар ҳаёти сиёсии ҷомеа мартабаи баландро дорост. Аз нигоҳи таърих таҳлили нақши зан дар рушди ҳаёти ҷомеа нишон дод, ки тафовути ҷисмонии занону модарон ҳаргиз садди роҳи ташаккули нерӯи ниҳодии зан ва ақлу заковати ӯ шуда наметавонад, илова бар ин, зан ва мард чун ду ҷинси як зот дорои тағйирпазирӣ ва қувваи якхелаи худнигоҳдорию худмуҳофизӣ мебошад, ки дар мавриди зарурӣ бо чандин шаклу намуд худро ошкор месозанд [1, 56]. Онҳо дар ҳамбастагӣ дар иҷрои вазифаҳои мушаххаси ҳаёт, нигаҳдошту давом додани

насли одамизод иштирок намуда, бардавомӣ ва ҳастии насли башарро таъмин менамоянд.

Дар ироаи Паёми Пешвои муаззами миллат қайд карда шуд, ки мақом ва нақши занон дар корҳои давлатию ҷамъиятӣ ҳамчун падидае тозае дар равандҳои сиёсии ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳонӣ буда, он яке аз далелҳои боэътимоди тасдиқи ин фикр аст. Он аз занон ташаббускорӣ, иродаи қаввӣ, амалҳои муассир ва фаъолияти пурсамаро талаб менамояд. Ба қатори зан ҳар як фард, субъект ё ин ки гуруҳои хурду бузурги ҷомеа шомил аст, ки дорои манфиат ва имтиёзҳои сиёсии худ мебошад.

Раванди таърихи муосир, рушди падидаҳои сиёсӣ ба мо имкон медиҳад, ки аҳамияти мақоми занон дар корҳои давлатию ҷамъиятӣ дарк намоем ва маҳорату қобилияти ташкилотчигӣ, роҳнамоӣ ва ташаббускории ӯро дар ҳаёти сиёсӣ муайян созем. Собит шудааст, ки занони қобилияти сарварии сиёсӣ дошта ба сиёсат назокати хоси занонаро ворид намуда, бо ин амали худ дар иҷрои тадбирҳои андешида латофату нармӣ зоҳир менамоянд.

Дар айни замон ҷомеа аз онҳо умед дорад, ки онҳо дар ҳалли масъалаҳои ба истилоҳ “занона”, манфиатҳои гуногунсамти аҳамияти занонадошта, саҳми арзанда мегузоранд. Бояд қайд намуд, ки вазифаҳои асосии занон дар ҷамъият дар се шакл гурӯҳбандӣ карда шудааст [2. с. 18]:

1. Модар. Хусусияти хосси ин шакли вазифаи занон таваҷҷуҳ, нармӣ ва ғамхорӣ нисбат ба атрофиён ва дилбастагӣ ба онҳо иборат аст. Фаъолияти Модар бо ҳифзу ҳимояи фарзандон дар ҷомеа алоқаманд аст;

2. Саворазан. Дар ин самт ӯ бо ақл ва нерӯи худ боварӣ дорад ва қавӣ аст, метавонад атрофиёнро ба худ моил намояд, қувваи зиёд дорад ва аз атрофиёнаш вобаста нест;

3. Ашрофзан. Вай аслан боақлу заковатпеша буда, дилрабоӣ, назокату зебоии зоҳирӣ ва таҳсилоти сатҳи олӣ дорад. Махсусан бо мардон хуб муомила мекунад. Хусусияти ифротии рафтори ин намуд занон дар он ифода меёбад, ки зебогии зоҳирии худро барои ба манфиатҳои худ кор фармудани атрофиён истифода мебарад, ҳарчанде ки ингуна истифодабарӣ барои беҳбудӣ обуруву эътибори ӯ хизмат наменамояд.

Бинобар ин, барои занон пеш аз ҳама ба даст овардани обуруву эътибори дар ҷомеа мушкилатар аст. Зеро ки барои ба боварии ҷамоат ҳамчун манбаи эътибори сиёсӣ ноил шудан, ӯ бояд соҳиби сифатҳои анъанавии роҳбарӣ дар сиёсат, яъне маҷмӯи сифати мардона бошад. Аз тарафи дигар, ӯ бояд назокати занонаи худро аз даст надиҳад, зеро ӯ пеш аз ҳама зан аст[11, 63]. Дар ин бобат низ шоирон гуфтаанд:

Сано бодо ба занҳое, ки марданд,
Баёзи зиндагиро байти фарданд.
Ба номардон бидода дарси мардӣ,
Даме ҳусни заниро кам накарданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон низ аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадан кӯшидааст, ки мақоми занонро дар ҷомеа баланд бардорад. Ин мақсад тавассути қонунҳои аз нигоҳи баробарии гендерии амалкунандаи баланд бардоштани ҳуқуқ ва озодиҳои занон, ҷалби васеи онҳо ба раванди татбиқи сиёсати давлатӣ, интихоб, тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занон такмил дода шудаанд.

Ногуфта намонад, ки дар тамоми давраи мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ дар ин кишвари пурқудрат 4 нафар зан вазифаи вазириро ба ӯҳда доштанд. Дар сатҳи баланди роҳбарии замони Шӯравӣ 0,5% занон буданду бас. Дар Тоҷикистони Шуравӣ шумораи вазирзанон низ ангуштшумор буд. Чунончӣ, соли 1928- Ӯғулой Шамсиддинова- аввалин вазири маориф, солҳои 1950-1953 Мунаввара Қосимова- вазири саноати сабук, солҳои 1954-1957- вазири саноати хӯрокворӣ, солҳои 1960- 1978 Анзурат Раҳимова- вазири

таъминоти иҷтимоии РСС Тоҷикистон, солҳои 1954-1957 Тоирова Ҳамро Зоировна- вазири сохтмони шаҳрӣ ва деҳот, солҳои 1957-1961 вазири сохтмон ва феврали 1985- августи 1990 Гулнора Пӯлодова- вазири тандурустӣ буданд [12. Санаи муроҷиат 17.12.2025].

Воқеан, дар Тоҷикистони Шуравӣ номи вазирзанон ва дигар ходимони сиёсиву ҷамъиятӣ ба монанди Махфират Каримова, Низорамоҳ Зарипова, Ибодат Раҳимова, Гулҷаҳон Бобосодиқова, Биҳоҷал Раҳимова, баъдан Валентина Абдусамадова, Тамара Абдушукурова, Бозгул Додхудоева, Мунира Иноятова, Рафиқа Мӯсоева, Адолат Раҳмонова, Қиматгул Рустамова барои насли мо шиносу намунаи ибрат шудаанд. Аксарияти онҳо ҳамчун котиби идеологии КМ ҲК Тоҷикистон, узви бюрои КМ ҲК Тоҷикистон буданд. Боиси ифтихор аст, ки Биҳоҷал Раҳимова дар замони бозсозӣ ба вазифаи муовини Сарвазири СССР интихоб гардида буд, ки мақоми баландтарини занони ин минтақа эътироф гардида буданд[11, 17].

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки рушди самаранокии ҷомеаи инсонӣ аз бисёр ҷиҳат аз иштироки зан дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии он вобаста аст. Зан на фақат модар аст. Вай шарики ҳамешагии мушкилоти оилавӣ ва ҷомеа мебошад. Ҳанӯз Карл Маркс гуфта буд, ки “агар хоҳед, ки сатҳи тараққиёти ҳар як ҷомеа огоҳ бошед, пас ба мавқеи зан дар чунин ҷомеаҳо назар афканед”[3, С.244].

Ҳукумати Шуравӣ дар роҳи таъмин намудани баробарии зану мард корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст, ки муҳимтаринашон бекор кардани қонунҳои замони феодалӣ, ки поймол кардани ҳуқуқҳои занонро ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта буданд, додани озодии иқтисодӣ ва муқаррар кардани баробарии зану мард дар муносибатҳои оилавӣ меҳнатӣ ва имтиёзҳои зиёд ба занони коргар ва ғайра мебошад.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ масъалаи баланд бардоштани мавқеи иҷтимоии зан ва нақши ӯ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат интихоб гардид.

Заминаи ҳуқуқии ҳалли ин масъаларо моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурӣ ташкил доданд.

Дар натиҷа баъди барқарор гардонидани сулҳу оромӣ дар Ҷумҳурӣ барои дар амал татбиқ намудани муқаррароти ин санадҳои меъерии ҳуқуқӣ як қатор чораҳо андешида шуданд, ки натиҷаҳои муҳимтарини онро гуфта мебароем.

Бо шарофати соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақдири занони тоҷик ҳам як саҳифаи тоза оғоз гардид. Таи чанд соли охир масъалаи баланд бардоштани нақш ва мақоми зан дар ҷомеа бо саъю талошҳои Ҳукумату давлат ва шахсан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ интихоб шудааст. «Ҳадафи ниҳоии мо аз тадбирҳое, ки то имрӯз дар доираи сиёсати давлатӣ оид ба масъалаҳои занон андешида шудаанд ва дар оянда низ андешида хоҳанд шуд, таъмини озодии воқеии зани тоҷик мутобиқи меъёрҳои тамаддуни муосир ва дар айни замон ҳифзи арзишҳои фарҳангу тамаддуни бостонии миллиамон мебошад [6. с.8].

Асосҳои ҳуқуқи и баланд бардоштани нақш ва мақоми зан дар ҷомеа, таъмини иштироки фаъолии занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идоракунии давлатӣ, баланд бардоштани мақоми иҷтимоии зан, солимгардонии генафонди миллӣ, болоравии нақши зан дар таҳкими пояҳои ахлоқию маънавӣ ва сулҳу ваҳдат дар моддаҳои 64, 69 ва 70 Конститутсияи Ҷумҳурии Тохикистон ва фармони Президенти мамлакат «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» аз 3 декабри соли 1999 пешбинӣ шудаанд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо»-ро ҳамчун асоси ҳуқуқӣ дар ин масъала номбар кардан ҷоиз аст. Яке аз омилҳои иштироки занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа узвияти онҳо ба ҳизбҳои сиёсӣ мебошад. Тибқи

маълумотҳои оморӣ, намояндагии занон дар Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз 43%, зиёд буда, боиси ифтихор аст, ки занони Тоҷикистони мо низ чун аъзоёни ҲХДТ баҳри амалӣ шудани барномаи пешазинтихоботии ҳизб ва дастури Раиси ҳизб, тамоми истеъдоду маҳорати касбии худро истифода намуда, дар устувор гардидани пояҳои давлатдорӣ чун симои ҳақиқии занони сиёсатмадори тоҷик азму талошҳо меварзанд [6. с.10].

Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории давлатанд. Падару модар барои тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъмини падару модар масъуланд. Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд. (Моддаи 34) [13. Санаи муроыиат 17.12.2025].

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 16-уми декабри соли 2025 чунин таъкид намуда буданд: «Ҳукумати Тоҷикистон дар раванди татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо ба масъалаи баланд бардоштани мақоми занону ҷавонон, фаъол гардонидани нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеа ва ҷавонгардонии синну соли ҳайати кадрҳои роҳбарикунандаи мақоми давлатӣ таваҷҷӯҳи ҷиддӣ медиҳад. Дар байни аъзои Ҳукумат имрӯз занон ду баробар зиёд гардида, дар мақомоти олии намояндагии кишвар 18 нафар зан фаъолият доранд. Аз 18300 нафар хизматчии давлатӣ, ки дар мақомоти марказиву маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷамоатҳо фаъолият менамоянд, 4315 нафар ё 24 дарсадро зан ташкил медиҳанд. Айни замон танҳо дар мансабҳои роҳбарикунандаи мақомоти давлатӣ 1100 нафар зан фаъолият доранд, ки аз ин 500 нафар ба сохторҳои роҳбарикунандаи вазорату идораҳо рост меояд. Имруз аз 193 ҳазор нафар корманди соҳаи маориф 54,9 дарсад ё қариб 106 ҳазор нафар ва дар соҳаи тандурустӣ аз 88 ҳазор нафар корманд 66,5 дарсад ё қариб 60 ҳазор нафар зан мебошанд. Солҳои охир нуфузи занон дар самти соҳибкорӣ бештар гардида имруз онҳо беш аз 30 дарсади соҳибкорони мамлакатро ташкил медиҳанд. Дар баробари ҷалби бештари занону ҷавонон ба идоракунии давлатӣ зарур аст, ки ба баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи касбӣ ва қобилияи ташкилотчигии онҳо диққати доимӣ дода, онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, поквичдонӣ ва хизмати содиқона ба халқу Ватан тарбия ва ҳидоят намоем» [4, 322].

Дар Паёми навбатии Пешвои миллат ба парлумони мамлакат аз 16-уми декабри соли 2025 доир ба иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ чунин маълумот оварда мешавад: «Тибқи маълумоти оморӣ соли 1991 дар соҳаи маорифи кишвар аз 95 ҳазор нафар корманд ҳамагӣ 52 дарсадро занону духтарон ташкил медоданд. Соли 2025 ин нишондиҳанда ба 80 дарсад расидааст.

Имрӯз шумораи занон дар сафи хизматчиёни давлатӣ афзоиш ёфта, соли 2025 дар мансабҳои роҳбарикунанда 22 дарсад ва дар ҳайати хизматчиёни давлатии мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи онҳо 28 дарсадро занону духтарон ташкил медиҳанд. Ба ин хотир, мо масъул ҳастем, ки ба ин мавҷуди офарандаи инсоният арҷ гузорем, ранҷу машаққат ва заҳмату хизматҳои ӯро қадр намоем» [5, 31-32].

Бо итминони комил метавон гуфт, ки баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат, Эмомалӣ Раҳмон барои баланд бардоштани мақому манзалати зан дар ҳаёти сиёсӣ, идоракунии давлат шароиту имкониятҳои васеъро фароҳам оварда шуд ва занро ҳамчун нерӯи пешбарандаи ҷомеа ва тарбиятгар ба мақоми шоиста ва арзанда гузошт. Имрӯз сафи занҳои сиёсатмадор, аз ҷумла бонувони дипломат ва довталабони ин касб зиёд гашта истодааст. Қабули Консепсияи сиёсати хориҷии кишвар (2002- 2015) ва аз нав дида баромадани қонун «Дар бораи хизмати дипломатӣ» (2015) ва дар маҷмуъ беш аз 20 ҳуҷҷати муҳим доир ба масъалаи баланд бардоштани мавқеи занон дар ҷомеа қабул карда шуд, ки онҳо барои бонувони мамлакат, аз ҷумла дипломатҳо, боз ҳам заминаҳои мусоиди фаъолиятро фароҳам оварданд [9, 61].

Бо саъю кӯшиши Ҳукумати Тоҷикистон ва шахсан Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон масъалаи баланд бардоштани нақш ва мақоми зан дар ҷомеа, ҳалли мушкилоти иқтисодию иҷтимоии модару кӯдак, таъмини иштироки ҳарчӣ бештари занон дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва идоракунии давлат ба яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати давлат табдил ёфт ва чораҳои мушаххас андешида шуд. Пеш аз ҳама дар сохтори Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Ҳукуматҳои вилояту шаҳру ноҳияҳо Кумитаи кор бо занон ва оила таъсис дода шуд. Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда, ҳанӯз 27-уми декабри соли 1993-юм «Созишнома оид ба барҳам додани ҳама гуна намудҳои маҳдудияти ҳуқуқи занон»-ро имзо кард.

Ҳамчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҳуқуқи кӯдак» қабул шуд. Соли 1994 Тоҷикистон дар баробари гузаронидани интихоботи Президент Конститутсияи ҷумҳуриро қабул намуд. Яъне, аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ дар ҷумҳурии мо нисбати занон ягон маҳдудияте вуҷуд надорад ва ҳадафи асосии сиёсати давлатӣ аз он иборат аст, ки барои занҳо ва мардон имкониятҳои баробар дастрас бошанд. Қабул ва дар амал татбиқ шудани қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Нақшаи миллии тадбирҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани мақом ва нақши зан барои солҳои 1998-2005» (10.09.1999 № 363), «Дар бораи ба низом даровардани қабули духтарон ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи квотаи Президентӣ барои солҳои 2001-2005» (19.04.2001), Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробарии мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001- 2010» (8.08.2001, № 391), Барномаи давлатии «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону ҷавондухтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016», «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» (29.05.2010, № 269) ва даҳҳо санадҳои дигар ба фароҳам овардани шароити мусоид баҳри рушди ҳамаҷонибаи зани тоҷик, беҳдошти вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳангиву маънавии хонаводаҳо, омода намудани кадрҳои соҳибтахассус аз ҳисоби духтарон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занон ва беҳтар намудани вазъи сиҳатии модару кӯдак равона карда шудааст.

Ҳамзамон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як баромадҳои худ гаштаю баргашта таъкид менамояд, ки “Мо минбаъд низ мақоми занонро дар ҷомеа баланд бардошта, мавқеи онҳоро дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дастгирӣ менамоем. Мо ба азму ирода ва масъулиятшиносии занон ҳамчун нерӯи бузурги ҷомеа эътимоди комил дорем. Баробари ин мо медонем, ки зан модар аст, яъне ягона мавҷудест, ки инсонро ба дунё меорад ва ба ӯ ҳаёт мебахшад. Ба ин хотир, мо масъул ҳастем, ки ба ин мавҷуди офарандаи инсоният арҷ гузорем, ранҷу машаққат ва заҳмату хизматҳои ӯро қадр намоем” [4. с. 422 – 423].

Аз гуфтаҳо хулоса кардан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон занон - модарон мақоми барҷаста дошта, бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат нақши онҳо дар корҳои давлатдорӣ ва сиёсат хеле ҳам муҳим буда, дар мақомотҳои қонунбарор, иҷроия, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, вазорату муассисаҳои дигари давлатӣ вазифаҳои хело масъулиятнокро ба уҳда доранд, ки ин ҳам нишонаи соҳиби иззату эҳтиром будани онҳо дар ҷомеа мебошад. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ нисбат ба занон, ҳуқуқу озодиҳои онҳо ягон маҳдудияте ҷой надорад.

АДАБИЁТ

1. Жохова А.А., Гендерное неравенство: региональное аспекты и проблемы М.- 2021. С.369.
2. Маҷалаи “Дин ва ҷомеа” №3(72) марти 2020.- С.18.
3. Муродова Г.Р. Бонувон дар ҷомеаи саҳни бориз доранд. \\ Сборник материалов третьей республиканской конференции “Роль женщин в развтии науки”.- Душанбе, 2017– С.244.

4. Паѐм ва рисолати созандаи он: Маҷмуи Паѐмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2000- 2016).- Хуҷанд: Нури маърифат, 2017.- 516с.

5. Паѐми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумиҳурии Тоҷикистон, 16 декабри соли 2025.- Душанбе: Шарқи озод, 2025.- 48с.

6. Раҷабов С.Р. Ахбори Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон/С.Р.Раҷабов.- Душанбе: Шарқи Озод, 2003.- 360с

7. Ильин Е.П. Дифференциальная психофизиология мужчины и женщины. СПб.: ПИТЕР, 2003. 567 с.

8. Шарипов Р. М., Тураев Қ. А., Аз паём то паём. - Душанбе, 2021. - С.606 -607

9. .Шаҳло,Р.Бонувони дипломати тоҷик/Р.Шаҳло.- Ҷумҳурият.- 2018.- 12 март

10. Ҳасанова, Ш.Мавқеи занон дар ҷомеаи муосир: Маводҳо барои тарѓиботчиѐн/Ҳасанова Ш.- Хуҷанд, 2013.- 12с

11. Юсуфӣ Ҳ. Бонувон дар сиѐсат- бозгӯи фаъолияти сиѐсии занон/Ҳ.Юсуфӣ.- Минбари халқ.- 2016.- 14 дек.

Сомонаҳо:

12. https:\\ comon. tj. (санаи мурочиат 17.12.2025)
13. https:\\ anrt.tj.(санаи мурочиат 17.12.2025)
14. http:\\sugd.tj. (санаи мурочиат 17.12.2025)

УДК: 338

РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

РАЗВИТИЕ СЕКТОРА ОБРАЗОВАНИЯ В ПОСЛАНИИ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

DEVELOPMENT OF THE EDUCATION SECTOR IN THE MESSAGE OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

АЛИЗОДА Ҳ.С. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. Тел.: (+992) 918153533

АЛИЗОДА Х.С. - кандидат экономических наук., доцент кафедры теория экономики Международного университета туризма и предпринимательства. 734055. г. Душанбе, проспект Борбад 48/5, Тел.: (+992) 918153533

ALIZODA H.S.- Candidate in economic, teacher of the department of economic theory of the International University of tourism and entrepreneurship 734003, Tajikistan, Dushanbe, 48/5 Borbad ave., Phone: (+992) 918153533

Аннотатасия. Дар мақолаи мазкур қайд карда шудааст, ки рушди соҳаи маориф дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ки яке аз масъалаҳои калидӣ ба ҳисоб меравад. Маориф - низоми мураттаби тарбия ва таълим аст, ки барои ба шахс додани дониш, малака ва ҷаҳонбинӣ нигаронида шудааст. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки дар баробари таҳлилу баррасӣ ва дурнамои ҳама паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии кишвар, муҳимтарин бахше, ки дар Паём зикр гардид, ин самти рушди соҳаи маориф ва илми кишвар мебошад. Албатта, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, алалхусус, соҳаи илму маориф ҳамеша дар меҳвари сиёсати давлату Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Возеҳ аст, ки маориф ва илм ба ҳайси яке аз ниҳодҳои муҳимтарини иҷтимоӣ таваҷҷуҳи рӯзафзуни ҷомеаи ҷаҳониро ба вуҷуд овардааст. Зеро ки роҳи наҷот аз буҳрони фарҳангӣ, ки метавонад таъсири манфии хешро ба бор оварад, маҳз аз низоми мукаммал ва фарогири маориф ва илм вобастагӣ дорад.
Калидвожаҳо: паём, маориф, идоракунӣ, сифати таҳсилот, дониш, илм, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, иқтисодиёти миллӣ, таълим ва ғ.

Аннотация. В данной статье отмечается, что развитие сектора образования является одним из ключевых вопросов в Послании Президента Республики Таджикистан. Образование – это систематическая система воспитания и образования, направленная на передачу человеку знаний, навыков и мировоззрения. Автор также отмечает, что наряду с анализом, рассмотрением и обзором всех аспектов социально-политической жизни страны, наиболее важным разделом, упомянутым в Послании, является направление развития образования и науки в стране. Конечно, решение социальных проблем, в частности, в области науки и образования, всегда находится в центре политики государства и Правительства страны. Ясно, что образование и наука, как один из важнейших социальных институтов, привлекают все большее внимание мирового сообщества. Потому что выход из культурного кризиса, который может иметь свои негативные последствия, зависит именно от всеобъемлющей и комплексной системы образования и науки.

Ключевые слова: послание, образование, управление, качество образования, знания, наука, экономика, социальная сфера, национальное благосостояние, образование и др.

Abstract. This article notes that the development of the education sector is one of the key issues in the Message of the President of the Republic of Tajikistan. Education is a systematic system of upbringing and education aimed at giving a person knowledge, skills and worldview. The author also notes that, along with the analysis, consideration and outlook of all aspects of the country's social and political life, the most important section mentioned in the Message is the direction of development of the country's education and science. Of course, solving social problems, in particular, the field of science and education, is always at the heart of the policy of the state and the Government of the country. It is clear that education and science, as one of the most important social institutions, have attracted increasing attention from the world community. Because the way out of the cultural crisis, which can have its own negative impact, depends precisely on a comprehensive and comprehensive system of education and science.

Keywords: message, education, management, quality of education, knowledge, science, economic, social, national economy, education, etc.

Пешвои муаззами миллат соҳаи маориф ва илмро самти афзалиятнок эълон карда, онро барҳақ омили муҳимтарини таҳкимбахши давлат ва наҷоти миллат номидаанд. Ба ҳамин далел Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушду инкишофи бемайлони маориф ва илм, сатҳу сифати донишомӯзии хонандагону донишҷӯён дар ҳама зинаҳои таҳсилот, сифати омода намудани кадрҳои баландихтисосу унвондор таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунанд. Дар ин замина чанд нуқтаеро аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар самти соҳаи маориф дида мебароем:

- “Ман аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ҳайси Роҳбари давлат то имрӯз дастгирӣ ва рушди илму маорифро самти афзалиятнок эълон карда, дар тӯли беш аз се даҳсола ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир менамоям. Зеро хуб медонам, ки рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, ояндаи босаодати давлату миллат аз илму маорифи пешрафтае вобаста аст, ки заминаи мустаҳками онҳо имрӯз гузошта мешавад.

- Ба ибораи дигар, ман дастгирӣ ва таваҷҷуҳ ба ин соҳаҳои муҳимму тақдирсозро сармоягузорӣ ба ояндаи дурахшони миллат ва бақои давлат мешуморам.

- Аз ин лиҳоз, Ҳукумати мамлакат маблағгузории ин соҳаҳои калидиро мунтазам зиёд менамояд ва ҳар сол ҳаҷми умумии он беш аз 21 фоизи хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

- Барои соҳаи маориф дар соли 2026 аз ҳисоби буҷети давлатӣ қариб 14 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2025-ум 25,4 фоиз ва нисбат ба даҳ соли қабл, яъне соли 2015-ум панҷуним баробар зиёд мебошад”.

Маорифи Тоҷикистон таърихи бой ва пуршараф дорад. Он аз даврaҳои қадим то имрӯз рушд карда, марҳилаҳои гуногуни таҳаввулотро паси сар намудааст. Дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон таҳсилот таърихи қадима дорад. Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ буда, дар рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар нақши ҳалкунанда дорад. [7, с.90]

Системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон зинаҳои зеринро фаро мегирад:

1. Таҳсилоти томактабӣ – барои кӯдакони синни 3 то 6 сола;
2. Таҳсилоти умумии миёна – ҳатмӣ ва ройгон буда, аз синфи 1 то 11 – ум идома меёбад;

3. Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ – омода кардани мутахассисон барои бозори меҳнат;

4. Таҳсилоти олии касбӣ – тавассути донишгоҳу донишкадаҳо, омода кардани кадрҳои баландихтисос.

5. Таҳсилоти баъди дипломӣ ва такмили ихтисос.

Чунин дастовардҳоро метавон дар самти рушди таҳсилоти касбӣ номбар намуд:

- Пешбурди ислоҳоти соҳа дар асоси барномаи миллии рушди маориф:
- Эҷоди заминаи ҳуқуқӣ ва меъёрӣ бари таълими босифат;
- Сохтмони муассисаҳои таълимии нав ва беҳтар кардани сохтори он;
- Ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълимӣ;
- Ҷорӣ намудани ихтисосҳои нав, мутобиқ ба замони муосир ва ғайраҳо;

Таҳсилоти касбӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як кишвар нақши калидӣ дорад. Он ба шахс имконият медиҳад, ки касб ё ихтисоси муайянро омӯзад ва бо истифода аз он дар бозори меҳнат ҷой пайдо кунад.Самтҳои афзалиятноки таҳсилоти касбиро метавон чунин қайд намуд:

- Рақамикунонии таълим;
- Густариши таҳсилоти касбӣ ва амалгаро;
- Омодасозии кадрҳо мутобиқи талаботи бозори меҳнат;
- Тақвияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва фанҳои табиӣ – техникӣ.

Таҳсилоти касбӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як кишвар нақши калидӣ дорад. Он ба шахс имконият медиҳад, ки касб ё ихтисоси муайянро омӯзад ва бо истифода аз он дар бозори меҳнат ҷой пайдо кунад. Бо рушди технология ва саноат, талабот ба мутахассисони соҳаҳои гуногун меафзояд. Илова бар ин, таҳсилоти касбӣ ба ҷавонон имконият медиҳад, ки дар муҳити амалӣ дониш гиранд, таҷриба андӯхта, зуд ба бозори меҳнат ворид шаванд. Ин метавонад сатҳи бекориро коҳиш диҳад ва рушди устувори иқтисоди миллиро таъмин намояд. [1, с.85]

Бо вуҷуди пешравиҳо, дар соҳаи маориф метавон як қатор мушкилиҳоро мушоҳида намуд:

- Норасоии омӯзгорони ихтисосманд, бахусус дар деҳот;
- Таъминот бо таҷҳизотҳои таълимӣ ва технологияи муосир ҳанӯз нокифоя аст;
- Фарқияти сифати таҳсил миёни мактабҳои шаҳриву деҳотӣ;
- Сатҳи пасти маоши омӯзгорон, ки ба ангезаи касбӣ таъсир мерасонад;
- Дастрасии нобаробар ба таҳсилоти томактабӣ дар минтақаҳои дурдаст ва ғайраҳо.

Дар ҷомеае, ки арзиши меҳнати ҳалол ва ҳунармандиро қадр мекунанд, таҳсилоти касбӣ мавқеи махсус дорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ солҳои охир таваҷҷӯҳи зиёд ба рушди соҳаи таҳсилоти касбӣ зоҳир менамояд. Таҷдиди муассисаҳои омӯзиши касбӣ, ҷалби мутахассисони варзида, ворид намудани технологияҳои муосир ва таҷҳизоти амалӣ ба раванди таълим, аз ҷумлаи тадбирҳое мебошанд, ки самаранокии ин намуди таҳсилотро баланд мебардоранд. [1, с.70]

Субъектони марказии тарбия дар ҷомеа, пеш аз ҳама оила ва маориф мебошанд, ки дар меҳвари он падару модар ва омӯзгорон қарор доранд. Аз ин хотир, дар Паём ба ин қишри ҷомеа Пешвои миллат таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, масъулияти муайянро низ дар ҷодаи таълиму тарбия ва омодасозии кадрҳои ҷавобгӯи талаботи имрӯзи ҷомеа ба онҳо вогузор намудаанд.

Таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувори кишвар ва беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ кӯмак мекунад. Ҳар як марҳилаи таҳсилот, аз таҳсилоти ибтидоӣ то таҳсилоти миёнаи касбӣ, аҳамияти калон дорад. Ин раванд дар ҷабҳаи иқтисодӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ боиси омода кардани мутахассисони баландихтисос барои бозори меҳнат мегардад.

Таҳсилоти касбӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як кишвар нақши калидӣ дорад. Имрӯзҳо таҳсилоти касбӣ ба яке аз омилҳои асосии пешрафти ҷомеа ва иқтисоди кишварҳо табдил ёфтааст. Таҳсилоти касбӣ на танҳо воситаи омӯзиши касбу ҳунар мебошад, балки роҳи таъсири мусбат расонидан ба сатҳи зиндагии аҳолӣ, рушди истеҳсолот ва коҳиши бекорӣ мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технология, бозори меҳнат низ тағйир меёбад. Барои посух додан ба ниёзҳои нави бозор, омӯзиши касбу ҳунар ва соҳиб шудани малакаҳои амалӣ аҳаммияти зиёд дорад. Мутахассисони миёнаи касбӣ, ки тавассути таҳсилоти касбӣ омода мегарданд, метавонанд соҳаҳои мухталифро пурра кунанд, аз сохтмон то соҳаи хизматрасонӣ, аз техникаҳои саноатӣ то устоҳои соҳаи кишоварзӣ ва ғайраҳо. Яке аз бартариҳои муҳими таҳсилоти касбӣ дар он аст, ки он ба ҷавонон имконият медиҳад, ки дар муддати кӯтоҳ касб омӯзанд ва зудтар ба ҳаёти мустақилона ворид шаванд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ солҳои охир таваҷҷӯҳи зиёд ба рушди соҳаи таҳсилоти касбӣ зоҳир менамояд. Таҷдиди муассисаҳои омӯзиши касбӣ, ҷалби мутахассисони варзида, ворид намудани технологияҳои муосир ва таҷҳизоти амалӣ ба раванди таълим, аз ҷумлаи тадбирҳое мебошанд, ки самаранокии ин намуди таҳсилотро баланд мебардоранд.

Мушкилоти асосии мавҷударо дар ин самт чунин метавон баён намуд:

1. Номувофиқии ихтисосҳо бо талаботи бозори меҳнат - коҳиши талабот ба баъзе ихтисосҳо, масалан дар соҳаи саноат, ки дар шароити муосир аҳамияти ками доро доранд.

2. Паст будани шуғлсозӣ дар соҳаҳои техникӣ ва амалӣ.

3. Фарсудани базаи моддӣ:

4.Таҷҳизоти кӯҳна ва нигоҳдори наметавонад талаботро қонеъ кунад.

5. Норасоии омӯзгорон бо тахассуси баланд:

6. Низомҳои таълимии кӯҳна.

Дар воқеъ, ихтисоси омӯзгорӣ ба маънои томаш касби басо пуршараф, масъулиятнок ва зарурии ҷомеа аст. Зеро, пойдориву устувории ҳар ҷомеа аз сиришту солимии наслҳои барумандаш вобаста мебошад. Маҳз наслҳои солимфикр ва соҳибмаълумоту дорои ҷаҳонбинии комил метавонанд суръати киштии миллатро бидуни каҷу килебиҳо рост сӯйи соҳили мақсуд бironанд. Сиришти чунин наслҳои олимақом аз бисёр ҷиҳат ба заҳмати фидокоронаи муаллимони олиқадр вобаста аст. Омӯзгор машъалафрӯзи ҷаҳони маънавӣ ва нурбахши зиндагӣ маҳсуб ёфта, ин рисолат ӯро дар ҷомеа сазовори обрӯ ва эҳтироми хоса гардонидааст. Бинобар ин, вазифаи асосии омӯзгор, дар баробари омӯзонидани илму дониш, инчунин, таълими одоб ва ҳидояту раҳнамоии шогирдон ба роҳи рост мебошад.

Давлат ва муассисаҳои таҳсилотии кишвар пайваста чораҳо ва ислоҳотеро ба роҳ мемонанд, ки дар натиҷа метавонад ин мушкилотро ҳал кунад. Дар ин самт метавон чунин барномаҳои таълимиро номбар намуд:

- Барномаҳои нави таҳриркардашуда:
- Такмили ихтисосҳо дар коллеҷҳо (Барномаи рушди таҳсилоти касбӣ барои солҳои 2021–2030);
- Таҳсилоти дуалӣ ва фосилавӣ:
- Тартиби таълим дар асоси таҷрибаи амалӣ дар ташкилотҳои истеҳсолӣ ва нақлиёти шахсӣ.
- Баланд бардоштани сатҳи омӯзгорон:
- Мутобиқсозии ихтисосҳои омӯзгорон ба талаботи замон.
- Мутобиқсозии таҳсилот бо талаботи ҷаҳонӣ:

- Ҳамкории муассисаҳои таълимии Тоҷикистон бо ташкилотҳои байналмилалӣ барои ҷорӣ кардани барномаҳои муосири таълим;

- Дурнамои таҳсилоти касбӣ.

Ҳамкории байни ширкатҳо, муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои давлатӣ барои эҷоди муҳити инноватсионӣ зарур аст. Ин ҳамкорӣ метавонад ба пешниҳоди идеяҳои нав, истифодаи захираҳо ва кӯмакҳои бештар ба ташкилотҳои инноватсионӣ оварда расонад. Мисол: Ширкатҳои технологӣ бо университетҳои донишгоҳӣ ё дигар ширкати индустрӣ барои таҳқиқот ва рушд ҳамкорӣ мекунанд.

Бо такмили системаи таҳсилоти касбӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба мутахассисон дар соҳаҳои гуногун талаботи бозори меҳнатро таъмин кунад. Ба ин мақсад, давлат кӯшиш мекунад, ки фазои таълимиро беҳтар созад ва боиси ба даст овардани ҷойи корро барои ҷавонон ва аҳолӣ боз кунад.

Таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон омили муҳим барои беҳбуди соҳаи меҳнат, иқтисодиёт ва рушди иҷтимоии кишвар мебошад. Аз он ҷо ки мутахассисони касбӣ метавонанд ба бозори меҳнат ва соҳаҳои мухталиф кӯмак расонанд, роҳандозии ислоҳот ва мутобиқсозии таълимоти касбӣ ба талаботи муосир як ҳадафи муҳим барои давлат ва ҷомеа мебошад.

Ҳамин тавр, нақши таҳсилоти касбӣ дар соҳаи маориф бештар ба таъмини кадрҳои амалгаро ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таълимӣ равона шудааст, дар ҳоле ки таҳсилоти умумӣ асос барои рушди зеҳнӣ ва маърифати шахсият мегардад.

Таҳсилоти касбӣ яке аз рукнҳои асосии рушди ҷомеа ва иқтисодиёт маҳсуб мешавад. Он ҳамчун василаи муҳим барои тайёр кардани мутахассисони соҳибкасб ва баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи ҷавонон хизмат мекунад. Бояд қайд намуд, ки таҳсилоти касбӣ дар соҳаи маориф нақши муҳимеро иҷро мекунад. Аввалан, он ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат буда, барои коҳиши бекорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ шароит фароҳам меоварад. Баъдан, таҳсилоти касбӣ барои рушди маърифат, ҷаҳонбинӣ ва малакаи амалии шаҳрвандон имконият медиҳад.

Дар маҷмӯъ, таҳсилоти касбӣ на танҳо як зинаи муҳими низоми маориф аст, балки омили муҳим дар рушди устувори кишвар ба ҳисоб меравад. Саҳми духтарон низ тадриҷан боло меравад, ки гувоҳи пешрафт дар баробари дастрасӣ ба таҳсил мебошад. Миқдори ихтисосҳои нав ва ҳамкориҳо бо корхонаҳо, ки барои таҷрибаомӯзӣ ва ҷойи кор аҳаммияти муҳим доранд, низ рӯз то рӯз зиёд шуда истодаанд.

Ҳамзамон, таҳсилоти касбӣ воситаи муҳими татбиқи инноватсия ва технологияҳои муосир дар соҳаи маориф мебошад. Бо омода кардани мутахассисони фанҳои техникӣ, технологияи иттилоотӣ ва рақамӣ, таҳсилоти касбӣ барои рушди таълими муосир заминаи мустаҳкам мегузорад. Имрӯз таваҷҷуҳи бевоситаи давлату Ҳукумат, хосатан Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф равона гардида, маорифро омили калидии амнияти миллӣ арзёбӣ намуда, омӯзгорро дар меҳвари сиёсати маорифпарваронаи хеш қарор додаанд. Ҳамасола барои рушду инкишофи соҳаи маориф ва илм аз буҷети давлат маблағҳои зиёд ҷудо карда мешаванд, то шароиту имкониятҳои хуби касбу ҳунаромӯзӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати дониш муҳайё карда шавад.

АДАБИЁТ:

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат Асосгузори Сулҳу Ваҳдат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (16.12.2025, шаҳри Душанбе).

2.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, с. 8.

3.Амаков, И.Б. Идоракунии таҷрибаи ҷаҳонии бенчмаркинг дар соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.Б. Амаков, Д.М.Аюбов,

Н.Ш.Ниёзов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. - № 3.

4.Винслав Ю. Профессиональное образование и экономика: микроуровень интеграционных процессов (факто логия, теория, предложения) // Российский экономический журнал. - 2005. - N 7-8.

5.Гаврилов А.Ю., Гладилина И.П. Теоретико-методологические подходы к развитию творчества студентов – будущих работников образовательного сервиса. Монография. М., 2011. 140 с.

6.Джуринский А.Н. Интернационализация высшего образования в современном мире // Педагогика. - 2004. -№3. -с.83-92.

7.Мирсаидов А.Б. Институциональные аспекты инновационного развития учреждений социального сектора экономики//Экономика Таджикистан, 2017. №2

8.Мирсаидов А.Б. Особенности формирование цена спроса на рынке высшего профессионального образования// Альманах, научный журнал РФ, 2014.

УДК 32

ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – РОҲНАМОИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ МАМЛАКАТ ДАР ШАРОИТИ НАВИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛӢ

ПОСЛАНИЕ ЛИДЕРА НАЦИИ – ПУТЕВОДИТЕЛЬ ВНУТРЕННЕЙ И ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ ГОСУДАРСТВА В УСЛОВИЯХ НОВОЙ НАЦИОНАЛЬНОЙ СТРАТЕГИИ

THE MESSAGE OF LEADER OF THE NATION – GUIDE-BOOK OF INTERNAL AND FORIGHN POLICY OF COUNTRY IN NEW CONDITION OF NATIONAL STRATEGY

БЕГМУРАТОВА К.Х. - ассистенти кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилаии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: kamilabegmuratova204@mail.ru. Телефон: +992 557573333

БЕГМУРАТОВА К. Х. - ассистент кафедры истории и философии дисциплин Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: kamilabegmuratova204@mail.ru. Телефон: +992 557573333

BEGMURATOVA K. Kh. - assistant at the department of history and philosophy of disciplines at the International University of tourism and entrepreneurship of Tajikistan. Phone: E-mail: kamilabegmuratova204@mail.ru Телефон: +992 557573333

Анноататсия. Дар маколаи мазкур муаллиф нақши Паёми Пешвои миллатро дар рушди давлатдорӣ ба муҳокимаи умум мегузорад. Муаллиф қайд мекунад, ки нақши Паёми Пешвои миллат барои давлатдории муҳим аст, зеро он имкон медиҳад, ки халқро дар роҳи ободкорӣ муттаҳид созад. Моҳияти **П**аёми Пешвои миллат – роҳнамои сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат дар шароити нави стратегияи миллӣ дар он аст, ки он устувории ҷомеаро таъмин мекунад. Функсияи идоракуниро иҷро карда, Президнт идеяи миллиро равнақ медиҳад ва бо ҳамин роҳ арзишҳои нави миллиро таъсис медиҳад, то ки оммаро барои иҷро кардани барномаҳои миллӣ водор намояд. Ҳамин тавр, муаллиф дар макола ба хулоса меояд, ки нақши Паёми Роҳбари давлат асоси пойдории давлат мебошад ва тавассути ин механизм ва бо истифода аз он рушди давлат таъмин мешавад. Бо ҳамин роҳ Паёми Президенти мамлакат на танҳо барои муттаҳид кардани миллат мусоидат мекунад, балки барои пешгирии ҳаракати вайронкоронаро дар ҷомеа пешгирӣ менамояд. Иродаи мардумро ифода намуда, Роҳбари давлат тавассути Паёми худ роҳҳои идоракунии устуворро дар ҷомеаи дохилӣ ва берун аз кишвар тавассути сиёсати берунии сохторҳои давлатӣ муайян мекунад.

Калимаҳои калидӣ: Президент, Паём, идоракунӣ, таърих, давлат, сулҳ, истиқлолият, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Анноатция. В статье автор выносить на обсуждение роль института послание президента в развитие государства. Автор отмечает, что роль послание Лидера нации как путеводитель внутренней и внешней политики государства в условиях новой национальной стратегии является важным в том плане, что оно способствует развитию единого государства. Суть послание Лидера нации как путеводитель внутренней и внешней политики государства в условиях новой национальной стратегии институционализации президентской формы правления принятая всем народом закрепляется в структурах государственного управления и в содержание деятельности государственных органов власти, которые придают данному процессу массовую форму.

Послание Лидера нации выполняя свою регулятивную функцию, вместе с этим распространяет идеи, которые призваны создать ценностные ориентиры массового и национального поведения побуждая нацию к выполнению определенных действий. Таким образом, автор приходит к выводу о том, роль Послание Президента страны Эмомали Рахмона остается главным для сохранение национального государства и роль Лидера нации способствует не только разработке идеи сплочения нации, но вместе с этим противостоит развалу национальной идеи. Выражая волю народа, Лидер нации посредством государственных институтов планомерно реализует поставленные перед страной цели стратегического развития, как на внутреннем так и на внешнем пространстве деятельности государственных органов.
Ключевые слова: Президент, Послание, управления, история, государство, мир, независимость, Республика Таджикистан.

Abstarct. In the article, the author proposes for public discussion the role of the Message of President of state in the institutionalization of the unity of country. The author notes that the role of the Message of President of state in the institutionalization of the national unity is important in the contributes to the collapse of a single state. The essence of the institutionalization of the President of state is adopted by the whole people is fixed in the structures of state administration and in the content of the activities of state authorities, which give this process a mass form. The Message President of state, fulfilling its regulatory function, at the same time disseminates ideas that are designed to create value guidelines for mass and national behavior, prompting the nation to perform certain actions. Thus, the author comes to the conclusion that the message of leader of the nation – guide-book of internal and foreign policy of country in new condition of national strategy remains the main one for the preservation of the national state and the instrument of peace protection. As the main regulator of the society, Message of President of state contributes not only to the development of the idea of uniting the nation, but at the same time opposes the transition of the national idea to extreme nationalism. Expressing the will of the people, the President of state through govern institutions controls the influence of the national unity, both on the internal and external space of the activities of state bodies.
Kew words: President, message, ruling, state, history, peace, independence, Republic of Tajikistan.

Ҳамасола дар охири сол пас аз ҷамъбасти дастовардҳо, таваҷҷуҳи тамоми сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб мешавад, ки он ҳамчун ҳуҷҷати сиёсӣ ва стратегӣ самти инкишофи минбаъдаи сиёсати давлатро дар ояндаи наздик ва дур муайян менамояд. Тавассути Паёми Пешвои миллат нуқтаҳои асосии сиёсати давлатӣ ва вазифаҳои дар пешистодаи давлат барои аҳолии Тоҷикистон баррасӣ мегардад. Маҳз тавассути Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои асосии рушди мамлакат муайян карда мешаванд. Сохтори функсионалии Паёми Президент барои Маҷлиси Олӣ дар амалӣ намудани барномаи фаъолият дар самти раванди қонунгузорӣ ҳамчун роҳнамо хизмат мекунад, зеро масъалаҳои асосии рушди мамлакатро инъикос мекунад. Бояд қайд намуд, ки бо дарки муҳимияти Паёми Пешвои миллат, омӯзиши ин институти сиёсӣ мавзуи таҳқиқотҳои олимони тоҷик гардидааст [8, 9, 7]

Дар Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои соли сипаришуда ва дастовардҳои он таҳлил шуда, ҳадафҳои стратегии давлат дар самти рушди илму маориф, соҳаи тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии

аҳолӣ, рушди фарҳанги миллӣ, таҳкими волоияти қонун, таъмини амнияти миллӣ ва стратегияи сиёсати хориҷии мамлакат муайян шуданд.

Яке аз нишондиҳандаҳои рушди ҳар як давлатро ҳаҷми маҳсулоти дохилии он ташкил медиҳад ва дар ин самт дар давоми солҳои охир ҳаҷми маҳсулоти дохилии Тоҷикистон бо суръати баланд рушд карда истодааст. Масалан дар соли 2020 он ба 4,5 фоиз, соли 2021 ба ҳаҷми 9,2 фоиз, соли 2024 8,3 фоиз зиёд гардид ва ба беш аз 130 миллиард сомонӣ расонида шуд [1, 2, 3, 4, 5]. Ин натиҷаҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ беҳтарин маҳсуб мегарданд ва аксарияти давлатҳо дар ин нишондод натиҷаи пастро нишон доданд. Инкишофи босуръати ҳаҷми маҳсулоти дохилӣ, боиси зиёд гардидани маблағи буҷети давлат гардид, ки он имкон дод, маоши кормандон ва хизматчиён, кормандони сохаи маориф, нафақа ва стипендия зиёд карда шавад. Танҳо дар панҷ соли охир маоши вазифавии кормандони соҳаҳои буҷетӣ чор маротиба афзоиш ёфт. Аз он ҷумла дар давоми солҳои 2020, 2022, 2023 ва 2024 дар умум ин пардохтҳо ба андозаи 100 фоиз зиёд карда шуданд. Дар натиҷаи амалисозии ин тадбирҳо, даромади пулии аҳолӣ аз 48 миллиард сомонӣ дар соли 2019, дар соли 2024 ба ба 147 миллиард сомонӣ расонида шуд. Ин нишондиҳанда се баробар зиёд гардида, музди миёнаи меҳнат беш аз 1,8 баробар ва андозаи миёнаи нафақа 1,5 баробар афзоиш ёфт [5, С.7].

Дар асоси пешниҳоди Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023, дар давраи аввали соли 2024-ум маоши хизматчиёни ҳарбӣ, ҳайати шахсии қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 40 фоиз баланд бардошта шуд. Аз моҳи июли соли 2024 маоши хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, стипендияҳо 40 фоиз ва андозаи нафақа 30 фоиз зиёд карда шуд. Дар Паёми навбатӣ ба Ҳукумати кишвар супориш дода шуд, ки аз 1 сентябри соли 2025 маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф 30 фоиз, маоши вазифавии кормандони дигар муассисаҳои соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 20 фоиз, музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шуда, ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба андозаи 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад [5, С.11].

Дар баробари ҳамин аз 1 сентябри соли 2025 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо тибқи муқаррароти моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ” ва андозаи нафақаи заминавӣ 10 фоиз зиёд карда шуд.

Дар баробари ҳамин чорабиниҳои иҷтимоӣ, ба Ҳукумати Тоҷикистон супориш дода шуд, ки то охири соли 2025 лоиҳаи “Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026 - 2030” таҳия карда шавад. Дар ин барномаи дарозмуддат ҷои асосиро рушди “энергияи сабз” бояд гирифт. Барои амалӣ намудани ин тадбирҳо, дар соли 2025-ум лоиҳаи “Барномаи рушди соҳаи энергетикаи баркӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи энергетика” дар таҳрири нав мебоист қабул гардад. Дар натиҷаи амалисозии барномаҳои энергетикӣ, дар ояндаи наздик, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз давлатҳои содиркунандаи бузургтарини энергияи барқ табдил меёбад.

Пешвои миллат дар Паёми имсола ва паёмҳои солҳои гузашта, ба сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати хоса медиҳад, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ бо давлатҳои хориҷӣ алоқаҳои дипломатӣ, тиҷоратӣ ва ҳамкорихои мутақобилан судмандро анҷом медиҳад ва ин нуқта дар Паёми Пешвои миллат хамчун стратегии сиёсати хориҷӣ бо номи «сиёсати дарҳои кушод» маълум аст. Вобаста ба шароити геополитикӣ ва хавфи сар задани низоҳо

дар нуқтаҳои гуногуни ҷаҳон, Тоҷикистон ба хотири таъмин намудани манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ, сиёсати хориҷии худро дар асоси принсипи ҳамкории мутақобилан судманд ва ҳамзистии осоиштагӣ идома медиҳад. Дар Паёми навбатӣ Пешвои миллат ба масъалаҳои ҷалби инвесторони хориҷӣ, сайёҳони хориҷӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва афзоиш додани барномаҳои гумманитарӣ ва илмӣ бо давлатҳои хориҷиро қисми муҳими сиёсати давлатии Тоҷикистон ҳисобид, ки дар ҳамкории вазорату идораҳои дахлдор мавриди амал қарор мегирад.

Идомаи муносибатҳои стратегӣ ва боэътимод бо Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва дигар сохторҳои байналмилалӣ қисми муҳими сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошанд.

Дар Паёми худ Пешвои миллат самтҳои сиёсати хориҷиро таъкид намуда, равияҳои асосии онро ҳамчун ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ ва низоъҳои минтақавӣ, тақвияти нақши калидии Созмони Милали Муттаҳид, идомаи ташаббускорӣ дар ҳалли масъалаҳои марбут ба обу иқлим, ҳамкорӣ бо давлатҳои ҳамгиро давом хоҳад дод. Аз он ҷумла қайд гардид, ки Тоҷикистон ҷонибдори ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ ва низоъҳои минтақавӣ бо роҳи муколама буда, тақвияти нақши калидии Созмони Милали Муттаҳидро дар ин раванд пуштибонӣ менамояд. Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун кишвари ташаббускор дар ҳалли масъалаҳои марбут ба обу иқлим эътироф шудааст. 14-уми декабри соли ҷорӣ Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон кардани соли 2025 ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо», ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, якдилона қарор қабул кард. Мувофиқи ин қатънома дар чаҳорчӯби Созмони Милали Муттаҳид Фонди мақсадноки байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо таъсис ёфта, вобаста ба ин мавзӯъ соли 2025 дар шаҳри Душанбе конфронси сатҳи баланди Созмони Милали Муттаҳид баргузор мегардад. Воқеан, қабули ин қатънома дар миқёси ҷаҳон иқдоми муҳим ва таърихӣ буда, тавассути он ҷомеаи ҷаҳонӣ имкон пайдо мекунад, ки барои ҳифзи бузургтарин манбаъҳои оби ошомиданӣ тадбирҳои муштараки зарурӣ андешад. Ин ҳамкориҳо, ки дар он саҳми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон беандоза бузург аст, обрую эътибори ҷумҳуриро дар арсаи байналмилалӣ афзун мегардонад. Дар сиёсати хориҷӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи таъмини сулҳ ва ваҳдати миллӣ, бо тамоми давлатҳо ҳамкорӣ менамояд.

Бояд қайд намуд, ки дар самти таъмини бехатарии озуқаворӣ, Пешвои миллат саҳми деҳқонони тоҷикро муҳим медонад ва аз ҳамин ҷиҳат иброз доштанд, ки маҳз бо заҳмати шабонарӯзии кишоварзони мамлакат амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда мешавад. Дар замони ҳозира, хоҷагидорони мамлакат истеҳсоли ғалладонагиҳоро ба 1 миллиону 600 ҳазор тонна, картошкаро ба 1 миллион ва меваю сабзавотро ба 3 миллиону 200 ҳазор тонна расониданд. Дар натиҷа дар панҷ соли охир суръати рушди солонаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7 фоиз нигоҳ дошта шуда, 1,4 баробар афзоиш ёфт. Истеҳсоли гӯшти паранда дар ин давра 8 баробар зиёд шуда, ҳаҷми воридоти он 11 баробар кам гардид. Дар панҷ соли охир ҳолати мелиоративии 50 ҳазор гектар замин беҳтар гардонида, 13 ҳазор гектар замини нав аз худ ва 23 ҳазор гектар замини аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ба гардиш ворид карда шуд. Дар доираи супоришҳои додашуда таҷрибаи кишоварзони мамлакат вобаста ба маданияти заминдорӣ, бахусус, дар кишти такрорӣ ва гирифтани ҳосили иловагӣ беҳтар гардида, майдони кишти заминҳои такрорӣ дар панҷ соли охир аз 90 ҳазор гектар ба 213 ҳазор гектар расид [4;5].

Яке аз нуқтаҳои асосии Паёми Пешвои миллатро сиёсати саноатикунонии истеҳсолот ташкил медиҳад. Бо дарки аҳамияти азими ин соҳа барои рушди Тоҷикистон,

солҳои 2022 – 2026 ҳамчун «Солҳои рушди саноат» эълон карда шуданд. Дар партави ҳамин сиёсат дар ду соли охир натиҷаҳои баланд ба даст оварда шуданд. Дар давоми 30 соли истиқлолият, дар Тоҷикистон беш аз 3 ҳазор корхонаи саноатӣ бо 54 ҳазор ҷойи корӣ (дар замони Шуравӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ) фаъолият дошт. Дар давоми солҳои 2022-2023 бошад дар Тоҷикистон 1200 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 11 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуданд. Дар Паёми Пешвои миллат аз 28 декабри соли 2024 қайд гардид, ки дар доираи ҳадафи стратегӣ оид ба саноатикунонии босуръати кишвар дар панҷ соли охир ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатӣ аз 27 миллиард ба 53 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки қариб ду баробар зиёд мебошад. Дар ин давра дар кишвар беш аз 2040 корхонаи саноатӣ ва 74 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуд. Пешвои миллат дар назди вазоратҳои дахлдор вазифа гузоштанд, ки на кам аз 100 ҳазор ҷойҳои нави корӣ барои аҳолии мамлакат дар самти саноат бояд таъсис дода шавад. Бо мақсади расидан ба ин ҳадафи стратегӣ, мебоист рушди комплексии саноат таъмин гардад, ки он инкишофи баробари соҳаи энергетика ва роҳсозиро ҳамчун инфрасохтори асосии соҳаи саноат дар назар дорад. Танҳо дар сурати рушди роҳҳои мамлакат ва истеҳсоли кофии энергетика, Тоҷикистон метавонад саноати калони истеҳсолиро ба роҳ монад. Бо ҳамин мақсад дар Паёми Пешвои миллат вазифаи таҷдиду азнавсозии роҳҳои мошингард ва сари вақт ва бо риояи меъёрҳои муосир амалӣ намудани бунёду азнавсозии роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалиро зарур шуморид. Барои нигоҳдорӣ ва истифодаи дурусти роҳҳо, ташаккули долонҳои нақлиёти транзитӣ ва инфрасохтори онҳо ба вазоратҳои дахлдор супориш дода шуд, ки дар ин самт тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд. Дар умум барои Тоҷикистон рушди босуръати саноат яке аз роҳҳои ҳалли масъалаи рафъи камбизоатӣ ва кам кардани муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Пешвои миллат дар паёми имсола қайд карда буданд, ки дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди кишвар беш аз 4,1 миллион ҷойи корӣ таъсису барқарор карда шудааст. Аммо бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ, ба Ҳукумати кишвар, роҳбарони вазорату идораҳо, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода шуд, то ки дар панҷ соли оянда дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ беш аз 1 миллиону 400 ҳазор ҷойи кории навро барои ҷавонон таъмин намоянд[5, С. 9]. Барои ҳамин хулоса кардан мумкин аст, ки Паёми Пешвои миллат барномаи рушди саноатро ҳамчун самти афзалиятноки таъмини даромади буҷети давлат, аҳолӣ ва ҳар як шаҳрванд баррасӣ карда, иҷрои онро вазифаи ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мешуморад.

Барои таҳқиқи амиқи фаъолияти соҳибкорӣ ва дар иқтисодиёти муосир, Пешвои миллат соҳибкоронро барои дастгирии нақшаҳои иҷтимоӣ аз ҳама гуна назоратҳои ғайринавбатӣ озод эълон намуд. Дар самти қонеъ гардонидани талаботи моддии ҷомеа, ва воситаҳои зарури барои истеҳсоли мол ва хизмат, нақши соҳибкорон дар ҷомеа хеле калон аст [10, С.135]. Бояд қайд намуд, ки соҳибкорони ватанӣ пеш аз ҳама ташаббускор мебошанд ва нақши катализаторро иҷро намуда, дар як вақт қувваи ҳаракатдиҳандаи истеҳсолот ва миёнаравиро иҷро менамоянд, ки дар натиҷаи он фоида барои худ ва ҷомеаро ба вуҷуд меоранд. Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо қайд шуда буд, ки соҳибкорон вазифаи мураккаберо иҷро менамоянд, ки он бо қабул намудани қарорҳо алоқаманд буда, мақсади асосии онҳо муайян намудани самти фаъолияти корхона ва дар ин замина ба зиммаи худ гирифтани оқибатҳои кор ва фаъолият мебошад. Дар партави дастгириҳои Пешвои миллат, соҳибкорони тоҷик маҳсулоти нав, технологияи нави истеҳсолӣ ва шакли нави ташкили корро дар бозори ватанӣ ва байналмилалӣ ҷорӣ менамоянд. Инчунин соҳибкорон вақт, меҳнат ва шарафи кории худро, таҳти маблағгузории худӣ ва ҷалбшуда ба манфиати халқ хизмат ва фаъолият менамоянд. Дар ин самт давлат онҳоро дар самти фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти бо қонун манъ нашуда, дастгирӣ менамояд [7, С. 90]. Давлат фазои ягонаи иқтисодӣ, озодии ҳаракати мол, хизмат ва воситаҳои молиявӣ, озодии фаъолияти иқтисодиро кафолат медиҳад (м. 12. Конститутсияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон) [11, С. 12]. Дар хусуси саҳми соҳибкорон Пешвои миллат чунин қайд намуданд: «Мехоҳам хотирнишон намоям, ки дар натиҷаи дарки арзишҳои миллӣ ва фарҳангу ахлоқи ҳамидаи мардумамон тайи беш аз сӣ соли соҳибистиқлолии кишварамон ҳазорон нафар соҳибкорону тоҷирон, шахсони саховатпеша ва афроди бонангу номуси ҷомеа сиёсати инсондӯстонаи иҷтимоии давлату Ҳукуматро дастгирӣ карда, бисёр иқдомоти савобу созандаро анҷом доданд. Онҳо то имрӯз ҳазорон мактабу кӯдакистон, беморхонаву бунгоҳҳои тиббӣ, роҳу пулҳо, коргоҳу корхонаҳои саноатӣ ва дигар иншооти таъиноти иқтисодиву иҷтимоӣ бунёд карда, садҳо ҳазор сокинони мамлакатро бо ҷойи корӣ таъмин намуданд, ҳар сол чор – панҷ маротиба ба оилаҳои ниёзманд ва ятимону маъюбон кумак расониданд ва ҳоло боз бисёр корҳои хайру савобро амалӣ карда истодаанд. Бо истифода аз фурсат, ба ҳамаи онҳо барои иқдомоти ватандӯстонаву инсонпарваронаашон миннатдории самимии давлату Ҳукумати мамлакатро изҳор менамоям» [6, С. 7].

Ҳамин тавр мо ба хулоса омадем, ки дар Паёми Пешвои миллат таҳлили амиқи вазъи иқтисодии мамлакат, дастовардҳои он, вазифаҳои стратегӣ барои оянда, амалисозии барномаҳои иҷтимоӣ ва инкишофи сатҳи тарбияи ватандустӣ ва ҳуввияти миллӣ ҳамчун вазифаҳои минбаъдаи сохторҳои давлатӣ ва тамоми шаҳрвандони мамлакат муайян карда шуданд. Аз ҳамин лиҳоз мо шаҳрвандони Тоҷикистонро зарур аст, ки дар иҷро ва амалисозии барномаҳо ва нуқтаҳои ин ҳуҷҷати стратегӣ саҳми худро гузорем.

АДАБИЁТ

1. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. - 15 с.
2. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 21 декабри соли 2021. - 15 с.
3. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 23 декабри соли 2022. - 15 с.
4. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 28 декабри соли 2023. - 15 с.
5. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 28 декабри соли 2024.- 15 с.
6. Вохурии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолони ҷомеа ва ходимони дин. - Душанбе, феврал 2024.
7. Нодиров Ф.М. Ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. - Душанбе:. Деваштич, 2007. - 324 с.
8. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан.- Душанбе:. Ирфон, 2009-2019 гг.- 355 с.
9. Тоджев Фаррухруз Наджмуддинович. Эмомали Рахмон - основатель и руководитель внешней политики Республики Таджикистан (1992-2018 гг.). тема диссертации и автореферата по ВАК РФ 07.00.15, кандидат наук, 2020.- 29 с.
10. Кэмпбелл Р. Макконнел, Стэнли Л.Брю. Экономикс. – М:. Издательство Республика, 1992. - С. 36-39
11. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 6 ноябри соли 1994, - 32 с.

УДК 338

ИНЪИКОСИ МЕЪЁРҲОИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР НЕКУАҲВОЛИИ МАРДУМ

ОТРАЖЕНИЕ НОРМ ПОСЛАНИЕ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ЭМОМАЛӢ РАХМОН В БЛАГОСОСТОЯНИЕ НАРОДА

REFLECTION OF NORMS OF PRESIDENTS OF REPUBLIC OF TAJIKISTAN EMOMALI RAHMON HERALDS IN PEOPLE PROSPERIR

ҶУМАЕВА П.А. - ассистенти кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилаии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: jumaevaparvina09@gmail.com

ДЖУМАЕВА П.А. - ассистент кафедры истории и философии дисциплин Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: kamilabegmuratova204@mail.ru.

JUMAEVA P.A. - assistant at the department of history and philosophy of disciplines at the International University of tourism and entrepreneurship of Tajikistan. Phone: E-mail: kamilabegmuratova204@mail.ru

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур муаллиф нақши Паёми Пешвои миллатро дар инкишоф ва ташаккули сиёсати иҷтимоӣ аз нигоҳи илм таҳлил намуда, таъкид менамояд, ки инъикоси меъёрҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар некуаҳволии мардум натиҷаи рушди давлату давлатдории тоҷикон буда, функсияи Роҳбари давлат асоси пойдории он мебошад. Дар маколаи муаллиф нақши Паёми Пешвои миллатро дар рушди некуаҳволии мардум ба муҳокимаи умум мегузорад ва қайд мекунад, ки нақши Паёми Пешвои миллат барои давлатдории муҳим аст, зеро он имкон медиҳад, ки халкро дар роҳи ободкорӣ муттаҳид созад. Муаллиф кайд мекунад, ки моҳияти Паёми Пешвои миллат – роҳнамои сиёсати иҷтимоии мамлакат дар шароити нави стратегияи миллӣ дар он аст, ки он устувории ҷомеаро таъмин мекунад. Функсияи идоракуниро иҷро карда, Президнт идеяи давлати иҷтимоиро равнақ медиҳад ва бо ҳамин роҳ арзишҳои нави миллиро таъсис медиҳад, то ки оммаро барои иҷро кардани барномаҳои иҷтимоӣ водор менамояд. Ҳамин тавр, муаллиф дар макола ба хулоса мебиёяд, ки функсияи Паёми Роҳбари давлат асоси пойдории давлат мебошад ва тавассути ин механизм ва бо истифода аз он рушди иҷтимоии давлат таъмин мешавад. Бо ҳамин роҳ Паёми Президенти мамлакат на танҳо барои муттаҳид кардани миллат мусоидат мекунад, балки барои пешгирии ноустуворӣ дар ҷомеа пешгирӣ менамояд. Иродаи мардумро ифода намуда, Роҳбари давлат тавассути Паёми худ роҳҳои идоракунии устуворро дар ҷомеаи дохилӣ ва берун аз кишвар тавассути сиёсати иҷтимоӣ муайян мекунад.

Калимаҳои калидӣ: Президент, Паём, идоракунӣ, иҷтимоӣ, давлат, истиқлолият, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аннотация. В данной статье автор научно обосновал роль Послания Лидера наци в деле укрепления социальной политики таджикского государства. Автор отмечает, что в результате этой политики были заложены принципиально новые основы для установления социального государства. В статье автор отмечает роль института послание президента в развитие социального государства и отмечает, что роль послание Лидера нации как путеводитель социально политики государства в условиях новой

национальной стратегии является важным в том плане, что оно способствует развитию социального государства. Суть послание Лидера нации как путеводитель социальной политики государства в условиях новой национальной стратегии институционализации президентской формы правлени принятая всем народом закрепляется в структурах государственного управления и в содержание деятельности государственных органов власти, которые придают данному процессу массовую форму. Послание Лидера нации выполняя свою регулятивную функцию, вместе с этим распространяет социальные идеи, которые призваны создать ценностные ориентиры массового и национального поведения побуждая нацию к выполнению социальных действий. Таким образом, автор приходит к выводу о том, роль Послание Президента страны Эмомали Рахмона остается главным для сохранение социального государства и роль Лидера нации способствует не только разработке идеи сплочения нации, но вместе с этим является ключевым в национальной идее. Выражая волю народа, Лидер нации посредством государственных институтов планомерно реализует поставленные перед страной цели стратегического развития, на внутреннем так и социальном пространстве деятельности государственных органов.
Ключевые слова: Президент, Послание, управления, социальный, государство, мир, независимость, Республика Таджикистан.

Abstact. In this article, the aauthor sought to substantiate the role of the presidents of Republic of Tajikistan Emomali Rahmon heralds in people prosperity for the rehabilitation and strengthening of the social policy of Tajikistan. The author notes that as a result of th this policy was laid a fundamentally new social basis for the creation of the newest of Tajiks statehood. Thus, the author comes to the conclusion that the function of President of state remains the main one for the preservation of the social state and the instrument of people protection. In the article, the author also proposes for public discussion the role of the Message of President of state in the institutionalization of the social country. The author notes that the role of the Message of President of state in the institutionalization of the social unity is important in the contributes to the collapse of a single state. The essence of the institutionalization of the President of state is adopted by the whole people is fixed in the structures of state administration and in the content of the activities of state authorities, which give this process a mass form. The Message President of state, fulfilling its regulatory function, at the same time disseminates ideas that are designed to create value guidelines for mass and national behavior, prompting the nation to perform certain actions. Thus, the author comes to the conclusion that the message of leader of the nation – guide-book of social policy of country in new condition of national strategy remains the main one for the preservation of the national state and the instrument of peace protection. As the main regulator of the society, Message of President of state contributes not only to the development of the idea of uniting the nation, but at the same time opposes the transition of the national idea to extreme nationalism. Expressing the will of the people, the President of state through govern institutions controls the influence of the national unity, both on the internal and external space of the activities of state bodies.
Kew words: President, message, ruling, state, social, peace, independence, Republic of Tajikistan.

Дар сиёсати дохилии ҶТ барномаҳои зиёди давлатӣ, стратегӣ, кутоҳмуддат ва дарозмуддат амал мекунанд, ки вазифаи ҳар кадоми онҳо ин беҳтар кардани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон мебошад. Дар ин замина нақши муҳимро дар муайян кардани сиёсати давлат дар тамоми самтҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бозӣ мекунад. Яке аз нуқтаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давоми солҳои истиқлолияти давлатӣ бешубҳа масъалаҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳанд. Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ, ки онро

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи аввал эълон мекунад, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва некуаҳволии мардумро дар мадди аввал қарор медиҳад. Чунончи кафолати ин сиёсат дар Конститутсия чунин омадааст: “Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад”. «Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад» [13]. Ҳамчунин дар Конститутсия ҳуқуқ ба нафақа, идрорпулӣ, табобати ройгон, ҳуқуқ ба таҳсил ва дигар нуқтаҳои иҷтимоӣ инъикос гардидаанд. Вобаста ба ҳамин нуқта, Пешвои миллат дар ҳар Паёми худ ин масъаларо мунтазам баррасӣ намуда, сиёсати иҷтимоии давлатро барои ҷаҳониён муаррифӣ менамояд. Дар ин самт нақши муҳимро таъмини даромаднокии буҷети давлат дар бар мегирад. Дар даврони истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон беш аз 3 ҳазор корхонаи саноатӣ бо 54 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шуданд ва ин нишондод нисбати замони Шуравӣ бо 358 корхонаи саноатӣ ва 33 ҳазор ҷойи корӣ хеле зиёд аст. Дар Паёми Пешвои миллат аз 28 декабри соли 2024 қайд гардид, ки дар дар панҷ соли охир ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатӣ аз 27 миллиард ба 53 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки қариб ду баробар зиёд мебошад. Дар ин давра дар кишвар беш аз 2040 корхонаи саноатӣ ва 74 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуд. Танҳо аз ҳисоби ин лоиҳаҳо, буҷети Тоҷикистон афзоиш ёфта, маблағгузории лоиҳаҳои иҷтимоӣ рӯ ба афзоиш ниҳод [1, 2, 3, 4, 5].

Бояд гуфт, ки Тоҷикистон яке аз давлатҳое мебошад, ки қисми зиёди (қариб 60 фоиз) буҷети онро барномаҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳанд. Бо ҳамин мақсад дар Паёми Пешвои миллат вазифаи афзун додани даромаднокии буҷет зарур дониста мешавад. Рушди соҳаи саноат яке аз роҳҳои ҳалли масъалаи рафъи камбизоатӣ ва кам кардани муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Пешвои миллат дар паёми имсола қайд карда буданд, ки дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди кишвар беш аз 4,1 миллион ҷойи корӣ таъсис дода шудаасст. Ҳамчунин супориш дода шуд, то ки дар панҷ соли оянда беш аз 1 миллиону 400 ҳазор ҷойи кории навро барои ҷавонон таъмин намоянд [5, с. 6].

Принсипҳои ғамхорӣ дар ҳаққи некуаҳволии мардум, дар Конститутсия ҳамчун роҳбарӣ барои Ҳукумати Тоҷикистон инъикос гардидаанд. Дар Тоҷикистон ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад. Ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд. Давлат барои солимгардонии муҳити зист, инкишофи оммавии варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва сайёҳӣ тадбирҳо меандешад [13, с. 6]. Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад [39]. Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад [13, с. 7]. Барои ҳамин Паёми Пешвои миллат барномаи рушди мамлакатро дар самти некуаҳволии мардум, ҳамчун самти афзалиятноки таъмини зиндагии аҳолӣ ва ҳар як шаҳрванд баррасӣ карда, иҷрои онро вазифаи аввалиндараҷаи худ мешуморад. Бояд гуфт, ки дар масири ҷустуҷӯи роҳҳои беҳбудии зиндагии аҳолӣ, Паёми Пешвои миллат равиши илмиро низ дар бар мегирад. Чунончи дар ҳар Паёми Пешвои миллат падидаҳои иҷтимоӣ дар доираи инкишофи давлатдорӣ, бо назардошти андешаҳо дар бораи ҷанбаи ҳуқуқии ҳаёти ҷамъиятӣ, пайдоиш то инкишофи комили ин падидаҳо дар ҳудуди муайяни замонӣ ё фазоӣ нишон медиҳад. Таърихи Паёмҳои Пешвои миллат ҳамчун қисми таълимоти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ вазифаҳои муайянеро дар ин самт иҷро мекунанд ва аз ҳамин лиҳоз аҳамияти назариявӣ ва амалии онҳо барои дигаргунсозии прогрессивии ҳаёти ҷомеа муҳим

мебошад. Ҳамчунин Паёми Пешвои миллат дар самти некуаҳволии аҳолӣ вазифаи маърифатиро бозӣ мекунад, чунки донистан ва шарҳ додани нуқтаҳои он ва дар амал татбиқ кардани онҳоро ҳар як шаҳрванд вазифаи худ медонад [2;3].

Ҳамин тариқ, илмҳои ҷомеашиносӣ ба омӯзиши ҷанбаи Паёми Пешвои миллат ҳамчун омили муносибати байни давлат ва шаҳрванд назар карда, ҷаҳони иҷтимоӣ, шаклҳо ва муносибатҳои объективии ҳаёт ки онро илми ҷомеашиносӣ таҳқиқ мекунад, мавриди таҳлил қарор медиҳанд. Ба ибораи дигар, Паёми Пешвои миллат моҳияти иҷтимоии инсонро ҳамчун як муқаррароти умумии методологӣ барои амалисозӣ пешниҳод намуда, роҳҳои ҳалли ин масъаларо нишонрас менамояд.

Дар ин масир Паёми Пешвои миллат масъаларо на танҳо ҳамчун ҳолати алоҳида ва мустақил баррасӣ мекунад, балки дарки онро дар доираи рушди тамоми соҳаҳои инкишофи ҷамъият вобаста ва алоқаманд бо дигар равандҳо таҳлил менамояд. Масалан яке аз қонунҳое, ки пеши роҳи камбизоатиро гирифта буд, ин қонун дар бораи танзими ҷашну маросимҳо буд, ки тавонист пеши роҳи тақлидкорӣ дар иҷрои маросимҳоро гирифта, барои некуаҳволии мардуми камбизоат мусоидат намояд. Қонуни танзим ин як инқилоби иҷтимоӣ буд, ки шуур ва ҷаҳонбинии мардумро ба куллӣ тайғир дод. Қонуни мазкур чашми одамонро ба арзишҳои ҷомеа кушод ва барои бартараф кардани хурофот ва тарс аз арзишҳои замонавӣ шароит муҳайё намуд [10, с. 45]. Бинобар ҳамин мо ҷасорати сиёсии Пешвои миллатро дар амалӣ намудани чунин қарорҳо бояд назаррас намоем, зеро муайян намудани нақши шахсиятҳои таърихӣ дар пешрафти ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ мебошад. Гарчанде, ки пешрафти ҳодисаҳои ҷомеа аз омилҳои гуногун вобастагӣ доранд, аммо танҳо шахсияти таърихӣ метавонад бевосита ё бавосита, дар пешрафти ҷомеа нақши намоён дошта бошад. Мутафаккири рус Л.Н. Толстой чунин роҳбаронро «ғуломони таърих» номид, ки бо иродаи Илоҳӣ таърихро месозанд. Аз рӯи афкори вай «чи қадар шахсият дар системаи идоракунӣ мавқеи баланд дошта бошад, ҳамон қадар рафтор ва ногузир будани сиёсати вай пешгуишаванда мебошад». [11, с. 67] Дар ин масир нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалии Раҳмонро ҳамчун шахсияти таърихӣ бояд ёдрас шуд, ки маҳз бо сарварии ӯ барномаҳои бузурги дорои сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ амалӣ гардиданд ва ин аз истеъдоди азими идоракунии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон шаҳодат медиҳад. Таҷрибаи роҳбарии Пешвои миллат нишон медиҳад, ки маҳз ирода, дониш ва ҷасорату мардонагии вай дар лаҳзаҳои душвортарини инкишоф ба кабул гардидани қарорҳои таърихӣ ва ҳаллу фасл гардидани проблемаҳои халқу миллат меовард. [7, с. 78] Дар самти сиёсати иҷтимоӣ, Президенти Тоҷикистон Эмомалии Рахмон ғамхорӣ дар ҳаққи фақирон, ятимон ва мардуми камбизоатро мақсади асосии фаъолияти худ пеша намуда, стратегияи сохторҳои давлатиро низ ба ҳамин самт равона месозад. Чунин қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумат ба монанди «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», тақсими замин байни мардум, кумаки доимӣ ба мактаб интернатҳо ва дигар чорабиниҳо аз чунин хислати Пешвои миллат шаҳодат медиҳанд. Барои ҳамин зарур аст, ки психологияи иҷтимоӣ бо сатҳи ҳисси инъикоси ҳаёти ҷамъият алоқаманд бошад, зеро ки шуури ҷамъиятиро ҳамеша шахсони алоҳида эҷод ва инкишоф медиҳанд. Аз ин рӯ, назария ва таълимот осори хислатҳои фардии шахсонеро, ки дар эҷоди шуури ҷамъиятӣ иштирок кардаанд, инъикос менамояд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо қайд намуданд, ки дар зарфи зиёда аз 30 сол, Тоҷикистон ба комёбиҳои назаррасе ноил гардид, ки дар таърихи халқи мо назири худро надоранд. Аз ҷумлаи ҳамин дастовардҳои зикршуда ин эълон шудани Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ, мебошад, ки сиёсати он ба бунёди ҷомеаи адолатпарвар нигаронида шудааст. Тамоми ҳадафҳои стратегии миллӣ – баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, саноатикунонии босуръати кишвар низ дар асоси худ

мақсади иҷтимоӣ доранд. Тахминан 97 маротиба афзудани даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 96 маротиба афзудани хароҷоти он дар солҳои соҳибистиқлолӣ ин нишонаи тавозуни меҳнати мардум ва баланд шудани некуаҳволии сокинони мамлакат мебошад. Таҷдид гардидани сохтори 728 хоҷагии кишоварзии мавҷуда ва 31 адад хоҷагии инфродӣ ва дар заминаи онҳо таъсис додани қариб 6 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонӣ ё фермерӣ ва қариб 162 ҳазор хоҷагӣ ҳамчун соҳибкори инфродӣ, ки беш аз 90 фоизи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро таъмин мекунанд, аз нишонаҳои рушди самти беҳбудии ҳаёти аҳолӣ мебошад [13]. Инчунин баланд бурдани мақоми занон ва ҷавонон дар ҷомеа, ҷалби онҳо ба идоракунии давлатӣ, афзудани миқдори онҳо дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар корхонаҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ, соҳибкории инфиродӣ ва қариб то 500 адад афзудани теъдоди муассисаҳои тандурустии давлатӣ, ки соли 1991 ҳамагӣ ба 374 адад мерасид ва то қариб 1750 адад расонидани бунгоҳҳои саломатӣ аз 1510 адади даврони ибтидоии соҳибистиқлолӣ, ба зиёда аз 10 ҳазор адад расонида шудани теъдоди иншооти варзишӣ дар мамлакат аз нишонаҳои сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб мешаванд [6, с. 13].

Дар шароити бозор, сиёсати иҷтимоии давлат инчунин бар зидди падидаи бекорӣ, роҳҳои ҳалли рушди соҳибкории иҷтимоиро истифода мекунад, ки ҳадафҳои иҷтимоӣ дошта ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки аз ҷониби донорҳо маблағгузорӣ шуда, ба камбизоатон ёрӣ расонанд. Тавассути соҳибкории иҷтимоӣ табакаҳои осебпазири аҳолӣ дастгирӣ мешаванд. Мафҳуми «соҳибкории иҷтимоӣ» дар асоси рушди некӯаҳволии дарозмуддати ҷомеа тавассути дар самти ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ амалӣ мегардад. Соҳибкорони иҷтимоӣ, манбаи мушкилотро меҷӯянд ва бо тағйири низом онро ҳал мекунанд [14, с. 78]. Мақсади соҳибкории иҷтимоӣ истеҳсоли молҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ ва бо кор таъмин намудани гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ мебошад.

Дар ин самт инчунин масъалаи иҷтимоӣ-демографӣ, ки ба тарафи равандҳои иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, ҳаллу фасл мешаванд [8]. Дар Тоҷикистон дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фармоиши давлатии иҷтимоӣ», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ» ва Консепсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» асоси қонунии ин фаъолиятро таъмин менамоянд. Соҳибкории иҷтимоиро дар шакли ҳозираи он метавон ҳамчун як фаъолияти тиҷоратӣ тавсиф кард, ки ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Ин равияи соҳибкорӣ, равишҳои пешрафтаи пешбурди тиҷоратро бо фаъолияти соҳибкорӣ ба манфиати ҷамъият равона мекунад [8, с. 56]. Соҳибкории (бизнес) иҷтимоӣ ба расонидани некӯаҳволии иҷтимоӣ нигаронида шудааст ва меъёри фоидаро барои пӯшонидани хароҷоти истеҳсолот ва рушди минбаъдаи тиҷорат муқаррар мекунад [12, с. 87].

Вобаста ба ҳамин вазифаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳаминро қайд намуд, ки ин ҳуҷҷат самти инкишофи сиёсати давлатро дар марҳилаи ояндаи наздик ва дур муайян намуда, нақшаҳои стратегии фаъолияти мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатиро дар самти кам кардани сатҳи кабизоатии аҳолӣ муайян менамояд. Барои ҳамин, дар Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дар баробари дигар самтҳо ба монанди рушди иқтисодии мамлакат, амалисозии ҳадафҳои стратегии давлат, рушди илму маориф, соҳаи тандурустӣ, рушди фарҳанги миллӣ, таҳкими волоияти қонун баррасӣ карда шуд. Иқтисодиёти кишвар дар солҳои охир дар сатҳи 7-9 фоиз иҷро шуда истодааст ва ин далели пешрафти босуръати мамлакат мебошад. Дар ин давра зиёда аз 200 ҳазор ҷойи кори доимӣ ва мавсимӣ ташкил карда шуда, даромади пулии аҳолӣ тадричан афзоиш ёфт. Дар хулосаи ҳамин мақола қайд кардан зарур аст, ки «роҳбарӣ падидаи иҷтимоӣ аст. Барои расидан ба он бисёриҳо мекӯшанд. Аммо ноил гаштан ба натиҷаҳои барои миллат ва давлат созгор кори саҳл нест. Таҷрибаи зиндагӣ аст, ки дурустии назария максади инсонро тавассути кудрати

тайғир додани вазъи мамлакат, бунёди давлати мутамарказ ва дар сатҳи умумимиллӣ, минтакавӣ ва байналмилалӣ комгор будани сиёсати таҳрезишуда ва эълоншуда исбот мекунад [7, с. 5].

Паёми Пешвои миллат ҳамчун вазифаи стратегӣ барои ояндаи давлат ва тамоми шаҳрвандони мамлакат хизмат намуда, нишон медиҳад, ки дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиати мардум ва некуаҳволии онҳоро тавассути иҷрои нақшаҳои пешрафти иқтисодиёт ва оғози корҳои созандагию бунёдкорӣ дар мадди аввал қарор медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - 15 с.
2. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 21 декабри соли 2021. - 15 с.
3. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 23 декабри соли 2022. - 15 с.
4. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 28 декабри соли 2023. - 15 с.
5. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 28 декабри соли 2024.- 15 с.
6. Президент. Паёмҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон www.president.tj
7. Аристотель: давлат ва сиёсат. - // С. Ятимов, Ҷумхурият, 1 августи соли 2019.- С. 5
8. Беляевский И.К. Социальный маркетин: трудность развития и анализ // Теория экономики и практический анализ, (ЕТАР), 2013, № 6, с. 90-108.
9. Благов Ю. Е., Арай Ю. Н. Социальное предпринимательство: проблемы типологии (предисловие к разделу) // Вестник СПбГУ. Сер.: Менеджмент (3). 2010. - С. 109–114.
10. В период независимости успешно реализованы стратегические цели // Хидирзода М. У. / Народная газета / № 25(20206) 30.06.2021 год. - С. 4
11. Толстой, Л. Н. (или любое другое издание). Война и мир: в 4 т. Т. 3. М.: Просвещение. 1987
12. Крайнов М. Почему социальное предпринимательство спасет мир // Частный корреспондент. 2014. № 2. С. 17–19.
13. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 6 ноябри соли 1994, - 32 с.
14. Фонд Ашока (Бунёди Ашока), www.ashoka.org

УДК 339

ПОСЛАНИЕ И ОСНОВНЫЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ОБЕСПЕЧЕНИЯ УПРАВЛЕНИЯ УСТОЙЧИВОГО РОСТА НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

ПАЁМ ВА ЗАМИНАҲОИ АСОСИИ ТАЪМИНИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ УСТУВОР ДАР МАРҲАЛАИ МУОСИР

THE ADDRESS AND THE MAIN PREREQUISITES FOR ENSURING THE MANAGEMENT OF SUSTAINABLE GROWTH AT THE PRESENT STAGE

ҶУРАЗОДА Х.Ҳ. – директори Институти иқтисоди ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

ДЖУРАЗОДА Х.Х. – директор Института мировой экономики и международных отношений Международного университета туризма предпринимательства Таджикистана

DJURAZODA Kh.Kh. – Director of the Institute of World Economy and International Relations, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.

Аннотация .В статье рассматривается ключевые вопросы Послание Президента Республики Таджикистан-это важный документ, который ежегодно озвучивается главой государства и содержит основные направления внутренней и внешней политики а также социально-экономические инициативы для развития страны. Уделяется особое внимание проблемам экономики, инвестиция, созданию новых рабочих мест и повышению уровня жизни населения. Подчеркивается важность подходы и приоритеты государства в контексте текущей политической и экономической ситуаций как внутри страны, так и за её пределами. Автором основное внимание уделяет важным экономическим и социальным вопросам, в частности, развитию цифровой экономики, человеческого капитала, искусственного интеллекта и инноваций. Подчеркнуто,что в условиях глобализации, стремительного технологического развития и жесткой экономической конкуренции невозможно представить Республику Таджикистан без перехода к цифровой экономике. При этом, экономике, основанной на знаниях, и широкого использования информационных и инновационных технологий существует объективная потребность, способная повысить эффективность управления бизнесом, прозрачность, качество услуг и здоровую конкурентоспособность. Была признана необходимость постепенного формирования правовой, кадровой и инфраструктурной базы для внедрения искусственного интеллекте.

Ключевые слова: экономик, инвестиция, созданию новых рабочих мест, повышению уровня жизни населения,цифровой экономики, человеческого капитал, искусственного интеллект, инноваций, управления бизнесом, прозрачность, качество услуг.

Аннотатсия. Ин мақола масъалаҳои асосиро баррасӣ мекунад. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати муҳимест, ки ҳар сол аз ҷониби роҳбари давлат пешниҳод мешавад ва самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин ташаббусҳои иҷтимоию иқтисодиро барои рушди кишвар муайян мекунад. Таваҷҷӯҳи махсус ба масъалаҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ зоҳир карда мешавад. Аҳамияти равишҳо ва афзалиятҳои давлат дар заминаи вазъи кунунии сиёсӣ ва иқтисодӣ ҳам дар дохил ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ таъкид шудааст. Муаллиф ба масъалаҳои муҳими иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, бахусус рушди иқтисоди рақамӣ,

сармояи инсонӣ, зеҳни сунъӣ ва инноватсия тамаркуз мекунад. Таъкид шудааст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ, рушди босуръати технологӣ ва рақобати шадиди иқтисодӣ, тасаввур кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон бе гузариш ба иқтисоди рақамӣ ғайриимкон аст. Дар айни замон, иқтисодиёти донишбунёд ва истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ ва инноватсионӣ ба таври возеҳ вуҷуд дорад, ки метавонад самаранокии идоракунии тиҷорат, шаффофият, сифати хизматрасонӣ ва рақобатпазириро беҳтар созад. Зарурати ташаккули тадриҷии чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ, кадрӣ ва инфрасохторӣ барои татбиқи зеҳни сунъӣ эътироф карда шуд.
Калимаҳои калидӣ: иқтисод, сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, иқтисоди рақамӣ, сармояи инсонӣ, зеҳни сунъӣ, инноватсия, идоракунии тиҷорат, шаффофият, сифати хизматҳо.

Abstract. This article examines key issues. The Address of the President of the Republic of Tajikistan is an important document, annually announced by the head of state, which outlines the main directions of domestic and foreign policy, as well as socio-economic initiatives for the country's development. Particular attention is paid to economic issues, investment, job creation, and improving the standard of living of the population. The importance of the state's approaches and priorities in the context of the current political and economic situations both within the country and abroad is emphasized. The author focuses on important economic and social issues, in particular, the development of the digital economy, human capital, artificial intelligence, and innovation. It is emphasized that in the context of globalization, rapid technological development, and fierce economic competition, it is impossible to imagine the Republic of Tajikistan without the transition to a digital economy. At the same time, there is an objective need for a knowledge-based economy and the widespread use of information and innovative technologies, which can improve business management efficiency, transparency, service quality, and healthy competitiveness. The need for a gradual formation of a legal, personnel, and infrastructural framework for the implementation of artificial intelligence was recognized.
Key words: economics, investment, creation of new jobs, improving the standard of living of the population, digital economy, human capital, artificial intelligence, innovation, business management, transparency, quality of services.

Президент Республики Таджикистан, Лидер нации уважаемый Эмомали Рахмон ежегодно выступает с Посланием Маджлиси Оли страны, которое является важным политическим событием, придающим серьёзный импульс дальнейшему развитию всех сфер нашего общества.

Послание Президента Республики Таджикистан-это важный документ, который ежегодно озвучивается главой государства и содержит основные направления внутренней и внешней политики, а также социально-экономические инициативы для развития страны. Оно традиционно адресовано народу Таджикистана, парламенту и другим государственным органам. Глава Государства Президент Республики Таджикистан затронул основные моменты как социально-экономическое развитие, ообразование и наука, здравоохранение, национальная безопасность, внешняя политика.

В Послании уделяется особое внимание проблемам экономики, инвестиция, созданию новых рабочих мест и повышению уровня жизни населения. Подчеркивается важность диверсификации экономики и развития таких секторов, как сельское хозяйство и индустрия, чтобы повысить экономическую независимость страны. Глава страны обозначил ключевые достижение страны в послании к парламенту. В 2025 году объем валового внутреннего продукта (ВВП) Таджикистан составил 173 миллиардов сомони, а экономический рост достиг 8,4%. А также в послании было озвучено что целью на 2026

год является обеспечение роста экономики не менее 8% . Президент страны уважаемый Эмомали Рахмон также отметил, что значительный рост доходов население Таджикистана за последний 10 лет увеличились в 6 раз, если в 2015 году общий объем доходов составлял 26 миллиардов сомони, то в 2025 году эта цифра выросла до 165 миллиардов сомони. т.е. в 6 раз. Президент заявил, что уровень бедности в Таджикистане снизился до 19% . На конец года этот показатель составлял 21, 2 %. В 2025 году была принята Среднесрочная программа страны на 2026-2030 годы, как конечный период Национальной стратегии развития до 2030 года. Своевременная и качественное её осуществление позволит в течение пяти будущих лет увеличит объём ВВП в 2 раза, снизить уровень бедности до 10% и увеличить долю средних слоев население до 50% [1]. В этот период экономическое развитие ежегодно в среднем будет экономическое развитие ежегодно в среднем будет увеличиваться на 8,7 % в том числе производства продукции в промышленных сферах на 20%, сельского хозяйства на 11,7%. В связи с этим Президент страны уважаемый Эмомали Рахмон дал указание министерствам и ведомствам, местным исполнительным органам государственной власти для достижения приоритетов развития обеспечить своевременное и полное осуществление Среднесрочной программы развития на 2026-2030 годы.

Считаем, что значение Послание является важным ориентиром для всех государственных органов, бизнеса и граждан. Оно не только формулирует стратегию развития страны на ближайший год, но и служит основой для разработки конкретных программ и инициатив [3]. Кроме того, Послание отражает подходы и приоритеты государства в контексте текущей политической и экономической ситуаций как внутри страны, так и за её пределами. Таким образом, Послание Президента Республики Таджикистан играет ключевую роль в определении направлений политики и служит основой для общественных дискуссий о будущем страны, подчеркивая важность единства и сплочения всех слоев общества для достижений общих целей. Можно констатировать, что Президент Республики Таджикистан направляет в Меджлиси Оли послание, охватывающее сферы экономического, социального, культурного и спортивного развития. Послание Президента считается одним из важнейших политических и стратегических документов, и его не будет ошибкой назвать всесторонне проанализированной программой. Ведь оно содержит множество экономических и социальных анализов и служит ориентиром для будущего различных секторов страны. Послание Президента Республики Таджикистан определяет основные направления развития страны в среднесрочной и долгосрочной перспективе, подводя итоги деятельности государства за год. Одновременно оно служит усовершенствованной программой для Правительства, государственных органов, частного сектора и гражданского общества. Основное внимание было уделено важным экономическим и социальным вопросам, в частности, развитию цифровой экономики, человеческого капитала, искусственного интеллекта и инноваций. В условиях глобализации, стремительного технологического развития и жесткой экономической конкуренции невозможно представить Республику Таджикистан без перехода к цифровой экономике. Так как именно цифровая экономика может способствовать развитию национальной экономики. В этой связи основными направлениями рассмотрения в Послании этого года стали именно переход к цифровой экономике и использование искусственного интеллекта, в отношении которого Президент страны Эмомали Рахмон дал указания и поручения обеспечить правовую основу для перехода и принятия мер по переходу к цифровой экономике и использованию искусственного интеллекте.

Особое место занял вопрос развития цифровой экономики и внедрения инновационных технологий. В контексте перехода к экономике, основанной на знаниях, и широкого использования информационных и инновационных технологий существует объективная потребность, способная повысить эффективность управления бизнесом,

прозрачность, качество услуг и здоровую конкурентоспособность. Знания и наука являются одним из важнейших факторов развития инноваций и цифровой экономики, способствуя прогрессу экономики, общества и управления деятельностью. Искусственный интеллект, который был одним из важных вопросов, рассмотренных в Послании, основан на усовершенствованных знаниях и науке, и его использование в сферах экономики, финансов, образования и здравоохранения способствует принятию обоснованных решений. В послании ключевую роль сыграл и человеческий капитал. Президент страны уважаемый Эмомали Рахмон назвал человеческий капитал одним из важных вопросов послания, поскольку невозможно достичь устойчивого развития без высококвалифицированных кадров и специалистов с новаторским мышлением. В этой связи качество образования и его адаптация к потребностям рынка труда являются первостепенными задачами сектора образования, на что глава государства обратил внимание в своем послание. Основой экономики, основанной на знаниях, является подготовка высококвалифицированных кадров, отвечающих потребностям рынка труда, и в этом направлении необходимо укреплять интеграцию науки и производства. Интеграция науки и производства считается важным фактором экономического прогресса [2]. Развитие цифрового образования, повышение цифровых навыков молодежи и поддержка научных исследований определены в Послании как основные факторы формирования экономики, основанной на знаниях. Именно высшие учебные заведения и научные институты страны могут сыграть ключевую роль в развитии экономики, основанной на знаниях. В рамках научно-образовательных учреждений необходимо ввести в эксплуатацию новые инновационные центры и современные лаборатории для применения науки в производстве, что внесет активный вклад в практическое применение. Президент страны подчеркнул, что переход к цифровой экономике является одним из главных условий повышения эффективности государственного управления, развития предпринимательства, прозрачности экономических процессов и улучшения уровня услуг для населения. Цифровизация экономических секторов, включая финансы, налогообложение, таможню, банковское дело, образование и здравоохранение, позволяет рационально использовать ресурсы и снижать издержки.

В послании также уделено серьезное внимание роли искусственного интеллекта в современной экономике. Отмечено, что использование технологий искусственного интеллекта может внести существенный вклад в анализ необходимой информации, принятие управленческих решений, прогнозирование экономических процессов и повышение производительности труда. В этой связи была признана необходимость постепенного формирования правовой, кадровой и инфраструктурной базы для внедрения искусственного интеллекте. Развитие инноваций как основы конкурентоспособности национальной экономики также является одним из важных аспектов Послания. Глава государства подчеркнул необходимость усиления поддержки научных инициатив, стартапов, новых технологий и сотрудничества между наукой и производством. В этом контексте особо отмечена роль высших учебных заведений, научно-исследовательских центров и талантливой молодежи.

В целом Послание Президента Республики Таджикистан Уважаемого Эмомали Рахмон представляет собой целостный политико-правовой комплекс, объединяющий вопросы мира и стабильности, национальной единства и безопасности, устойчивого развития, а также правового просвещения способствующий развитию научных исследований, совершенствованию государственной политики создавая прочную основу для дальнейшего прогресса и развития страны.

В заключении можно отметить, что Послание Президента Республики Таджикистан является ключевым документом национального развития, обладающим.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Послания Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджилиси Оли Республики Таджикистан от 16. 12.2025 г. www. President. tj.

2. . Послания Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджилиси Оли Республики Таджикистан от 28. 12.2024 г. www. President. tj.

3. Офицальный сайт Президента Республики Таджикистан . Эмомали Рахмон http//www President. tj.

4. Проблемы развития законодательства законодательства о малом и среднем предпринимательстве. Гандилова Т.М. Супатаева М.А. М-2007г.

5. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года

6. Стратегия развития “Зелёной” экономики в Республики Таджикистан на период 2023-2037 гг.

7. Резолюция Международное десятилетие действий “Вода для устойчивого развития”, 2018-2028

8. Внешнеэкономическая политика государства. Багратуни К.Ю., Данилиной М.В.

9. Внешная политика государства. Зафар Саидзода., Душанбе 2017.

УДК 323.1:351.07

ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИМИ ПАЁМ ВА НАҚШИ ОН ДАР МУАЙЯН КАРДАНИ САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ ҶОМЕА ВА ДАВЛАТ

IMPORTANT FEATURES OF THE MESSAGE AND ITS ROLE IN DETERMINING THE MAIN DIRECTIONS OF DEVELOPMENT OF SOCIETY AND STATE

ВАЖНЕЙШИЕ ЧЕРТЫ ПОСЛАНИЯ И ЕГО РОЛЬ В ОПРЕДЕЛЕНИИ ОСНОВНЫХ НАПРАВЛЕНИЙ РАЗВИТИЯ ОБЩЕСТВА И ГОСУДАРСТВА

МАРДОНЗОДА Ҷ. - ходими илмии Институти илмию таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Тел.: (+992) 935350025. E-mail: mardonzoda1968@bk.ru

МАРДОНЗОДА Дж. - научный сотрудник Научно-исследовательского института туризма и предпринимательства Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: 734055, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Тел.: (+992) 935350025. E-mail: mardonzoda1968@bk.ru

MARDANZADE J. - research Fellow at the Research Institute of Tourism and Entrepreneurship of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: 734055, Dushanbe city, Borbad avenue, 48/5. Tel.: (+992) 935350025. E-mail: mardonzoda1968@bk.ru

Аннотатсия: Дар мақолаи зерин нақш ва аҳамияти Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст, ки ин тамоюл соли 2000 оғоз шуда, самаранокӣ ва зарурати худро дар муайян кардани рушди сиёсӣ ва иқтисодии кишвар, самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ, амалӣ ва таҳкими арзишҳои анъанавӣ ва идеологияи миллии Тоҷикистон исбот кардааст. Дар ин баробар Паёмҳои Президент ба Маҷлиси Олӣ вазъи кунунии сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар ва ҷаҳонро инъикос мекунанд. Тибқи нишондоди ин мақола таҳлили Паёмҳои солонаи Президент ба Маҷлиси Олӣ хусусиятҳои муҳимеро ошкор мекунад, ки барои муайян кардани самтҳои сиёсии дохилӣ ва хориҷии кишвар зарур мебошанд.

Калидвожаҳо: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими давлат, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, тамоюл, сиёсати кадрҳо, иқтисоди ватанӣ.

Аннотация: В данной статье рассматриваются роль и значение Послания Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан, которое началось в 2000 году и доказало свою эффективность и необходимость в определении политического и экономического развития страны, основных направлений внешней и внутренней политики, реализации и укрепления традиционных ценностей и национальной идеологии Таджикистана. В то же время Послания Президента Маджлиси Оли отражают современную политическую и социально-экономическую ситуацию в стране и мире. По мнению исследователей, анализ ежегодных Посланий Президента Маджлиси Оли выявил важные особенности, необходимые для определения политического курса страны.

Ключевые слова: Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан, укрепление государства, основные направления внутренней и внешней политики, тенденции, кадровая политика, отечественная экономика.

Abstract: This article examines the role and significance of the Address of the President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, which began in 2000 and has proven its effectiveness and necessity in determining the country's political and economic development, the main directions of foreign and domestic policy, and the implementation and strengthening of traditional values and national ideology. At the same time, the Addresses of the President of the Majlisi Oli reflect the current political and socioeconomic situation in the country and the world. According to researchers, an analysis of the annual Addresses of the President of the Majlisi Oli revealed important aspects necessary for determining the country's political course.

Keywords: Address of the President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, strengthening the state, main directions of domestic and foreign policy, trends, personnel policy, domestic economy.

Амалияи ироаи паёми сарвари давлат дар бораи вазъи кишвар дар саросари ҷаҳон паҳн шудааст ва решаҳои худро аз анъанаҳои демократияи ғарбӣ мегирад. Дар паёмҳои роҳбари давлат асосан ҳадафҳо ва афзалиятҳои стратегӣ баён карда мешаванд, ки барои рушду пешрафти кишвар зарур мебошанд ва самти умумиро бидуни омӯхтани ҷузъиёт муайян мекунанд. Механизмҳо ва усулҳои мушаххаси дастёбӣ ба ин ҳадафҳо одатан дар аснод ва барномаҳои алоҳидае зикр карда мешаванд, ки аз ҷониби ҳукумат таҳия шудаанд.

Тамоюли ироаи паём тавассути Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2000 сарчашма гирифта, дар моддаи 55 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нукта асоснок карда шудааст, ки ба таври зайл аст: «Дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Президент савганд ёд мекунад ва бо паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ баромад менамояд». Ҳамин нукта дар моддаи 10 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” низ ба ҳамин тавр баён шудааст.

Ҳар як паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили вазъияти кишварро дар замони муайян, инчунин мушкилоти асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷиро дар бар мегирад, ки ҳалли онҳо на танҳо барои вазъияти кунунӣ, балки барои оянда низ муҳим арзёбӣ шудааст. Вобаста ба вазъи мавҷуда дар кишвар Президент самтҳо ва ҷанбаҳоеро муайян мекунад, ки таваҷҷуҳи ҷиддӣ ва вокуниши фаврии мақомоти давлатиро талаб мекунанд. Ҳамчун кафили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент дар паёмҳои худ дар ин баробар самтҳои афзалиятноки рушди кишварро муайян мекунад.

Тибқи нишондод ва таҳлилҳои муҳаққиқон таҳлили паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои асосии зерини ин тамоюлро ошкор кардааст, ки барои муайян кардани самти сиёсии кишвар хеле муҳим мебошанд: онҳо вазифаҳои барномавӣ, идеологӣ ва гузоришдиҳиро иҷро мекунанд; дар мавриди амалишавӣ ва таҳким ёфтани арзишҳои ҷомеаи Тоҷикистон мусоидат мекунанд; самтҳои асосии таҳияи сиёсати давлатиро муайян мекунанд; мутобиқшавии давлат ба шароити рушди ҷомеаро дар марҳилаи мушаххас таъмин мекунанд; пайвастагӣ ва устувории самти интихобшударо дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ таъмин мекунанд; давлат ва ҷомеаро муттаҳид мекунанд; ҳамчун воситаи вокуниши фаврӣ тавассути эҷод ва татбиқи низоми дастурҳо амал мекунанд; омили инъикоси вазъи воқеии сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар ва ҷаҳон мебошанд.

Ҳангоми муайян кардани рушди вазъи сиёсии кишвар паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои мақоми конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд. Онҳо нигоҳи расмии роҳбари давлатро дар бораи вазъияти кунунӣ дар дохили кишвар, муносибатҳои Тоҷикистон бо дигар кишварҳо ва дурнамои эҳтимолии рушди сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ифода мекунанд.

Онҳо маҷмуи арзёбиҳои қобили таваҷҷуҳро аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кафили Конститутсияи кишвар маҳсуб меёбад, ташкил медиҳанд ва минбаъд метавонанд барои ҷомеа ва давлат ҳамчун самти муайянкунанда хидмат кунанд. Дар ҷараёни ироаи паёми хеш роҳбари давлат на танҳо натиҷаҳои соли гузаштаро баррасӣ, иқтидор ва заъфҳои дастгоҳи давлатиро муайян ва кори мақомоти давлатиро ҷамъбаст мекунад, балки инчунин нақшаҳои ояндаро ба ниҳодҳои муайяни давлатӣ пешниҳод мекунад, ки дар маҷмуъ қолаби ин чорабинии муҳим наздик ба сӣ сол мавриди татбиқ қарор гирифтааст.

Муҳаққиқон ин омилро пешбинӣ мекунанд, ки дар паёми худ кафили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеа як навъ идеяи миллиро барои соли оянда пешниҳод мекунад, ки қисман ба таҷрибаи гузаштаи наздик такя мекунад. Тавре ки муҳаққиқони бахши масоили сиёсӣ қайд кардаанд, паём як шакли махсуси муошират сиёсӣ буда, ба шуури ҷамъиятӣ ва назари сиёсии одамон таъсири бузург мерасонад.

Дар Тоҷикистон мундариҷаи паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон одатан ба мақоми қонунгузор ва афкори ҷамъиятӣ таъсири назаррас мерасонад. Хусусияти идеологии Паём имкон фароҳам меорад, ки ҳама гуна чораҳое, ки ҳукумат татбиқ мекунад, бо арзишҳои бунёдии ҷомеа ва ҳукумат мутобиқ карда шавад. Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои навсозии сиёсӣ дар Тоҷикистон, зарурати такмил додани механизмҳои ҳамкорӣ байни тамоми мақомоти давлатӣ, ҳамоҳангкунӣ ва муттаҳидсозии талошҳои ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар тамоми манотиқи Тоҷикистонро барои ҳалли масъалаҳои кишвар пурра баррасӣ мекунанд.

Чӣ тавре ки маълум аст, самаранокии ҳамкории байни мақомоти давлатӣ, давлат ва ташкилоти ҷамъиятӣ асосан аз кадрҳо ва дастгирии молиявӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, Сарвари давлат ҳамеша дар тамоми паёмҳои солонаи худ барқарорсозии тартибот дар хизмати давлатӣ, таҷдиди назари принсипҳои сиёсати кадрҳо ва ҷалби афроди дорои касбияти баланду бовиҷдонро ба кори давлатӣ таъкид мекунад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Президент масъулияти муайян кардани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро вогузор мекунад. Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санадҳое хизмат мекунанд, ки дорои дастурҳои барномавӣ буда, дар марҳилаи мушаххаси рушд барои ташаккули сиёсати давлатӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

Яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои таъсири паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъмини устувории вазъи иқтисодии Тоҷикистон, хусусан гузариш ба иқтисоди рақамӣ мебошад, ки дар ин бора Президенти кишвар дар таърихи 28 декабри соли 2024 дар паёми солонаи худ хоссатан таваҷҷуҳ зоҳир кард. Аз ҷумла қайд намуд, ки ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд.

Муҳимтарин вижагиҳои паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин айнияти онҳост. Чӣ тавре ки аз Паёми соли 2024 бармеояд, дар панҷ соли охир сатҳи таваррум ё баландшавии нархҳои истеъмолӣ ҳамагӣ 29 фоизро ташкил карда, дар ин давра маош, нафақа ва стипендияҳо нисбат ба сатҳи таваррум бамаротиб зиёд гардиданд, ки бевосита ба коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар гардидани шароити зиндагии мардуми кишвар мусоидат намуданд. Ҳоло дар кишвар механизмҳое ба роҳ монда шудаанд, ки дар устувории рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ кӯмак расонида истодаанд.

Дар аксар паёмҳои солҳои охир ин нукта қайд шудааст, ки бахшҳои шаҳрвандии иқтисоди ватанӣ ҳаҷми истеҳсоли худро нигоҳ дошта, онро ба таври назаррас афзоиш

дода истодаанд. Махсусан сохтмони манзил хеле тараққӣ карда, суръати баланди афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба қайд гирифта шудааст. Коҳиши бекорӣ муҳим арзёбӣ гардида, дар ин баробар рушди бозори меҳнат низ ба таври сареҳ зикр шудааст. Президент аҳамияти ҳадафи стратегии баланд бардоштани иқтисодиётро ҳамеша дар паёмҳо таъкид кардааст. Ӯ нақши корхонаҳои хусусӣ ва тиҷорати хурду миёнаро дар шароити кунунӣ қайд карда, талаб кардааст, ки ҳама гуна зиддиятҳои байниидоравӣ, расмиятҳо, норозигӣ ва камбудиҳо бартараф карда шаванд. Инчунин таъкид шудааст, ки пирӯзиҳо дар вазъияти кунунӣ оғози бомуваффақияти фаъолияти ширкатҳои ватанӣ ва тиҷорати хурди оилавӣ, кушодани корхонаҳои муосир, мактабҳо ва боғчаҳои нав, кашфиётҳои илмӣ ва технологияҳои навро дар бар мегиранд. Бо вуҷуди шароити душвор, дар саросари Тоҷикистон долонҳои нави логистикӣ, аз ҷумла навсозии босуръати шабакаи роҳҳо ба роҳ монда шаванд. Вазифаи асосии васеъ кардани имкониятҳои технологии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст ва мушкилоти манбаъҳои маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ барои устувор кардани рушди иқтисодӣ минбаъд ҳал карда хоҳад шуд.

Чӣ тавре ки аз таҳлилҳо бармеоянд, Президенти кишвар ҳамеша дар паёми худ асосан ба рушди кишвар ва беҳтар кардани некӯаҳволии иҷтимоии шаҳрвандон тамаркуз мекунад. Таҳлилгарон қайд мекунанд, ки ду се ҳиссаи паём ба рушди кишвар, иқтисодиёт, нақлиёт ва соҳаи иҷтимоӣ бахшида мешавад.

Умуман, таҳлили паёмҳои ҳарсолаи шаҳодат аз он аст, ки рушди ҷомеаи кишвар пайваста дар меҳвари асосии сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад ва аз ин рӯ, моро зарур аст, дар ҳар ҷабҳае, ки фаъолият мекунем, дар ин сиёсати пешгирифтаро дастгирӣ намуда, дар ҳифз ва таъмини манфиатҳои миллӣ, бахусус, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, нигоҳдории ризоияти ҷомеа ва суботи сиёсӣ дар мамлакат, рушду устувории иқтисодиёти кишвар, тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии халқ, пойдорӣ ва инкишофи арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият, тағйирнопазирии сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла истиқлолияти давлатӣ, шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии сарҳади давлатӣ ва ҷудонашаванда будани ҳудуди он, фаъолияти устувори ниҳодҳои давлатдорӣ, таҳким ва самаранокии фаъолияти онҳо, иҷрои бечунучарои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар асоси принсипи ҳамшарикӣ саҳмгузор бошем.

АДАБИЁТ

1. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”. URL: http://www. https://www.president.tj/missives (Санаи мурочиат: 29.11.2025).

2. Самадов Б. Ш. Послание Президента — важный правовой документ в государственном регулировании хозяйственной деятельности // научный журнал «Ученые записки. Серия гуманитарно-общественных наук» Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/poslanie-prezidenta-vazhnyy-pravovoy-dokument-v-gosudarstvennom-regulirovanii-hozyaystvennoy-deyatelnosti/viewer (Санаи мурочиат: 25.11.2025).

3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” URL: http://www. mmk.tj/content. (Санаи мурочиат: 26.11.2025)

4. Шукуҳи паёми Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон / Ҷабборов Б., Дайхудоев В. // Сомонаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. URL: https://iutet.tj (Санаи мурочиат: 26.11.2025).

УДК 323.1:351.07

НУҚТАҲОИ АСОСӢ АЗ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДОИР БА РУШДИ СОҲИБКОРИИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ОСНОВНЫЕ ПОЛОЖЕНИЯ ПОСЛАНИЯ ЛИДЕРА НАЦИИ О РАЗВИТИИ ПРОМЫШЛЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

POINTS FROM THE ADDRESS OF THE LEADER OF THE NATION ON THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL EN TREPRENEURSHIP OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

МАРИПОВА Ф.А. - ассистент кафедраи менеҷмент ва маркетинг. Тел. (+ 992) 003-308-522.E-mail: fmaripova@list.ru

МАРИПОВА Ф.А. - ассистент кафедри менеджмента и маркетинга, Тел. (+ 992) 003-308-522.E-mail: fmaripova@list.ru

MARIPOVA F. A. - assistant deportments of Management and Marketing. Tel. (+ 992) 003-308-522. E-mail: fmaripova@list.ru

Аннотатсия*:* Дар мақола нуқтаҳои асосии Паёми Пешвои миллат доир ба рушди соҳибкории саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил мегарданд. Таваҷҷуҳ ба нақши соҳибкории саноатӣ дар татбиқи Стратегияи миллии рушд то соли 2030, саноатикунонии босуръат, ҷалби сармоя, коркарди ашёи хоми ватанӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир равона шудааст. Муаллиф дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои рушди соҳаи саноат, инчунин аҳамияти ташаккули низоми рақамии идоракунии корхонаҳои саноатиро ҳамчун омили баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ асоснок менамояд.

Калидвожаҳо: Паёми Пешвои миллат, соҳибкории саноатӣ, саноатикунонӣ, стратегияҳои рушд, сармоягузорӣ, технологияҳои муосир, коркарди ашёи хом, рақобатпазирӣ.

Аннотация: В статье анализируются основные положения Послания Лидера нации, посвящённые развитию промышленного предпринимательства Республики Таджикистан. Основное внимание уделяется роли промышленного предпринимательства в реализации Национальной стратегии развития до 2030 года, ускоренной индустриализации, привлечению инвестиций, переработке отечественного сырья и внедрению современных технологий. Автор обосновывает достижения, проблемы и перспективы развития промышленной отрасли, а также значение формирования цифровой системы управления промышленными предприятиями как фактора повышения конкурентоспособности национальной экономики.

Ключевые слова: Послание Лидера нации, промышленное предпринимательство, индустриализация, стратегии развития, инвестиции, современные технологии, переработка сырья, конкурентоспособность.

Abstract: The article analyzes the main provisions of the Address of the Leader of the Nation concerning the development of industrial entrepreneurship in the Republic of Tajikistan. Particular attention is paid to the role of industrial entrepreneurship in the implementation of the National Development Strategy until 2030, accelerated industrialization, investment attraction, processing of domestic raw materials, and the introduction of modern technologies. The author substantiates the achievements, challenges, and prospects for the development of the industrial sector, as well as the importance of forming a digital management system for industrial enterprises as a factor in enhancing the competitiveness of the national economy.

Keywords: Address of the Leader of the Nation, industrial entrepreneurship, industrialization, development strategies, investment, modern technologies, raw material processing, competitiveness.

Чуноне маълум аст, дар Стратегияи Миллии Рушди (СМР) Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул ба ҳайси яке аз мақсадҳои стратегии рушди миллӣ ва ҳамчун самти муҳим дар ҳавасмандгардонии ташкили ҷойҳои пурмаҳсули корӣ – дастгирии соҳибкории хурду миёна дар корхонаҳои технологияҳои муосир ва соҳаи ичтимоӣ маънидод карда мешавад. Бо назардошти ин, бояд чунин модели соҳибкорӣ таҳия карда шавад, ки барои рушди фаъоли навоваріҳо, зиёд намудани миқдор ва тавқият додани мавқеи табақаи миёнаи соҳибкорон мусоидат намояд. Дар маҷмӯъ, ба чунин талаботҳо соҳибкории ба истеҳсолоти инноватсионӣ асосёфта ҷавобгӯ аст.[7]

Барои рушди соҳибкории саноатӣ дар иқтисодиёти миллӣ баъзе норасоиҳо мавҷуданд, ба мисоли: сатҳи нисбатан баланди хавф ва вобаста ба ин дараҷаи идоракунии фаъолият, салоҳиятнокии пасти хоҷагидорӣ, мушкилот дар ҷалби воситаҳои иловагии молиявӣ ва гирифтани қарз, нобоварӣ ва эҳтиёткории ҳамкорони хоҷагидор ҳангоми бастани шартномаҳо (аҳдномаҳо) ва ғайра мебошанд. Азбаски Тоҷикистон кишвари аграрӣ-саноатӣ аст, дар он рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ , хоҷагиҳои деҳқонӣ, ташкили коркарди масолеҳи кишоварзӣ, соҳибкорӣ дар соҳаи саноати кишоварзӣ, фурӯши масолеҳи кишоварзӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Натиҷаи таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки масъалаҳои рушди соҳибкорӣ дар шароити нави хоҷагидорӣ мутобиқ ба талаботи нав омӯзиши нисбатан амиқро тақозо мекунад. Вобаста ба ин фаъолият ва рушди соҳибкорӣ, баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои асосноккунии назариявӣ ва методологии онро тақозо мекунад.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 16 декабри соли 2025 баргузор гардид, масъалаи рушди соҳибкории саноатӣ ҳамчун яке аз самтҳои калидии сиёсати иқтисодии кишвар мавқеи муҳимро ишғол намуд. Дар ин санади муҳими сиёсӣ Пешвои муаззами миллат ба дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои рушди соҳаи саноат таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, рушди соҳибкории саноатиро омили асосии таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ арзёбӣ карданд: “Аз ҷумла дар соли 2025-ум 400 корхонаи истеҳсолӣ ба фаъолият оғоз намудааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи маъдан аз 7,7 миллиард сомонии соли 2020 ба 26 миллиард сомонӣ дар соли 2025 расонида, афзоиши ин нишондиҳанда 3,4 баробар таъмин карда шуд. Агар дар соли 1991 дар соҳаи маъдан танҳо 3 номгӯйи маҳсулот (тилло, нуқра ва хокаи сурб) истеҳсол гардида бошад, пас дар соли 2025 ба 17 номгӯй расонида шудааст.

Бояд гуфт, ки ҳоло истеҳсоли тилло назар ба соли 1991-ум 7 баробар, нуқра 6 баробар ва хокаи сурб 9 баробар зиёд гардидааст.

Суръати рушди соҳаи саноат дар соли 2025-ум 22 фоизро ташкил дод.

Ба идомаи ин раванд, Вазорати саноат ва технологияҳои нав бо истифода аз тамоми иқтидору имкониятҳо рушди воқеии солонаи соҳаро дар давоми панҷ соли минбаъда

бояд дар сатҳи на кам аз 25 фоиз таъмин намояд.

Дар ин росто, бо ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ҷиҳати таъсис додани корхонаҳои нав барои коркарди пурраи ашёи хоми ватанӣ, хусусан маъдан, металлҳои ранга ва нодиру қиматбаҳо, маҳсулоти кишоварзӣ ва растаниҳои шифобахш тадбирҳои иловагӣ андешида, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва ивазкунандаи воридот зиёд карда шавад.

Ҳукумати мамлакат Барномаи нави саноатикунонии босуръати кишварро барои солҳои 2026 – 2030 ва Барномаи рушди истеҳсолу ғанигардонии металлҳои ранга, нодиру қиматбаҳо ва дигар ашёи хоми муҳимро қабул ва амалӣ гардонад”[2]

Ҳамчунин дар Паём ба масъалаи коркарди ашёи хоми ватанӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва рушди саноати коркард таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд. Президенти кишвар таъкид намуданд, ки дастгирии соҳибкорон, бахусус соҳибкорони истеҳсолӣ, идома ёфта, барои онҳо имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва шароити мусоиди қарзӣ фароҳам оварда мешавад. Ин тадбирҳо ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат хоҳанд кард.

Ташкили низоми идоракунии корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки субъекти хоҷагидорӣ барои дуруст ба роҳ мондани ҷараёнҳои иттилоотӣ ва моддӣ шароити мусоид фароҳам оварад. Дар мавриди ташаккули низоми идоракунии корхонаҳои саноатӣ шаклҳои маъмулии ваколатҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолияти воҳидҳои сохторӣ аз байн меравад. Тавассути ташаккули низоми рақамии идоракунӣ барои бизнес-воҳидҳо дар доираи воҳидҳои сохтории корхонаи саноатӣ асос бунёд мешавад, ки бо якдигар ба воситаи шартномаҳои ҳушманд фаъолияти мутақобиларо ба роҳ мемонанд ва ӯҳдадориҳои ҳар яке аз бизнес-воҳидҳо ва арзиши ин мутақобиларо муайян менамояд.

Рушди таҳвили саноат унсурҳои низоми иқтисодӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани технологияҳои муосир имкон медиҳад, ки гузариш ба ҷараёни муносиби фаъолияти корхонаҳои саноатӣ тезонида шавад ва алоқаи мутақобилаи байни субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити муосири рушди иқтисодиёт мукаммал гардонида шавад. Ба ақидаи муҳаққиқон Коробов С. А., Пшеничников И. В., Епинина В. С., ташкили низоми рақамии идоракунии корхонаи саноатӣ 7 давраи амалҳоро дарбар мегирад, ки барои муайян намудани имкониятҳои таҳвили саноатӣ субъекти хоҷагидорӣ ва ҷустуҷӯи воситаҳои самараноки саноат бизнес-ҷараёнҳои корхона равона карда мешаванд [6, с.131-140]:

1. Муайян намудани сатҳи саноатӣ корхона.
2. Ошкор намудани омилҳое, ки ба сатҳи саноатӣ корхона таъсир мерасонанд.
3. Ташаккули тарҳи низоми идоракунии корхонаҳои саноатӣ.
4. Ташкили муҳити дохилии корхонаҳои саноатӣ.
5. Тақсимоти воҳидҳои сохтории корхонаҳои саноатӣ.
6. Таҳияи маҳакҳои самараноки робитаи мутақобилаи корхонаҳои дар саноатӣ.
7. Баҳодиҳии самаранокии сохтори низоми идоракунии корхонаҳои саноатӣ.

АДАБИЁТ:

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016.

2. Паёми президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ” [tajsohtmon.tj]

3. Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисобот оид ба рушди соҳаи саноат барои солҳои 2019–2025. – Душанбе, 2025.

4. Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумоти оморӣ оид ба соҳаи маъдан. – Душанбе, 2024.

5. Абдуллоев Қ. Иқтисодиёти саноатӣ. – Душанбе: Ирфон, 2020.

6. Каримов Н. Рушди соҳаи маъдан ва саноати коркард дар Тоҷикистон // Маҷаллаи “Иқтисодиёт”, №2, 2023.

УДК 342.4:351

ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ПРИНСИПҲО, МЕТОДОЛОГИЯ ВА ҲАМОҲАНГСОЗИИ БАРОМАДҲО БАРОИ НИҲОДҲОИ ДАВЛАТӢ

ИНТЕРПРЕТАЦИЯ И РАЗЪЯСНЕНИЕ ПОСЛАНИЯ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ПРИНЦИПЫ, МЕТОДОЛОГИЯ И КООРДИНАЦИЯ НАПРАВЛЕНИЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ОРГАНОВ

INTERPRETATION AND POLICY-ORIENTED ANALYSIS OF THE ADDRESS OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: PRINCIPLES, METHODOLOGY, AND COORDINATION OF THE ACTIVITIES OF STATE AUTHORITIES

НАБОТЗОДА С.Х. - Вакили Маҷлиси намояндагони маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., ходими калони шуъбаи татбиқи натиҷаҳои илмии Институти илмию таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Тел: (+992) 900015101, почтаи электронӣ: nabotov@inbox.ru

УМАРОВ Р. М. - унвонҷӯи соли якуми кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ - мудири шуъбаи робитаҳои байналмилалии Институти илмию таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тел: (+992) 780747408, почтаи электронӣ: kholid-2018@mail.ru

НАБОТЗОДА С.Х. - Депутат Маджлиси намояндагони Маджлиси Олӣ Республики Таджикистан, к.ю.н., старший научный сотрудник отдела внедрения результатов научных исследований, Научно-исследовательского института туризма и предпринимательства Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Тел.: (+992) 900015101, электронная почта: nabotov@inbox.ru

УМАРОВ Р.М. - соискатель 1-го года обучения кафедры политологии и международных отношений - заведующий отделом международных отношений Научно-исследовательского института туризма и предпринимательства Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Тел: (+992) 780 747 408, элетроний почта: kholid-2018@mail.ru

NABOTZODA S.Kh. - deputy of Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, Candidate of Sciences in Law, Senior Research Officer at the Department for the Implementation of Scientific Results, Scientific Research Institute of Tourism and Entrepreneurship, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan**.** Tel: (+992) 900015101, Email: nabotov@inbox.ru

UMAROV R. M. - First-year doctoral applicant, Department of Political Science and International Relations; Head of the Department of International Relations, Scientific Research Institute of Tourism and Entrepreneurship, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Tel: (+992) 780 747 408; Email: kholid-2018@mail.ru

Аннотатсия. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Парламенти ҷумҳурӣ ҳамчун санади муҳими стратегӣ ва сиёсӣ дорои аҳамияти фарогир барои тамоми ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи мамлакат мебошад. Ин ҳуҷҷат самтҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давлатро муайян намуда, ҳамчун роҳнамои сиёсати давлатӣ дар марҳилаи муосири рушди кишвар хизмат мекунад. Самаранокии татбиқи ҳадафҳои дар Паём ироагардида, пеш аз ҳама, ба сатҳ ва сифати методологияи шарҳу тавзеҳ он, инчунин ба тарзи дурусти расонидани муҳтавои он ба қишрҳои гуногуни ҷомеа вобаста мебошад. Мақолаи мазкур ба таҳлили асосҳои назариявӣ ва методологии шарҳу тавзеҳи Паём асос ёфта, ба баррасии механизмҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ дар раванди фаҳмондадиҳии он бахшида шудааст. Методологияи расонидани муҳтавои Паём ҳамчун маҷмӯи усулҳо, воситаҳо ва равишҳои мақсаднок баррасӣ мегардад, ки ҳадафи асосии он таъмин намудани дарки саҳеҳ, пурра ва ҳамсон аз мазмун, афзалиятҳо ва самтҳои стратегии Паём дар сатҳи ҷомеа ва сохторҳои давлатӣ мебошад. Дар ин замина, принсипҳои калидии методология, аз ҷумла возеҳият ва равшанбаёнии мазмун, соддагардонии муҳтаво, мутобиқсозӣ ба сатҳи фаҳмиши сохторҳои давлатӣ, пайдарпайии иттилоотӣ, такрори ҳадафманд ва масъулияти сиёсӣ дар ташкили иртиботи муассир, ҳамчун унсурҳои муҳими таъсиргузории сиёсӣ ва иттилоотӣ таҳлил мегарданд.Такя ба чунин методология дар шарҳу тавзеҳи Паёми Президент на танҳо ба баланд гардидани сатҳи огоҳии сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа мусоидат менамояд, балки ба таҳкими эътимод ба сиёсати давлатӣ, густариши донишҳои сиёсӣ, баланд бардоштани ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ ва иштироки фаъолонаи мардум дар татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат низ заминаи устувор фароҳам меорад.
Калидвожаҳо: Президент, Паём, давлат, парламент, методология, сиёсати давлатӣ, ҳамоҳангсозӣ, ниҳодҳои давлатӣ, донишҳои сиёсӣ, ҷомеа, рушди давлатӣ.

Аннотация. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Парламенту страны является важным стратегическим и политическим документом, имеющим всеобъемлющее значение для всех государственных органов и общества страны. Этот документ определяет основные направления социально-экономического, политического и культурного развития государства и служит руководством государственной политики в современной фазе развития страны. Эффективность реализации целей, изложенных в Послании, прежде всего зависит от уровня и качества методологии его разъяснения, а также от правильного донесения содержания до различных слоёв общества. Настоящая статья основана на анализе теоретических и методологических основ разъяснения Послания и рассматривает механизмы координации деятельности государственных органов в процессе его объяснения. Методология донесения содержания Послания рассматривается как совокупность целенаправленных методов, инструментов и подходов, целью которых является обеспечение правильного, полного и единообразного понимания содержания, приоритетов и стратегических направлений Послания на уровне общества и государственных структур. В этом контексте ключевые принципы методологии, включая ясность и наглядность содержания, упрощение материала, адаптацию к уровню восприятия государственных структур, информационную последовательность, целенаправленное повторение и ответственность в организации эффективной коммуникации, анализируются как важные элементы политического и информационного воздействия. Применение данной методологии при разъяснении Послания Президента способствует не только повышению уровня политической и социальной осведомлённости общества, но и укреплению доверия к государственной политике, расширению политических знаний, повышению чувства гражданской ответственности и активного участия населения в реализации стратегических целей государства.

Ключевые слова: Президент, Послание, государство, парламент, методология, государственная политика, координация, государственные органы, политические знания, общество, развитие государства.

Abstract. The Address of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, to the Parliament of the country is an important strategic and political document of comprehensive significance for all state institutions and society. This document defines the main directions of the socio-economic, political, and cultural development of the state and serves as a guide for state policy in the current stage of the country's development. The effectiveness of implementing the goals outlined in the Address primarily depends on the level and quality of the methodology of its explanation, as well as the correct delivery of its content to various segments of society. This article is based on the analysis of the theoretical and methodological foundations of explaining the Address and examines the mechanisms for coordinating the activities of state institutions in the process of its communication. The methodology for delivering the content of the Address is considered as a set of goal-oriented methods, tools, and approaches, aimed at ensuring accurate, complete, and uniform understanding of the content, priorities, and strategic directions of the Address at the level of society and state structures. In this context, the key principles of the methodology, including clarity and clarity of content, simplification of material, adaptation to the perception level of state institutions, informational consistency, targeted repetition, and responsibility in organizing effective communication, are analyzed as important elements of political and informational influence. Applying this methodology in explaining the Address of the Leader of the Nation contributes not only to enhancing the political and social awareness of society but also to strengthening trust in state policy, expanding political knowledge, fostering a sense of civic responsibility, and encouraging active public participation in achieving the strategic objectives of the state.
Keywords: President, Address, state, parliament, methodology, state policy, coordination, state authorities, political knowledge, society, state development.

Тибқи моддаи 55 Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси милии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуда, паёми худро ба Маҷлиси Олӣ ироа намуда, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян менамояд. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ яке аз муҳимтарин шаклҳои татбиқи роҳбарии конститутсионӣ ва сиёсати стратегии давлат ба ҳисоб меравад. Ин санади сиёсӣ-ҳуқуқии барномавӣ на танҳо натиҷаҳои асосии фаъолияти давлат ва Ҳукуматро дар як соли гузашта ҷамъбаст менамояд, балки самтҳои калидии рушди, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишварро барои даврaҳои кӯтоҳмуддат, миёнамуддат ва дарозмуддат муайян мекунад. Аз ин лиҳоз, Паёми Президент дар низоми идоракунии давлатӣ ҷойгоҳи хос дошта, ҳамчун манбаи асосии масъалагузорӣ, ҳидоят ва вазифагузорӣ барои тамоми сохторҳои ҳокимияти давлатӣ хизмат менамояд.

Дар шароити муосир шарҳу тавзеҳи муҳтавои Паёми Президенти кишвар дар тамоми шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ ба як раванди фарогирӣ табдил ёфтааст. Ин равванд худ далели аҳаммияти хоси Паём дар рушди ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар мебошад. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи амалии баргузории чунин чорабиниҳо нишон медиҳад, ки на ҳамеша моҳияти воқеии Паём ва хусусияти куллии он ба таври дуруст дарк ва инъикос мегардад. Хусусан, дар номгузорӣ ва тарзи шарҳу тавзеҳи Паём баъзан равишҳое истифода мешаванд, ки бо табиати сиёсӣ-ҳуқуқии ин санад пурра мувофиқат намекунанд.

Мушоҳида мешавад, ки дар баъзе ҳолат Паёми Президенти мамлакат ҳамчун маҷмуи «нуқтаҳо», «ҷанбаҳо» ё «масъалаҳои алоҳида» муаррифӣ мегардад. Ин гуна бархӯрд ҳарчанд дар зоҳир сода ва фаҳмо менамояд, дар асл метавонад ба коҳиш ёфтани арзиши сиёсии Паём оварда расонад. Зеро Паёми Президенти кишвар ин як матни қисм-қисми ё гузориши мавзӯӣ нест, балки пшниҳоди самтҳои асосии сиётати дохилӣ ва хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ягонаи маъноӣ ва стратегӣ мебошад, ки дар он ҳар як бахш бо бахшҳои дигар иртиботи мантиқӣ ва мазмунӣ дорад.

Аз ин ҷост, ки масъалаи корбурди дурусти истилоҳи «шарҳу тавзеҳи Паёми Президент», инчунин номгузории илмӣ ва методологии чорабиниҳои вобаста ба он, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Баррасии ин масъала на танҳо барои такмили фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа муҳим аст, балки метавонад ба баланд бардоштани сатҳи масъулиятшиносӣ ва фаҳмиши комили сиёсати давлатӣ мусоидат намояд.

Дар ин мақола мо ба таҳлили моҳияти Президенти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Парлумони кишвар ҳамчун санади муҳими стратегӣ ва сиёсӣ дорои аҳамияти фарогир барои тамоми ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи мамлакат ҳамчун санади сиёсӣ-ҳуқуқии барномавӣ диққати худро равона намуда, кӯшиш намудем, ки равишҳои нодурусти мавҷуда дар шарҳу тавзеҳ ва номгузории онро ошкор ва ислоҳ намоем. Ҳамзамон, дар асоси таҳлили назариявӣ ва таҷрибаи амалии идоракунии давлатӣ, принсипҳо ва тавсияҳои методологӣ оид ба равиши фаҳмондадиҳии ҳамаҷонибаи Паём пешниҳод мегарданд.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ на танҳо рӯйхати вазифаҳо ё натиҷаҳои фаъолияти гузаштаи давлату Ҳукумат мебошад, балки як санади барномавии сиёсӣ-ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Аз нуқтаи назари низоми конститутсионӣ, Паём таҷассумгари принсипи асосии роҳбарии давлат, идораи ягона ва пайдарпайи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Ҳар банди Паём бо дигар бандҳо иртиботи мантиқӣ ва стратегӣ дошта, фаҳмидани моҳияти воқеии сиёсӣ-ҳуқуқии он танҳо тавассути таҳлили умумӣ ва ҳамоҳангӣ имконпазир аст.

Мавриди таъкид аст, ки Паёми Сарвари давлат дорои се вазифаи стратегии асосӣ мебошад:

Якум ҷамъбаст ва арзёбии фаъолияти давлату Ҳукумат: Дар Паём натиҷаҳои фаъолияти соҳаҳои мухталиф (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ) дар як соли сипаришуда ҷамъбаст мешаванд. Ин ҷамъбаст на танҳо хусусияти ҳисоботӣ дорад, балки ба муассисаҳо ва мақомоти давлатӣ нишон медиҳад, ки кадом самтҳо ва масъалаҳо дар ҷои аввал қарор доранд ва чӣ гуна бояд идора карда шаванд.

Дуюм, муайян кардани самтҳои асосии сиёсӣ ва вазифаҳои стратегии давлат: Яъне, Паём ҳамчунин барои даврaҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддат самтҳои асосии рушди кишварро муайян мекунад. Ин равиш, ки аз низоми барномарезии давлатӣ ва сиёсати стратегии давлат сарчашма мегирад, имконият медиҳад, ки мақомоти маҳаллӣ ва марказӣ фаъолиятҳои худро мутобиқ ба ҳадафҳои миллии стратегӣ ба роҳ монанд.

Сеюм, ҳидоят ва вазифагузорӣ ба мақомоти давлатӣ: Яъне, Паём дорои хусусияти императивӣ ва дастурдиҳӣ мебошад. Мақомоти ҳокимияти иҷроия ва дигар сохторҳои давлатӣ вазифадоранд, ки ҳидоятҳо ва дастурҳои Паёмро амалӣ созанд. Аз ин лиҳоз, ***Паём на матни тавсиявӣ ва на муҳтавои интихобӣ, балки санади амалишавандаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ аст***.

Дар маҷмуъ, Паёми Президенти кишвар як матни воҳид, ягона, маъноӣ ва стратегӣ мебошад, ки дар он ҳар як банди сохторӣ ва мазмунӣ бо банди дигар пайвандӣ дорад. Аз ин ҷиҳат, шарҳу тавзеҳ ё баррасии қисм-қисми Паём на танҳо маънои пурра ва самти сиёсиро намедиҳад, балки метавонад таҳриф ва фаҳмиши якҷоя ва маҷмуии санади барномавиро коста гардонад.

Таҷрибаи амалии баргузории чорабиниҳо ва вохӯриҳои шарҳу тавзеҳи Паём нишон медиҳад, ки на ҳамеша принсипҳои методологӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқии санад дуруст риоя мегарданд. Дар раванди шарҳи ғайриқобили қабули Паём, одатан се иштибоҳи асосӣ мушоҳида мешавад:

Аввалан, қисм-қисм ва маҳдуд интихоб кардани масъалаҳои Паём: Вақте вохӯриҳо ё мақолаҳо унвони «шарҳи баъзе нуктаҳои Паём» ё «нуқтаҳои асосии Паём» мегиранд, он ба фаҳмиши пурраи матнро халал ворид месозад. Ин равиш нишон медиҳад, ки муассисаҳо ё намояндагони маҳаллӣ танҳо қисматҳои ҷудогонаи санадро шарҳу тавзеҳ менамоянд, ки метавонад ба таҳриф ва аз даст рафтани рӯҳияи стратегии Паём оварда расонад.

Баъдан, маҳдуд сохтани муҳтавои санад: Баъзан маъмул аст, ки вохӯриҳо ба натиҷаҳои иқтисодӣ ё иҷтимоӣ маҳдуд шаванд, бе он ки самтҳои сиёсии стратегӣ ва вазифаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддат фаро гирифта шаванд. Ин амал на танҳо аз назари методологӣ нодуруст аст, балки метавонад ба кам шудани сатҳи масъулиятшиносии мақомоти давлатӣ таъсир расонад.

Сониян, номгузории нодуруст ва ғайриилмии шарҳи Паём: Номҳои тасодуфӣ ё дар маҳдуда. Масалан, «Шарҳи нуқтаҳои асосии Паём» ё «Баррасии ҷанбаҳои алоҳидаи Паём», бо табиати ҳуқуқӣ-сиёсӣ ва методологии санад мувофиқат намекунанд. Чунинметавонад ба он оварда расонад фикр кунад ки Паём як рӯйхати тасодуфии масъалаҳо мебошад, на як воҳиди ягонаи барномавӣ ва стратегӣ.

Барои он ки шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо фаҳмо, балки аз нигоҳи методологӣ дуруст ва ҳамоҳанг бо мақсади стратегӣ-ҳуқуқии санад бошад, зарур аст чанд принсипи асосӣ риоя карда шаванд. Ба андешаи мо ин принсипҳо ҳам барои мақомоти давлатӣ, ҳавзаи илмӣ-таҳлилӣ роҳнамои амалӣ мебошанд.

1.Принсипи ҳамаҷониба ва мантиқӣ: Матни Паёми Президент мамлакат бояд ҳамчун як воҳиди ягонаи маъноӣ ва стратегӣ шарҳу тавзеҳ гардад, зеро ҳар як банди он бо дигар бандҳо пайванд дошта, ҷудо кардани онҳо метавонад ба таҳриф ва фаҳмиши нодуруст оварда расонад. Аз ин рӯ, шарҳу тавзеҳ бояд ҳамаҷониба ва мантиқӣ бошад ва на танҳо порчаҳои интихобӣ ё мавзуҳои ҷудогонаро фаро гирад. Ин принсип инчунин имкон медиҳад, ки дар чорабиниҳо ва вохурӣ бо кормандони соҳаҳои гуногун, ба мисли молия, маориф, тандурустӣ, иқтисодиёт, алоқа, қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ҳам масъалаҳои умумӣ ва муҳими стратегӣ муҳокима карда шаванд ва ҳам баромадҳо ба самти фаъолияти ҳар як соҳа нигаронида бошанд. Дар ин тарз, шарҳу тавзеҳи Паёми Президент фарогир, равон ва муассир мешавад.

2. Принсипи дурустии номгузорӣ: Номгузории чорабиниҳо ва мақолаҳо оид ба Паём бояд илмӣ, равшан ва бо забони расмӣ бошанд. Пешниҳод мешавад истифодаи чунин номҳо:

-«Шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»

-«Баррасии муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»

-«Фаҳмондадиҳии вазифаҳо ва ҳидоятҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Вобаста ба мавзуи илмӣ бошад метавонад танҳо самте, ки объекти тадқиқот аст, фаро гирифта шавад. Истифодаи унвонҳои порча-порча ё интихобӣ (масалан, «шарҳи баъзе нуктаҳои Паём») бояд худдорӣ карда шавад, зеро он фаҳмиши пурраи стратегӣ ва ҳуқуқии санадро коста мекунад.

3. Принсипи ҳамоҳангии сиёсӣ-ҳуқуқӣ: Шарҳу тавзеҳ бояд ҳамзамон сатҳи сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва амалӣ дошта бошад. Ин маънои онро дорад, ки, натиҷаҳои фаъолияти даврaҳои гузашта, самтҳои стратегии рушди кишвар, вазифаҳо ва ҳидоятҳои Президент ба

мақомоти давлатӣ, яъне ҳамаи ин мавқеъҳо бояд дар шарҳу тавзеҳ инъикос шаванд ва ягон ҷузъи муҳими санад нодида гирифта нашавад.

4. Принсипи методологӣ ва низомнок: Барои амалӣ гардонидани шарҳу тавзеҳ ба таври методологӣ, тавсия мешавад:

-таҳлил ва фаҳмондадиҳиро бо меъёрҳои барномавӣ ва стратегӣ мутобиқ созанд;

-ба аудитория пайдарпай ва бо мисолҳои мушаххас муҳтавои санадро фаҳмонанд;

-ҳангоми матнсозӣ ё баромадҳо ба ҳеҷ ваҷҳ банди ягона ё ҷузъи интихобиро ҳамчун «асоси Паём» пешниҳод накунанд.

5. *Принсипи масъулияттшиносӣ ва ошкоргӯӣ:* Ҳамаи иштирокчиёни чорабиниҳои шарҳу тавзеҳ бояд дарк кунанд аҳаммияти сиёсӣ ва ҳуқуқии санадро. Ба ин восита мақомоти давлатӣ дар амал барои иҷрои дастурҳо масъул мешаванд, аҳли ҷомеа фаҳмиши ягона ва комил аз Паём пайдо мекунад ва ҳамчунин фаҳмиши маҳдуд ва таҳрифшуда ҷилавгирӣ мешавад.

Ҳамин тариқ, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаҳмондадиҳӣ ва пешгирӣ аз такрори баромадҳо дар чорабиниҳои шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсия мешавад механизми зерин барои тамоми ниҳодҳои давлатӣ ва марказҳои шарҳу тавзеҳ татбиқ шаванд:

1. *Таҳлили муҳтавои Паёми Президент ва тақсимоти мавзӯъҳо.* Паёми Президент бояд ҳамчун як воҳиди ягонаи стратегӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ гардад.

Барои самаранокӣ, муҳтаво ба қисмҳо тақсим мешавад:

а.Ҷамъбаст ва арзёбии фаъолияти Ҳукумат;

б.Самтҳои стратегии рушди кишвар (миёнамуҳлат ва дарозмуддат);

в. Вазифаҳо ва ҳидоятҳои Президент ба мақомоти давлатӣ;

г. Муҳтавои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ.

Ҳар баромад бояд ба як бахши мушаххас таъин карда шавад, то ки аз такрори мавзуъҳо пешгирӣ гардад.

2. *Таъин кардани баромадкунандагон:* Ҳар ниҳоди давлатӣ ё муассиса як нафар баромадкунанда таъин мекунад, ки масъулияти пешниҳод ва шарҳи пурраи мавзӯи худро дошта бошад. Дар сурати мавзуъҳои умумӣ, ки ба якчанд ниҳод марбутанд, як баромадкунанда ҳамчун масъул интихоб мешавад, дигарон танҳо нуқтаҳои таъкидиро илова мекунанд. Баромадкунандагон бояд бо мавзӯи худ пешакӣ шинос шаванд ва ҷузъиёт ва рақамҳои муҳимро барои аудиория омода созанд.

3. *Тақвими баромадҳо ва муддати баромад*: Баромадҳо бояд пайдарпай ва бо тартиби мантиқӣ гузошта шаванд. Яъне натиҷаҳои стратегии кишвар, вазифаҳо ба самтҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Ҳар баромад 10 дақиқа ва бо мисолҳои мушаххас сурат мегирад, то такрор аз ҳадди аксар нигоҳ дошта шавад. Муҳлат ва мавзӯи баромад бояд пешакӣ ба баромадкунандагон эълон гардад.

4. *Ҳамоҳангсозии марказӣ*: Кумитаи (кумитаи тадорукот) масъули баргузории чорабинӣ (ё ниҳоди масъул) бояд тақвим ва нақшаи баромадҳоро пешакӣ таҳия ва тасдиқ кунад. Ҳар баромадкунанда бояд бо дигар баромадкунандагон ҳамоҳанг бошад, то мавзуъҳо такрор нашаванд ва аудиория ҳамеша диққат ва таваҷҷуҳро нигоҳ дорад. Дар ҳолатҳои зарурӣ, баромадкунандагон метавонанд нишондиҳандаҳои рақамӣ ё ҷадвалҳои ҷамъбастиро истифода баранд, то фаҳмиш равшан ва таъсирбахш бошад.

5. *Назорат ва самаранокӣ*: Кумита ё масъули чорабинӣ бояд такрори мавзӯъҳоро пешгирӣ кунад ва раванди баромадҳоро назорат намояд. Баромадкунандагон бояд масъулияти пурраи мавзӯи худ ва тафсилоти он дар назди ташкилкунанда ва иштирокчӣ (аудитория) дошта бошанд. Ин механизми ҳамоҳангсозӣ имкон медиҳад, ки арзиши стратегӣ ва ҳуқуқии Паём дуруст фаҳмонида шавад ва аудиория маълумоти пурра ва мукаммал қабул кунад.

Дар ниҳоят татбиқи механизми пешниҳодшуда барои тамоми ҷумҳурӣ ва ниҳодҳои давлатӣ:

1. *Пешгирӣ аз такрори баромадҳо;*
2. *Баланд бардоштани таъсир ва диққати аудитория;*
3. *Муайян ва равшан кардани масъулияти ҳар баромадкунанда;*
4. *Татбиқи пурраи принсипҳои куллият, пайдарпайӣ ва ҳамоҳангӣ дар шарҳу тавзеҳи Паём;*
5. *Баланд бардоштани сатҳи масъулияташиносӣ ва фаҳмиши стратегӣ-ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои давлатӣ.*

Баррасии таҳлилӣ нишон медиҳад, ки шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо фароянди фаҳмондадиҳӣ, балки як воситаи муҳими таъсиррасонӣ ба самаранокии идоракунии давлатӣ ва таҳкими фарҳанги сиёсӣ мебошад. Ин на танҳо ба иҷрои дастурҳои Президент мусоидат мекунад, балки ба таҳкими фарҳанги ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дар ҷомеа ва баланд бардоштани масъулияти мақомоти давлатӣ дар назди халқ хизмат мекунад. Аз ин лиҳоз, барои баланд бардоштани самаранокии фаҳмиш ва татбиқи санад, зарур аст як қатор принсипҳои илмӣ-амалӣ ва тавсияҳо амалӣ карда шаванд, ки имкон медиҳад:

-арзиши стратегӣ ва ҳуқуқии Паём пурра дарк гардад;

-аудитория ва мақомоти давлатӣ фаҳмиши ягонаи методологӣ ва сиёсиро ба даст оранд;

-самаранокии татбиқи дастурҳои Президент дар тамоми соҳаҳо афзоиш ёбад;

-фарҳанги сиёсӣ ва масъулиятшиносии мақомоти давлатӣ таҳким дода шавад.

Дар маҷмӯъ, ин принсипҳо ва тавсияҳо на танҳо механизми фаҳмондадиҳии Паёмро дуруст ташкил медиҳанд, балки як намунаи стандарти амалӣ барои идоракунии низоми демократӣ ва конститутсионӣ дар кишвар мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. 16.12.2025, шаҳри Душанбе [манбаи электронӣ] URL: https://www.president.tj/event/missives/54181, (санаи мурочиат 05.01.2026).

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ – таҷассумгари ойини давлатдорӣ ва мардумсолорӣ [манбаи электронӣ] URL: https://mts.tj/?p=3358 (санаи мурочиат: 10.01.2026)

3. Паём - роҳнамои зиндагии мо, [манбаи электронӣ] URL: https://dushanbe.tj/articles/861-payom-ro-namoi-zindagii-mo**,** (санаи мурочиат: 12.01.2026)

4. Аз паём то паём- таҳлили баъзе аз ҷанбаҳои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои он**,** манбаи электронӣ] URL: https://mo.tnu.tj/tj/az-pajom-to-pajom-ta-lil-baze-az-anba-oi-rushdi-um-urii-to-ikiston-va-durnamoi-on/, (санаи мурочиат 15.01.2026).

5. Барномаи "Аз Паём": Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ [манбаи электронӣ] (санаи мурочиат: 17.01.2026)

6. Паём – роҳнамои миллат. Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ва оммавӣ дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28 декабри соли 2023. Таҳти назари доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор У.С. Асрорзода ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Н.А. Қудратов. Душанбе, 2024. – 195 с.

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Пешвои Миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 “Яке аз муҳимтарин санадҳои сиёсиву стратегӣ маҳсуб меёбад, [манбаи электронӣ] URL: https://amit.tj/tj/payomi-prezidenti-chumkhurii-tochikiston-peshvoi-millat-mukhtaram-emomali-rakhmon-ba-machlisi-olii,(санаи мурочиат: 21.01.2026)

УДК 323.2:37

НАҚШИ ПАЁМҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ

РОЛЬ ПОСЛАНИЙ ЛИДЕРА НАЦИИ В ФОРМИРОВАНИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ В СФЕРЕ ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ

THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION'S ADDRESSES IN SHAPING STATE POLICY IN THE FIELD OF EDUCATION AND SCIENCE

НУРАЛИЗОДА Н.И., номзади илмҳои филологӣ, сармуҳарири маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон», и. в. дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Институти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии саёҳии ва соҳибкории Тоҷикистон, Нишонӣ: ш. Душанбе, к. Айнӣ-126. Тел.: 93-849-05-05; E-mail: noilsho@mai.ru

НУРАЛИЗОДА Н.И.– кандидат филологических наук, главный редактор журнала «Маорифи Тоҷикистон», и.о. доцента кафедры гуманитарных и естественно-математических дисциплин Института цифровых технологий и искусственного интеллекта Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: г. Душанбе, ул. Айни-126. Тел.: 93-849-05-05. E-mail: noilsho@mai.ru

NURALIZODA N.I. – candidate of philological sciences, Editor-in-Chief of the journal "Maorifi Tojikiston," Acting Associate Professor of the Department of Humanities and Natural-Mathematical Sciences, Institute of Digital Technologies and Artificial Intelligence, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: Dushanbe, Ayni Street 126. Tel.: 93-849-05-05 .E-mail: noilsho@mai.ru

Аннотатасия. Маориф ва илм дар ҳамаи давлатҳои мутамаддин ҳамчун рукнҳои асосии рушди устувор ва пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ эътироф мегарданд. Дар шароити ҷаҳони муосир онҳо на танҳо воситаи тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, балки механизми муҳимми таҳкими иқтидори зеҳнӣ ва эҷодии ҷомеа ба шумор мераванд. Мақола ба нақш ва аҳаммияти маорифу илм ҳамчун рукнҳои асосии рушди устувор ва пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар мақола марҳалаи таҳкими сифат ва стандарт (2010-2020) - такмили заминаҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои давлатӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгоронро дар такя ба Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, мавриди таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ қарор медиҳад. Таъкид мегардад, ки солҳои 2010-2020 ҳамчун давраи гузариш ба низоми муосири таҳсилот бо пояҳои устувори меъёрӣ ва механизми арзёбии сифат арзёбӣ мешаванд. Ин марҳала барои ворид шудани маорифи миллӣ ба марҳалаи нав – рақамикунонӣ ва инноватсия заминаи стратегӣ фароҳам овард. Хулоса мешавад, ки Паёмҳо дар ташаккули сиёсати миллӣ дар соҳаи маорифу илм нақши меҳварӣ дошта, ба рушди неруи инсонӣ ва худшиносии миллӣ мусоидат намуданд.

Калидвожаҳо: маориф, илм, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати давлатӣ, ислоҳоти маориф, марҳилаҳои рушди маориф, рақамикунонӣ, арзишҳои миллӣ.

Аннотация. Образование и наука во всех цивилизованных государствах признаются основными опорами устойчивого развития и экономического, социального и культурного прогресса. В условиях современного мира они выступают не только средством подготовки высококвалифицированных специалистов, но и важным механизмом укрепления интеллектуального и творческого потенциала общества. Статья посвящена роли и значению образования и науки как ключевых факторов устойчивого развития и всестороннего прогресса. Автор на основе Посланий Президента Республики Таджикистан, Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона, в историко-сравнительном аспекте анализирует этап укрепления качества и стандартов (2010–2020 гг.), включающий совершенствование нормативно-правовой базы, внедрение государственных стандартов и повышение профессионального уровня педагогов. Подчеркивается, что 2010–2020 годы оцениваются как период перехода к современной системе образования с устойчивыми нормативными основами и механизмами оценки качества. Данный этап создал стратегическую основу для перехода национальной системы образования к новому этапу – цифровизации и инновациям. Делается вывод, что Послания сыграли ключевую роль в формировании национальной политики в сфере образования и науки, способствуя развитию человеческого потенциала и национального самосознания.
Ключевые слова: образование, наука, Послания Президента Республики Таджикистан, государственная политика, реформы образования, этапы развития образования, цифровизация, национальные ценности.

Abstract. Education and science in all developed countries are recognized as the fundamental pillars of sustainable development and economic, social, and cultural progress. In the context of the modern world, they serve not only as a means of training highly qualified specialists, but also as an important mechanism for strengthening the intellectual and creative potential of society. The article is devoted to the role and significance of education and science as key components of sustainable development and comprehensive progress. Based on the Addresses of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation, Honorable Emomali Rahmon, the author analyzes, through a historical-comparative approach, the stage of strengthening quality and standards (2010–2020), including the improvement of the regulatory framework, the introduction of state standards, and the enhancement of teachers' professional competence. It is emphasized that the years 2010–2020 are assessed as a transitional period toward a modern education system with solid regulatory foundations and quality assessment mechanisms. This stage provided a strategic basis for the transition of the national education system to a new phase – digitalization and innovation. The conclusion is drawn that the Addresses played a central role in shaping national policy in the field of education and science, contributing to the development of human capital and national self-awareness.
Keywords: education, science, Addresses of the President of the Republic of Tajikistan, state policy, education reforms, stages of educational development, digitalization, national values.

Солҳои 2010-2020 дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси марҳилаи таърихии гузариш аз усулҳои анъанавӣ ба сӯйи низоми таҳсилоти босалоҳият ва мутамарказ ба сифат арзёбӣ мегардад. Дар ин давра давлат бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути Паёмҳои солона ба Маҷлиси Олӣ самтҳои асосии рушди маорифро муқаррар карда, заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои давлатии таҳсилот ва баланд бардоштани сифати таълимро ҳамчун масъалаи афзалиятнок эълон намуд. Ин марҳала қадами устуворе роҳ ба сӯйи таъмини таҳсилоти босифат, баробар, фарогир ва бо такя ба арзишҳои миллӣ буд. Ба андешаи Пешвои

миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «дар шароити ҷаҳонишавӣ истифодаи шеваҳои кӯҳна дигар самараи дилхоҳ намедиҳад. Аз ин рӯ, давлату Ҳукумат аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба пешрафти илму маориф ҳамчун пойдевори рушду тараққиёти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа диққати махсус зоҳир намуда, ин равандро муттасил идома медиҳад. Маҳз дар ҳамин давра барнома ва консепсияҳои муҳимми давлатӣ қабул гардиданд, ки барои амалӣ намудани ислоҳоти соҳаҳои илму маориф ва дар ин замина, беҳтар намудани шароити кории олимону омӯзгорон ва сатҳи таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот такони ҷиддӣ бахшиданд» [10].

Бо дарки амиқи нақши маориф дар ташаккули шуури миллӣ, ҳувияти фарҳангӣ ва пешрафти илмӣ-техникӣ, Ҳукумати кишвар дар ҳама марҳалаҳои рушди пасошуравӣ ба ин бахш афзалияти аввалиндараҷа додааст. Аз ҷумла, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2013 дастовардҳои калидии як даҳсолаи гузашта (2003-2013)-ро ҷамъбаст намуда, дар баробари мушаххас намудани ҳадафҳои минбаъда, саҳми муассири давлатро дар рушди инфрасохтори соҳаи маориф бо далелу рақамҳои аниқ баён менамоянд: «Дар зарфи 10 соли охир дар мамлакат беш аз 1000 мактаби ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои замони муосир бунёд гардидааст. Соли ҷорӣ маблағгузории соҳаи маориф дар ҳаҷми ду миллиарду 131 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки ин рақам дар муқоиса бо соли 2000-ум 57 баробар зиёд мебошад. Танҳо соли 2012 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо 248 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо 44 ҳазор ҷойи нишаст ба маблағи умумии 320 миллион сомонӣ ба истифода дода шуд» [12]. Ин далелҳо нишон медиҳанд, ки рушди соҳаи маориф на танҳо дар сухан, балки дар амал татбиқ гардида, мактаб ҳамчун бунёди маънавии ҷомеа ба маркази таваҷҷуҳи сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Таҳлили ин рақамҳо ва воқеиятҳои амалӣ барои дарёфти механизмҳои таъсирбахши сиёсати маориф, арзёбии дурнамои таҳаввулот ва муайянсозии таҷрибаи муваффақи миллӣ муҳим мебошад. Новобаста аз ин, Пешвои миллат таъкид мекунанд, ки «бо вуҷуди ин, дастовардҳои соҳаи маориф ҳанӯз ҳам моро қонеъ карда наметавонанд, зеро дар ин соҳаи муҳимми иҷтимоӣ мушкилоти ҳалношуда хеле зиёданд. Таҳлилҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки ҳолати таълим ва тарбия дар мактабҳои миёна беҳбудии ҷиддиро тақозо мекунад» [10]. Бинобар ин, дар солҳои 2011-2020 бо ташаббуси Пешвои миллат ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2012-2020 ва як қатор барномаҳои давлатии мукаммалу фарогир таҳия, қабул ва амалӣ гардиданд, ки ҳадафи аслии онҳо рушду инкишофи устувори низоми таҳсилоти босифат ва фароҳам овардани заминаҳои илмии он буд.

Навсозии таҳсил яке аз ҳадафҳои калидии Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2012-2020 ба ҳисоб мерафт ва ҳамчун омили муҳим дар ташаккул ва таҳкими арзишҳои нави фарҳанги ҳуқуқӣ нақши ҳалкунанда дошт. Ин раванд на танҳо ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, балки ба мутобиқ сохтани мазмун ва усулҳои таълим ба талаботи ҷомеаи муосир равона шуда буд. Тибқи ҳадафҳо ва вазифаҳои Стратегия, навсозии таҳсилот дар самтҳои зерин амалӣ гардид:

1. Тақвияти рушди зеҳнӣ ва ҷисмонии кӯдакон – таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои нави таълимӣ бо мақсади таъмини рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон ва омодасозии онҳо ба фаъолияти мунтазами маърифатӣ, аз ҷумла омодагии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ.

2. Гузариш аз модели донишандӯзӣ ба модели салоҳиятнокӣ – ислоҳ ва навсозии мазмуни таҳсилоти умумӣ бо дарназардошти талаботи таҳсилоти салоҳиятнок, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, арзишҳои демократӣ ва меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ такя мекунад.

3. Тарбия ва ташаккули фарҳанги рафтор – ворид намудани унсурҳои таълимӣ барои ташаккули рафтори хушахлоқона, малакаҳои ҳаётан муҳим, риояи тарзи ҳаёти

солим, донишҳои амалӣ оид ба амал дар ҳолатҳои фавқулода ва омодагӣ ба фаъолияти касбӣ.

4. Инкишофи таҳсилоти иловагӣ – такмил ва ғанисозии барномаҳои таҳсилоти иловагӣ бо мақсади васеъ кардани донишу тасаввуроти кӯдакон дар бораи муҳити атроф, шиносоии онҳо бо олами касбҳо ва мусоидат ба интихоби огоҳонаи самти оянда.

5. Таҳсилоти махсус ва фарогир – такмил додани ҳамкории байниидоравӣ барои таълиму тарбия, офиятбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии кӯдакони дорои эҳтиёҷоти махсус, дастгирии ташаббусҳои инфиродӣ, такомули шахсият ва фаъол намудани нақши оила дар иҷтимоикунонии кӯдак.

6. Навсозии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ – мутобиқ намудани мазмуни барномаҳо ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва эҳтиёҷоти оила, инчунин, мусоидат ба мутобиқшавии муваффақонаи мутахассисон дар бозорҳои меҳнати хориҷӣ.

7. Таҳсилоти олии касбӣ – ислоҳи мазмун ва сохтори таҳсилоти олӣ мутобиқ ба талаботи рушди иқтисодӣ ва вазифаҳои ташаккули элитаи зеҳнии кишвар.

Инчунин, навсозии таҳсил дар доираи Стратегияи мазкур ҳамчун воситаи муҳимми мутобиқсозии низоми маориф ба раванди ҷаҳонишавӣ, рушди иқтисоди муосир ва ташаккули насли нав бо ҷаҳонбинии илмӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ арзёбӣ мегардид. Дар робита ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки «бо дарназардошти вазъи ҷаҳони имрӯза изҳор медорам, ки мактабу маориф инчунин омили муҳимтарини амнияти миллӣ низ мебошад, зеро дар ҷаҳони пуртазоди имрӯза фақат насли наврасе, ки дониш ва касбу ҳунарҳои замонавиро хуб азхуд кардааст, метавонад дар оянда рушди босуботи иқтисодии кишварро таъмин намояд» [12]. Дар ҳамин замина, Стратегияи миллии рушди маориф яке аз механизмҳои калидии татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба ҳисоб мерафт ва тавонист як марҳалаи муҳимро дар роҳи гузариши маорифи тоҷик ба низоми босифат, рақамӣ ва ҷавобгӯ ба ниёзҳои замон таъмин намояд. Муваффақияти он дар такя ба сиёсати хирадмандонаи Роҳбарияти олии кишвар, дастгирии устувори молиявӣ ва ҷалби захираҳои инсонӣ асос ёфт.

Таҳсилоти томактабӣ ҳамчун зинаи аввали низоми миллии маориф ва марҳалаи муҳимми ташаккули шахсияти кӯдак шинохта мешавад. Ин зина пояи устувори рушди маънавӣ, равонӣ ва зеҳнии инсонро фароҳам оварда, таъсири мустақим ба сифати таҳсилоти минбаъда дорад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳо ба Маҷлиси Олӣ борҳо таъкид намудаанд, ки таҳсилоти томактабӣ бояд зинаи афзалиятноки сиёсати давлатӣ бошад, зеро он рушди инсонро аз поя таъмин мекунад. Бинобар ин, таъкид менамоянд, ки «бо вуҷуди кӯшишҳои пайгиронаи Ҳукумати мамлакат дар самти ба роҳ мондани шаклҳои наву алтернативии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, аз қабили марказҳои инкишофи кӯдакон, боғчаҳои бачагонаи хонагӣ ва монанди инҳо имрӯз ҳамагӣ даҳ фоизи кӯдакони синни томактабӣ ба ин зинаи таҳсилот фаро гирифта шудаанд. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки бо истифода аз тамоми воситаву имкониятҳо дар хусуси бунёди муассисаҳои томактабӣ ва фаро гирифтани шумораи ҳарчи бештари кӯдакон ба чунин муассисаҳо мунтазам чораҷӯӣ карда шавад» [10]. Маҳз дар партави чунин андешаи стратегӣ як қатор барномаҳои давлатии рушд дар асоси Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2012-2020 дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ дар Тоҷикистон таҳия ва амалӣ гардиданд. Аз ҷумла, бо дарназардошти зарурати фароҳам овардани муҳити мувофиқ барои рушди кӯдакон ва афзоиши фарогирии кӯдакони синни томактабӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ барои солҳои 2012-2016, Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ барои солҳои 2014-2019 ва Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи хусусӣ барои солҳои 2014-2020-ро тасдиқ намуд, ки ҳадафи онҳо такмили инфрасохтор, баланд бардоштани сифати омӯзиш,

тақвият бахшидани мавқеи шарикии давлат ва бахши хусусӣ оид ба ташкили муассисаҳои хусусии томактабӣ дар маркази шаҳру ноҳияҳо, васеъ кардани фарогирии кӯдакон ва таъмини муассисаҳо бо таҷҳизот, китоб ва лавозимоти таълимӣ буд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2015 самти таҳсилоти томактабиро чунин таҳлил мекунанд: «Соли гузашта [соли 2014 - Н. Н.] шумораи кӯдакистонҳо дар кишвар аз 508 ба 527 расида, шумораи кӯдаконе, ки дар ин муассисаҳо ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, қариб 80 500 нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2013 беш аз 4000 нафар зиёд мебошад. Ё худ дар кишвар соли 2012 711 марказҳои инкишофи кӯдакон амал мекарданд ва соли 2014 шумораи онҳо ба 1061 расида, 26 000 нафар кӯдаконро фаро гирифтаанд. Илова бар ин, дар мамлакат 12 кӯдакистони махсусгардонидашуда бо фарогирии қариб сеюним ҳазор кӯдак ва 34 кӯдакистони хусусӣ барои дуюним ҳазор нафар кӯдакон амал мекунад. Яъне имрӯз барои қариб 115 ҳазор кӯдак шароити муосири таълиму тарбияи томактабӣ фароҳам оварда шудааст» [13].

Бо вуҷуди ин, як қатор масъалаҳои ҳалталаб дар самти таҳсилоти томактабӣ боқӣ мондаанд. Аз ҷумла, фарогирии паст дар деҳоти дурдаст (дар баъзе ноҳияҳо то 5-7%); норасоии мутахассисони соҳибтахассус ва тавсеаи барномаҳои таълимии муосир ва технологияҳои рақамӣ. Вобаста ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2018 таъкид менамоянд, ки «дар доираи барномаҳои давлатӣ ва бо иштироки аҳолӣ дар се соли оянда беш аз 1050 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ бунёд карда мешавад, ки қисми зиёди онҳо дар деҳоти кишвар пешбинӣ гардидааст. Бо вуҷуди ин, ба Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илм, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода мешавад, ки рушди муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои томактабӣ ва то соли 2021 ба 30 фоиз расонидани фарогирии кӯдаконро ба зинаи таҳсилоти томактабӣ таъмин намоянд» [16].

Дар давоми солҳои 2012-2020 Тоҷикистон дар самти таҳким ва рушди таҳсилоти томактабӣ пешрафтҳои назаррас ба даст овард. Барномаҳои давлатӣ, ки дар партави сиёсати маорифпарварона Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардиданд, ба беҳбуди зерсохтор, фарогирии бештар ва ҷалби бахши хусусӣ мусоидат намуданд.

Яке аз дастовардҳои муҳим дар раванди татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2012-2020 қабули Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ ва Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ ба ҳисоб меравад. Ин санадҳои муҳимми меъёрӣ дар заминаи афзалиятҳои стратегии давлат таҳия гардида, барои мутобиқсозии низоми таҳсилот ба талаботи ҷомеаи муосир ва бозори меҳнати миллӣ ва байналмилалӣ заминаи устувор фароҳам оварданд. Маҳз бо қабули ин стандартҳо дар низоми таҳсилоти Тоҷикистон принсипҳои зерин мавқеи марказӣ пайдо карданд:

1. Таъмини сифати таҳсилот, ки ҳадафи он баланд бардоштани сатҳи дониш, малака ва салоҳиятҳои хонандагон мебошад.

2. Густариши муносибати босалоҳият дар таълим, ки ба ҷараёни таълим ҳамчун воситаи ташаккули шахсияти соҳибмаърифат, ташаббускор ва қобили рақобат менигарад.

3. Таҳкими асоси миллии мазмуни таҳсилот, ки бо мақсади тарбия намудани насли ватандӯст, худшинос ва боарзишҳои миллию умумибашарӣ сурат гирифтааст.

Ба таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, рушди соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлати мо эълон шудааст. Тақозои замон ин аст, ки сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ бояд пайваста боло равад, ба талаботи таҳсилот дар кишварҳои пешрафта ва бозори меҳнати ватаниву ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад. Ин вазифа низ аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегии давлати мо дар соҳаи маориф буда, барои муваффақ шудан ба он бояд дастаҷамъона талош варзем» [9].

Қабули стандартҳои давлатии таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ яке аз заминаҳои асосии навсозии низоми маорифи Тоҷикистон дар марҳалаи стратегияи миллии рушд

ба ҳисоб меравад. Онҳо на танҳо барои мутобиқсозии мазмуни таълим ба ниёзҳои муосир мусоидат карданд, балки заминаи татбиқи ислоҳоти бунёдӣ дар соҳаи маорифро низ фароҳам сохтанд. Бо истифода аз ин стандартҳо, низоми таҳсилот ба марҳалаи нав – марҳалаи таъмини сифат, салоҳиятнокӣ ва мазмуни миллӣ ворид гардид, ки барои ташаккули насли нави бо дониш, дорои малака ва ҷаҳонбинии замонавӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Масъалаҳои такмили инфрасохтори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим ва таъмини муассисаҳо бо китобҳои дарсӣ ва дигар маводи таълимӣ дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (2011, 2014, 2016, 2017, 2019) махсус таъкид гардидаанд. Афзоиши аҳолӣ ва зиёд шудани шумораи хонандагон зарурати бунёди муассисаҳои нави таълимиро ба миён овард. Пешвои миллат зикр менамоянд: «Дар замони истиқлолият дар соҳаи маориф ҷиҳати бунёди муассисаҳои нави таълимӣ ва таҷдиду барқароркунии таълимгоҳҳои мавҷуда дигаргуниҳои зиёде ба амал омада, бевосита тавассути дастгирии давлат дар миқёси кишвар 1200 бинои мактаби ҳозиразамон барои 311 ҳазор ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шуд. Аз соли 1998 то имрӯз 14 лоиҳаи сармоягузорӣ бо арзиши умумии 720 миллион сомонӣ амалӣ мешавад» [9].

Тавре аз Паёмҳои Сарвари давлат бармеоянд, Ҳукумати мамлакат дар солҳои минбаъда маблағгузориро барои сохтмон ва таҷдиди муассисаҳои таълимӣ афзоиш дода ва бо ин тадбирҳо садҳо муассиса азнавсозӣ гардида, мушкилиҳо дар ин самт то ҳадде коҳиш ёфтанд. Сарвари давлат дар ин маврид таъкид менамоянд, ки «мо дар соҳаи илму маориф иқдомоти ҷиддиро роҳандозӣ карда, ислоҳот ва навсозиро босуръат пеш бурда истодаем. Соли 2017 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо ҷиҳати сохтмон ва азнавсозии муассисаҳои таълимӣ зиёда аз 400 миллион сомонӣ сарф гардида, 24 ҳазор ҷойи нишаст муҳайё карда шуд. Соли 2018 ин раванд идома ёфта, маблағҳои буҷети давлатӣ ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба ин самт равона карда мешаванд» [15].

Яке аз самтҳои муҳимми ислоҳоти соҳаи маориф дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ин давра гузариш ба муносибати босалоҳият (салоҳиятнокӣ) ба таълим буд. Ин мазмун нишон медиҳад, ки таълим бояд ба рушди қобилияту малакаҳои хонандагон равона карда шавад. Аз ин рӯ, Пешвои миллат ҳамеша таъкид мекунанд, ки сифати таҳсилот бояд ҷавобгӯи талаботи замони муосир бошад ва муассисаҳои таълимӣ бояд на танҳо дониш, балки малакаи амалии хонандагонро рушд диҳанд. «Омӯзгор дар меҳвари соҳаи маориф қарор дорад ва сатҳу сифати дониши шогирдон ва тарбияи шоистаи онҳо маҳз ба донишу таҷриба, малакаву маҳорати касбӣ, усули таълим ва дигар паҳлуҳои фаъолияти шахсии омӯзгор вобастагии зич дорад» [12].

Дар ҳамин замина, муносибати босалоҳият (компетентностӣ) ба сифати яке аз самтҳои муҳимми ислоҳоти низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ пазируфта шуд. Моҳияти муносибати босалоҳият аз он иборат аст, ки хонандагон на танҳо маҷмуи донишҳои назариявиро аз худ намоянд, балки қобилияти истифодаи дониш, малака ва таҷриба дар шароити воқеии зиндагиро ба даст оранд. Ба ибораи дигар, таълим на ба азёдкунӣ, балки ба таҳия ва ташаккули малакаҳои амалии ҳаётӣ равона карда шуд. Бинобар ин, стандартҳои давлатии таҳсилоти умумӣ тадриҷан ба намунаи нави салоҳиятнокӣ мутобиқ карда шуданд. Дар ин замина, стандартҳо на танҳо донишҳои ҳатмиро муайян менамуданд, балки маҷмуи салоҳиятҳои асосӣ ва калидии хонандагонро низ дарбар гирифтанд. Аз соли 2013 то 2017 Вазорати маориф ва илм бо дастгирии шарикони рушд китобҳои дарсӣ ва барномаҳои нави таълимиро бо назардошти муносибати салоҳиятнокӣ омода кард. Омӯзиши такмили ихтисоси омӯзгорон дар самти методикаи нави таълим ва истифодаи усулҳои фаъол роҳандозӣ шуд. Лоиҳаи «Дастгирии ислоҳоти

соҳаи маориф» (бо дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ) ва як қатор ташаббусҳои дигар имконият доданд, ки таҷрибаи муносибати салоҳиятнокӣ дар амал татбиқ шавад.

Дар натиҷаи татбиқи муносибати салоҳиятнокӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ як қатор пешрафтҳо, аз ҷумла, ба ташаккули малакаҳои амалӣ дар хонандагон (истифодаи компютер, технологияҳои иттилоотӣ, малакаи кор бо манбаъҳо), баланд шудани нақши фанҳои дақиқ ва забонҳо ва рушди усулҳои интерактивии таълим ноил гардиданд.

Дар маҷмуъ, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2020 ҳамчун ҳуҷҷатҳои роҳнамо барои соҳаи маориф хизмат намуда, барои беҳсозии инфрасохтори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим ва таъмини муассисаҳо бо китобҳои дарсӣ заминаи устувор фароҳам оварданд. Ин иқдомҳо ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, такмили неруи инсонии кишвар ва таҳкими пояҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон мусоидат намуданд.

Пояи ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа аз оила ибтидо мегирад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханронӣ ва Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намудаанд, ки таълиму тарбияи насли наврас танҳо вазифаи мактаб нест, балки, пеш аз ҳама, масъулияти оила ва падару модар мебошад**.**

Дар ҳамин замина, яке аз иқдомҳои муҳим дар сиёсати давлатӣ дар оғози даҳсолаи дуюм, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011) мебошад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз медоранд, ки «мо лоиҳаи қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро ҳамчун яке аз муҳимтарин санадҳои батанзимдарорандаи одобу ахлоқ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон арзёбӣ менамоем. Зеро равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеаи муосири башарӣ собит месозанд, ки имрӯз сатҳи пешрафту инкишофи ҳаёти маънавии инсониятро на шумораи зиёди аҳолӣ ва сарватҳои моддӣ, балки ахлоқи ҳамида, тарбияи нек, рушду нумуи илму маориф ва техникаву технологияҳои муосир муайян мекунад.
Амалӣ шудани қонуни мазкур натанҳо падару модар, балки роҳбарони муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот, омӯзгорон, ҷомеа ва давлатро вазифадор менамояд, ки ба масъалаи таълиму тарбияи фарзанд диққати махсус диҳанд» [9] .

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба таҳкими маданияти тарбиявии волидайн ва баланд бардоштани сатҳи масъулияти иҷтимоии онҳо нақши муассир гузошт. Пас аз қабули қонун, дар шаҳру ноҳияҳо ва деҳот механизмҳои гуногуни тавсеаи маърифати ҳуқуқии ҷомеа фаъол гардиданд. Аз ҷумла, фаъолияти Шурои волидайн ва комиссияи махсус дар муассисаҳои таълимӣ густариш ёфта, вохӯриҳо, семинарҳои тарбиявӣ, барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ ба шарҳи муқаррароти қонун ва ташаккули тафаккури ҳуқуқии падару модар мусоидат намуданд. Қонун ба волидайн имкон дод, ки натанҳо ҳамчун шахсони ҷавобгар барои таълиму тарбияи фарзанд шинохта шаванд, балки ба сифати шарикони фаъоли муассисаҳои таълимӣ дар раванди таълиму тарбияи кӯдакон иштирок намоянд. Хусусан, дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, ки асоси ахлоқиву маънавии кӯдак ташаккул меёбад, иҷрои моддаҳои қонун натиҷаҳои мусбат ба бор овард. Тибқи маълумоти расмии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар солҳои баъди қабули қонун (аз соли 2011) мизони содиршавии ҷиноятҳо аз ҷониби ноболиғон коҳиш ёфт. Таҳлилгарон ин равандро бо тавсеаи татбиқи муназзами қонун ва ҷорӣ гардидани назорати муассир аз сӯйи ниҳодҳои дахлдор алоқаманд медонанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ҳамчун яке аз санадҳои муҳимми меъёрии ҳуқуқӣ дар самти тарбияи насли наврас, таҳкими асосҳои маънавию ахлоқии ҷомеа ва боло бурдани сатҳи

масъулиятшиносии волидайн дар назди фарзандон ва давлат, инчунин, заминаи боэътимоди ҳуқуқиро ба вуҷуд овард.

Бо гузашти вақт ва бо дарназардошти талаботи ҷомеаи муосир, таҷрибаи татбиқи амалии қонун ва зарурати ҳалли масъалаҳои нав дар соҳаи таълиму тарбияи кӯдакон, қонуни мазкур дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардид. Тибқи ин таҳрир, номи он ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак» (2024) иваз карда шуд.

Қонуни нав на танҳо волидайн, балки тамоми табақаҳои ҷомеаро уҳдадор месозад, ки барои фароҳам овардани муҳити солим, аз лиҳози ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҷиҳати таълиму тарбияи кӯдак саҳмгузор бошанд. Аз ин рӯ, он дар низоми қонунгузории кишвар мақоми муҳим ва таъсиргузорро ишғол намуда, заминаи ҳуқуқию маънавиро барои ҳифзи манфиатҳои беҳтарини кӯдак, таҳкими масъулиятшиносии волидайн ва рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак фароҳам месозад.

Татбиқи пайгирона ва ҳамаҷонибаи қонуни мазкур ба таҳкими фарҳанги ҳуқуқии оилавӣ ва тарбияи инсонпарваронаи насли наврас мусоидат намуда, ҷиҳати бунёди ҷомеаи солим ва пешрафта саҳми назаррас мегузорад.

Дар шароити муосири рушди илм, техника ва технология, яке аз ҷузъҳои муҳимми баланд бардоштани сифати таҳсилот дар кишварҳо, махсусан, кишварҳои рӯ ба рушд, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо пояҳои муосири моддиву техникӣ мебошад. Бе таҷҳизоти фаннӣ ва озмоишгоҳҳои замонавӣ, дар шароити омӯзиши анъанавӣ ва бе истифодаи технологияҳои муосир, мутобиқ намудани мазмуни таҳсилот ба талаботи бозори меҳнат ва таҳаввулоти илмӣ-таҳқиқотӣ мушкил хоҳад буд. Масъалаи таҳкими пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, дар солҳои 2010, 2011, 2017 ва 2018 ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат дар соҳаи маориф таъкид шудааст. Пешвои миллат пайваста изҳор менамоянд, ки сатҳи сифати таҳсилот мустақиман ба вазъи инфрасохтори таълимӣ ва таъминоти муассисаҳо бо таҷҳизоти зарурии фаннӣ вобастагӣ дорад. «Моро зарур аст, ки боз ҳам зиёдтар заҳмат кашида, ба масъалаи таълиму тарбия афзалияти бештар диҳем, сатҳу сифати таълимро дар ҳамаи зинаҳо беҳтар кунем, барои таҳсилоти босифат аз тамоми имконот истифода карда, заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимиро таҳким бахшем ва самарабахшии фаъолияти онҳоро таъмин намоем» [15].

Бо мақсади татбиқи ин ҳидоятҳо ва ба роҳ мондани таҷҳизонидани муассисаҳои таълимӣ бо воситаҳои замонавӣ, ду барномаи муҳимми давлатӣ таҳия ва амалӣ гардиданд: Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳо барои солҳои 2011-2015 ва Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020**.**

Дар доираи татбиқи ин барномаҳо, муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва таҷҳизоти озмоишгоҳии муосир таъмин гардиданд. Афзалият ба истифодаи технологияҳои рақамӣ**,** воситаҳои визуалӣ**,** асбобҳои озмоишии муосир ва таҷҳизоти интерактивӣ дода шуд. Бо ҷалби маблағгузории иловагӣ аз ҳисоби лоиҳаҳои хориҷӣ ва саҳмгузории шариконӣ рушд, ворид ва насб намудани таҷҳизоти муосир дар мактабҳо таъмин карда шуд. Ҳамзамон, омӯзиши фанҳои табиӣ ва риёзӣ дар як қатор муассисаҳо бо истифода аз таҷҳизоти фаннӣ ба роҳ монда шуд.

Тибқи иттилои расмӣ, танҳо дар давраи амалишавии Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳо барои солҳои 2011-2015 муассисаҳои таълимӣ бо 2908 кабинети фаннӣ таъмин гардиданд. [3, с.14].

Ин барнома заминаи воқеӣ барои тавсеаи омӯзиши амалии фанҳои табиӣ ва техникӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фароҳам овард. Амалисозии барномаҳои

мазкур на танҳо ба такмили инфрасохтори таълимӣ мусоидат намуд, балки ба баланд шудани шавқи хонандагон ба фанҳои табиӣ, такмили қобилиятҳои амалӣ ва таҳкими таҳсилоти касбӣ-техникӣ низ таъсири назаррас гузошт. Мактабҳои деҳоти дурдаст низ ба таври нисбӣ бо таҷҳизоти фаннӣ таъмин гардиданд, ки ин ба баробарсозии дастрасии хонандагон дар тамоми қаламрави кишвар мусоидат намуд.

Таҳкими пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ ҳамчун як самти стратегии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва мутобиқсозии он ба талаботи асри XXI мусоидат мекунад. Барномаҳои давлатии амалигардида дар солҳои 2011-2020 дар ин самт нақши муҳим дошта, намунаи ҷиддии муносибати мақсадноки ҳукумати кишвар ба рушди соҳаи маориф маҳсуб меёбанд. Идомаи чунин барномаҳо ва тавсеаи иқтидори инфрасохторӣ, кафолати муҳим барои рушди устувори соҳаи таҳсилот дар кишвар хоҳад буд.

Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи муҳимми зерсохтори таълимӣ мавқеи хос доранд. Онҳо вазифаи аслии худро дар самти такмил ва ғанисозии донишу малакаҳои хонандагон, рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии онҳо, ҳамчунин, мусоидат ба интихоби огоҳонаи касбу ҳунар иҷро менамоянд. Дар ин замина, таҳсилоти иловагӣ на танҳо иловапуркунандаи барномаҳои асосии таълимӣ, балки воситаи таъсирбахш дар қонеъ гардонидани майлу рағбат ва талаботи маънавии кӯдакон, наврасон ва ҷавонон ба шумор меравад.

Бо дарназардошти тағйироти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар даҳсолаи дуюми асри XXI, тавассути дастгириҳои Пешвои миллат низоми таҳсилоти иловагӣ низ мавриди ислоҳоти назаррас қарор гирифт. Қадами калидӣ дар ин раванд қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» (2012) мебошад, ки меъёрҳои ташкиливу ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва молиявии фаъолияти ин муассисаҳоро муқаррар менамояд ва заминаи ягонаи ҳуқуқӣ барои рушди он фароҳам меорад. Дар асоси ин қонун як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стратегӣ таҳия ва тасдиқ гардиданд, ки барои такмил ва ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ хизмат менамоянд. Аз ҷумла:

- Консепсияи рушди таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасон, ки самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар ин бахшро муайян мекунад;

- Стратегияи инкишофи муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки марҳилаҳои амалисозии ислоҳот ва нишондиҳандаҳои интизоршавандаро муқаррар менамояд;

- Стандарти давлатии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, ки талаботи ягона ба мазмун, шакл ва натиҷаҳои фаъолияти таълимиро пешбинӣ менамояд;

- барномаҳои байниидоравӣ ва низомномаҳои соҳавӣ, ки механизмҳои ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳои вазорату идораҳоро муайян месозанд.

Амалӣ гардидани ин санадҳо ба рушди инфрасохторӣ ва методии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, такмили заминаи моддиву техникӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои инноватсионии таълим ва ташкили маҳфилу марказҳои эҷодӣ мусоидат кард. Аз ҷумла, «тибқи маълумоти оморӣ 83 маркази таҳсилоти иловагӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар соли таҳсили 2014-2016 1411 маҳфил ва 48646 нафар фаъолият кардаанд» [3, с. 27]. Ҳамзамон, таваҷҷуҳи бештар ба тарбияи насли соҳибистеъдод, ташкили озмунҳои фаннӣ ва эҷодӣ, фестивалҳо ва барномаҳои истироҳативу фароғатӣ дода шуд, ки дар маҷмуъ ба баланд бардоштани сифати таълим ва вусъат бахшидани имкониятҳои рушди шахсият мусоидат менамояд.

Бо дарназардошти аҳаммияти рӯзафзуни таҳсилоти иловагӣ дар рушди неруи инсонӣ, зарурати таҳкими минбаъдаи заминаҳои ҳуқуқӣ, васеъ намудани дастрасӣ ба ин навъи таҳсилот, инчунин, ҷалби сармоягузории давлатӣ ва хусусӣ барои рушди инфрасохтори он дар солҳои оянда эҳсос мегардад.

Ҷаҳони муосир бо шиддатёбии раванди ҷаҳонишавӣ ва афзоиши рақобати зеҳнӣ тавсиф мешавад. Дар чунин шароит, рушди устувори ҷомеа, таҳкими иқтидори илмӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар аз сатҳи маориф, неруи зеҳнӣ ва сиёсати самараноки давлатӣ вобастагии мустақим доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чанд соли охир дар ин самт тавассути роҳандозии барномаҳои давлатӣ, ба рушди неруи инсонӣ ва дарёфти истеъдодҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст.

Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020, ки бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул гардид, бо ҳадафи ташаккули низоми муассири ҷустуҷӯ ва дастгирии ҷавонони лаёқатманд таҳия шуд. Тибқи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ: «Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат «Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020» қабул гардид, ки тибқи он дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо марказҳои таълимию тарбиявӣ барои кӯдакони лаёқатманд ташкил карда мешаванд» [14]. Мақсад аз ташкили марказҳои мазкур ин фароҳамоварии шароити мусоид барои омӯзиши амиқи фанҳо, таҳияи низоми мукаммали дарёфти истеъдодҳо дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди эҷодӣ ва касбии кӯдакону ҷавонони боистеъдод, таҳкими ҳамкории байни муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ дар самти рушду парвариши истеъдодҳо мебошад.

Бо амалӣ шудани Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020 як қатор дастовардҳои назаррас дар самти ташаккули низоми устувори дарёфт ва рушди неруи зеҳнии наврасону ҷавонон ба даст омаданд. Аз ҷумла, фаъолияти Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар назди Вазорати маориф ва илм бо тарҳи нав ва сохтори муосир тақвият ёфт, ки он ҳамчун маркази ҳамоҳангсози ҷумҳуриявӣ дар татбиқи сиёсати рушди истеъдодҳо нақши муҳимро иҷро намуд. Ҳамзамон, инфрасохтори дахлдори дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ташкил ва ба фаъолият шурӯъ кард, ки шароити беҳтари фарогирии наврасон ва ҷавонони лаёқатмандро, махсусан дар минтақаҳои дурдаст фароҳам оварда.

Баробари ин, шабакаи литсейҳо ва мактабҳои президентӣ, ки маҳз барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва таълиму тарбияи насли боистеъдод таъсис ёфтаанд, васеъ гардида, бо таҷҳизоти муосири таълимӣ ва муҳити мусоиди таълимӣ муҷаҳҳаз шуданд. Маҳз дар партави чунин тадбирҳо ҳар сол садҳо нафар хонандагону донишҷӯён дар озмунҳо, олимпиадаҳои фаннӣ ва чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштирок намуда, даҳҳо ҷойҳои ифтихорӣ ва мукофотҳои сазовор ба даст оварданд, ки он гувоҳи рӯшани самаранокии татбиқи барнома ва неруи зеҳнии ҷавонони тоҷик мебошад. «Агар шумораи иштирокчиёни олимпиадаи ҷумҳуриявӣ дар соли 2009 588 нафарро ташкил дода бошад, дар соли 2015 шумораи онҳо ба 1330 нафар расидааст. Ё худ, агар теъдоди ғолибони олимпиадаи байналмилалӣ дар соли 2010 96 нафарро ташкил дода бошад, дар соли 2015 ин нишондод ба 148 нафар расид» [3, с. 15].

Мавриди зикр аст, ки дар доираи барномаи мазкур механизмҳои ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии иҷтимоӣ барои шахсони боистеъдод такмил ёфта, стипендияҳои мақсаднок барои ҷавонони лаёқатманд муқаррар ва роҳандозӣ гардиданд. Ҳамчунин, бо мақсади тавсеаи имкониятҳои таҳсилу рушд, барномаҳои ҷалби истеъдодҳо ба таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ватанӣ ва хориҷӣ вусъат ёфта, барои даҳҳо нафар шароити таҳсили босифат фароҳам гардид.

Бо такя ба таҷрибаи марҳалаи аввал, марҳалаи дуюми Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025 таҳия ва татбиқ гардид. Барномаи нав ба густариши марказҳо, тақвияти мустақилияти молиявӣ, таъсиси биноҳои алоҳида ва фароҳам овардани воҳидҳои омӯзгорӣ аз фанҳои гуногун равона гардид. Айни замон, дар ҷумҳурӣ 73 маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо фаъолият дорад, ки 53 марказ бо мустақилияти молиявӣ, 8 марказ бо бинои алоҳида ва 17 марказ бо

воҳидҳои кории омӯзгорӣ аз ҳамаи фанҳо таъмин мебошанд. Азбаски ҳамагӣ 8 марказ бинои алоҳида дорад, 65 маркази дигар машғулиятҳои таълимиро дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба роҳ мондааст. Тибқи маълумоти мутахассисон иштироки хонандагони тоҷик дар олимпиадаҳои байналмилалӣ сол аз сол зиёд ва сифати онҳо низ беҳтар гардидааст. «Соли 2022 хонандагони кишвар дар 23 олимпиада ва соли 2023 дар 34 олимпиадаи лоиҳавӣ, фосилавӣ ва байналмилалӣ иштирок намуданд. Агар соли 2021 1054 нафар хонанда дар олимпиадаҳои байналмилалӣ ширкат варзида, 643 ҷойи намоѐнро ба даст оварда бошанд, соли 2023 13090 хонанда дар ин сабқатҳо ширкат варзида, 1184 ҷойи намоѐнро ба даст оварданд, ки ин нишондиҳанда мутаносибан аз 84% бештар мебошад. Дар баробари афзоиши теъдоди ғолибони олимпиадаҳои байналмилалӣ, сатҳ ва сифати иштирок дар олимпиадаҳо беҳтар гардида, ба олимпиадаҳои байналмилалии сатҳи баланд бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд. Аз ҷумла, соли 2023 хонандагони ҷумҳурӣ дар олимпиадаҳои бонуфуз, аз қабили IMEC, Архимед, TeenEgle, Stem, Isi Junior, WRO, Жаутиков, BIMC, HIPPO, EGMO, Ал-Берунӣ, JBMO, IMO, Математекаи зеҳнӣ, EuPhO, Менделеев, APhO, APMO, IBO, IPhO, ICHO, Copernicus ширкат варзиданд» [5, с. 20].

Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар марҳалаҳои татбиқаш (2015-2020 ва 2021-2025) ба ташаккули низоми самараноки дастгирии ҷавонони боистеъдод дар Тоҷикистон заминаи воқеӣ гузошт. Бо таҳкими инфрасохтор, ташкили механизмҳои ҳавасмандсозӣ ва тавсеаи имкониятҳои таҳсилу рушд, кишвар тавонист зарфияти неруи зеҳнии насли наврасро фаъол намуда, мавқеи худро дар сатҳи байналмилалӣ устувор намояд. Тақвияти минбаъдаи барнома ва ҷалби бештари шарикони рушди маориф метавонад омили муҳим дар расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар бошад.

Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ яке аз зинаҳои муҳимми соҳаи маорифи кишвар буда, иқтисоди миллиро бо мутахассисони соҳибкасб таъмин менамоянд ва дар рушди ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ ҳиссагузор мебошанд.

Соли 2012 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи соҳаи таҳсилоти касбиро таҳлил карда, ба чунин хулоса омаданд: «Имрӯз соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар тамоми ҷаҳон яке аз зинаҳои асосӣ ва афзалиятнок ба шумор меравад, зеро ин муассисаҳо вобаста ба талаботи бозори меҳнат мутахассисони соҳаҳои гуногунро омода месозанд. Мутаассифона, фаъолияти низоми мазкур дар кишвари мо ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Бинобар ин, вобаста ба талаботи бозори меҳнати ватанӣ ва ҷаҳонӣ омода намудани кадрҳои коргарӣ барои кишвари мо амри зарурӣ буда, масъалаи васеъ намудани шабакаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба миён омадааст» [10].

Дар робита ба ин, масъулини таҳсилоти касбӣ аз ҷониби Пешвои миллат вазифадор шуданд, ки дар мутобиқсозии мундариҷа ба талаботи иқтисодиёт, тавсеаи таҳсилоти амалӣ, ҷалби корфармоён ба барномарезӣ ва арзёбии натиҷаҳои таълим фаъолиятро пурзӯр намоянд. Тавре аз маълумоти Вазорати маориф ва илм бармеояд, «дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ зиёда аз 30 ҳуҷҷати меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия ва бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда, дастраси кормандони муассисаҳои миёнаи касбӣ гардонда шудаанд» [3, с. 53]. Аз ҷумла, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ соли 2010 тасдиқ шуд.

Дар доираи иҷрои Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-20015 бошад, аз оғози соли 2012 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба низоми кредитии таҳсилот шурӯъ карданд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз медоранд, ки «мо аз соли 2010-ум инҷониб зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро самти афзалиятнок эълон кардаем. Дар ин давра барномаи давлатии рушди муассисаҳои тарбияи кадрҳои коргарӣ қабул гардида, нақшаву барномаҳои таълимии онҳо таҷдиди назар карда шуданд. Имрӯз зарур аст, ки заминаҳои

моддиву техникӣ ва имкониятҳои кадрии ин муассисаҳо ба таври ҷиддӣ беҳтар карда шаванд ва бо дарназардошти он, ки талаботи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ мунтазам тағйир меёбад, бояд дар ин самт чораҳои саривақтиву муассир андешида шаванд» [11].

Вобаста ба иҷрои ин дастуру супоришҳо як қатор барномаҳои миллӣ ва лоиҳаҳои байналмилалӣ амалӣ шуданд, аз ҷумла, Лоиҳаи «Қавигардонии таҳсилоти касбӣ» бо дастгирии Бонки Осиёии Рушд, ки ба таҷдиди муассисаҳо, ҷорӣ намудани моделҳои модулӣ ва тақвияти ҳамкории бахши хусусӣ равона гардид.

Тавре аз муқоисаҳо бармеоянд, дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ афзоиши муассисаҳои таълимӣ ва фарогирии донишҷӯён ба онҳо зиёд гардидааст: «Дар давраи якуми соҳибистиқлолӣ (соҳои 1991-2001) шумораи муассисаҳои таълимӣ аз 43 то 50 адад расида, теъдоди донишҷӯён 23 ҳазор нафарро ташкил медод. Дар давраи дуюми соҳибистиқлолӣ (2002-2016) шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ рӯ ба афзоиш ниҳода, аз 50 то 65 адад расид ва теъдоди донишҷӯён низ ба 44 ҳазор афзуда, то 67, 105 нафарро ташкил дод» [3, с. 42].

То соли 2019 шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба 75 адад расида, дар онҳо тайёркунии мутахассисон аз рӯи беш аз 160 ихтисос роҳандозӣ шуд. Инфрасохтори таълимӣ қисман таҷдид гардид ва шумораи донишҷӯён тамоюли афзоиш пайдо намуд.

Солҳои 2010-2020 давраи мустаҳкамсозии заминаҳои меъёрӣ, идорӣ ва инфрасохтории таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар Тоҷикистон буд. Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ бо таъкиди ҳамгироии таълим бо бозори меҳнат, саҳмгузории бахши хусусӣ, навсозии стандартҳо ва таҷҳизонидани муассисаҳои касбӣ, ташаккули низомҳои арзёбӣ ва гузариш ба моделҳои муосири тайёркунии мутахассисон роҳнамо гардиданд. Ин сиёсат бо «Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2012-2020» ҳамгирост.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ (2015) самтҳои асосии ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мушаххас карда шуданд. Вобаста ба ин, қабули низоми кредитӣ ҳамчун як қадами ҷиддӣ барои ҳамоҳангсозии таҳсилоти олии касбии кишвар бо меъёрҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва таҳкими рақобатпазирии мутахассисон арзёбӣ мегардад. «Бо сабаби ба низоми кредитӣ гузаштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар роҳбарони ин муассисаҳоро зарур аст, ки меъёрҳои дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшударо пурра татбиқ намоянд ва доир ба масъалаи омӯзиши технологияҳои инноватсионӣ, ворид намудани таҷҳизоти ҳозиразамон ва ба ин восита самаранок гардонидани сифати таълим тадбирҳои ҷиддӣ андешида, ба забономӯзии донишҷӯён ва ба ҷойи кор ҳозир шудани хатмкунандагон диққати махсус диҳанд» [13].

Ин мазмун ифодагари он аст, ки низоми кредитӣ на танҳо шакли ташкилии раванди таълим, балки омили мутобиқсозии он ба талаботи бозори ҷаҳонии меҳнат мебошад. Ҳамчунин, ин тадбирҳо имконият фароҳам меоранд, ки раванди таълим аз шакли суннатӣ ба шакли инноватсионӣ гузарад, аз ҷумла, истифодаи озмоишгоҳҳои муосир, лабораторияҳои рақамӣ ва системаҳои идоракунии электронӣ. Ва дигар ин ки яке аз самтҳои муҳимми таълими кредитӣ омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат мебошад. Дар ин маврид тавре Пешвои миллат таъкид менамоянд, бояд ба забономӯзии донишҷӯён ва таъмин намудани хатмкунандагон бо ҷойи кор диққати махсус дода шавад. Забономӯзӣ, бахусус, омӯхтани забонҳои хориҷӣ, шарти асосии воридшавӣ ба фазои ҷаҳонии илм ва технология ба ҳисоб меравад.

Дар ин раванд роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҷониби Роҳбари давлат вазифадор шуданд, ки ҷиҳати ҷалби донишҷӯён ба маҳфилҳои илмии мубоҳисавӣ, таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва кашфиёту ихтироъкорӣ грантҳои хурд

ҷудо кунанд [13]. Ин иқдом ба ташаккули насли нави муҳаққиқон, ихтироъкорон ва соҳибкори инноватсионӣ мусоидат кард. Ҷалби донишҷӯён ба маҳфилҳои илмӣ ва дастгирии лоиҳаҳои хурд муҳити эҷодкориро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ тақвият бахшид.

Ҳамин тавр, дастури Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои низоми таҳсилоти олӣ ҳамчун дастуруламал хизмат намуда, зарурати татбиқи низоми кредитӣ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, ворид намудани таҷҳизоти муосир, такмили забономӯзӣ ва ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти илмиро ба миён гузошт. Ин сиёсати давлатӣ ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва рушди неруи инсонии кишвар мусоидат намуд.

Таъмини шаффофият ва адолати иҷтимоӣ дар раванди қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ яке аз ҳадафҳои устувори сиёсати давлатии соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо иқдоми бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардид, аз ислоҳоти муҳимми сохторӣ ва мазмунӣ дар низоми маорифи миллӣ мебошад. Маркази миллии тестӣ соли 2008 ҳамчун муассисаи давлатии тобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда буд. «Бо назардошти мақсад ва вазифаҳои дар назди муассиса гузошташуда, масъулият ва аҳаммияти натиҷаи фаъолияти он дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, махсусан, соҳаи маориф ва таъсири он ба рушди минбаъдаи кишвар Маркази миллии тестӣ дар соли 2014 баъди ба истифода додани бинои наву муосири муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосири техникӣ таҳти тобеияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифт» [3, с.81].

Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ дар доираи сиёсати ислоҳоти маориф, зарурати таҳкими нақши Маркази миллии тестӣ пайваста таъкид гардида, истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию рақамӣ ва таҳкими неруи зеҳнии ҷавонон ҳамчун ҳадафи аввалиндараҷаи миллӣ муаррифӣ мешавад. «Соли ҷорӣ [2014 – Н. Н.] қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ бори аввал тавассути имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ дар Маркази миллии тестӣ ба роҳ монда мешавад. Мо ба ин кор дар асоси хоҳишу дархости зиёди падару модарон ва бо мақсади баланд бардоштани сатҳи тарбияи кадрҳо, инчунин пешгирӣ кардани амалҳои коррупсионӣ дар ҷараёни имтиҳоноти қабул иқдом намудем. Дар иртибот ба ин, Вазорати маориф ва илм вазифадор аст, ки рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ҳамасола муайян ва ба аҳли ҷомеа пешниҳод намояд, то ки довталабон ихтисос ва мактаби олиро дуруст интихоб карда тавонанд» [12].

Бо татбиқи низоми ягонаи имтиҳонҳои марказонидашуда, ки тавассути воситаҳои муосири технологияи иттилоотӣ амалӣ мегардад, имконият фароҳам омадааст, ки раванди қабули донишҷӯён аз унсурҳои субъективизм, дахолати омилҳои беруна ва фасод эмин дошта шавад. Ба ин васила, Маркази миллии тестӣ ба баланд бардоштани эътимоди ҷомеа нисбат ба низоми маориф ва тақвияти меъёрҳои шаффофияти идорӣ мусоидат намудааст. Дар мавриди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки «Соли гузашта [2014 – Н. Н.] бори аввал қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути Маркази миллии тестӣ роҳандозӣ шуд, ки он талаби замон буда, омили асосии коҳишёбии шиддати кирдорҳои коррупсионӣ дар ин соҳа гардид. Масалан, солҳои қаблӣ то 20 фоизи довталабон ва падару модарони онҳо аз натиҷаи имтиҳонҳои дохилшавӣ шикоят мекарданд, вале соли гузашта аз 52 ҳазор нафар довталабон танҳо 400 нафар шикоят намуданд, ки ин рақам ҳатто як фоизро ҳам ташкил намедиҳад» [13].

Фаъолияти Маркази миллии тестӣ танҳо ба самти қабули донишҷӯён маҳдуд намешавад, балки дар мавриди арзёбии сатҳи донишу малакаи хонандагон, таҳияи маводи тестӣ, омодасозии мутахассисон ва омӯзгорони фаннӣ, таҳлили оморӣ ва

пешниҳоди тавсияҳои сиёсати маориф низ нақши муассир мебозад. Илова бар ин, марказ дар ҳамкорӣ бо ташкилоту муассисаҳои байналмилалӣ ва марказҳои арзёбии байналмилалӣ таҷрибаҳои пешрафтаро ҷалб намуда, заминаи густариши рақобатпазирии миллиро дар фазои маориф фароҳам овардааст.

Дар маҷмуъ, таъсиси Маркази миллии тестӣ ва рушди пайгиронаи он яке аз намунаҳои муваффақи сиёсати давлатии соҳаи маориф дар роҳи таъмини баробарҳуқуқӣ, шаффофият ва тақвияти неруи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Таҳкими неруи инсонии соҳаи маорифро бидуни баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон ва бозомӯзии мунтазами онҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Омӯзгор, ҳамчун шахси меҳварӣ ва субъекти марказии раванди таълиму тарбия, бояд пайваста малакаву маҳорати касбии худро такмил бахшида, ба талаботи замони муосир ва навгониҳои методиву технологӣ ҷавобгӯ бошад.

Аз ин рӯ, дар Паёмҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ масъалаи баланд бардоштани савияи тахассус ва салоҳиятнокии касбии омӯзгорон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳ қарор дошта, пайваста таъкид мегардад, ки сифати таҳсилот бидуни такмили мунтазами донишу маҳорати омӯзгорон таъмин шуда наметавонад. Зимни баррасии мавқеи омӯзгор дар рушди маориф Пешвои миллат иброз медоранд: «Омӯзгор дар меҳвари соҳаи маориф қарор дорад ва сатҳу сифати дониши шогирдон ва тарбияи шоистаи онҳо маҳз ба донишу таҷриба, малакаву маҳорати касбӣ, усули таълим ва дигар паҳлуҳои фаъолияти шахсии омӯзгор вобастагии зич дорад» [12].

Бо мақсади фароҳам овардани низоми муассири такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳа, «Барномаи давлатии рушди такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021» таҳия ва амалӣ гардид, ки бо ташаббусу дастгирии бевоситаи Пешвои миллат рӯйи кор омад ва яке аз санадҳои муҳим дар самти рушди касбии омӯзгорон маҳсуб меёбад.

Ҳадафи асосии барнома ташкили механизми устувор ва пайвастаи такмили ихтисос мебошад, ки ҷавобгӯи талаботи замони муосир ва мутобиқ ба стандартҳои миллию байналмилалии таҳсилот бошад. Вазифаҳои калидии он иборатанд аз:

- рушди иқтидори илмӣ-методӣ ва техникии муассисаҳои такмили ихтисос;
- ҷорӣ намудани низоми сесолаи такмили ихтисоси омӯзгорон;
- ташкили курсҳои бозомӯзӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва муосир;
- ҷорӣ намудани мониторинги муассир ва баҳодиҳии натиҷаҳои бозомӯзӣ;
- ташаккули муҳити рушди касбии пайвастаи омӯзгорон ва олимон.

Раванд ва натиҷаҳои амалигардонии барномаи мазкур мусбат арзёбӣ мешавад. Дар муқоиса бо солҳои қабл аз татбиқи барнома, шумораи омӯзгорону мутахассисоне, ки курси такмили ихтисосро гузаштаанд, ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Баргузории курсҳои фосилавӣ ва онлайнӣ дар марказҳои такмили ихтисос имкони фарогирии омӯзгорон аз минтақаҳои дурдастро фароҳам намуд. Ҳамзамон, таҳияи маводи методии рақамӣ ва электронии таълимӣ васеъ ҷорӣ гардида, омӯзиш бо усулҳои интерактивӣ ва шарикона бо муассисаҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шуд. Шабакаҳои касбии омӯзгорон ва платформаҳои ҳамкорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ фаъол гардиданд. «Илова бар ин, барои баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон корҳои зиёди методӣ ба анҷом расонида мешуд. Бо ин мақсад дар назди мактабҳо ва шуъбаҳои маориф кабинетҳои методии байнимактабӣ ташкил гардида, дар онҳо семинарҳои назариявӣ ва сексияҳо барои муаллимон гузаронида мешуданд» [4, с.7].

Бо дарназардошти дастовардҳо, метавон натиҷагирӣ кард, ки масъалаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва илм дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятнок пазируфта шуда, заминаи устувори рушди

низоми таҳсилоти муосирро фароҳам овардааст. «Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди низоми такмили ихтисос такони ҷиддиеро ба амал овард. Аз соли 1991 то соли 2024 дар донишкада зиёда аз 604229 нафар шунаванда аз рӯйи 69 ихтисос такмили тахассус намудаанд» [4, с. 5].

Барномаи давлатии рушди такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021 тавонист ҷараёни такмили касбиро ба марҳалаи нав барорад ва механизмҳои навоваронаро дар низоми бозомӯзии омӯзгорон ҷорӣ созад. Аз ин рӯ, навсозии низоми такмили ихтисос бояд ҳамчун раванди пайваста ва дар ҳамоҳангӣ бо дигар барномаҳои миллии рушди маориф идома ёбад.

Дар асри XXI илм ва технология ба яке аз меҳварҳои асосии рушди устувори миллӣ табдил ёфтаанд. Бинобар ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурати тақвияти фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва техникӣ дар низоми маориф ва илмро пайваста таъкид менамоянд. «Таврe шумо медонед, имрӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаи рушди илмҳои техникӣ ва ҷорӣ кардани технологияҳои муосир аҳаммияти муҳим пайдо кардааст. Лекин дар кишвари мо илмҳои дақиқ то андозае дар ҳошияи илмҳои гуманитарӣ ҷой гирифтаанд. Ин аст, ки имрӯз тафаккури техникиву технологии мо дар сатҳи нисбатан паст қарор дорад. Албатта сатҳи баланди тафаккури гуманитарӣ, ки мардумро ба худшиносиву ватандӯстӣ, ифтихор аз давлату давлатдорӣ ва фарҳанги пурғановати миллати худ ҳидоят мекунад, бисёр муҳим аст. Вале танҳо дар асоси тафаккури гуманитарӣ мо аз илму техника ва технологияҳои муосир пурра бархурдор шуда наметавонем» [8].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти аҳаммияти бузурги илм дар таъмини рушди устувор, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ, дар давраи солҳои 2011-2020 як қатор тадбирҳои муҳимми қонунгузорӣ, барномавиро дар самти рушди илм амалӣ намуд. Ин тадбирҳо дар партави Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ роҳандозӣ гардида, ба ташаккули низоми миллии илм ва ҳамгироии он ба равандҳои ҷаҳонии илмӣ мусоидат карданд.

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм дар ин давра тақвияти заминаҳои ҳуқуқию донишгоҳии рушди илм буд. Қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ» (бо тағйиру иловаҳои нав), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологии инноватсионӣ» (2010), Стратегияи рушди илм ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2015, Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015, Барномаи давлатии рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва техникӣ барои солҳои 2010-2020, Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ба танзими равандҳои таҳқиқотӣ, ҳавасмандсозии фаъолияти ихтироъкорӣ ва рушди иқтидори зеҳнии кишвар мусоидат намуданд.

Дар робита ба амалӣ гардонидани ҳадафҳои зикршуда, ҳаҷми маблағгузорӣ дар самти илм афзоиш ёфт. «Мо барои тараққӣ додани илми ватанӣ дар 15 соли охир 362 миллион сомонӣ сарф намудем ва пешбинӣ кардаем, ки дар 7 соли оянда ба ин самт зиёда аз 600 миллион сомонӣ равона созем. Бо истифода аз имкониятҳое, ки давлат ва Ҳукумати мамлакат фароҳам оварда истодааст, муассисаҳои академӣ бояд бо роҳи анҷом додани кашфиёту ихтирооти нав, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва техникаву технологияҳои муосир дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллиамон саҳми фаъолтар гузоранд» [12].

Аз ҷумла, натиҷаҳои татбиқи Барномаи давлатии рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва техникӣ барои солҳои 2010-2020, ки ба баланд бардоштани сифати таълим дар

фанҳои риёзӣ ва табиатшиносӣ, беҳсозии заминаҳои моддию техникӣ ва озмоишгоҳии муассисаҳои таълимӣ, тайёр кардани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат, рушди таҳқиқоти илмии амалӣ дар самтҳои зикршуда, дастгирии олимони ҷавон ва истеъдодҳои наврас нигаронида шуда буд, метавон чунин арзёбӣ кард:

1. Таҷдиди барномаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот. Тайи даҳ сол, барнома ва китобҳои дарсии фанҳои риёзӣ, химия, физика ва биология дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот аз нав таҳия ва ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонида шуданд.

2. Афзоиши шумораи мутахассисони соҳаи дақиқ. Бо мақсади ҷалби бештари ҷавонон ба соҳаҳои техникӣ ва риёзӣ, бурсияҳои ҳукуматӣ, аз ҷумла Стипендияи байналмилалии Президентии «Дурахшандагон», ба самтҳои афзалиятнок равона карда шуданд.

3. Дастгирии олимони ҷавон ва таҳқиқоти амалӣ. Лоиҳаҳои зиёди илмии олимони ҷавон дар самти илмҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ маблағгузорӣ гардид.

4. Дастовардҳо дар арсаи байналмилалӣ. Хонандагони тоҷик дар олимпиадаҳои байналмилалӣ оид ба фанҳои риёзӣ ва табиатшиносӣ садҳо медалҳои тилло, нуқра ва биринҷиро сазовор шуданд.

Барномаи мазкур дар низоми маориф ва илм нақши муассир бозида, ба сифати таълим, неруи зеҳнӣ ва рушди таҳқиқотҳо таъсири мусбат расонид.

Таҳлилҳо оид ба амалӣ гардонидани Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015 низ мусбӣ арзёбӣ мегардад. «Агар дар соли 1991 дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 1835 нафар номзад ва 226 нафар доктори илм кор мекарданд, имрӯз [2014 – Н. Н.] шумораи онҳо мутаносибан ба 2124 ва 501 нафар расидааст, ки дар нисбати номзадҳои илм 10 фоиз ва дар нисбати докторони илм зиёда аз ду маротиба бештар аст» [3, с. 144].

Таҳкими робитаи илм бо истеҳсолот ва иқтисодиёти миллӣ яке аз равандҳои муҳимми сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва инноватсия ба ҳисоб меравад. Ин раванд дар сиёсати давлатӣ ҳамчун навоварии стратегӣ дар самти рушди илму технология арзёбӣ гардида, дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ пайваста таъкид шудааст. «Ислоҳоти иқтисодӣ ва самарабахшии онро бе инкишофи илм таъмин намудан мушкил аст. Аз ин лиҳоз, Ҳукумат дар сиёсати давлатии худ бо мақсади рушди илм ва истифодаи дастоварду иқтидорҳои он дар истеҳсолот ба таҳкими неруи илмии кишвар ва заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои илмӣ таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намуда, маблағгузории давлатии онҳоро тадричан афзун мегардонад. Лекин дар назар бояд дошт, ки афзоиши маблағгузории илм ва вусъат ёфтани таҳқиқоти бунёдӣ аз амалӣ гардидани назарияҳои илмӣ вобаста аст, ки дар натиҷаи он ҳам рушди илм ва ҳам соҳаҳои истеҳсолӣ таъмин карда хоҳад шуд» [7].

Яке аз абзорҳои муҳимми татбиқи ин сиёсати навоварона Парки технологии инноватсионӣ мебошад, ки заминаи ҳуқуқии он бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологии инноватсионӣ» (2010) фароҳам гардидааст.

Қонуни зикршуда муҳити ҳуқуқӣ ва иқтисодиро барои татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар истеҳсолот муайян намуд. Қонун фаъолияти ширкатҳои инноватсионӣ, дастгирии давлатӣ, имтиёзҳои андозиву гумрукӣ ва ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо бахши хусусиро танзим мекунад ва ҳадафи асосии он иборат аст аз:

- татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ;
- ташкили ширкатҳои хурди инноватсионӣ;
- ҷалби сармоя барои татбиқи технологияҳои нав;
- пайваст намудани таҳсилоти олӣ бо истеҳсолот;

- рушди соҳаҳои муҳандисию техникӣ ва иттилоотӣ.

Дар заминаи ҳамин ҳадафҳо, робитаи илм бо истеҳсолот, воридшавии инноватсия дар низоми илмӣ ва муҳимтар аз ҳама, рушди илмҳое, ки бо иқтисодиёти кишвар робитаи бевосита доранд, аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки «Академияи илмҳо бояд ҳамкории парки технологӣ ва инноватсиониро бо паркҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вусъат бахшида, ҷиҳати аз соли равон дар истеҳсолот ба роҳ мондани дастовардҳои инноватсионӣ тадбирҳо андешад. Аз ин лиҳоз, вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, энергетика ва захираҳои об, кишоварзӣ, дигар вазорату идораҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҳамкориро бо Академияи илмҳо тақвият бахшида, ҷиҳати татбиқи дастовардҳои илм дар истеҳсолот тадбирҳои зарурӣ андешанд» [13].

Таъсиси Парки инноватсионии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Маркази рушди соҳибкории инноватсионӣ дар назди ДМТ ва технопарки Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ҳамчун намунаҳои аввалини татбиқи қонун хизмат мекунанд. Дар ин паркҳо як қатор лоиҳаҳои инноватсионӣ ва истеҳсолоти таҷрибавӣ ба роҳ монда шуданд.

Таҳкими робитаи илм бо истеҳсолот тавассути Парки технологии инноватсионӣ дар давраи солҳои 2010-2020 дар партави Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як равиши муҳим табдил ёфт. Ин механизм ҳамчун замина барои рушди иқтисоди навоварона ва баланд бардоштани самаранокии илму истеҳсолот хизмат менамояд.

Дар шароити рушди давлатдории миллӣ ва афзоиши ниёз ба иқтидори зеҳнӣ, низоми аттестатсияи илмӣ яке аз заминаҳои калидии сиёсати илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. То соли 2014, додани унвонҳои илмӣ ва ҳимояи рисолаҳо асосан дар ҳамоҳангӣ бо Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия сурат мегирифт. Вале бо мақсади таъмини истиқлоли низоми миллии илм ва мутобиқ намудани он ба талаботи миллии таҳқиқотӣ ва таълимӣ, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 августи соли 2014, №255 Муассисаи давлатии «Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” таъсис дода шуд. Ин иқдом ҳамчун ислоҳоти муҳим дар низоми илм ва таҳқиқоти касбӣ арзёбӣ мешавад, ки бо он марҳалаи сифатан нави идоракунии илм дар кишвар оғоз гардид.

То он вақт, камбудиҳо дар шеваи баҳодиҳии рисолаҳо, тақаллуб дар ҳуҷҷатҳо, мавҷудияти плагиат ва нобудии стандартҳои миллии шаффоф низоми илмиро дучори мушкил месохт. Дар чунин шароит, таъсиси ниҳоди миллии баҳодиҳандаи сатҳи илмӣ на танҳо ҷавоб ба талаботи замон, балки амри зарурии сиёсати давлатӣ буд. Бинобар ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд, ки «ягона тақозои давлат аз олимону муҳаққиқон ин аст, ки илмро ҳамқадами замон созанд. Ба ибораи дигар, илм бояд ба халқ хизмат кунад ва ба пешрафти давлат мусоидат намояд» [12].

Комиссияи олии атестатсионӣ дар давоми як даҳсола самтҳои зеринро мавриди амал қарор додааст:

- танзими низоми миллӣ барои додани дараҷаҳои илмӣ, аз ҷумла, номзади илм ва доктори илм;
- таҳия ва татбиқи талаботи миллӣ барои навишт ва ҳимояи рисолаҳо;
- муборизаи бо плагиат тавассути системаҳои махсуси санҷиши аслияти матнҳо;
- татбиқи заминаи электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, ки равандҳоро шаффоф ва суръатнок мекунад;
- мутобиқсозии стандартҳои миллӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ, бахусус, дар соҳаи маъхазҳо, мураттабсозии таҳқиқот ва ахлоқи илмӣ.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар (18.03.2020) изҳор доштанд, ки «аз замони таъсиси комиссия то ба имрӯз дар кишвар 56 шӯрои диссертатсионӣ ва 15 шӯрои экспертӣ таъсис ёфтааст. Дар муддати се сол ба ин

муассиса 651 рисола ворид шудааст. Аз ин шумора 415 рисолаи илмӣ тасдиқ ва 30 нафар соҳиби дараҷаи илмии доктори илм, 379 нафар соҳиби дараҷаи илмии номзади илм гардидаанд. Бо вуҷуди ин, шумораи рисолаҳои илмии ҳимояшуда дар муқоиса бо кишварҳои пасошуравӣ хеле кам буда, ҳоло ҳам дар муассисаҳои таълимиву илмӣ норасоии мутахассисони дараҷа ва унвонҳои илмидошта баръало эҳсос мегардад» [10].

Комиссияи олии атестатсионӣ ҳамчун як ниҳоди миллии стратегӣ дар рушди низоми илмӣ ва маорифи Тоҷикистон нақши калидӣ дорад. Дар шароити афзоиши рақобати байналмилалӣ, вазифаи муҳимтарини КОА таҳкими минбаъдаи меъёрҳо ва таъмини ҳамоҳангии онҳо бо стандартҳои байналмилалӣ мебошад. Муассир намудани фаъолияти он, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва ҷалби мутахассисони баландихтисос аз ҷумлаи талаботи муҳимми рӯз аст.

Дар шароити ҷаҳонишавии иттилоот ва тағйироти босуръати фарҳангиву иҷтимоӣ, нақши китоб ва фарҳанги мутолиа дар рушди маънавии ҷомеа боз ҳам муҳимтар мегардад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста оид ба зарурати эҳёи анъанаи китобхонӣ, омӯзиши забонҳо ва таҳкими худшиносии миллӣ ва баланд бардоштани савияи маърифати аҳолӣ, хосса наврасону ҷавонон таъкид менамоянд, ки «мо омӯзиш ва аз худ кардани забонҳоро на барои худнамоӣ, балки бо мақсади маърифатнок гардонидани ҷомеа густариш медиҳем. Аз ин рӯ, ҳар як фарди бедордил бояд барои ғанӣ гардидани забони модарӣ ва омӯхтани забонҳои хориҷӣ кӯшиш кунад, ба мутолиаи китоб диққати аввалиндараҷа диҳад ва ҷиҳати баланд бардоштани маърифатнокии худ саъю талош намояд» [17]. Маҳз бо ҳамин ҳадаф, аз соли 2019 бо ибтикори бевоситаи Пешвои миллат Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» (соли аввал «Фурӯғи субҳи доноӣ...») роҳандозӣ гардид. Метавон иддао кард, ки Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ба ҳайси як барномаи амалии татбиқи сиёсати маърифатгустарӣ таъсис дода шудааст. Аз ин рӯ, Роҳбари давлат дастур медиҳанд, ки «роҳбарону масъулони соҳаро зарур аст, ки сатҳу сифати таълимро баланд бардошта, ҷиҳати боло рафтани савияи донишу маърифатнокии хонандагону донишҷӯён тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд ва ҳамзамон бо ин, ба тарбияи насли наврас диққати бештар дода, барои амалӣ гардидани Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешанд. Вобаста ба ин, ҳар сол озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ...»-ро баргузор намуда, ба он доираи ҳарчи васеътари ҷомеа ҷалб ва ҷиҳати ҳавасмандсозии ғолибон аз мактаб сар карда, то мақомоти маҳалливу марказии ҳокимияти давлатӣ чорабинӣ карда шавад» [17].

Озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» набояд ба ҳайси як сабқати адабӣ фаҳмида шавад, балки як барномаи миллии китобхонӣ мебошад ва бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолии кишвар, аз ҷумла, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо), омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон, намояндагони касбу кори гуногун ва дигар табақаҳои аҳолии кишвар доир мегардад.

Аз таҳлилҳои Паёмҳои солҳои 2019-2024 бармеояд, ки Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» тавонист ҳазорҳо хонандаро ба китобхонаҳо ҷалб намояд, сафи нависандагон ва адибони ҷавонро афзоиш диҳад, ба рушди забони давлатӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ мусоидат кунад, китобхонаҳоро бо китобҳои нав ва осори классикӣ ғанӣ гардонад. Яъне, озмун дар рушди фарҳанги китобхонӣ дар байни ҷавонон

таъсири воқеан, мусбат гузошт ва теъдоди иштирокчиён ҳар сол афзоиш ёфта, аз тамоми минтақаҳои кишвар фаро гирифта мешавад. Соли 2024 «натиҷаи ҷамъбасти ниҳоӣ нишон дод, ки иштирокчиёни озмун аз шаҳри Душанбе 43 ҷой, вилояти Хатлон 35 ҷой, вилояти Суғд 29 ҷой, ВМКБ соҳиби 13 ҷой ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 10 ҷой гардидаанд» [1].

Тибқи маълумоти Китобхонаи миллии Тоҷикистон, дар панҷ соли охир шумораи дӯстдорони китоб даҳчанд афзуд. Танҳо соли 2024 шумораи аъзои китобхона 270 209 нафар ва шумораи хонандагони солона 57 600 нафарро ташкил дод. Ҳар рӯз то 2 000 хонанда ба китобхона меоянд. Китобхона бо 3 451 385 нусха асар ва толори махсуси «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» барои омодагӣ ба озмун фаъолият мекунад [18].

Озмун таъсири амиқ ба рушди маънавии ҷомеа гузошта, фазои мутолиаро аз мактаб то хонавода тақвият бахшид. Ширкати ҳамагонӣ, аз кӯдак то пир дар Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» нишонаи эҳёи анъанаҳои китобдӯстии тоҷикон аст. Ғолибони озмун на танҳо бо мукофотпулӣ, балки бо имкониятҳои васеи таҳсил ва эҷод қадрдонӣ мегарданд.

Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» на танҳо як мусобиқаи фарҳангӣ, балки қисми ҷудонопазири сиёсати маърифатии миллӣ мебошад. Он дар партави Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ амалан татбиқ шуда, ба таҳкими худшиносӣ, эҳёи анъанаҳои китобхонӣ ва тарбияи насли фарҳангдӯст хизмат мерасонад. Таъмини маблағгузории мунтазам, фарогирии васеи ҷомеа ва ворид кардани унсурҳои нав, ин озмунро ба як падидаи устувори фарҳангӣ ва воситаи муҳимми рушди маърифат дар Тоҷикистон табдил додааст.

Дар фазои рӯзафзуни рақобати илмӣ-техникӣ ва рушди босуръати иқтисодиёти иттилоотӣ, таҳкими системаи таълиму тарбияи наврасон дар самти фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти ҳаётан муҳим дорад. Аз ҳамин дидгоҳ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки «ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шаванд. Вазорати маориф ва илм, Академияи илмҳо ва дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, вазифадор карда мешаванд, ки нақшаи чорабиниҳоро доир ба ин масъала дар муҳлати се моҳ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд» [17].

Зарурати эълони «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» дар он зоҳир мегардид, ки дар даҳсолаи охир мушоҳида мешуд, ки таваҷҷуҳи хонандагону донишҷӯён ба фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ рӯ ба коҳиш аст, омӯзгорони соҳибихтисос дар робита ба фанҳои мазкур нокифоя мебошанд, заминаи моддиву техникӣ ва маводи таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба таври бояду шояд ба талалаботи муосир ҷавобгӯ нестанд. Ин ҳолат таваҷҷуҳи роҳбарияти давлатро ҷиҳати ислоҳоти бунёдӣ дар самти фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ба миён оварда. Аз ҷумла, Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки «Баробари эълон гардидани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф» қарорҳои дахлдори Ҳукумати мамлакат ба тасвиб расида, Вазорати маориф ва илм вазифадор карда шуд, ки дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот стандарт, барнома ва нақшаҳои таълимиро таҷдиди назар карда, ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим диққати аввалиндараҷа диҳад. Зеро танҳо дуруст ба роҳ мондани таълими ин фанҳо ва рушди тафаккури техникӣ имкон медиҳад, ки зеҳни наврасону ҷавонони мо қавӣ гардад ва онҳо баробар бо талаботи замонаи пешрафту дигаргуниҳои имрӯзу фардо қадам гузоранд» [2].

Эълони Бистсолаи омӯзиш танҳо як иқдоми рамзӣ набуда, балки стратегияи мукаммали рушди фанҳои риёзӣ ва табиатшиносӣ дар сатҳи миллӣ мебошад ва чунин ҳадафҳои асосиро дар бар мегирад:

- баланд бардоштани сифати таълими фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот;
- тайёр кардани омӯзгорони соҳибихтисос ва таҷдиди назар дар барномаҳои такмили ихтисос;
- муҷаҳҳаз гардонидани муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муосир;
- ташаккули тафаккури техникӣ ва мантиқии хонандагон;
- тарғиб ва рушди истеъдодҳо тавассути озмунҳо ва олимпиадаҳо;
- ҳамгироии таълим бо технологияҳои рақамӣ, таҳияи китобҳои интерактивӣ ва мундариҷаи рақамии таълимӣ.

Яке аз самтҳои афзалиятноки Бистсолаи омӯзиш таъмини муассисаҳои таълимӣ бо озмоишгоҳҳо, синфхонаҳои фаннӣ ва воситаҳои визуалӣ мебошад. Дар доираи Барномаи давлатии таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳо, даҳҳо муассиса бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз шуданд. Ҳамчунин, барномаҳои омӯзишии рақамӣ, порталҳои таълимии фаннӣ ва китобҳои интерактивӣ тадриҷан ҷорӣ гардида, муҳити таълимии рақамӣ густариш меёбад.

Дар доираи эълони Бистсолаи омӯзиш яке аз масъалаҳои муҳим ин ҳавасманд кардани истеъдодҳо, яъне, ташкил намудани озмунҳо ва вусъат бахшидани ҳаракати олимпӣ мебошад. Дар робита ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки «аз 1 январи соли 2021 шумораи гирандагони стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар омӯхтани фанҳои табиӣ ва риёзиву дақиқ натиҷаҳои баланд нишон медиҳанд, аз 400 нафар то 3000 нафар зиёд ва андозаи маблағи он 500 сомонӣ муқаррар карда шавад. Инчунин, шумораи гирандагони чунин стипендияҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз 100 нафар то 500 нафар ва барои аспирантони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмӣ аз 15 нафар то 50 нафар зиёд карда шавад. Аз шумораи умумии стипендияҳои Президентӣ 70 фоиз барои фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ равона карда шавад» [6].

Ба хотири боз ҳам бештар ба омӯзиши илмҳои риёзиву дақиқ ва табиӣ ҷалб кардани наврасону чавонон, олимону муҳаққиқон ва устодону омӯзгорон ҳамасола озмуни ҷумҳуриявӣ зери унвони «Илм – фурӯғи маърифат» гузаронида мешавад, ки ин ҳам бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат роҳандозӣ гардид. Ҳамчунин, аз охири соли 2020 барои олимону омӯзгорони фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ ҷоизаи махсуси давлатӣ таъсис дода шуд, ки ҳар сол 15 нафар беҳтаринҳо соҳиби он мегарданд.

Бистсолаи омӯзиш дар сиёсати стратегии кишвар ҷойгоҳи махсусро дошта, бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мувофиқ мебошад ва ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии неруи инсонӣ, рушди илм ва иқтисодиёти миллӣ хидмат мекунад.

Эълони солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ” иқдоми муҳим ва саривақтии Пешвои миллат дар роҳи бозсозии низоми таҳсилоти миллӣ ба шумор меравад. Дар партави Паёмҳои ҳамасолаи Сарвари давлат, татбиқи бонизоми ин сиёсати дарозмуддат метавонад заминаи устуворро барои рушди кадрҳои илмӣ-техникӣ, тафаккури таҳлилӣ ва ҷаҳонбинии илмии насли ҷавон фароҳам оварад.

Ҳамин тариқ, марҳалаи дуюми ислоҳоти маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2010-2020) давраи таҳкими сифат, стандартикунонӣ ва ҳамгироии низоми таълим бо талаботи замон арзёбӣ мегардад. Агар марҳалаи аввали ислоҳот (2000-2010) бештар ба барқарорсозӣ ва эҳёи пояҳо нигаронида шуда бошад, пас дар ин давра сиёсати давлатӣ

бештар ба таҳкими заминаҳои меъёрӣ, муайянсозии стандартҳои миллӣ ва мутобиқсозии муҳтавои таълим бо таҷрибаи байналмилалӣ равона гардид.

Дар маҷмуъ, солҳои 2010-2020 ҳамчун давраи гузариш ба низоми муосири таҳсилот бо пояҳои устувори меъёрӣ ва механизми арзёбии сифат арзёбӣ мешаванд. Ин марҳала барои ворид шудани маорифи миллӣ ба марҳалаи нав – рақамикунонӣ ва инноватсия заминаи стратегӣ фароҳам оварда.

АДАБИЁТ:

1. Ғолибон қадрдонӣ шуданд. Озмуни «Фурӯғи субҳи донӣ китоб аст» Ҷамъбаст гардид // Омӯзгор. – 2024. – 28 ноябр.

2. Илму техника таъмингари рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар мебошанд (Суханронӣ дар ҷаласаи якуми Шурои илм, маориф ва инноватсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15.04.2021) // Омӯзгор. – 2021. – 22 апрел.

3. Мирбобоев Р., Зиёев Х., Қосимӣ С., Бадалов Б. *Рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ.* – Душанбе: Маориф, 2016. – 192 с.

4. Мирзозода, Н. Рисолати донишкада ва нақши он дар такмили маҳорати касбии омӯзгорон // Омӯзгор ва замон. – 2025, – №2 . – С. 3-8.

5. Набизода, С. Дарёфт ва рушди истеъдодҳо талаби замон / С. Набизода // Маорифи Тоҷикистон. – 2025. – №7. – С. 20-22.

6. Олимон – неруи пешбару созандаи кишвар. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар, 18.04.2020, шаҳри Душанбе // Омӯзгор. – 2020. – 19 март.

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25 апрели соли 2008 // Омӯзгор. – 2008. – 2 май.

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 апрели соли 2009 // Омӯзгор. – 2009. – 24 апрел.

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 20 апрели соли 2011 // Омӯзгор. – 2011. – 29 апрел.

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2012 // Омӯзгор. – 2012. – 27 апрел.

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.04.2013, шаҳри Душанбе // Омӯзгор. – 2013. – 3 май.

12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23 апрели соли 2014 // Омӯзгор. – 2014. – 2 май.

13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 23.01.2015 // Омӯзгор. – 2015. – 30 январ.

14. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 20.01.2016 // Омӯзгор. – 2016. – 22 январ.

15. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22.12.2017, шаҳри Душанбе // Омӯзгор. – 2017. – 28 декабр.

16. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2018, шаҳри Душанбе // Омӯзгор. – 2018. – 27 декабр.

17. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2019, шаҳри Душанбе // Омӯзгор. – 2019. – 26 декабр.

18. Файзализода Ҷ. Китобхона ҳамчун маркази маърифат: натиҷаҳои панҷ соли Озмун / Ҷ. Файзализода // Ҷумҳурият. – 2024. – 10 декабр.

УДК 339

ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ БА БОЗОРИ ҶАҲОНӢ

ПОСЛАНИЕ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ИНТЕГРАЦИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ В МИРОВОЙ РЫНОК

THE ADDRESS OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE INTEGRATION OF THE NATIONAL ECONOMY INTO THE GLOBAL MARKET

НУРИДДИНОВА М.С. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинг. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Борбад 48/5. Телефон: 935-19-02-98. E-mail: nuriddinovamajsara@gmail.com

НУРИДДИНОВА М.С. – Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, старший преподаватель кафедры менеджмент и маркетинга. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Телефон: 935-19-02-98 E-mail: nuriddinovamajsara@gmail.com

NURIDDINOVA M.S. - International university of tourism and entrepreneurship of Tajikistan, Senior Lecturer, Department of Management and marketing. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 48/5 Borbad Avenue. Phone: 935-19-02-98. E-mail: nuriddinovamajsara@gmail.com

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур муаллиф қайд менамояд, ки ҳамгироии иқтисоди миллӣ ба бозори ҷаҳонӣ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2025 яке аз масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар он самтҳои асосии сиёсати давлатӣ, аз ҷумла рушди иқтисоди миллӣ, саноатикунонӣ, сиёсати иҷтимоӣ, рушди сармояи инсонӣ, сиёсати ҷавонон, амният ва сиёсати хориҷӣ инчунин ҳамгироии минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки Паёми Президент ҳамчун ҳуҷҷати муҳими стратегӣ заминаи устувор барои пешрафти иҷтимоию иқтисодии кишвар фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: Паёми Президент, сиёсати давлатӣ, ҳамгироии минтақавӣ, захираҳои табиӣ, рушди устувор, иқтисоди миллӣ, сармояи инсонӣ, Тоҷикистон.

Аннотация: В данной статье автор отмечает, что интеграция национальной экономики в мировой рынок, обозначенная в Послании Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли в 2025 году, является одним из ключевых вопросов. В ней рассматриваются основные направления государственной политики, включая развитие национальной экономики, индустриализацию, социальную политику, развитие человеческого капитала, молодежную политику, вопросы безопасности и внешней политики, а также региональную интеграцию. Результаты анализа показывают, что Послание Президента, как важный стратегический документ, формирует прочную основу для социально-экономического развития страны.

Ключевые слова: Послание Президента, государственная политика, региональная интеграция, природные ресурсы, устойчивое развитие, национальная экономика, человеческий капитал, Таджикистан.

Annotation: This article notes that the integration of the national economy into the global market, as outlined in the 2025 Address of the President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli, represents one of the key priorities. The paper examines the main directions of state policy, including the development of the national economy, industrialization, social policy, human capital development, youth policy, security, foreign policy, as well as regional integration. The results of the analysis demonstrate that the Presidential Address, as an important strategic document, provides a solid foundation for the country's socio-economic development.
Keywords: Presidential Address, state policy, regional integration, natural resources, sustainable development, national economy, human capital, Tajikistan.

Яке аз хусусиятҳои асосии рушди системаи муосири иқтисоди ҷаҳонӣ ин ҷаҳонишавӣ мебошад. Ҷаҳонишавӣ ин равандест, ки ташаккули фазои ягонаи ҷаҳонии иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ ва маънавиро дар асоси технологияҳои пешқадами инноватсионӣ дар бар мегирад.

Дар ҷараёни воридшавии Тоҷикистон ба низоми муосири робитаҳои иқтисодии ҷаҳонӣ зарурати муносибати сифатан нав ба танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки дар самтҳои афзалиятноки рушди миллии дар доираи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 муайянгардида ифода меёбад, аҳамияти усулӣ пайдо мекунад.

Ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ диверсификатсияи иқтисодиёт ва тақвияти иқтидори содиротии кишвар, инчунин такмили воридотро талаб мекунад, зеро истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда на танҳо барои коҳиш додани ҳаҷми умумии воридот, балки инчунин барои арзон кардани худи мол ва дастгирӣ намудани истеҳсолкунандагони ватанӣ имконият медиҳад. [5. с.87]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади такмили сиёсати давлатии савдои хориҷӣ, Комиссияи давлатӣ оид ба воридотивазкунӣ таъсис дода шудааст, ки фаъолияти он ба коҳиш додани вобастагии иқтисоди миллӣ аз воридот, дастгирии бонизоми содирот ва ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ, ки хилофи талаботи Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) намебошад, равона гардидааст. Ҳадафи стратегии ин сиёсат аз бозори дохилӣ берун кардани молҳои хушсифати хориҷӣ набуда, истеҳсоли молҳои рақобатпазири ватание мебошад, ки бозоргир буда, на танҳо ба шароити бозори ватанӣ, балки инчунин ба талаботи бозорҳои хориҷӣ ҷавобгӯ аст. [6. с.52]

Баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди содирот ва воридотивазкунӣ дар тадбирҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани сифати маҳсулот мутобиқи меъёру стандартҳои СУС, Иттиҳоди иқтисодии Евразия ва бозорҳои дигари эҳтимолии фурӯш, мукаммалсозии борбандӣ, тамға ва номи тиҷоратии мол, ҷорӣ намудани инноватсия дар истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, мукаммалсозии логистика, инфрасохтори нақлиёт ва инкишофи менеҷменти сифат инъкос меёбад.[7.с.103]

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии босуръати равандҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ нақши ҳуҷҷатҳои стратегии давлатӣ дар таъмини рушди устувор аҳамияти хос пайдо мекунад. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ яке аз чунин санадҳо буда, ҳамчун барномаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат хизмат менамояд.

Паёми имсола дар марҳилаи нави рушди кишвар ироа гардида, масъалаҳои калидии таҳкими иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъмини амнияти давлатиро фаро мегирад. Омӯзиши илмии муҳтавои Паём имкон медиҳад, ки афзалиятҳо ва дурнамои сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври амиқ таҳлил карда шаванд.

Аз нигоҳи илмӣ, Паёми Президентро метавон ҳамчун воситаи танзими стратегии рушди давлат арзёбӣ намуд. Дар илми иқтисод ва идоракунии давлатӣ чунин санадҳо вазифаи ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ, муқаррар намудани ҳадафҳои дарозмуддат ва муайян кардани механизмҳои татбиқи онҳоро иҷро менамоянд.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

- фарогирии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа;
- пайвастагии сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
- мутобиқшавӣ ба шароити дохилию байналмилалӣ;
- самтгирии дарозмуддат.

Ин хусусиятҳо Паёмро ба санади калидии рушди устувор табдил медиҳанд.

Дар Паёми соли 2025 рушди иқтисоди миллӣ ҳамчун пояи асосии истиқлолияти давлатӣ ва суботи иҷтимоӣ муаррифӣ шудааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид менамоянд, ки иқтисоди кишвар бояд ба рушди истеҳсолоти ватанӣ, истифодаи самараноки захираҳо ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ асос ёбад.

«Рушди устувори иқтисоди миллӣ шарти асосии таъмини некуаҳволии аҳолӣ мебошад».

Дар ин замина, саноатикунонии босуръати кишвар яке аз ҳадафҳои стратегӣ эълон гардида, рушди соҳаҳои саноати коркард, энергетика ва инфрасохтор аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими Паёми соли 2025 сиёсати воридотивазкунӣ мебошад. Таъкид мегардад, ки истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ метавонад вобастагии кишварро аз бозорҳои хориҷӣ коҳиш диҳад ва ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат намояд.

Дар баробари ин, рушди содирот ҳамчун омили воридшавии асъори хориҷӣ ва таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар бозорҳои байналмилалӣ баррасӣ мегардад. Ин равиш ба стратегияҳои қаблан қабулшудаи рушди иқтисодӣ мувофиқат мекунад.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 сиёсати иҷтимоиро ҳамчун самти афзалиятноки давлат муайян менамояд. Масъалаҳои коҳиши камбизоатӣ, баланд бардоштани маош, нафақа ва стипендияҳо дар маркази таваҷҷуҳи давлат қарор доранд.

«Давлат вазифадор аст сатҳи зиндагии аҳолиро пайваста баланд бардорад».

Ин тадбирҳо ба таҳкими суботи иҷтимоӣ ва болоравии сифати зиндагии шаҳрвандон мусоидат мекунанд.

Дар илми иқтисод рушди сармояи инсонӣ яке аз омилҳои асосии пешрафти дарозмуддат ба ҳисоб меравад. Дар Паёми соли 2025 соҳаҳои маориф ва тандурустӣ ҳамчун самтҳои калидии сиёсати иҷтимоӣ муайян шудаанд.

Президенти кишвар таъкид намуданд, ки бе низоми муассири маориф ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисос рушди иқтисоди миллӣ ғайриимкон аст.

«Маориф асоси пешрафти давлат ва кафили ояндаи миллат мебошад».

Ҷавонон дар Паёми соли 2025 ҳамчун қувваи асосии пешбарандаи ҷомеа муаррифӣ мегарданд. Давлат сиёсати дастгирии ҷавононро тавассути фароҳам овардани шароити таҳсил, шуғл ва иштироки фаъол дар ҳаёти ҷамъиятӣ амалӣ менамояд.

Ин равиш ба ташаккули элитаи нави касбӣ ва таҳкими иқтидори кадрии кишвар мусоидат мекунад.

Амнияти миллӣ ва сиёсати хориҷӣ

Дар шароити муосир амнияти миллӣ омили калидии рушди устувор ба шумор меравад. Паёми соли 2025 таҳкими иқтидори мудофиавӣ, мубориза бо терроризм ва

ифротгарой, инчунин таъмини амнияти иттилоотиро ҳамчун вазифаҳои афзалиятнок муайян менамояд.

Дар сиёсати хориҷӣ идомаи ҳамкориҳои созанда бо кишварҳои ҳамсоя, шарикони стратегӣ ва созмонҳои байналмилалӣ муҳим шуморида шуда, ҳамгироии минтақавӣ ҳамчун омили рушди иқтисодӣ ва таҳкими сулҳу субот таъкид гардид.

Таҳлили илмии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2025 нишон медиҳад, ки он ҳамчун санади стратегии давлатӣ барои рушди устувори кишвар аҳамияти муҳим дорад. Самтҳои дар Паём муайянгардида ба таҳкими иқтисоди миллӣ, рушди сармояи инсонӣ, беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъмини амнияти миллӣ равона шудаанд.

Амалӣ гардидани ҳадафҳо ва вазифаҳои дар Паём зикршуда метавонад заминаи устувор барои пешрафти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дарозмуддат фароҳам оварад.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. – Душанбе, 2025.

2. Раҳмон Э. Истиқлолияти давлатӣ ва рушди миллӣ. – Душанбе: Ирфон, 2023.

3. Раҳмон Э. Тоҷикистон дар масири рушди устувор. – Душанбе, 2022.

4. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025.

5. Саидов А. Сиёсати иҷтимоии давлат ва рушди сармояи инсонӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2021.С.156

6. Барномаи мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Душанбе 2015. С. 60.

7. Искаков, И. Ж. Евразийская интеграция, как ответ вызовам глобализации // Евразийская интеграция: экономика, право, политика. 2012. - № 11 - С. 149.

8. Қандиёрова Д.О. Интеграционные процессы в странах с переходной экономикой: теория, методология, практика. -Душанбе «Ирфон» 2006.

УДК 94(575.3):323

ТАМАДДУНИ ОРИЁЙ ДАР МЕҲВАРИ ПАЁМҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

АРИЙСКАЯ ЦИВИЛИЗАЦИЯ В ЦЕНТРЕ ПОСЛАНИЙ ЛИДЕРА НАЦИИ

THE ARYAN CIVILIZATION AT THE CORE OF THE LEADER OF THE NATION'S ADDRESSES

НУРМАТЗОДА Ҳ. - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Институти сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон / Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Борбад 48/5. Телефон (+992) 934109622

НУРМАТЗОДА Х. - кандидат исторических наук, доцент кафедры гуманитарных и естественно-математических наук Института туризма Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана / Адрес: 734055, Республика Таджикистан, Душанбе, район Фирдавси, улица Борбад, 48/5. Телефон (+992) 934109622

NURMATZODA H. - candidate of historical sciences, Associate professor of the department of humanities and natural and mathematical sciences of the Institute of tourism of the IUTET. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Firdavsi district, Borbad street 48/5. Phone (+992) 934109622.

Аннотатсия. Дар мақола муаллиф ҷойгоҳи тамаддуни ориёӣ аз он ҷумла, арзишҳои тамаддуни ориёиро дар меҳвари паёмҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, дар рафти таҳлили мавзӯи мазкур муаллиф саҳми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар эҳё, арҷгузорӣ ва муаррфии тамаддуни ориёӣ ҳамчун сарчашмаи худшиносии миллӣ беназир арзёбӣ менамояд. Дар асоси таҳлили паёмҳои Пешвои миллат муаллиф қайд менамояд, ки даврони истиқлол марҳилаи эҳёи тамаддуни ориёӣ ҷиҳати таҳкими худшиносии миллӣ ба шумор меравад. Ҳамзамон муаллиф арзишҳои тамаддуни ориёиро дар мақола тасниф намуда, инъикоси воқеии онҳоро дар паёмҳои Пешвои миллат арзёбӣ кардааст. Дар ин мавриди қайд мегардад, ки Наврӯз яке аз беҳтарин арзишҳои тамаддуни ориёӣ ба шумор рафта, он дар ваҳдату ягонагии ҷомеаи тозаистиқлоли мо ва пояҳои худшиносии миллӣ нақши муассир дорад. Ҳамзамон дар мақола муаллиф ба масъалаи инъикоси шахсиятҳои барчастаи тамаддуни ориёӣ аз қабили Куруши Кабир, Зардушт ва Борбади Марвазӣ дар паёмҳои Пешвои миллат таваҷҷуҳ намуда, қайд менамояд, ки корнамоиҳои ин нобиғаҳои барҷастаи таърих ҳамчун пешбарандагони тамаддуни ориёӣ барои насли имрӯзаи мо намунаи ибрат мебошанд. Муаллиф таҳқиқоташро бо хулосаи илмӣ ҷамъбаст намуда, дар асоси омӯзиши мавзӯи мазкур саҳми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар шинохту муаррифии тамаддуни ориёӣ дар тарғибаи давлатдории кишварҳои ориёӣ беназир арзёбӣ менамояд. Дар асоси хулосаҳои илмии таҳқиқот муаллиф натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқотро барои боз ҳам ба таври шоистатар арҷгузорӣ намудани тамаддуни ориёӣ манзур намудааст.

Калодвожаҳо: Пешвои миллат, Паём, тамаддуни ориёӣ, ҳувият, миллат, фарҳанг, арҷгузорӣ, эҳё, Наврӯз, худшиносӣ, таърих.

Аннотация. В статье автор анализирует и обсуждает место арийской цивилизации, включая ценности арийской цивилизации, в посланиях Лидера нации Эмомали Рахмона. В ходе анализа этой темы автор оценивает вклад Лидера нации Эмомали Рахмона в возрождение, признание и популяризацию арийской цивилизации как источника национального самосознания. На основе анализа посланий Лидера нации автор отмечает, что эпоха независимости является этапом возрождения арийской цивилизации с целью укрепления национального самосознания. Одновременно автор классифицирует ценности арийской цивилизации и оценивает их фактическое отражение в посланиях Лидера нации. В этой связи отмечается, что Навруз является одной из лучших ценностей арийской цивилизации, играющей эффективную роль в единстве и целостности нашего новообразованного независимого общества и в формировании основ национального самосознания. В то же время в статье автор обращает внимание на вопрос отражения выдающихся фигур арийской цивилизации, таких как Кир Великий, Зороастр и Борбад Марвази, в посланиях Лидера нации, отмечая, что подвиги этих выдающихся исторических гениев как лидеров арийской цивилизации служат примером для нашего нынешнего поколения. Автор обобщает свое исследование научным выводом и, основываясь на изучении данной темы, оценивает вклад Лидер нации Эмомали Рахмона в признание и представление арийской цивилизации в опыте государственности арийских стран как уникальной. На основе научных выводов исследования автор предлагает результаты исследования для более достойного увековечивания памяти арийской цивилизации.
Ключевые слова: Лидер нации, Послание, Арийская цивилизация, идентичность, нация, культура, дань, возрождение, Навруз, самопознание, история.

Annotation. In the article, the author analyzes and discusses the place of aryan civilization, including the values of Aryan civilization, in the messages of the Leader of the Nation, Emomali Rahmon. In the course of analyzing this topic, the author evaluates the contribution of the Leader of the Nation, Emomali Rahmon, in the revival, appreciation and introduction of aryan civilization as a source of national self-awareness. Based on the analysis of the messages of the Leader of the Nation, the author notes that the era of independence is a stage of the revival of aryan civilization in order to strengthen national self-awareness. At the same time, the author classified the values of Aryan civilization in the article and evaluated their actual reflection in the messages of the Leader of the Nation. In this regard, it is noted that Navruz is one of the best values of aryan civilization, which plays an effective role in the unity and integrity of our newly independent society and the foundations of national self-awareness. At the same time, in the article, the author draws attention to the issue of reflecting prominent figures of aryan civilization such as Cyrus the Great, Zoroaster, and Borbad Marvazi in the messages of the Leader of the Nation, noting that the exploits of these outstanding historical geniuses as the leaders of aryan civilization are an example for our current generation. The author summarizes his research with a scientific conclusion and, based on the study of this topic, assesses the contribution of the Leader of the Nation, Emomali Rahmon, in recognizing and presenting aryan civilization in the experience of statehood of aryan countries as unique. Based on the scientific conclusions of the study, the author proposes the results of the study for a more worthy tribute to aryan civilization.
Keywords: Leader of the nation, Message, aryan civilization, identity, nation, culture, tribute, revival, Navruz, self-knowledge, history.

Ориёиҳо аҷдодони мо дар тули таърихи башарӣ яке аз мутамаддинтарин халқу миллатҳои ҷаҳон эътироф шудаанд. Тамаддуни ориёӣ новобаста аз нокомиҳои таърих ва

ҳуҷуму тохтутозҳои аҷнабӣ асолат, ғановат ва ҳувияти худро то замони мо нигоҳ дошта омада расидааст. Муҳимтарин давраи рушди тамаддуни ориёӣ давраи давлатдории Сосониён ба шумор меравад.

Охири солҳои 80 - ум дар ҳаёти иҷтимоӣ - сиёсии мардуми Тоҷикистон ҳодисаи ғайричашмдоште падид омад, ки ин беҳтарин неъмати таърих – ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ буд. Муттаассифона асрҳо, ки афкори бегона дар меҳвари тафаккури миллати мо ҷойгузин буд, мо натавонистем ин ҳадяи бебаҳоро саривақт эҳтиромгузорӣ кунем ва бо нофаҳмиҳои дохилӣ ин арзиши олиро бо ҷанги шаҳрвандӣ пешвоз гирифтем.

Хушбахтона бо мақсади таҳкими тафаккури миллӣ дар зеҳну шуури мардум ва устувор нигоҳ доштани пояҳои истиқлоли миллӣ фарзанди фидоии миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо хираду заковати азалӣ ва афкори фарҳангпарваронаи хеш фарҳангро роҳи ояндаи дурахшони миллат интихоб намуда, бо шиори “Фарҳанг ҳастии миллат” ҷомеаи роҳгумкардаро ба саодату хештаншиносӣ ва ваҳдату ягонагӣ ҳидоят намуданд.

Пешвои миллат хуб дарк намуданд, ки дар ин марҳилаи ҳассос ягона роҳи созандагӣ ва худшиносӣ омӯхтан ва дар зеҳну шуури мардум ҷо кардани мазмуну моҳияти асосии фарҳанги ориёӣ ҳамчун арзиши фарҳанги миллӣ буд. Дар ин раванд Пешвои миллат аҳли ҷомеаро ба виқору сарбаландии тоҷикона ҳидоят намуда, таъкид менамуданд, ки тоҷикон ҳамчун яке аз қавмҳои қадимаи мардуми ориёинажод соҳиби таърихи беш аз панҷҳазорсолаи тамаддун ва фарҳанги давлатсозиву давлатдорӣ мебошанд. Яъне ин суханҳо ҷомеаи ноумед ва азиятдидаи моро бо роҳе ҳидоят мекард, ки бояд давлати тозаистиқлоламонро чун аҷдодони сарбаланду созандаамон ҳифз кунем ва онро ободу зебо гардонем.

Дар ин давраи ватансозию хештаншиносӣ ягона роҳи омӯзиши фарҳанги ориёӣ бо ҳар роҳу восита таҳлил намудани арзишҳои таркибии он аз он ҷумла ҷашнҳои миллӣ дар замону макони хос буд.

Бо мақсади амалӣ намудани ин ҳадаф 20.04.2006 дар Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҷдаи таҷлили “Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ” ба ҷомеа расонида шуд. [1]

Соли 2006 ҳамчун “Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ” бо шукуҳу шаҳомати хосса таҷлил гардид. [11] Ҳамчунин дар ин соли фараҳбахш (соли 2006) китоби беназири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳти унвони “Нигоҳе ба таърихи тамаддуни ориёӣ” дастраси хонандагон гардид. [9] Ин асари муҳим чун нури дурахшон ҳар як фарди кишварро ба худшиносии миллӣ ҳидоят мекунад.

Дар асари мазкур дар бораи давлатҳои бостонии ориёии хориҷ аз ҳудуди имрӯзи Тоҷикистон Пешвои миллат ин нуктаи бисёр омӯзанда ва муҳимеро баён мекунанд, ки на танҳо барои алоқамандони таърихи гузаштаи миллатамон, инчунин, барои муҳаққиқон ва пажӯҳандагони таърихи ватанӣ дастури ҳидояткунанда ва раҳнамо ба ҳисоб меравад: «Чун сухан дар бораи таърих ва тамаддуни ориёиҳо меравад, қаламрави паҳновари зиндагӣ ва амалиёти низомӣ ва бархӯрдҳои нахустини давлатҳои ориёӣ, динҳо ва фарҳангҳои онҳоро омӯхтан зарур аст. Зеро миллати мо то имрӯз чӣ гуна масири пурпечу тоби таърихро дар таркиби давлатҳои ориёӣ ва ғайриориёӣ тай кардааст, бояд мавриди алоқамандии мардуми мо, бавижа ҷавонон қарор гирад. Ба ҳамин манзур ман дар бораи нахустин давлатҳои ориёие, ки берун аз ҳудуди Тоҷикистони кунунӣ воқеъ буда, вале ба рукни арзишманди давлатдории умумии ориёиҳо саҳми сазовор гузоштаанд ва донистани онҳо шарти ватандорию миллатдӯстӣ ва садоқат ба арзишҳои бебаҳои муштараки мо мебошад, мехоҳам андеша ронам». [10]

Дар воқеъ бунёдӣ будани асари безаволи Пешвои миллат “Нигоҳе ба таърихи тамаддуни ориёӣ” аз он дарак медиҳад, ки асари мазкур тамаддуни ориёиро бо далелҳои муътамад инъикос намуда, онро ҳамчун дурнамои рушди худшиносии миллӣ дар марҳилаи нави давлатдории миллӣ муаян мекунад.

Дар Паёми навбатии хеш 30.04.2007 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун дигар санаҳои муҳими таърихӣ дар бобати гиромидошти тамаддуни ориёӣ чунин ибрози ақида намуда буданд: “Маъракаҳои бузурги сиёсиву фарҳангии соли гузашта, пеш аз ҳама 15-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ ва 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб собит намуданд, ки барои мардуми шарифи кишвар сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва оромиву пешрафти ҷомеа арзишҳои муқаддас ва азизанд”. [2] Пеш аз ҳам арзиши муқаддас эътироф намудани “Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ” аз ҷониби Пешвои миллат комилан баҳри расидан ба худшиносии миллӣ, арзиши олӣ мебошад.

Яке аз суннатҳои беназир ва таркибии тамаддуни ориёӣ ин ҷашнҳои миллии таърихии Наврӯз, Сада, Меҳргон ва Тиргон мебошанд. Ҷашни Наврӯз бузургтарин ҷашни миллӣ, пайвандгари налсҳо, сарчашмаи худшиносӣ ва ваҳдату ягонагии инсонҳо мебошад. Бо кушишҳои пайвастаи Пешвои миллат ин ҷашни таърихӣ дар даврони истиқлол натанҳо бо шукуҳ таҷлил мегардад, балки шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намудааст. Ин ҷашни беназир дар паёмҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун арзиши муқаддаси миллӣ мавқеи назаррас дорад.

Наврӯз дар паёми навбатии Пешвои миллат аз 20.04.2012 ҳамчун ҷашни таърихӣ чунин арзёбӣ шудааст: “Бахусус ҳамчун ҷашни байналмилалӣ эътироф ва таҷлил гардидани Наврӯз - ҷашни миллӣ ва суннатии тоҷикон бори дигар мардуми моро ҳамчун миллати фарҳангсоз ва дорои таърих, анъана ва тамаддуни қадима ба ҷаҳониён шиносонид, ки барои ҳар як фарди худогоҳ мояи ифтихор ва сарфарозист”.[3]

Наврӯз ҳамеша аз нигоҳи Пешвои миллат ҷашнӣ бедорӣ, худшиносӣ, созандагӣ ва арзишмандтарин арзиши таъирихии мардумони ориётӣ эътироф гардидаааст. Новобаста аз оне, ки мардуми Тоҷикистон таҳти ҳидоятҳои пайвастаи Пешвои миллат Наврӯзро ҳамасола бо шӯкуҳу шаҳомати хосса ва тибқи анъанаҳои миллӣ таҷлил менамоянд, вале баъзан афроди дар доираи мазҳабҳои бегона ғутаваршуда ба ҷашни Наврӯз нигоҳи манфӣ пайдо кардаанд ва онро ойини бегона эътироф менамоянд.

Барои барҳам задани чунин ақидаҳои номатлуб Пешвои миллат 26.04.2013 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба асолату бузургии Наврӯз чунин ибрози ақида намуда буданд: “Чунончи, дар арафаи ҷашни Наврӯз баъзе сару садоҳое баланд шуданд, ки гӯё он барои мардуми мо ойини бегона аст ва аз нигоҳи дини ислом ҷашн гирифтани Наврӯз мамнӯъ мебошад. Ин фикр мутлақо хатост ва барои раванди худшиносии миллӣ, ки мо мехоҳем наслҳои ҷавонро дар ҳамин рӯҳия тарбия кунем, хатари ҷиддӣ дорад. Наврӯз ҷашни мубораку ҳуҷастаи мо - тоҷикон ва тамоми мардуми ориёӣ буда, ниёгонамон барои ҳифзи расму русум ва ойинҳои неки он дар мушкилтарин лаҳзаҳои таърихӣ истодагарӣ кардаанд.

Аслан Наврӯз ҷашне бар мабнои низоми кайҳон аст, ба ибораи дигар расидани соату дақиқаест, ки назми кайҳон ба ҳолати эътидоли олӣ меояд ва нишонаи эҳёи табиат, рамзи пирӯзии некӣ бар бадӣ мебошад. Ин кашфиёти бузург, ки маҳсули тафаккур ва мушоҳидаҳои аҷдоди хирадманди мост, беш аз шаш ҳазор сол қабл аз ин ба вуқӯъ пайвастааст.

Яъне ин андешаи неку созанда се ҳазор сол пеш аз пайдоиши дини зардуштӣ ва чоруним ҳазор сол қабл аз зуҳури дини мубини ислом паҳн шудааст ва тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ҳанӯз дар ҳамон давраҳои бостон Наврӯз дар қаламрави 23 кишвар таҷлил мегардид.

Аз ин рӯ, мо ҳамеша бо итминони комил изҳор медорем, ки Наврӯз ба ягон дин иртибот надорад ва дар айни замон ба ягон дину мазҳаб мухолиф нест”. [4]

Бо даразардошти шуҳрати ҷаҳонӣ доштани тамаддуни ориёӣ ва тарбиятгари насли башарӣ будани ин фарҳанги асил 26.12.2019 Пешвои миллат дар паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намудаанд, ки “Мо кӣ будани аҷдоду гузаштагони

худро бояд донем, ба онҳо арҷ гузорем ва бо насли ориёӣ, яъне ориёитабор будани худ ифтихор кунем”. [5] Зери ҳамин шиор Пешвои миллат дар паёми мазкур ба Ҳукумати мамлакат супориш додаанд, ки бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик шоҳасари Бобоҷон Ғафуров китоби “Тоҷикон” – ро аз ҳисоби Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда, то ҷашни 30 – солагии истиқлолияти давлатӣ аз номи Роҳбари давлат ба ҳар як оилаи кишвар туҳфа намояд.

Дар Паёми мазкур арзиши илмии ин асари бунёдӣ бениҳоят бузург арзёбӣ шуда, Пешвои миллат қайд намуданд, ки Бобоҷон Ғафуров бо заҳмати чандинсолаи худ мо ва мардуми ҷаҳонро бо саҳифаҳои таърихи рангини миллатамон ошно кард.

Хоссатан дар ин Паём тамаддуни ориёӣ тамаддуни созанда эътироф гардида, донистани он тавассути мутолиаи шоҳасари безаволи Бобоҷон Ғафуров – «Тоҷикон» дар шароити кунунӣ, яъне замоне, ки ҳар як фарди ҷомеа ба худшиносӣ ва ҳифзи хотираи таърихии худ беш аз пеш ниёз дорад, муҳим арзёбӣ гардид.

Дар маҷмуъ дар ин Паём Пешвои миллат қайд карданд, ки “Мо миллати фарҳангӣ, тамаддунсоз ва аз насли ориёӣ буда, бояд ба таърихи гузаштаамон ҳарчи бештар рӯ оварем ва дар қалби фарзандонамон меҳри китобхонӣ ва ҷустуҷӯи илму донишро ҷой кунем”.[5]

Соли 2025 барои гиромидошти тамаддуни ориёӣ соли фаромушнашавандаи таърих аст. Зеро, дар Паёми Пешвои миллат аз 16.12.2025 барои ба таври шоистатар омӯхтан ва тарғиб намудани мероси тамадуни ориёӣ аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳукумати мамлакат ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҷиҳати дар пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе бунёд намудани Конун, яъне Маркази тамаддуни ориёӣ дастур дода шуд.

Ҳамчунин, бо дарназардошти фалсафаю ҳикмати ҷовидонаи Наврӯз, суннату анъанаҳои башардӯстонаи он ва истифодаи онҳо барои тарбияи наслҳои оянда дар шаҳри Душанбе барои бунёди Маркази байналмилалии Наврӯз ба ниҳодҳои дахлдор дастур дода шуд.

Ин ҳама ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат баҳри гиромидошти тамддуни ориёӣ аз он далолат медиҳанд, ки мо тоҷикон яке аз миллатҳои фарҳангиву тамаддунсози дунё мебошем.

Читавре, ки худи пешвои миллат дар Паёми мазкур дар бобати бузургиву хирадмандии гузаштагонамон чунин ибрози ақида намудаанд: “Боиси ифтихори мост, ки гузаштагони некноми мо – ориёиҳо ба ҷаҳониён забону фарҳанг, илму ҳунар, ойину суннатҳои бою рангоранги башардӯстона, аз ҷумла Наврӯз, инчунин, анъанаҳои пешрафтаи давлатдорӣ, яъне тамаддуну фарҳанги ҷовидонаро ба мерос гузоштаанд”.[6]

Доир ба рисолаи бузурги инсонпарварии ҷашнҳои миллӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомлаӣ Раҳмон чунин ибрози ақида намдуаанд. “Воқеан, Наврӯз, ки имрӯз мақоми байналмилалӣ гирифтааст, Меҳргон, Сада ва Тиргон, ки таҷассумгари андешаҳои инсондӯстӣ ва бузургдошти табиат мебошанд ва анъанаҳои давлатдории гузаштагони ориёии мо, ки дар таърихи башарият нақши мондагору таъсиргузор бозидаанд, асоси ҳувият ва асолати мо – тоҷикон мебошанд”.[6]

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд, ки “Мо вазифадорем, ки дар баробари ифтихор кардан аз мероси оламшумули аҷдоди худ онро соҳибӣ кунем, омӯзем, идома диҳем ва барои наслҳои оянда ҳамчун ганҷинаи бебаҳои ҳувиятсоз ба мерос гузорем. Мо бояд ифтихор дошта бошем, ки аҷдоди хирадманди мо «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек»-ро ҳамчун арзиши бузурги инсондӯстона шиори зиндагии худ қарор додаанд”. [6] Чунин таъкидҳои Пешвои миллат пеш аз ҳама нишонаи эҳтиром ба асоси таълимони Авесто ҳамчун сарчашмаи оини ростин мебошад.

Пешвои миллат натанҳо ба тамаддуни ориёӣ арҷгузорӣ намуданд, балки ба фарзандони нобиғаи таърихии ориёӣ яъне ба беҳтарин меросбарону пешбарандагони

фарҳанги ориёӣ эҳтиром гузошта, чунин шахсиятҳоро амсоли Куруши Кабир, Зардушт, ва Борбади Марвазӣ ба ҷаҳониён шиносо намуданд.

Куруши Кабир ҳамчун шахсияти созанда ва адолатхоҳи таърих дар осор ба вижа паёмҳои Пешвои миллат инъикоси воқеӣ дорад. Бояд ёдовар шуд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28 декабри соли 2024 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамкории Тоҷикистон бо ЮНЕСКО ёдовар шуда, ба вазорату идораҳои марбута супориш доданд, ки вобаста ба таҷлили 2550-солагии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир маводи зарурӣ омода ва ба ЮНЕСКО пешниҳод намоянд, ки аҳамияти онро барои ҳувияти миллӣ ва эътирофи ҷаҳонӣ таъкид мекунад. [7] Натиҷаи чунин иқдом самара бахшида, 6 ноябри соли 2025 дар 43 – юмин Конфронси умумии ЮНЕСКО бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон Қатъномаи "Устувонаи Куруши Кабир" қабул гардид. [8] Қатъномаи мазкур аҳамияти таърихӣ ва маънавии "Устувонаи Куруш" - ро ҳамчун яке аз нахустин санадҳои башардӯстона, ки арзишҳои озодии виҷдон, эҳтиром ба гуногунрангии фарҳангӣ ва ҳамзистии осоиштаро тарғиб месозад, таъкид менамояд.

Доир ба аҳамияти ҷаҳонӣ пайдо намудани "Устувонаи Куруш" Пешвои миллат дар паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.12.2025 бо ифтихор чунин ибрози андеша намудаанд: "...танзими ҳамоишҳо зери унвони «Устувонаи Куруш: Эъломияи ибтидоии ҳуқуқи гуногунрангии фарҳангӣ» (аввалин эъломияи ҳуқуқи башар дар таърихи инсоният) боиси ифтихору сарбаландии миллати ориёии мо мебошад".

Яке аз дастовардҳои назарраси дигар, ки бо иқдоми беназири Пешвои миллат муҳтарам ЭмомалӢ раҳмон рӯи кор омадааст ин муаррифии тамадуни ориёӣ ва муаррифии шоистатари шахсияти Барбади Марвазӣ ҳамчун асосгузори мусиқии классикии форс – тоҷик ва меросбари мусиқии ориёӣ дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Чи тавре, ки шоҳид гардидем Пешвои миллат дар ин масъала дар Паёми соли 2025 доир ба шахсияти Борбади Марвазӣ чунин андешаронӣ намуданд: "... мо бояд барои ҳифзи арзишҳои моддиву ғайримоддии миллати худ муаррифии шоистаи онҳоро дар арсаи байналмилалӣ ҳадафмандона идома диҳем. Аз ҷумла бо дарназардошти саҳми таърихии Борбади Марвазӣ дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ, вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва фарҳанг ҷиҳати ба Феҳристи шахсиятҳои барҷастаи фарҳангии ЮНЕСКО ворид намудани номи ӯ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Борбад, ки дар асрҳои шашуму ҳафтуми мелодӣ – дар замони давлатдории Сосониён – зиндагӣ ва эҷод кардааст, аз ҷониби олимону коршиносони маъруфи дунё ҳамчун яке аз аввалин донандагони илми мусиқӣ ва оҳангсози касбии қаламрави ориёӣ эътироф гардидааст".

Чунин андешадории азалии пешвои миллат ҳар яки моро ба роҳи худшиносии комил ҳидоят менамояд, то аз омилҳои хурофотпарастӣ озод бошем.

Таҳлилу омӯзиши паёмҳои Пешвои миллат аз он дарак медиҳанд, ки тамаддуни ориёӣ бо он арзишҳову суннатҳои оламгираш дар сиёсати созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисон мавқеи калибӣ пайдо кардааст.

Роҳбари давлат тавассути паёмҳои хеш ба ҷомеаи имрӯзу ояндаи мо таъкид мекунанд, ки танҳо бо роҳи рӯ овардан ба тамаддуни ориёӣ мо метавонем худро ҳамчун насли созанда шиносем, мақоми худро дар арсаи байналмилаӣ пайдо карда тавонем ва фаротар аз ин, тамаддуни ахлоқии ориёиро дар рафтору кирдори бошарафонаи хеш ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем.

Бинобар ин, ҳар як фарди ҷомеаро лозим аст, ки бо мақсади роҳоӣ ёфтан аз таассуби бегонагон ба ҳидоятҳои созандаи Пешвои миллат таваҷҷуҳ намуда, ба омӯзиши тамаддуни ориёӣ рӯ орад ва фазои ҷоҳонишавии фарҳангҳо манфиат, асолат ва мақому манзалати ориёӣ – тоҷикии худро ҳифз карда тавонад.

Бо дарназардошти аҳамияти илмию ахлоқии муҳтавои паёмҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба масъалаи тамаддуни ориёӣ пешниҳодҳои зерин ҷиҳати дар оянда татбиқ намудани ҳадафҳои созандаи роҳбари давлат дар самти гиромидошти тамаддуни ориёӣ ва сарчашмаи худшиносии миллӣ шиор намудани он барои амалисозӣ ба аҳли илму адаби кишвар ва ниҳодҳои дахлдор манзур мегарданд.

1. Ба хотири ба таври шоистатар пос доштани фарҳанги ориёӣ, ҷоҳонӣ гардидани адолати ориёӣ дар сатҳи байналмилалӣ дар Тоҷикистон ҳамасола таҷлили як рӯзи хос бо унвони “Рӯзи фарҳанги ориёӣ” муҳим ва саривақтӣ мебошад;

2. Бо мақсади ташаккули худшиносии миллии ҷомеа ташкил намудани чорабиниҳои илмӣ аз он ҷумла конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муҳим ва саривақтӣ мебошад;

3. Дар шабакаҳои телевизиони кишвар ташкили барномаи доимии “Фарҳанги ориёӣ ва худшиносии миллӣ” – ро масъалаи рӯз дониста мешавад. Дар ин самт хуб мешуд, ки бо ҷалби олимони варзидаи кишвар арзишҳои тамаддуни ориёӣ тавассути барномаи мазкур ба ҷомеа талқину тавсиф карда шаванд.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз санаи 20.04.2006). [Манобеи электронӣ] // http://prezident.tj/node/197. Санаи истифодабаӣ аз 24.11.2025
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз санаи 30.04.2007). [Манобеи электронӣ] // http://prezident.tj/node/198. Санаи истифодабаӣ аз 27.11.2025
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз санаи 20.04.2012). [Манобеи электронӣ] // http://prezident.tj/node/1084. Санаи истифодабаӣ аз 10.12.2025
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз санаи 26.04.2013). [Манобеи электронӣ] // http://prezident.tj/node/4318. Санаи истифодабаӣ аз 10.12.2025
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз санаи 26.12.2019). [Манобеи электронӣ] // http://prezident.tj/node/21975. Санаи истифодабаӣ аз 12.12.2025
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз санаи 16.12.2025). [Манобеи электронӣ] // https: // www.president.tj/event/missives / 54181. Санаи истифодабаӣ аз 18.12.2025
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз санаи 28.12.2024). [Манобеи электронӣ] https: //www. president. tj/event/missives / 49225. Санаи истифодабаӣ аз 22.12.2025
8. Пулотов А. Устувонаи Куруши Кабир ва арзишҳои инсонмеҳварӣ дар ҳуқуқи башар. [Манобеи электронӣ] / https://amit.tj/tj/ustuvonai-kurushi-kabir-va-arzishkhoi-insonmekhvari-dar-khukuki-bashar?page=51. Сана истифодабаӣ аз 23.12.2025
9. *Раҳмонов* Эмомалӣ. *Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ*. – Д.: *Ирфон, 2006*. – 372.
10. Ҳамза К. "Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ". Асаре, ки таҳқиқан бунёдист. [Манобеи электронӣ] //http:// peshina.jumhuriyat. tj/index.php?art_id=38572. Санаи истифодабарӣ аз 23.12.2025.
11. Эмомалӣ Раҳмон ва соли тамаддуни ориёӣ. [Манобеи электронӣ] https://khovar.tj/2007/01/emomal-ra-mon-va-soli-tamadduni-oriyo/. Санаи истифодабарӣ аз 22.12.2025

УДК: 347. 46 (578.3)

РУШДИ САНОАТИ МИЛЛӢ ДАР ЗАМИНАИ СИЁСАТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТ

РАЗВИТИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В СФЕРЕ ИННОВАЦИОННОЙ ПОЛИТИКИ В ПОСЛАНИИ ПРЕЗИДЕНТА

DEVELOPMENT OF NATIONAL INDUSTRY IN THE FIELD OF INNOVATION POLICY IN THE PRESIDENT'S MESSAGE

САМИЗОДА М.Б. – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг. 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: (+992) 888-83-01-20. E-mail: mehrangezsamieva9@gmail.com

САМИЗОДА М.Б. - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент кафедры менеджмента и маркетинга. 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Телефон: (+992) 888-83-01-20; mehrangezsamieva9@gmail.com

SAMIZODA M.B. - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, candidate of economic sciences, Associate Professor of the department of management and marketing. 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue, 48/5. Phone: (+992) 888-83-01-20 ; mehrangezsamieva9@gmail.com

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур муаллиф қайд менамояд, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ҳамчун барномаи мукаммали таҳлилӣ барои пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ заминаҳои мусоиди таҳқиқотӣ фароҳам меоварад. Паёмҳои Президенти Тоҷикистон мазмунан моҳияти илмӣ дошта, маҳз барои муҳаққиқони соҳаҳои гуногун, ки дар самтҳои муайян корҳои таҳқиқотӣ анҷом медиҳанд, сарчашмаҳои боэътимод маҳсуб меёбанд. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки дар солҳои охир яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ рушди саноати миллӣ дар асоси инноватсия ва технологияҳои муосир ба ҳисоб меравад. Дар Паёми Президент ин раванд ҳамчун шарти муҳими саноатикунонии босуръати кишвар ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ таъкид мегардад.

Калидвожаҳо: паём, саноатикунонӣ, рушд, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, инноватсия, иқтисоди миллӣ, стратегӣ, рақамикунонӣ ва ғ.

Аннотация. В данной статье автор отмечает, что Послание Президента Республики Таджикистан в Меджлиси Оли, как всесторонняя аналитическая программа, обеспечивает благоприятную исследовательскую базу для развития всех сфер политической, социальной и экономической жизни республики. Послания Президента Таджикистана имеют научное содержание и считаются надежными источниками для исследователей различных областей, проводящих исследования в определенных направлениях. Автор также отмечает, что в последние годы одним из ключевых направлений государственной политики стало развитие национальной промышленности на основе инноваций и современных технологий. В Послании Президента подчеркивается, что этот процесс является важным условием быстрой индустриализации

страны и повышения конкурентоспособности национальной экономики.
Ключевые слова: послание, индустриализация, развитие, экономический, социальный, инновации, национальная экономика, стратегический, цифровизация и др.

Abstract. In this article, the author notes that the Message of the President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli, as a comprehensive analytical program, provides a favorable research base for the development of all spheres of political, social and economic life of the republic. The messages of the President of Tajikistan have a scientific content and are considered reliable sources for researchers in various fields who conduct research in certain areas. The author also notes that in recent years, one of the key directions of state policy has been the development of national industry based on innovation and modern technologies. The Message of the President emphasizes this process as an important condition for the rapid industrialization of the country and increasing the competitiveness of the national economy.
Keywords: message, industrialization, development, economic, social, innovation, national economy, strategic, digitalization, etc.

Ҳамасола дар арафаи Соли нави мелодӣ мардуми Тоҷикистони биҳиштосо ироа гардидани Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бесаброна интизор мешаванд.Паёми навбатии Роҳбари давлат, ки санаи 16-уми декабри соли 2025 ба Маҷлиси Олӣ ироа гардид, аз паёмҳои солҳои қаблӣ аз лиҳози муҳтаво ва серпаҳноии худ фарқкунанда мебошад. Дар низоми давлатдории миллӣ Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати расмӣ ва муҳими барномавӣ буда, ойинаи равшани рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсии Тоҷикистон, барномаи мукаммали кории тамоми ниҳодҳо ва қутбнамои ҳаракати устувори ҷомеаи мо ба сӯйи ояндаи дурахшон мебошад. Ин аст, ки на танҳо хизматчиёни давлатӣ, балки тамоми сокинони мамлакат гаштаву баргашта ба ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз рӯй оварда, мазмуну моҳияти онро сармашқи фаъолияти ҳаррӯзаи худ қарор медиҳанд.

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба ҳадафҳои миллӣ ва рушди устувори иқтисоди кишвар санади муҳим буда, иҷрои саривақтии дастуру ҳидоятҳои Роҳбари давлат аз ҳар шаҳрванди кишвар заҳмати софдилонаву шабонарӯзиро тақозо менамояд.

Дар паёми имсолаи худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки “Ҳукумати мамлакат бояд самтҳои афзалиятноки рушди технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, саноатикунонии босуръат бо технологияҳои муосир, истифодаи имкониятҳои транзитӣ ва сайёҳӣ, идомаи ислоҳоти идоракунии давлатӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар гардонидани фазои сармоягузориро тақвият бахшад.”

Инчунин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки “Ба мақсади ноил гардидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар дар давраи татбиқи он (солҳои 2019 – 2025), яъне дар 7 соли охир беш аз 2600 корхонаи саноатӣ бо ташкили зиёда аз 87 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шудааст. Аз ҷумла дар соли 2025-ум 400 корхонаи истеҳсолӣ ба фаъолият оғоз намудааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи маъдан аз 7,7 миллиард сомонии соли 2020 ба 26 миллиард сомонӣ дар соли 2025 расонида, афзоиши ин нишондиҳанда 3,4 баробар таъмин карда шуд.

Тадбирҳои дар самти саноатикунонии босуръати кишвар андешидашуда имкон доданд, ки дар ҳафт соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа дуюним баробар афзоиш ёфта, дар соли 2025 ба 66 миллиард сомонӣ расонида шавад. Суръати рушди соҳаи саноат дар соли 2025-ум 22 фоизро ташкил дод”.

Иҷрои нишондодҳои Паём ҷиҳати ба як кишвари мутараққӣ ва рақобатпазир табдил ёфтани Тоҷикистони соҳибистиқлол қадами ҷиддӣ хоҳад буд. Бояд қайд намуд, ки Паёми навбатии Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад. Чунки Паём дар шароити таърихие ироа гардид, ки Тоҷикистони азизи мо дар арафаи таҷлили 35 - умин солгарди Истиқлолияти давлатии хеш қарор дорад. Албатта, дар сатҳи баланди сиёсӣ ва қадршиносӣ аз давлатдории миллӣ пешвоз гирифтани ин маъракаи муҳим ва тақдирсози миллат аз ҳар як сокини Тоҷикистони биҳиштосо масъулияти баланди шаҳрвандӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва садоқату самимиятро талаб менамояд. Пешвои муаззами миллат бо такя ба хиради азалӣ ва таҷрибаи бузурги роҳбарӣ тавонистанд, ки дар Паёми хеш на танҳо аз муваффақиятҳо сухан гӯянд, балки камбудиву мушкилоти мавҷударо дар сохторҳои гуногуни давлату ниҳодҳои иҷтимоӣ бозгӯ кунанд ва ҷиҳати ҳалли мушкилот пешниҳодоти муассир манзур созанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир тадбирҳои мушаххасеро барои рушди соҳаҳои инноватсионӣ амалӣ кардааст. Қонунҳои марбут ба дастгирии фаъолияти инноватсионӣ, таъсиси баъзе марказҳои инноватсионӣ дар назди донишгоҳҳо, ва иштироки кишвар дар барномаҳои минтақавии ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ намунаи ин пешрафтҳоянд.

Сатҳи рақамикунонӣ ва истифодаи технологияҳои муосир дар иқтисоди миллӣ паст буда, заминаи воқеии таъсиси стартапҳо ва тиҷорати навоварона ҳанӯз ба таври кофӣ рушд накардааст.

Дар асри XXI, ки бо номи асри технология ва дониш маъруф аст, инноватсияҳо ҳамчун муҳаррики асосии рушди иқтисод ва такмили ҷомеа ба шумор мераванд. Дар заминаи рақобати шадиди бозор ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт, кишварҳое муваффақ ҳастанд, ки метавонанд технологияи нав ва усулҳои пешрафтаи идоракуниро татбиқ намоянд.

Инноватсия – ҷараёни эҷоди маҳсулот, хизматрасонӣ, раванд ё усули нав аст, ки ба рушди иқтисодӣ, баландбардории самаранокӣ ва қонеъ намудани талаботи нави бозор равона шудааст. Инноватсияҳо метавонанд технологӣ, идоракунӣ, ташкилӣ ё маркетингӣ бошанд.

Нақши инноватсия дар рушди иқтисоди миллӣ ба чунин натиҷаҳо оварда мерасонад:

1. Афзоиши маҳсулнокӣ ва самаранокии истеҳсолот - истифодаи технологияи муосир имконият медиҳад, ки бо камтар захира маҳсулоти бештар ва босифат истеҳсол гардад.

2. Таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди захираҳои инсонӣ - инноватсияҳо боиси пайдоиши соҳаҳои нави иқтисодӣ ва талабот ба мутахассисони нав мегарданд.

3. Тақвияти рақобатпазирии миллӣ - кишварҳое, ки дар заминаи илм ва навоварӣ пешсафанд, дар бозорҳои байналмилалӣ ҷойгоҳи мустаҳкам пайдо мекунанд. [2,с.59].

4. Таҳкими содирот ва ҷалби сармояи хориҷӣ - маҳсулоти инноватсионӣ бештар дар бозори ҷаҳонӣ харидор дорад, ва ҷалби сармоягузоронро низ осонтар мегардонад.

Монеаҳо дар роҳи рушди иқтисоди инноватсионӣ инҳо ба шумор мераванд:

– Норасоии сармоягузорӣ дар соҳаи илм ва таҳқиқот;
– Камбуди кадрҳои баландихтисос;
– Сатҳи пасти ҳамкорӣ миёни илм ва саноат;
– Қонунгузории номукаммал ва инфрасохтори заиф.

Инноватсия воситаи муҳими афзоиши қобилияти рақобат, беҳтарсозии зиндагии аҳолӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Барои ноил шудан ба иқтисодиёти инноватсионӣ, кишварҳо бояд ба дастгирии тадқиқот, маориф, соҳибкории навоварона ва рушди инфрасохтори муосир таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин як санади расмӣ ва муҳими сиёсӣ

мебошад, ки ҳар сол Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ ва ҷомеа ирсол мекунад. Дар паёми худ Президенти кишвар аксар вақт масъалаҳои асосии рушди кишвар, сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро матраҳ мекунанд, инчунин ҳадафҳо ва самтҳои стратегии давлатро барои соли оянда муайян мекунад. Рушди саноат, кишоварзӣ, инноватсия ва технологияҳои рақамӣ шарти асосии пешрафти иқтисоди миллӣ аст.

Инноватсия ва истифодаи самараноки захираҳои кишвар сатҳи зиндагии аҳолиро беҳтар менамояд. Ҳадафи асосӣ дар ин самт баланд бардоштани иқтисоди миллӣ ва таъмини ҷойҳои нави корӣ мебошад. Рушди саноат дар заминаи инноватсия имкон медиҳад, ки иқтисоди миллӣ аз шакли анъанавӣ ба иқтисоди муосир гузарад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонӣ ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосии рушди иқтисодӣ муайян шудааст. Таъкид мегардад, ки бе рушди саноати муосир таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ғайриимкон аст. [6, с. 70] Саноати миллӣ бояд на танҳо аз лиҳози ҳаҷми истеҳсолот, балки аз нигоҳи сифат, самаранокӣ ва рақобатпазирӣ рушд ёбад. Ин мақсад танҳо бо истифодаи васеи навовариҳо ва технологияҳои пешрафта амалӣ мегардад.

Инноватсия ҳамчун омили асосии баланд бардоштанӣ маҳсулнокӣ, коҳиши хароҷот ва афзоиши арзиши иловагӣ баррасӣ мешавад. Дар ин раванд рушди ҳамкории илм ва истеҳсолот, дастгирии стартапҳо ва ташкили муҳити мусоиди инноватсионӣ аҳамияти калон дорад. Дастгирии сармоягузорӣ, ташкили минтақаҳои саноатӣ, рушди саноати коркард ва ҳавасмандгардонии истеҳсолоти рақобатпазир аз ҷумлаи тадбирҳои муҳими сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад. Саноати инноватсионӣ ҳамчун муҳаррики рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, таъсири худро ба тамоми соҳаҳо мерасонад.

Саноатикунонӣ равандест, ки ба рушди босуръати соҳаи саноат, афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир равона шудааст. Он яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодӣ буда, заминаи гузариш аз иқтисоди анъанавӣ ба иқтисоди муосир ва рақобатпазирро фароҳам меорад.

Дар шароити муосир саноатикунонӣ бо истифодаи инноватсия, технологияҳои нав ва рақамикунонӣ алоқаманд мебошад. Дар Паёми Президент таъкид мегардад, ки рушди саноат бояд ба истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ, коркарди ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр равона карда шавад.

Мақсади асосии саноатикунонии кишвар ин гузариш аз иқтисоди кишоварзӣ ба иқтисоди саноатӣ ва таъмини рушди устувори миллӣ дар мамлакат мебошад. [3, с 128]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи ҳадафи чорум ва стратегияи миллӣ саноатикунонии босуръати кишвар, рушди саноати ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани некӯаҳволии мардум ва таъмини истиқлолияти иқтисодӣ муайян шудааст.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди саноати коркард таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардад. Таъкид мешавад, ки коркарди ашёи хоми дохилӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр яке аз самтҳои муҳими саноатикунонӣ ба шумор меравад. ин раванд имкон медиҳад, ки арзиши иловагӣ дар дохили кишвар ташаккул ёфта, вобастагӣ аз воридот коҳиш ёбад.

Инноватсия дар саноати коркард бо истифодаи технологияҳои муосир ва усулҳои навини истеҳсолот амалӣ гардида, ба баланд шудани сифати маҳсулот ва рақобатпазирии он дар бозор мусоидат мекунад. Инноватсия дар Паём ҳамчун ҷорӣ намудани технологияҳои нав, истифодаи дастовардҳои илмӣ, рақамикунонӣ ва рушди иқтисоди донишбунёд баррасӣ мешавад. Таъкид мегардад, ки бе инноватсия рушди саноат, кишоварзӣ, маориф ва дигар соҳаҳои иқтисод ғайриимкон аст. Яке аз самтҳои муҳими зикршуда рушди иқтисоди рақамӣ ва истифодаи технологияҳои муосир дар идоракунӣ ва истеҳсолот мебошад. [8, с 190]. Аҳамияти паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле калон аст, зеро он як санади стратегии давлатӣ мебошад ва дар шакли равшан нишон медиҳад, ки давлат ба кадом самтҳо таваҷҷӯҳ мекунад ва чӣ ҳадафҳоро пеш мебарад.

Дар маҷмӯъ, саноатикунонии босуръат ва инноватсия дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси гузариш ба иқтисоди муосир, саноатикунонии босуръат ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ баррасӣ мегардад.

Паём ҳамчун таҷассумкунандаи фалсафаи давлатдории миллӣ, фишанги доимамалкунанда ва пешбарандаи ҷомеа баромад намуда, амалӣ гардидани нақшаю вазифаҳои гузошташудаи имрӯзу фардо, пеш аз ҳама мутобиқ ба талаботи замон ва дар ҳамбастагӣ бо ин роҳу усулҳои муосирро баёну тарҳрезӣ ва пешниҳод менамояд.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16.12.2025, шаҳри Душанбе.

2. Иттилоотикунонии ҷомеа омили асосии баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар Тоҷикистони муосир [Матн]: /М.Б.Самиева //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2019, №5. – С.129-135.

3. Комилов, С.Ҷ., Алиева, Г.Ш. Соҳибкорӣ ва менеҷменти рушди фаъолияти навҷорсозӣ (инноватсионӣ). [Матн]: васоити таълимӣ. - Д.: Ирфон, 2008. - 220 с.

4. Маркс К. Капитал. Критика политической экономики. Т.1. - М.: Политиздат, 1988. - 891с.

5. Маҷаллаи идоракунии давлатӣ . Мақола “Асосҳои назариявии таҳлили категорияи сатҳи зиндагии аҳолӣ” саҳ. 76-80 . Самиева М.Б.

6. Муносибатҳои методологӣ оид ба баҳодиҳии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ [Матн]: /М.Б.Самиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. ISSN 2413-5151, 2020, №10. – С.77-81.

7. Народное благосостояние: тенденции и перспективы / Е.М. Аврамова [и др.]; АН СССР, Госкомтруд СССР, Ин-т соц-экон. проблем народонаселения; отв. ред. Н.М. Римашевская, Л.А. Оников. - М.: Наука, 1991. - 253 с.

8. Мирсаидов, А.Б. Ҳамкории муштараки давлату соҳибкорӣ: баъзе масъалаҳои назариявӣ [Матн]: /А.Б.Мирсаидов /Маводи конференсияи душанбегии байналмилалии илмию амалӣ, - Д., 2012. - 199с.

9. Мирсаидов, А.Б. Қадамҳои устувор бар сӯйи тамаддуни саноатӣ ва ё индустриалӣ//Рӯзномаи «Минбари халқ», 2020, 17 феврал.

УДК: 347. 46 (578.3)

СИЁСАТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР СОҲАИ СОАНОАТИКУНОНӢ ВА РУШДИ ИЛМҲОИ ДАҚИҚ

ПОЛИТИКА ЛИДЕРА НАЦИИ В СФЕРЕ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ И РАЗВИТИЯ ТОЧНЫХ НАУК

THE POLICY OF THE LEADER OF THE NATION IN THE FIELD OF INDUSTRIALIZATION AND THE DEVELOPMENT OF EXACT SCIENCES

ХОЛИҚОВА М. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: kholiqovam@mail.ru

ХОЛИҚОВА М. – ассистент кафедры права Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: kholiqovam@mail.ru

KHOLIQOVA M. – assistant of the Department of Law, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: kholiqovam@mail.ru

Аннотатсия. Саноатикунонӣ яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, сол ба сол соҳаи мазкур рушуд инкишоф ёфтааст. Алҳо дар кишвар корхонаҳои зиёди саноатӣ сохта шудаанд, ки ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон такони бузург мебахшанд. Масъалаи мазкур ҳамеша таҳти таваҷҷуҳи Пешовои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, оёсати мазкур ҳамеша дар паёмҳои ҳамсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос меёбад. Дар мақолаи мазкур сиёсати Пешвои миллат дар соҳаи саноат ва рушди илмҳои дақиқ баррасӣ карда шудааст.
Вожаҳои калидӣ. сиёсат, сиёсати саноатикунонӣ, илмҳои дақиқ, стратегия, корхонаҳои саноатӣ, стипендияҳо, лоиҳаҳои илмӣ.

Аннотация. Индустриализация является одной из приоритетных целей государственной политики Республики Таджикистан, и с каждым годом данная отрасль последовательно развивается. В стране построено значительное количество промышленных предприятий, которые придают мощный импульс экономическому развитию Республики Таджикистан. Данный вопрос постоянно находится в центре внимания Основателя мира и национального единства — Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, и отражается в его ежегодных посланиях Маджлиси Оли Республики Таджикистан. В статье рассматривается политика Лидера нации в сфере промышленности и развития точных наук.
Ключевые слова: политика, политика индустриализации, точные науки, стратегия, промышленные предприятия, стипендии, научные проекты.

Abstract. Industrialization is one of the key priorities of the state policy of the Republic of Tajikistan, and this sector has been steadily developing year by year. A significant number of industrial enterprises have been established in the country, providing a strong impetus to the economic development of the Republic of Tajikistan. This issue remains under the constant attention of the Founder of Peace and National Unity — the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, and is regularly reflected in his annual addresses to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan. The article examines the policy of the Leader of the Nation in the field of industrial development and the advancement of exact sciences.

Keywords: policy, industrialization policy, exact sciences, strategy, industrial enterprises, scholarships, scientific projects.

Бо қабули Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [5] (СМР-2030) роҳи таърихии рушди иқтисодиёти кишвар ва заминаҳои ҳуқуқии омода намудани иқтисодиёти давлат ба рушди ояндаи саноат муайян гашт. Дар СМР-2030 биниш, рисолат, ҳадафу вазифаҳои рушди Тоҷикистон амиқ муқаррар гардида, сенарияи рушди кишвар то соли 2030 ва сарчашмаҳои маблағгузории истеҳсолоти ватанӣ амиқ карда шуд. Дар СМР-2030 таҳдидҳо, имкониятҳо, равзанаи имкониятҳои демографӣ, ташкили низоми самарбахши низоми идоракунӣ рушди минтақаҳо бо дарназардошти рушди сармояи инсонӣ дар самти маориф, илм, саломатӣ, фарҳанг ва муҳити зист ҳамаҷониба таҳлил гардида сенарияҳои рушди ояндаи он дар доираи манфиатҳои давлати Тоҷикистон таҳия гашт.

Мутобиқ ба “СМР- 2030” ва “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 дар соли 2019 суръати афзоиши воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохили ба 7,5 фоиз ташкил намуда ва ин нишондиҳанда аз ҳисоби зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 13,4 фоиз, маҳсулоти кишоварзӣ 7,1 фоиз, гардиши савдо 8 фоиз ва хизматрасониҳои пулакӣ 1,6 фоиз таъмин карда шуд. Тавре дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайдгардид, дар ҳафт соли охир рушди иқтисодиёти кишвар ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 45,6 миллиард сомонӣ ба 78 миллиард афзоиш ёфта ҳаҷми умумии даромади буҷет қариб ду баробар афзуда, аз 12 миллиард сомонии соли 2013 ба 23 миллиард сомонӣ даромади пулии аҳолӣ беш аз ду баробар ва музди меҳнати миёнаи як корманд 2,4 баробар афзоиш ёфт [1]. Сазовор ба ёдоварист, ки тайи ин муддат сатҳи камбизоатӣ ба 27,5 фоиз паст шуда, дарозумрии миёнаи шаҳрвандон то 75 сол боло рафт.

Баъд аз оне, ки Пешвои миллат дар Паёми соли 2018 саноатикунонии босуръати мамлакатро ҳадафи чоруми стратегии Тоҷикистон эълон намуданд, дар кишварҳо силсислаи зиёди чорабиниҳои маърифатию иқтисодӣ оғоз шуд, ки ба омодагии техникии саноат ва рушди рукнҳои иқтисоди миллӣ дар шароитҳои нав мусоидат карданд.

Президенти кишвар дар Паёми соли 2018 таъкид намуда буданд: «…Бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад.Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад.» [2]

Саноатикунонии босуръати мамалкат ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар мусоидат кард, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҳафт соли охир қариб 3 баробар (аз 10 миллиард сомонӣ ба 27,5 миллиард сомонӣ) зиёд гардад. Ҳоло иқтисодиёти кишвар ҷиҳати баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ силсилаи корҳои ташкилӣ –ҳуқуқиро аз сар гузаронида ба ташкили занҷираи “**ашёи хом - истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ - дарёфти бозори фурӯш”** камари ҳиммати бастааст. Мо бовар дорем, ки таҳти сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат ин вазифаҳои муҳимми таърихӣ дар солҳои наздик амалӣ хоҳанд шуд.

Ҳоло дар соҳаи энергетика 12 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 16,1 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истода, ду агрегати нерӯгоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба кор андохта шуд. Имрӯзҳо дар соҳаи нақлиёт 11 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии беш аз 8,5 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст. Соли 2020 лоиҳаҳои таҷдид ва бунёди қитъаи Обигарм-Нурободи шоҳроҳи Ваҳдат-Қарамиқ (яъне Лахш). ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ, Қалъаихумб - Ванҷ бо арзиши лоиҳавии 2,2 миллиард сомонӣ, Ҳулбук - Темурмалик ба маблағи 200 миллион сомонӣ ва сохтмони

пули ҳафтуми дарёи Панҷ миёни Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афгонистон дар мавзеи Кокул бо 18 километр роҳи мошингард ба маблағи 70 миллион сомонӣ ва дигар лоиҳаҳо оғоз меёбанд. Танҳо дар давоми ҳафт соли охир ба маблағи беш аз 37 миллиард сомонӣ фондҳои асосӣ ба кор андохта, қариб 8 миллион метри мураббаъ манзилҳои истиқоматӣ ва иншооти дигар ба истифода дода шудаанд [1].

Гуфтаҳои боло шаҳодати он аст, ки Тоҷикистон таҳти роҳбарии фарзанди барумандаш Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон роҳи рушди бебозгашти худро ба сӯӣ саноатикунонии босуръати мамлакат оғоз намудааст.

Суханронии навбатии Роҳбари давлат бо аҳли зиё, ба тафаккури аҳли зиё чун нури зиёбахше, ҳамчун идомаи силсилаи амалкардҳои устувори давлатсозӣ, миллатташаккулдиҳӣ ва фарҳангсолории Пешвои миллат садо дод. Ҳадафи асосии ин воҳурӣ баёни номуназзамии омӯзиши илм дар кишвар ва ислоҳи вазъи ҷалби наврасон ба омӯзиши илмҳои табиӣ ва фанҳои дақиқ буд. Пешвои муаззами миллат маълум ва равшан сохтанд, ки бо чунин муносибат бо фанҳои дақиқ ва табиӣ дароянда рушди босуръати саноати кишвра ба мушкилиҳо мувоҷеҳ мегардад. Ҷиҳати ислоҳи ин вазъ Роҳбари давлат як қатор чорабиниҳои моддӣ ва маънавиро назди аҳли зиё ва мақомоти дахлдор масъалагузорӣ намуданд, ки ба беҳдошти сатҳ ва сифати таълим нигаронида шуда, омили ногузири илмӣ дар таҳкими истиқлолият ва рушди кишвар дар замони муосир маҳсуб мегарданд.

Воҳурии имсола бо зиёиёни мамлакат хислати инқилоби фикрӣ дошта ба дигаргуннамоии вазъи мавҷудаи илмҳои табиӣ нигаронида шуда буд. Пешвои дастур доданд, ки «*аз 1 январи соли 2021 шумораи гирандагони стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар омӯхтани фанҳои табиӣ ва риёзиву дақиқ натиҷаҳои баланд нишон медиҳанд, аз 400 нафар то 3000 нафар зиёд ва андозаи маблағи он 500 сомонӣ муқаррар карда шавад»*[6]. Дар баробари ин мутаносибан шумораи гирандагони чунин стипендияҳо *«дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз 100 нафар то 500 нафар ва барои аспирантони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмӣ аз 15 нафар то 50 нафар»*[6] афзун карда шуд.

Шумораи стипендияҳои Президентӣ 70 фоиз барои фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ муайян гардид. Мақсад аз чунин гардиши дастгирии самти таълим қабл аз ҳама бо мақсади омода кардани шароити муосиди рушди технология ва соҳаҳои техноложӣ дар кишвар аст. Маҳз рушди технология ва суръати тараққии илмҳои дақиқ заминаи рушди иқтисодиёт ва саноат дар ҷаҳони муосир аст. Саноатикунонӣ дар кишвар эҳтиёҷ ба рушди илмҳои дақиқ дошт, ин талабтро Роҳбари давлат саривақт дарк карда дар Паёми имсолаи худ таъкид намуданд: « Вобаста ба ин, пешниҳод менамоям, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас **солҳои 2020 -2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”** эълон карда шаванд.» [1]. Эълон шудани бист соли афзалияти омӯзиши фанҳои дақиқ аз назари таҷрибаи ҷаҳонӣ маҳз ба рушди санотикунонии борсуръати мамлакат нигаронида шудааст.

Барои ноил шудан ба сатҳи зарурии рушди илмҳои табиӣ Роҳбари давлат дастгириро дар сатҳи донишҷӯёни фаъоли нерӯи зеҳнӣ дар муасисаҳои олии кишвар ҷоннок намуда, ҳамзамон омодагии насли наврасро дар омӯзиши фанҳои табиӣ ва бедор кардани ҳисси муҳаббат ба фанҳои дақиқро дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар мадди назари сиёсати давлатӣ қарор доданд. Дар баробари ин Роҳбари давлат ба баланд бардоштани сифати таълим таваҷҷӯҳ зохир намуда ба роҳбарону кормандони соҳаи маориф дастур доданд, ки сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд.

Роҳбари давлат ислоҳоти вазъи омӯзиши илмҳои табииро миёни ҷавонон масъалагузорӣ намуда, омода кардани заминаи мусоиди рушди босуръати

саноатикунонии мамлакатро дақиқ муайян намуданд. Саноат бе рушди илмҳои дақиқ ва табиӣ, дарвоқеъ оянда надорад. Танҳо дониши баланди илмию техникӣ имкони кишварро ба давлати истеҳсолкунанда ва содироткунанда табдил хоҳад дод.

Бо ин мақсад Роҳбари давлат ба вазорату идораҳои дахлдор супориш доданд, ки «*барои аз 1 сентябри соли 2021 зиёд намудани музди меҳнати омӯзгорони фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дигар имтиёзҳо барои омӯзгорони чунин муассисаҳо, бахусус, омӯзгорони ҷавон ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод манзур намоянд*» [6]. Устод нуктаи калидӣ дар тақвияти омӯзиши илмҳои дақиқ маҳсуб мешуд. Ба саволи анъанавӣ ва пур аз меҳри хеш, ки "*мо чӣ тавр меҳри хонандаро ба фанҳои дақиқ ва табиӣ бедор кунем?*" Пешво худашон ҷавоб ёфтанд: дастгирии устодон ва ҳавасмандгардонии онҳо.

Ҳукумати кишвар силсилаи корҳои омодагӣ ва ҷоннок намудани заминаҳои молии рушди омӯзиши фанҳои дақиқро дар кишвар оғоз кард. Бо ин мақсад дар мадди аввал дастгирии молиявии муассисаҳои таълимоти ҳамагонӣ ва олии кишварро миёни шогирдону устодон масъалагузорӣ намуд. Итминони комил дорем, ки мобаъд дастгирии имкониятҳо ва истеъдодҳо дар самти рушди фанҳои дақиқ рушд хоҳад кард.

Роҳбари давлат ҳамчун Пешвои халқ, давлатсоз ва ташаккулдиҳандаи миллати муосири сиёсии тоҷик стратегияи комилан мувофиқи сиёсӣ ва маънавиро дар таҳияи заминаи илмии саноатикунонии босуръати мамлакат масъалагузорӣ карданд. Саноат, истеҳсолот дар шароити муосир, тавре ишора шуд бе дастовардҳои илмҳои табиӣ ва дақиқ ғайриимкон аст. Нуктаҳои калидии рушди ин илмҳоро Роҳбари давлат ҳамчун заминаи рушди иқтисодиёти мамлакат ва идомаи ҳадафи чоруми стратегӣ бениҳоят олӣ, самимӣ ва одию фаҳмо ба маърази аҳли зиё ва мардуми Тоҷикистон расониданд. Умед дорем, ки масъулину мутасаддиёни соҳа, аҳли зиёи табиатшиноси кишвар ва падарону модарони азиз содиқона ва поквиҷдонона ба хотири саодати фарзандону наберагонашон аз ин даъватҳои падаронаи Пешво дастгирӣ намуда, фаъолияти худро дар ҷой ва мавқеи иҷтимоию илмии худ ба манфиати миллату давлат истифода менамоянд ва ба тавлиду таҷдиди ҳарфҳои нави илмию техногенӣ саҳмгузор мегарданд.

Як хусусияти муҳимми ислоҳоти Пешвои миллат дар самти саноатикунонии босуръати мамлакат дар он аст, ки ҳифзи манфиати қишрҳои мухталифи ҷомеа бо дастгириҳои давлатӣ дар даврони гузариш пайваста таъмин карда мешавад. Роҳбари давлат ҷихати ҳифзи ҳуқуқҳои иқтисодии шаҳрвндони эҳтиёҷманд тамоми воситаҳои ҳуқуқӣ ва сарчашмахои маблағгузориро истифода намуда намегузоранд, ки ҳуқуқҳои молумулкии шаҳрвандон поймол гарданд. Дар шароите, ки дар олами сармоядорӣ тафовути мардуми дорою камбизоат ба таври ҳангуфт тақсим мешавад ва нобаробарӣ ба маротиб афзун мегардад, дар Тоҷикистон Роҳбари давлат ҳамчун пушту паноҳи мардуми эҳтиёҷманд роҳҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии ҳифзи манфиати мардуми эҳтиёҷмандро коркард менамоянд. Бо ин мақсад дар кишвар як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ қабул шуд, ки ба ҳифзи манфиатҳои иқтисодии шаҳрвандон, таъмини шароити муосиди рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва таъмин намудани истеҳсолоти ватанӣ бо ашёи хоми ватанӣ мусоидат карданд.

АДАБИЁТ

1. Мирсаидов, А.Б. Қадамҳои устувор бар сӯйи тамаддуни саноатӣ ва ё индустриалӣ//Рӯзномаи «Минбари халқ», 2020, 17 феврал.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2018.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2019.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16.12.2025, шаҳри Душанбе.

5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе, Контраст, 2016. -87с.

6. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар. 18.03.2020, шаҳри Душанбе.

УДК 338.45

АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ – ДАР МЕҲВАРИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

ИНФОРМАЦИОННАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ – В ЦЕНТРЕ ПОСЛАНИЯ ЛИДЕРА НАЦИИ

INFORMATION SECURITY – AT THE FOCUS OF THE LEADER OF THE NATION'S ADDRESS

ҲАМИДИЁН И.И. - доктори илмҳои филологӣ, профессори факултаи гуманитарӣ-педагогии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тамос: +992 919708170. E-mail: i.hamidiyon@gmail.com

ХАМИДИЁН И.И. - доктор филологических наук, профессор гуманитарно-педагогического факультета Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Телефон: +992 919708170. E-mail: i.hamidiyon@gmail.com

HAMIDIYON I.I. - doctor of philological Sciences, Professor of the faculty of humanities and pedagogical sciences of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Phone: +992 919708170. E-mail: i.hamidiyon@gmail.com

Аннотатсия. Мақолаи мазкур вижагӣ ва авлавиятҳои таъмини амнияти иттилоотиро дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат таҳқиқ намуда, равандҳои муосири геополитикӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва дигар тамоюлҳои наву мураккабро, ки аз Паём бармеоянд, баррасӣ менамояд. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар Паёмҳои ҳамасолаи худ роҳбари давлат мунтазам ба масъалаи суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Иштироки ниҳодҳои давлатӣ ба сифати субъектҳои ҷамъиятӣ дар таъмини амнияти иттилоотӣ яке аз бахшҳои муҳим ҳисобида шуда, масъулияти онҳоро таҳлил менамояд. Ба таъкиди муаллиф, ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, аз тарафи Президенти мамлакат таъсиси Маркази ягонаи иттилоотӣ зарур дониста мешавад. Гуфта мешавад, ки таъмин намудани суръати баланди интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ, ҷалби сармоя ва ташкили паркҳои технологиву инноватсионӣ ниҳоят зарур мебошад. Муаллифи мақола иброз медорад, ки яке аз омилҳои таъмини амнияти иттилоотии кишвар рушди ВАО-и дохилӣ аст, то фазои иттилоотии ватаниро бо иттилои шаффоф, беғараз ва худӣ пур карда шавад.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, Паём, амнияти иттилоотӣ, ВАО, “ҷангҳои иттилоотӣ”, технологияҳои инноватсионӣ, таҳдид, иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, равандҳои иттилоотӣ.

Аннотация. В статье рассматриваются специфика и приоритеты обеспечения информационной безопасности в Посланиях Президента Республики Таджикистан к Маджлиси Оли страны, а также обсуждаются современные геополитические, экономические, социальные, культурные, духовные, нравственные процессы и другие новые и сложные тенденции, вытекающие из Послания. Автор подчеркивает, что в своих ежегодных Посланиях Парламенту Глава государства регулярно уделяет особое внимание вопросу ускорения процесса цифровизации экономики. Участие

государственных учреждений как общественных субъектов в обеспечении информационной безопасности рассматривается как один из важных секторов, и анализируется их ответственность. По мнению автора, для предотвращения преступлений экстремистского и террористического характера, а также преступлений, совершаемых с использованием информационно-коммуникационных технологий, Президент страны считает необходимым создание Единого информационного центра. Отмечается, что обеспечение высокоскоростного интернета и его доступности крайне необходимы для развития цифровой экономики, искусственного интеллекта, обеспечения информационной безопасности, привлечения инвестиций и создания технологических и инновационных парков. Автор статьи утверждает, что одним из факторов обеспечения информационной безопасности страны является развитие отечественных СМИ с целью наполнения внутреннего информационного пространства прозрачной, беспристрастной и оригинальной информацией.

Ключевые слова: Таджикистан, Послание, информационная безопасность, СМИ, «информационные войны», инновационные технологии, модернизация, цифровая экономика, искусственный интеллект, информационные процессы.

Abstarct. This article examines the specifics and priorities of information security in the Addresses of the President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli, and discusses current geopolitical, economic, social, cultural, spiritual, and moral processes, as well as other new and complex trends arising from the Address. The author emphasizes that in his annual Addresses to Parliament, the President regularly devotes special attention to accelerating the digitalization of the economy. The participation of government agencies as public actors in ensuring information security is considered a key sector, and their responsibilities are analyzed. According to the author, to prevent extremist and terrorist crimes, as well as crimes committed using information and communications technologies, the President considers it necessary to establish a Unified Information Center. It is noted that high-speed internet access and its availability are essential for the development of the digital economy, artificial intelligence, information security, investment, and the creation of technology and innovation parks. The author of the article argues that one of the factors in ensuring the country's information security is the development of domestic media, with the goal of filling the domestic information space with transparent, impartial, and original information.

Keywords: Tajikistan, Address, information security, media, "information war," innovative technologies, modernization, digital economy, artificial intelligence, information processes.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат равандҳои муосири геополитикӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва дигар тамоюлҳои наву мураккабро баррасӣ менамояд. Дар Паёмҳои ҳамасолаи худ Пешвои муаззами миллат мунтазам ба масъалаи суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд.

Таъмини амнияти миллӣ ба рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, суботи сиёсӣ ва оромиву осудагии мардуми Тоҷикистон вобаста аст. Дар шароити имрӯза таъмин кардани амнияти давлат ва ҷомеа аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо кардааст. Ҳамасола Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба арафаи кормандони Рӯзи амният рост меояд. Дар шароити таҳаввулоти босуръати ҷаҳони муосир ва афзоиши зиддиятҳо иттилоот ҳамчун воситаи муҳимми таъсиргузории сиёсӣ барои таъмини амнияти давлатҳо нақши калидӣ доранд. Дар ин самт профессор С. Ятимов монографияи хубе иншо намудаанд, ки мутолиа ва ба роҳбарӣ гирифтани нишондодҳои он барои тамоми қишрҳои ҷомеа манфиатзо аст [18]. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат» аз ҷумлаи асари дигари ҷолиб ва гаронбаҳои ин олими пуркор аст [19].

Ҳар кишваре, ки дар ҷанги иттилоотӣ мағлуб мегардад, пойдории сохти конститутсионии худро ҳифз карда наметавонад. Ҳодисаҳои солҳои охир ва низоъҳои даҳшатбори Ховари Миёна баръало нишон доданд, ки «инқилобҳои ранга» аввал дар фазои иттилоотӣ амалӣ гардида, сипас ба воқеияти сиёсӣ табдил меёбанд. Кӯшишу танишҳои абарқудратҳо ҷиҳати азнавтақсимкунии ҷаҳон кишварҳои хурди соҳибистиқлолро ба изтироб овардаанд. Гегемония дар шароити муосир авлавият пайдо кардааст. Дар ҳаёти воқеӣ истифодаи зӯру бозу аз тарафи кишварҳои қудратманд мавқеи дипломатияро танг намуд. Ҷон гирифтани тамоюли мазкур паёмадҳои басо манфӣ хоҳад гузошт.

Бо вуҷуди ин, бояд ба мафҳуми муборизаи иттилоотӣ баҳои илмӣ дода шавад. Муборизаи иттилоотӣ фаъолияти мақсадноке аст, ки барои ба даст овардани бартарияти иттилоотӣ тавассути расонидани хисорот ба иттилоот, равандҳои иттилоотӣ ва низомҳои иттилоотии тарафи муқобил ва ҳамзамон, муҳофизат кардани иттилоот, равандҳои иттилоотӣ ва низомҳои иттилоотии дохилӣ равона мегардад [3, с. 247]. Дар раванди муборизаҳои иттилоотӣ кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки таъминоти иттилоотии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ коҳиш ёфта, қабули қарорҳои муҳим аз ҷониби онҳо душвор гардад, ба аҳолӣ иттилооти бардурӯғ нисбат ба мақомоти давлатӣ пешкаш гардида, нуфузи онҳо дар назди шаҳрвандон паст ва обрӯи намояндагонашон таназзул гардад.

Технологияҳои замонавии иттилоотию коммуникатсионӣ, на танҳо усулҳои дарҷ ва пахши иттилоотро тағйир дод, балки вазифа, қонуният, тип, фарогирӣ ва принсипҳои журналистикаро дигаргун сохт. Равишу қолабҳои анъанавии журналистика, ки дар чорчӯбаи муайян дарк карда мешуданд, ба қолабҳои наву тағйирёбанда мувофиқ карда шуданд [2, с. 36]. Дар маҷмуъ, муборизаҳои иттилоотӣ ба идоракунии дасткорӣ (манипулятивӣ)-и шуури ҷамъиятӣ ва фардӣ ва таҳмил намудани ҳадафҳои бегона нигаронида шуда, дар ин раванд тамоми воситаҳо мавриди истифода қарор мегирад [6, с. 311].

Дар замони муосир бархурди манфиатҳоро мо ҳамарӯза дар васоити электронии ахбор мушоҳида мекунем. Таъмини амнияти иттилоотӣ ва фазои маҷозӣ аз авлавиятҳое маҳсуб меёбанд, ки дар барномаҳои ҳукуматӣ дар бахши ислоҳоти соҳаи васоити ахбори омма ва рақобатпазир намудани абзорҳои ватанӣ дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ махсус зикр мегардад.

Имрӯз иттилоот ба масоили фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ амиқан омехта шуда, дар сатҳу зинаҳои гуногун ба фаъолияти тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ асаргузор аст [8, с. 154]. Бинобар ин, моҳият ва фаҳмиши амнияти иттилоотӣ ба медиапродукт ва бозтобу таҳлили ҳаводиси рӯзмара маҳдуд нашуда, балки маҷмӯи масъалаҳои муҳимми миллиро ифода мекунад.

Аз ин рӯ, ниҳодҳои давлатӣ низ ба сифати субъектҳои ҷамъиятӣ дар таъмини амнияти иттилоотӣ яке аз бахшҳои муҳим ба ҳисоб рафта, масъулиятҳои ҷиддиеро бо гузашти ҳар сол ба дӯш бояд бигиранд. Чун нақши иттилооту ахбор дар ҷаҳони мутамаддин тадричан афзуда, мубориза ва ҷангҳои иттилоотӣ шиддати беандоза мегиранд [15, с. 314]. Камкориву ғалат дар ин арса манфиатҳои миллӣ ва давлатиро ба хатар мувоҷеҳ месозад. Аз ин хотир, ҳифзи амнияти иттилоотӣ ба масъалаи муҳимми давлатӣ барои кишварҳои дунё табдил ёфта, занҷираи фаъолиятҳои муассир ва мудовимро, пеш аз ҳама, аз сохторҳои давлатӣ тақозо мекунад. Муҳаққиқон Имомзода М. ва Гулов С. масъалаи мазкурро таҳқиқ кашида, хулосаҳои муфид гирифтаанд [7, с. 9].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва суъбекти муносибатҳои байналмилалӣ дорои манофеи хоссаи миллию давлатӣ дар самтҳои гуногун буда, барои таъмини фазои мусоиди иттилоотӣ сиёсати махсусеро пеш гирифтааст. Сиёсати давлатии Тоҷикистон дар ин самт бо меъёрҳои демократии

пазируфташуда асос ёфтааст [5, с. 94]. Ниҳодҳои давлатӣ муваззафанд, ки дар татбиқи ин сиёсат саҳмгузор бошанд.

Таъмин намудани суръати баланди интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ, ҷалби сармоя ва ташкили паркҳои технологиву инноватсионӣ ниҳоят зарур мебошад. Ҳоло кишвари мо дар фазои Осиёи Марказӣ дар самти зеҳни сунъӣ кишвари пешгом буда, бо ибтикори Пешвои миллат ташаббусҳои ҷаҳонӣ дар ин замина татбиқ ва амалӣ карда мешавад. Шумораи муштариёни интернет дар мамлакат қариб ба 5 миллион расидааст, аммо суръат ва арзиши он ҳанӯз ба тақвияти ҷиддӣ ниёз дорад. Роҳбари давлат Хадамоти алоқаро вазифадор карда буданд, ки якҷо бо ширкатҳои дар соҳа фаъолияткунанда барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо, паст кардани арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет ва дастрас гардонидани интернети баландсуръат дар тамоми минтақаҳои кишвар, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои дурдаст тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намояд.

Имрӯз тахмин кардан бисёр душвор аст, ки пас аз чанд даҳсола мо шоҳиди боз чи гуна таҳаввулоте мешавем, аммо дақиқ аст, ки ҳаҷми иттилоот боз ҳам меафзояд. Васоити пахши иттилоъ замоне танҳо матбуоти даврӣ буд, ки радио пайдо шуд. Имрӯз аз воситаҳои ахбори омма аз радио, телевизион ва интернет иборат аст, ки як ҷузъи фарҳанги башарӣ гардидааст [16, 244]. Дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи баркӣ» аз авлавиятҳои дигари ин самт маҳсуб меёбад.

Муҳаққиқ Файзализода Б. чунин мешуморад: «Маҷмӯи омилҳоеро, ки барои фаъолияти муътадили муҳити иттилоотӣ хавфноканд, таҳдиди иттилоотӣ мегӯянд. <…> онҳоро дар навбати худ ба таҳдидҳои ғаразнок (мақсаднок, барқасд) ва тасодуфӣ тақсим мекунанд» [17, с. 299].

Вазъи ҷаҳони имрӯза пурҳассос буда, ба танқисии шадиди озуқаворӣ дучор гардидани чоряки кишварҳои дунё моро водор месозад, ки ҷиҳати таъмин намудани ҳадафи стратегӣ – ҳифзи амнияти озуқаворӣ чораҳои иловагӣ андешем. Пайи ҳам омадани хушксолӣ ва маҳдудсозии содироти озуқаворӣ аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон ҷиҳати таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ бояд шароит фароҳам оварад. Набудани оби ошомиданӣ дар як қатор кишварҳои олам боиси нигаронии ҷиддӣ аст. Аз ҷумла, актуалӣ шудани масъалаи кӯчонидаи шаҳри Теҳрон ба ҷойи дигар барои ҷомеаи ҷаҳонӣ бонги изтироб аст.

Ба андешаи Сабуров В. «…новобаста аз чораҳои амалишуда таъмини амнияти фазои иттилоттии кишвар ба тақвият бахшидани чораҳои мубориза ба кибертерроризм ниёз дорад». Ба андешаи ӯ, тайёр намудани мутахассисони соҳиби дониши мукаммали зеҳнӣ, муҷаҳҳаз намудани паркҳои технологӣ бо нанотехнологияҳои муосир, андешидани чорабиниҳои фаврии ҳуқуқиву маъмурӣ ба ҳуҷумҳои мунтазам ва ҳамарӯзаи кибертеррористон масъалаи мубрам арзёбӣ мегардад [9, с. 30-31].

Дар ин замина, таҳлили баҳси дигар ҳам аҳаммиятнок аст – фейкҳо. Моддаи 460-и Кодекси ҷиноятӣ – «Майдаавбошӣ» таъкид мекунад: «барои дар ҷойҳои ҷамъиятӣ дашном додан, ба таври таҳқиромез дарафтодан ба одамон, ҳамчунин содир намудани дигар кирдорҳои ба ин монанд, ки тартиботи ҷамъиятӣ ва осудагии одамонро халалдор мекунад, - ба андозаи аз ҳафт то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё ҳабси маъмурӣ ба мӯҳлати аз панҷ то понздаҳ шабонарӯз ҷазо таъйин карда мешавад». Мисоли равшан – ҷаримабандӣ шудани пранкерону блогерҳо ва шаҳрвандони мамлакат аз ҷониби сохторҳои ВКД ҶТ барои дағалона вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ (гаппартоӣ ба духтарон, таҳияи видеоҳои ғайриахлоқӣ). Оё мо интернет ва хоса, шабакаҳои иҷтимоиро ҷойи ҷамъиятӣ гӯем ё на? Агар ҳа, пас талаботи болозикр ба истифодабарандагон таҳдид мекунад? Агар не, чаро? Ин мавзӯи баҳс аст.

Таҷриба собит мекунад, ки шабакаҳои иҷтимоӣ бозгӯи авзои кӯча ҳастанд. Дар мисоли инъикоси баъзе масъалаҳои баҳснок мо ба падидаи ҷолиб шоҳид мешавем – фейкҳо чизеро мегӯянд, ки мо шунидан мехоҳем. Офлайн масъаларо ҳал карда намешавад. Мо шабакаи иҷтимоии миллӣ надорем. Ин ҳам мушкили хатарзо барои амнияти иттилоотии кишвар дониста мешавад. Яъне дар шабакаҳои мавҷуда пинҳон кардани хабаре, ки моҳияти иҷтимоӣ дорад, имконпазир аст. Фаъол гардидани шабакаи миллии мухобиротии «Oriz» (гунаи тоҷикии «WhatsApp»), дар сурати ташвиқи зарурӣ ва истифодаи васеъ аз ҷониби аҳолӣ, метавонад ба ҳайси яке аз тадбирҳои муассир бошад. Стримерҳо, вайнерҳо, блогерҳо бояд қоидаҳои имлоро омӯзанд. Он чӣ имрӯз дар YouTube ва Tik-Tok бо забони ниҳоят хароб нашр мегардад, воқеан боиси нигаронист.

Кам шудани боришот ва дар натиҷа, аз меъёри муқарраргардида кам захира гардидани об дар обанборҳои кишвар боис гардид, ки то андозаи муайян маҳдудияти истифодаи барқ ҷорӣ карда шавад. Ин заруратро ҳамаи мо бояд дуруст дарк кунем. Вале чаро кормандони ниҳодҳои марбута дар ҳамкорӣ бо ВАО ин масъаларо ба аҳолӣ тарҷеҳ намедиҳанд, масъалаест ташвишовар. Ба хотири доштани аудиторияи муайян даъват ва баррасӣ кардани ин масъалаи аз лиҳози стратегӣ ҳассос тавассути блогерҳо ба манфиати кор нест. Зимнан, ибтикори блогерон оид ба фаҳмонидани мавзуъ бо истифодаи фаровони лаҳҷа дар маҷмуъ боиси дастгирӣ аст. Ҷойи нигаронӣ он аст, ки чаро масъулин бо ВАО (махсусан давлатӣ) ҳамкорӣ намекунанд.

Зимни суханронӣ дар ифтитоҳи муассисаҳои давлатии телевизиони «Варзиш», «Синамо» ва Академияи воситаҳои ахбори омма санаи 1-уми марти соли 2016 Пешвои миллат таъкид карданд: «Дар чунин марҳала пурра гардонидани фазои иттилоотии кишварамон ва ҳифзи амнияти иттилоотӣ яке аз ҳадафҳои асосии давлат ва Ҳукумати кишвар буда, воситаҳои ахбори омма, бахусус шабакаҳои телевизионӣ ва радиоӣ нисбат ба дигар расонаҳои иттилоотӣ бояд фаъол бошанд. Зеро телевизион ва радио ҳамчун яке аз василаҳои муқтадири таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа мақоми хосса дошта, дар баробари дигар хизматҳо метавонад дар огоҳонидан ва пешгирӣ кардани хатарҳои ҷаҳони муосир нақши муассир ва созанда дошта бошад. Барои расидан ба чунин ҳадафи созанда дар баробари дигар шабакаҳо муассисаҳои навтаъсис низ бояд ҳамаҷониба омода бошанд...».

Пайгирӣ ва пешгирии ҳама гуна зуҳуроти дар кишварҳои мо паҳнкунандаи ғояҳои гуногуни динии радикалӣ, аз ҷумла тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои алоқаи электронӣ зарур аст. Пӯшида нест, ки гурӯҳҳои гуногуни экстремистӣ ва тамоюлҳо, бо истифода аз захираҳои мавҷудаашон, аз ҷумла захираҳои сиёсию иттилоотӣ ва молиявӣ кӯшиш мекунанд, ки дар минтақа мустақар бошанд [1, с. 317].

Мо – намояндагони ВАО суханро бояд барои ҳифзи амнияти давлат, тарғиби худогоҳиву худшиносии миллӣ ва рушду густариши забони давлатӣ истифода намуда, ба халқу миллати худ содиқонаву беғараз хизмат кунем, дар ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва мардуми шарифи кишвар ҳаргиз бетараф набошем. Ин кор дар натиҷаи ҳамкории дастаҷамъона сурат мегирад.

Дар ин робита, ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, Пешвои миллат таъсиси Маркази ягонаи иттилоотиро зарур дониста буданд.

Солҳои охир дар сомонаҳои гуногуни интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба мисоли Твиттер, Фейсбук, Инстаграм «ҷанги иттилоотӣ» доман паҳн мекунад. Ҳанӯз соли 2013 ба ифтихори мулоқоти Президенти кишвар бо ҷавонон дар ҳафтаномаи «Минбари халқ» (22 май, №21 (896)) мақолаи мо таҳти унвони «Се пешниҳоди як олими ҷавон» ба нашр расида буд ва баъзе андешаҳоямонро он ҷо иброз доштем. Аз ҷумла, таъкид намудем, ки дар асри навини иттилоотӣ нафарон ва гурӯҳҳои ҷудогона бо истифода аз технологияи

муосир ба хотири манфиати шахсӣ бар зидди давлату миллати мо маъракаи огоҳонаю муғризонаи сиёсиро пеш мебаранд. Онҳо дар ҳамаи баромадҳо ва навиштаҳои худ тариқи воситаҳои ахбори омма номи давлату миллатро доғдор мекунанд ва табиист, ки ин ҳама дар арсаи байналхалқӣ бетаъсир нест. Барои онҳо рушду такомули Тоҷикистон, беҳтар аз пештар шудани симои Ватанамон, вусъат гирифтани марҳилаи созандагию давлатсозӣ ва беҳбуд шудани рӯзгори мардум хушоянд нест. Чунин нафарон аз ҳисоби лидерони бонуфузи сиёсӣ ва донандагони хуби забонҳои хориҷӣ омода ва ё харидорӣ карда мешаванд. Ин тоифа як ҳадаф доранд – манфиати шахсӣ.

Шароити Тоҷикистон ва сиёсати давлатии он тақозо мекунад, ки манфиати давлату миллат аз тамоми манфиатҳои сиёсӣ ва ҳизбиву гурӯҳӣ бояд боло гузошта шавад. Ин таъкиди ҳамешагии Президенти маҳбуби кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Таъсиси ниҳоди махсус бо номи рамзии Маркази пуштибонӣ аз манфиатҳои миллӣ метавонад аз ҳадафҳои аввалиндараҷа дар ин самт бошад. Таҷрибаи мисолҳои охир, ки аз ҷониби шарикони стратегӣ ба паст задани обрӯ ва таҳқири ошкорои давлату миллати мо расонидааст, ба таъсиси ин марказ бештар авлавият медиҳад. Дар он донандагони хуби забонҳои хориҷӣ (ҳатман русӣ ва англисӣ), лидерони сиёсӣ, нотиқони тавоно ва роҳбари донишманди қавии ватандӯст ва бовариноки Роҳбари давлат ба кор бо маоши баланд бояд ҷалб карда шаванд. Марказ ҳадди ақал бо се забон - тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ сайт дошта бошад. Шумораи кормадон маҳдуд нест. Беҳтар аст ин марказ на давлатӣ, балки ҷамъиятӣ бошад, вале дастгирии молӣ ёбад. Ҳамчунин, низоми ҳавасмандгардонӣ ҷиҳати посух додан ба маводҳои ғаразноки туҳматӣ бо пардохти ҳаққи қалами зиёд ҷорӣ гардад. Ин имкон медиҳад, ки сари вақт ва холисона ба кулли ҳуҷумҳои иттилоотӣ посух диҳем.

Мо ҳаргиз пешниҳод намекунем, ки истифода аз интернет маҳдудият ё меъёр дошта бошад, вале вақти он расидааст, ки мақомоти қонунгузор, ҳуқуқшиносону рӯзноманигорон ва ҷомеаи Тоҷикистон низ дар ин бобат ба таври ҷиддӣ мулоҳиза кунанд. Муҳим он аст, ки аҳли қалами кишварамон дар пешорӯйи ин гуна маводи ғаразноку таҳқиромез, ки ба хотири паст намудани иродаи сиёсӣ ва азму суботи мо, инчунин расидан ба иззати нафси мардум ва миллати мо паҳн карда мешаванд, хомӯшӣ ихтиёр накунанд.

Фаъолияти иттилоотии мо ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва нуфузи давлатамон дар арсаи байналмилалӣ бояд ба маротиб беҳтар карда шавад. Коршиноси ин масъала С.Гулов низ андешаи мазкурро ҷонибдорӣ кардааст [4, с. 277]. Манфиатҳо ва арзишҳои миллӣ ва суботу оромии ҷомеа тақозо менамоянд, ки воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ на танҳо дастгоҳи тавонои хабарӣ бошанд, балки дар муборизаи иттилоотӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, алалхусус амнияти давлат ва ҷомеа хизмат кунанд.

Борҳо таъкид намудем, ки яке аз омилҳои таъмини амнияти иттилоотии кишвар рушди ВАО-и дохилӣ аст, то фазои иттилоотии ватаниро бо иттилои шаффоф, беғараз ва худӣ пур намоем [14, с. 247].

Бунёди Маркази дифоъ аз манфиатҳои миллӣ бояд аз ҳадафҳои муҳим бошад. Хосатан, кори он дар арафаи маъракаҳои муҳими сиёсӣ мақоми махсус касб менамояд. Муҳим нест, ки кадом масъала ё маърака дар мамлакат ҷараён дорад. Муҳимтар аз ҳама – ҳифзи манфиатҳои миллӣ ҳангоми баррасӣ ва инъикоси масъалаҳои марбут ба нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ тақвиятталаб аст.

Кӯшиши мо бештар бояд ба он равона карда шавад, ки фазои иттилоотии кишвар боз ҳам озодтар ва ғанию рангинтар гардонида шуда, барои таъмини амнияти иттилоотӣ ва пешгирии ҳар гуна ахбори ғайривоқеӣ ва ғаразнок саъю талош сурат гирад**.**

Паёми Президенти кишвар дастурест, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ ва парлумонро тӯли як сол мушаххас менамояд. Дар он муҳимтарин масъалаҳо, ки рушду инкишофи Ватани азизамон бастагӣ доранд, зикр гардида, ҳадаф ва вазифаҳо барои ин марҳила дақиқ муайян карда мешавад.

Нуктаи муҳим дар ин росто таъмини иҷрои дастуру супоришҳоест, ки аз Паём бармеояд. Албатта, то кадом андоза иҷро гардидани вазифаҳои дар Паём гузошташуда ба ҳисси масъулиятшиносии ҳар як масъул ва дар маҷмуъ, ба ҳар як шаҳрванди солимфикри ҷомеа вобаста аст. Агар ҳар мақомот, вазорату идора ва шахсони масъул дар самти худ ба татбиқи дастуру нишондодҳои Паём камари ҳиммат банданд, ҷомеаи мо ба маротиб пешрафт хоҳад кард.

Ҳамасола Роҳбари давлат зимни ирсоли Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ бо назардошти муҳиммият умдатарин масъалаҳоро таҳлил ва пешниҳод менамоягд, ки ғолибан масъалаҳои аввалиндараҷа буда, ҳалли онҳо тақозои вақт аст. Агар ба Паёмҳои соли гузашта таваҷҷуҳ намоем, дарк хоҳем кард, ки дар радифи масъалаҳои муҳим, проблемаи ҷилавгирӣ аз фасод, сарфа ва таъмини нерӯи барқ, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя ва рушди соҳибкорӣ қарор доштанд.

Ҷавҳари Паёми Президенти кишварро омили инсонӣ фаро мегирад, ки аз ҳар ҷиҳат хеле муҳим ва омӯзанда аст.

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ барои ҳамаи мо – устодону кормандони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дастури рӯйимизӣ ва ҳуҷҷати роҳнамо маҳсуб меёбад.

АДАБИЁТ

1. Белянцев А. Е. Международная безопасность в условиях глобальной информационной революции [Текст] / А. Е. Белянцев // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. Серия: Международные отношения, Политология, Регионоведение. 2003. №1. – С. 311-320.

2. Брандман Э. М. Глобализация и информационная безопасность общества [Текст] / Э. М. Брандман // Журнал «Философия и общество». – М., 2006. – №1. – С. 31-41.

3. Волкогонов Д. А. Психологическая война: Подрывные действия империализма в области общественного сознания [Текст] / Д. А. Волкогонов. – М., 1984. – 320 с.

4. Гулов С. Амнияти иттилоотӣ ва фазои иттилоотӣ [Матн] / С. Гулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/6. – С. 275-279.

5. Грачев Г. В. Информационно-психологическая безопасность личности: состояние и возможности психологической защиты [Текст] / Г. В. Грачев. – М., 1998. – 125 с.

6. Зелинский С. А. Информационно-психологическое воздействие на массовое сознание [Текст] / С. А. Зелинский. – СПб., 2008. – 416 с.

7. Имомзода М. С. Баъзе масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ва фазои иттилоотии Тоҷикистон [Матн] / М. С. Имомзода, С. Гулов // Дар моварои сухан (маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2018. – С.5-12.

8. Мингалева Ж. Актуальность управления информационной безопасностью в процессе развития информационного общества [Текст] / Ж. Мингалева, Т. Капускина // Актуальные вопросы экономических наук. – М., 2009. – №7. – С.152-155.

9. Сабуров В. Д. Кибертерроризм ва хатарҳои он ба амнияти иттилоотӣ [Матн] / В. Д. Сабуров // Терроризм ва экстремизм - хатар ба амнияти инсоният! // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ / таҳти назари д.и.и., профессор Шарифзода М. М. – Хуҷанд, 2023. – С. 27-39.

10. Усмонов И. Журналистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2011. – 474 с.

11. Усмонов И. Ҷаҳонишавии иттилоот ва таъсири он ба ҷомеа. Замони муосир ва журналистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2011. – 166 с.

12. Муқим Ҷ. Ҳақиқат ва дурӯғ [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2000. – 47 с.

13. Муқим Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2006. – 170 с.

14. Ҳамидов И. И. Амнияти иттилоотии Тоҷикистон [Матн] / И. И. Ҳамидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2013. – №4/2 (109). – С. 245-248.

15. Ҳамидиён И. И. ВАО ва ифтихори ватандорӣ: таҳлили контентии сомонаҳои расмӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ [Матн] / И. И. Ҳамидиён // Масъалаҳои тақвияти ватандӯстӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ – омили муҳимми таҳкими давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 20 феврали соли 2023). – Душанбе, 2023**. – С.** 119-127**.**

16. Ҳамидиён, И. И. Муҳтавои расонаҳои онлайнии Тоҷикистон дар шабакаи иҷтимоии фейсбук [Матн] / И. И. Ҳамидиён, М.М. Тӯхтаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №7. – С. 243-251.

17. Файзализода Б. Ф. Амнияти иттилоотӣ – заминаи суботи амнияти ҷомеа ва давлат [Матн] / Б. Ф. Файзализода // Масоили мубрами амнияти миллӣ ва минтақавӣ дар фазои Авруосиё. Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои конференсияи байналмилалии назариявӣ. – Душанбе, 2023. – С. 291-302.

18. Ятимов С. Миллат, илм, амният [Матн] / С. Ятимов. – Хуҷанд, 2019. – 384 с.

19. Ятимов С. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат [Матн] / С. Ятимов. – Хуҷанд, 2020. – 168 с.

20. Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 ноябри соли 2003, №1175.

21. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, №451.

22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» аз 23 декабри соли 2021.

23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2 январи соли 2020

24. Тартиби талаботи ягона барои веб-сайт ва шабакаи маҳдуди баҳисобгирии мақомоти идораи давлатӣ», бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 апрели соли 2011 таҳти №166

25. Стратегияи давлатии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003, №1174.

26. Белянцев А. Е. Международная безопасность в условиях глобальной информационной революции [Текст] / А. Е. Белянцев // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. Серия: Международные отношения, Политология, Регионоведение. 2003. №1. – С. 311-320.

27. Брандман Э. М. Глобализация и информационная безопасность общества [Текст] / Э. М. Брандман // Журнал «Философия и общество». – М., 2006. – №1. – С. 31-41.

28. Волкогонов Д. А. Психологическая война: Подрывные действия империализма в области общественного сознания [Текст] / Д. А. Волкогонов. – М., 1984. – 320 с.

29. Гулов С. Амнияти иттилоотӣ ва фазои иттилоотӣ [Матн] / С. Гулов // Паёми Донишгоҳи миллии Точикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/6. – С. 275-279.

30. Грачев Г. В. Информационно-психологическая безопасность личности: состояние и возможности психологической защиты [Текст] / Г. В. Грачев. – М., 1998. – 125 с.

31. Зелинский С. А. Информационно-психологическое воздействие на массовое сознание [Текст] / С. А. Зелинский. – СПб., 2008. – 416 с.

32. Имомзода М. С. Баъзе масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ва фазои иттилоотии Тоҷикистон [Матн] / М. С. Имомзода, С. Гулов // Дар моварои сухан (маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2018. – С.5-12.

33. Мингалева Ж. Актуальность управления информационной безопасностью в процессе развития информационного общества [Текст] / Ж. Мингалева, Т. Капускина // Актуальные вопросы экономических наук. – М., 2009. – №7. – С.152-155.

34. Сабуров В. Д. Кибертерроризм ва хатарҳои он ба амнияти иттилоотӣ [Матн] / В. Д. Сабуров // Терроризм ва экстремизм - хатар ба амнияти инсоният! // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ / таҳти назари д.и.и., профессор Шарифзода М. М. – Хуҷанд, 2023. – С. 27-39.

35. Усмонов И. Журналистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2011. – 474 с.

36. Усмонов И. Ҷаҳонишавии иттилоот ва таъсири он ба ҷомеа. Замони муосир ва журналистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2011. – 166 с.

37. Муқим Ҷ. Ҳақиқат ва дурӯғ [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2000. – 47 с.

38. Муқим Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2006. – 170 с.

39. Ҳамидов И. И. Амнияти иттилоотии Тоҷикистон [Матн] / И. И. Ҳамидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2013. – №4/2 (109). – С. 245-248.

40. Ҳамидиён И. И. ВАО ва ифтихори ватандорӣ: таҳлили контентии сомонаҳои расмӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ [Матн] / И. И. Ҳамидиён // Масъалаҳои тақвияти ватандӯстӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ – омили муҳимми таҳкими давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 20 феврали соли 2023). – Душанбе, 2023**. – *С.*** 119-127**.**

41. Ҳамидиён, И. И. Муҳтавои расонаҳои онлайнии Тоҷикистон дар шабакаи иҷтимоии фейсбук [Матн] / И. И. Ҳамидиён, М.М. Тӯхтаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №7. – С. 243-251.

42. Файзализода Б. Ф. Амнияти иттилоотӣ – заминаи суботи амнияти ҷомеа ва давлат [Матн] / Б. Ф. Файзализода // Масоили мубрами амнияти миллӣ ва минтақавӣ дар фазои Авруосиё. Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои конференсияи байналмилалии назариявӣ. – Душанбе, 2023. – С. 291-302.

43. Ятимов С. Миллат, илм, амният [Матн] / С. Ятимов. – Хуҷанд, 2019. – 384 с.

44. Ятимов С. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат [Матн] / С. Ятимов. – Хуҷанд, 2020. – 168 с.

45. Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 ноябри соли 2003, №1175.

46. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, №451.

47. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» аз 23 декабри соли 2021.

48. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2 январи соли 2020

49. Тартиби талаботи ягона барои веб-сайт ва шабакаи маҳдуди баҳисобгирии мақомоти идораи давлатӣ», бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 апрели соли 2011 таҳти №166

50. Стратегияи давлатии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003, №1174.

УДК 37:316.4:323

НАҚШИ ДОНИШ, ОМӮЗГОР ВА ХОНАНДА ДАР РУШДУ СУБОТИ ИҶТИМОӢ ДАР ПАРТАВИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ АЗ 16 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025

РОЛЬ ЗНАНИЯ, УЧИТЕЛЯ И УЧАЩИХСЯ В СОЦИАЛЬНОМ РАЗВИТИИ И СТАБИЛЬНОСТИ В СВЕТЕ ПОСЛАНИЯ ЛИДЕРА НАЦИИ ОТ 16 ДЕКАБРЯ 2025 ГОДА

THE ROLE OF KNOWLEDGE, TEACHERS AND STUDENTS IN SOCIAL DEVELOPMENT AND STABILITY IN THE LIGHT OF THE MESSAGE OF THE LEADER OF THE NATION DATED DECEMBER 16, 2025

ШАРИПОВ А.М. – старший преподаватель кафедры истории и философии Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.
Email: sharipovabdul@mail.ru

ШАРИПОВ А.М. - муаллими калони кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгои байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Email: sharipovabdul@mail.ru

SHARIPOV A.M. – Senior Lecturer of the Department of History and Philosophy, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Email: sharipovabdul@mail.ru

Аннотатсия. Мақолаи мазкур ба таҳлили ҷойгоҳ ва аҳамияти дониш, омӯзгор ва хонанда дар таъмини рушд ва суботи иҷтимоӣ дар партави Паёми Пешвои миллат аз 16 декабри соли 2025 бахшида шудааст. Дар мақола Паём ҳамчун ҳуҷҷати барномавӣ ва стратегӣ баррасӣ мегардад, ки дар он маориф ва илму маърифат омили калидии таҳкими давлатдорӣ, пешрафти иқтисодӣ ва таъмини амнияту суботи ҷомеа эътироф шудаанд. Муаллиф донишро на танҳо арзиши фарҳангӣ, балки захираи муҳими миллӣ барои ташаккули ҷомеаи донишбунёд медонад, ки сатҳи рақобатпазирии кишвар дар арсаи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ аз он вобаста аст. Ҷузъи муҳими мақола таҳлили мақоми омӯзгор дар Паём ва андешаҳои пажуҳишгарон дар бораи нақши ӯ дар ҷомеа мебошад. Мавқеи хонанда дар мақола ҳамчун субъекти фаъол ва эҷодкори раванди таълим баррасӣ мешавад. Муаллиф нишон медиҳад, ки аз хонандаи муосир талаб карда мешавад, то аз доираи азбаркуниҳои суннатӣ берун рафта, тафаккури интиқодӣ, малакаҳои худомӯзӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва омодагии иштирок дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии кишварро инкишоф диҳад.
Калидвожаҳо: дониш, омӯзгор, хонанда, Паём, маориф, Паёми Пешвои миллат, рушди иҷтимоӣ, суботи иҷтимоӣ, ҷомеаи донишбунёд, илму маърифат, сиёсати давлатӣ

Аннотация. Данная статья посвящена анализу места и значения знания, учителя и учащихся в обеспечении социального развития и стабильности в свете Послания Лидера нации от 16 декабря 2025 года. В статье рассматривается Послание как программно-стратегический документ, в котором образование и наука признаются ключевым фактором укрепления государственности, экономического прогресса и обеспечения безопасности и стабильности общества. Автор рассматривает знания не только как культурную ценность, но и как важный национальный ресурс для формирования общества, основанного на знаниях, от которого зависит уровень конкурентоспособности страны на региональной и глобальной арене. Важной составляющей статьи является

анализ статуса учителя в Послании и взглядов исследователей на его роль в обществе. В статье рассматривается позиция учащегося, как активного и творческого субъекта в образовательном процессе. Автор показывает, что от современного учащегося требуется выйти за рамки традиционного заучивания наизусть и развивать критическое мышление, навыки самообучения, гражданскую ответственность и готовность участвовать в социально-экономической жизни страны.
Ключевые слова: знания, учитель, ученик, Послание, образование, Послание Лидера нации, социальное развитие, социальная стабильность, общество, основанное на знаниях, наука и образование, государственная политика

Abstract. This article is devoted to the analysis of the place and importance of knowledge, teachers and students in ensuring social development and stability in the light of the Message of the Leader of the Nation dated December 16, 2025. The article discusses the Message as a programmatic and strategic document, in which education, science and education are recognized as a key factor in strengthening statehood, economic progress and ensuring security and stability of society. The author considers knowledge not only a cultural value, but also an important national resource for the formation of a knowledge-based society, on which the level of competitiveness of the country in the regional and global arena depends. An important component of the article is the analysis of the status of the teacher in the Message and the views of researchers about his role in society. The article examines the position of the reader as an active and creative subject in the educational process. The author shows that the modern reader is required to go beyond traditional memorization and develop critical thinking, self-learning skills, civic responsibility, and a willingness to participate in the socio-economic life of the country.
Keywords: knowledge, teacher, student, Message, education, Message of the Leader of the Nation, social development, social stability, knowledge-based society, science and education, state policy.

Паёми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, ки 16 декабри соли 2025 ироа гардид, ҳуҷҷати муҳими сиёсиву иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷӣ, рушди иқтисод, маориф, илм ва ҳаёти иҷтимоиро фаро мегирад. Дар ин Паём ҷойгоҳи **дониш**, масъулияти омӯзгор ва нақши хонандагон ҳамчун неруи созандаи ҷомеаи муосир бо таъкидҳои равшан ва ҳадафмандона инъикос ёфта, ба рушди захираҳои инсонӣ ҳамчун омили калидии пешрафти давлат аҳамияти махсус дода шудааст [1,с.10].

Дар Паём таъкид мегардад, ки агар ҷомеа хоҳони давлати пешрафта, Ватани обод ва зиндагии осуда бошад, бояд барои соҳиби саводу дониш ва касбу ҳунар гардидани фарзандон ҳамаҷониба саъю талош намояд. Ин нуқта моҳияти он андешаро ифода мекунад, ки дар шароити иқтисоди донишбунёд, дониш на танҳо арзиши маънавӣ, балки захираи стратегии миллист, ки сатҳи рақобатпазирии кишварро дар арсаи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ муайян мекунад [7,с.1].

Таҳқиқотҳои муосири тоҷик оид ба маориф ва илм, донишро ҳамчун омили асосии ташаккули иқтисоди муосир, инкишофи тафаккури интиқодӣ ва баланд бардоштани фарҳанги шаҳрвандӣ арзёбӣ менамоянд. Аз ҷумла таъкид мешавад, ки илму дониш, саводу фазилат ва тафаккури прогрессивӣ танҳо дар заминаи шахсияти тавонманд, соҳибназар ва масъулиятшинос рушд карда метавонанд, ки ин андеша бо рӯҳияи Паёми соли 2025 мувофиқ меояд [4,с.11].

Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ ҷойгоҳи омӯзгорро ҳамчун қишри калидии ҷомеа, ки масъулияти тарбия ва ба камол расонидани насли наврасро бар дӯш дорад, таъкид намуда, эҳтиром ва дастгирии иҷтимоии омӯзгоронро яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ эълон мекунад. Дар Паём ба зарурати такмили доимии ихтисос, баланд

бардоштани савияи касбӣ ва аз худ намудани технологияҳои нави таълимӣ ишора шуда, таъкид мегардад, ки бе омӯзгори соҳибмаҳорат таъмини сифати таҳсилот ва тарбияи насли созанда имконнопазир аст [7,с.1].

Таҳқиқотҳои муосир нишон медиҳанд, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ҷомеаҳое, ки ба мақоми омӯзгор ва мактаб таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда мешавад, рушди устувори иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ бештар таъмин мегардад. Дар ин манбаъ таъкид мешавад, ки баланд бардоштани ҳолати иҷтимоии омӯзгор, фароҳам овардани шароити муносиб барои фаъолияти эҷодии ӯ ва таъмини дастгирии давлатии соҳаи маориф омили муҳими баланд шудани сифати таҳсилот мебошад [5,с.4-12].

Паёми соли 2025 хонандаро на танҳо гирандаи дониш, балки субъекти фаъол ва эҷодкори раванди таълим арзёбӣ карда, аз мактаб талаб менамояд, ки дар хонандагон тафаккури илмӣ, ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ ва рӯҳияи ватандӯстӣ ташаккул дода шавад. Ҳамчунин гуфта мешавад, ки мактаб бояд шахсияти комил, худшинос ва содиқ ба арзишҳои миллӣ ва умумибашариро тарбия намояд, ки ин вазифа бидуни иштироки фаъолонаи худи хонанда амалӣ намешавад [8,с.1].

Дар таҳлили масъалаҳои рушди соҳаи маориф дар меҳвари Паёми Пешвои миллат қайд кардан ба маврид аст, ки баланд бардоштани сифати таҳсилот, аз ҷумла тағйири муносибати хонанда ба таълим, рушду таҳкими малакаҳои худомӯзӣ, тафаккури интиқодӣ ва ҷаҳонбинии васеъ, яке аз ҳадафҳои калидии Паём ба ҳисоб меравад. Хонандагони муосир бояд қобилияти истифодаи дониши азхуднамуда дар ҳолатҳои гуногуни ҳаёт, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ ва омодагии доимӣ ба такмили худро доро бошанд, то ба талаботи бозори меҳнати рақобатпазир посух дода тавонанд [6,с.2-7].

Олимону таҳқиқотчиёни соҳаи педагогика, бо истинод ба таҷрибаи байналмилалӣ, хонандаро ҳамчун шарики ҳамкори омӯзгор арзёбӣ намуда, бар онанд, ки дар шароити рақамикунонии маориф, хонанда бояд на танҳо корбари технология, балки эҷодгари муҳтавои рақамӣ ва иштирокчии фаъоли муҳити таълимӣ бошад. Дар мақолаҳои илмӣ ва методӣ таъкид мешавад, ки рушди малакаҳои нарм (алоқаи байнифардӣ, кори дастаҷамъӣ, худидоракунӣ) дар баробари дониши фаннӣ барои мутобиқшавии хонандагон ба бозори меҳнат ва ҳаёти иҷтимоӣ аҳамияти калон дорад [5,с.10].

Яке аз ҷанбаҳои муҳими Паёми Пешвои миллат таваҷҷуҳ ба масъалаҳои иҷтимоист, ки дар онҳо маориф ҳамчун омили асосии таъмини адолати иҷтимоӣ, кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон баррасӣ мешавад. Дар Паём ба масъалаҳои дастрасии баробар ба таҳсилот, такмили инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсил дар минтақаҳои дурдаст ва кӯҳистон ва рушди таҳсилоти фарогир таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мегардад [7,с.1].

Таҳқиқоти муосири ҷамъиятшиносӣ, ки ба нақши маориф дар таъмини суботи иҷтимоӣ бахшида шудаанд, нишон медиҳанд, ки мактаб ва муассисаҳои таълимӣ на танҳо донишу малакаи касбӣ, балки арзишҳои ахлоқӣ, ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба қонунро дар шуури ҷавонон ташаккул медиҳанд. Ин андеша бо мазмуни Паём мувофиқ мебошад, зеро дар он таъкид мегардад, ки маориф бояд дар тарбияи ҷавонони ватандӯст, қонунпазир ва масъули ҷомеа нақши ҳалкунанда бозад [3,с.5-15].

Дар маҷмӯъ, Паёми Пешвои миллат аз 16 декабри соли 2025 маориф, дониш, омӯзгор ва хонандаро ҳамчун решаҳои асосии рушди устувори давлатӣ ва ҷомеа муаррифӣ менамояд ва ба соҳа рисолати калони таърихӣ месупорад. Бо такя ба ин ҳуҷҷати барномавӣ, олимону таҳқиқотчиён бар онанд, ки зарурати такмили Стратегияи миллии рушди маориф, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ, баланд бардоштани мақоми иҷтимоии омӯзгор ва ташаккули насли навини хонандагони созанда аз муҳимтарин вазифаҳои давраи муосир ба ҳисоб мераванд [3,с.5-15].

Назарҳои олимон дар мавриди мақоми дониш ва омӯзгор, бо моҳияти Паём ҳамоҳанг буда, дар маҷмӯъ, маорифро ҳамчун низоми асосии иҷтимоикунонии шахсият ва кафили рушди иқтисодиву маънавии ҷомеа шарҳ медиҳанд. Иҷрои пайгиронаи ҳадафҳо ва вазифаҳои дар Паём зикршуда метавонад заминаи устувор барои баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди илму маърифат ва таъмини ояндаи дурахшони кишвар фароҳам оварад, ки ин раванд масъулияти кулли қишрҳои ҷомеаро, аз ҷумла омӯзгорон, хонандагон ва волидон, тақозо менамояд [4,с.6-11].

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки Паёми Пешвои миллат аз 16 декабри соли 2025 масъалаи дониш, маориф, омӯзгор ва хонандаро дар меҳвари сиёсати давлатӣ қарор дода, онҳоро ҳамчун рукнҳои асосии рушди устувори ҷомеа арзёбӣ менамояд. Дар Паём нишон дода мешавад, ки сатҳи донишу маърифатнокии ҷомеа мустақиман ба амният, суботи сиёсӣ, пешрафти иқтисодӣ ва мақоми байналмилалии давлат вобаста аст ва маҳз тавассути илму дониш, миллат метавонад аз чолишҳои замони муосир сарбаландона гузарад. Аз ин рӯ, маориф дигар танҳо як соҳаи иҷтимоӣ набуда, балки механизми стратегии ташаккули сармояи инсонӣ ва омили калидии рақобатпазирии миллӣ маҳсуб меёбад.

Дар мақола мақоми омӯзгор ҳамчун меъмори маънавии ҷомеа ва шахсияти калидӣ дар раванди ташаккули насли нав махсус барҷаста шудааст. Натиҷаи таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тамоми ислоҳоти соҳаи маориф, аз тағйири барномаҳои таълимӣ то ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, бидуни омӯзгори соҳибмаҳорат ва эҷодкор ба натиҷаи дилхоҳ намерасад. Ба ҳамин хотир, Паём ва андешаҳои олимон зарурати баланд бардоштани мақоми иҷтимоӣ, беҳтар намудани шароити касбӣ, таҳкими такмили ихтисос ва ҳавасмандгардонии ҳамаҷонибаи омӯзгоронро таъкид мекунанд, зеро сифати таҳсилот ва сатҳи худшиносии миллӣ аз ҷаҳонбинӣ ва масъулияти онҳо сарчашма мегирад.

Дар баробари ин, дар мақола нақши хонанда ҳамчун субъекти фаъоли раванди таълим ва ҷомеаи донишбунёд равшан нишон дода шудааст. Таълим дигар ба гирифтани дониши хушк маҳдуд набуда, балки ба ташаккули тафаккури интиқодӣ, малакаҳои худомӯзӣ, эҷодкорӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва омодагии ҷавонон ба иштирок дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии кишвар равона мегардад. Аз хонандаи муосир интизор меравад, ки на танҳо аз фаннҳо огоҳ бошад, балки донишро дар амал истифода кунад, ба навовариҳо рӯ оварад ва дар рушди муҳити иҷтимоӣ саҳми созанда гузорад.

Як ҷиҳати муҳим дар он аст, ки маориф дар ин Паём ҳамчун абзори асосии адолати иҷтимоӣ ва камсозии нобаробарӣ тасвир мешавад. Таваҷҷуҳ ба дастрасии баробар ба таҳсил, рушди инфрасохтори мактабҳо, дастгирии иҷтимоии омӯзгорон ва баланд бардоштани савияи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нишон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ тавассути маориф мехоҳад суботи иҷтимоӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшад. Дар маҷмӯъ, Паём ва таҳлилҳои олимон ба хулоса меоранд, ки тандурустии маънавӣ, устувории сиёсӣ ва пешрафти иқтисодии Тоҷикистон дар даҳсолаҳои оянда пеш аз ҳама аз сатҳи рушду сифати маориф, мақоми воқеии омӯзгор ва фаъол будани хонандагон дар ҷомеа вобаста хоҳад буд.

АДАБИЁТ

1. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 16.12.2025. с.10. Маводи электронӣ, Санаи мурочиат: 24.12.2025. Сарчашма: https://www.president.tj/event/news/54179

2. Эмомалӣ Раҳмон. Иқтибосҳо аз Паём ба Маҷлиси Олӣ (16.12.2025) // Сомонаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2025. – с. 3-9 (12 с.) Сарчашма: http://tsulbp.tj/archives/37759

3. Ойнаи маориф. «Инъикоси масоили маориф ва илм дар Паёми Пешвои миллат». – Душанбе, 2025. – С.5-15 (С.20) , Сарчашма: https://avkd.tj/tg/khabarho/3029-in-ikosi-masoili-mafdf45orif-va-ilm-dar-payomi-peshvoi-millat.html

4. Муаллифон. «Омӯзгор — чароғи илму дониш» //– Душанбе, 2023. – С. 6–11 (с.15). Сарчашма: https://takmili-ihtisos.tj/?p=1901

5. Муаллифон. Масъалаҳои рушди соҳаи маориф дар меҳвари Паёми Пешвои миллат // Сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб. – Кӯлоб, 2025. – С. 4–12 (18 с.). Сарчашма: https://www.tguk.tj/index.php/tj/habarho-5/item/5592-mas-ala-oi-rushdi-so-ai-maorif-dar-me-vari-pajomi-peshvoi-millat.html

6. Таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ба соҳаи маориф (мақолаи таҳлилӣ доир ба Паём) // Нашрияҳои омӯзгорӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ. – Душанбе, 2025. – С. 2–7 (10 с.). facebook+1

7. Иқтибосҳо аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сарчашма: https://khovar.tj/2025/12/17/

8. https://moh.tj/payomi-prezidenti-um-urii-to-ikiston-mu-taram-emomal-ra-mon-dar-borai-samt-oi-asosii-siyosati-dohil-va-hori-ii-um-ur-2/

ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТӢ. ОБШЕСТВЕННЫХ НАУКИ. SOCIAL SCIENCES

УДК37тоҷик+373+008+378+331.7

УСУЛҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ ВА МАВҚЕИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ СИФАТ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЙЁР НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ СОҲИБКАСБ

ИННОВАЦИОННЫЕ МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ И МЕСТО СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ КАЧЕСТВОМ В ПОВЫШЕНИИ КАЧЕСТВА ПОДГОТОВКИ СПЕЦИАЛИСТОВ С ВЫСОКОЙ КВАЛИФИКАЦИЕЙ

INNOVATIVE TEACHING METHODS AND THE ROLE OF THE QUALITY MANAGEMENT SYSTEM IN IMPROVING THE QUALITY OF TRAINING HIGHLY QUALIFIED SPECIALISTS

АБДУНАЗАРОВА О.А. - муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣии Институти иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ. Суроға: 734055, ш. Душанбе,Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Борбад 48/5. Тел: (+992) 988500035.

АБДУНАЗАРОВА О.А. - старший преподаватель кафедры гуманитарных естественно-математических наук. Институт мировой экономики и международный отношений. Адрес: 734055, ш. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Борбада 48/5. Тел: (+992) 988500035.

ABDUNAZAROVA O.A. - senior Lecturer of the Department of Humanities and Natural-Mathematical Sciences, The Institute of World Economics and International relations. Adress: 734055, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Borbad evenue 48/5. Tel: (+992) 988500035.

Аннотатсия. Ҳадафи муосири таълим ташаккул ва рушди он сифатҳои шахсияти инсон мебошад, ки барои пайвастан ба фаъолияти дорои аҳамияти иҷтимоӣ заруранд. Ин ҳадаф мундариҷаи таълим, муносибатро ба дониш, қобилият ва малака ҳамчун роҳҳои ба даст овардани ташаккули шахсияти ҳамаҷониба муайян мекунад. Яке аз омилҳои муҳими ташаккули сифатҳои хоси касбии бакалаврҳо дар низоми кредитии таҳсилот хусусияти инноватсионии барномаи таълимӣ мебошад. Дигар аз омилҳои асосии ташаккули сифатҳои хоси касбии бакалаврҳо дар низоми кредитии таҳсилот, истифодаи усулҳои интерактивии таълим ва ташкили сифатноки кори мустақилонаи донишҷӯён мебошад.
Калидвожаҳо: Инноватсия, усулҳо, зарурат, баланд бардоштани самаранокӣ, раванди таълим, глобализатсия, манбаъҳои онлайн.

Ж) забоншиносӣ, ки забонҳои истифодабарии занон ва мардон, аз ҷумла нақши калимаву тасвирҳо дар табъизи инсон аз рӯи ҷинс, муносибати забон ва мавқеи зан дар ҷомеаро меомӯзад: Ахлоқӣ, ки ба мушкилоти зӯроварӣ ва адолат дар муносибатҳои байни ҷинсҳо, рафъи стандартҳои дугона дар ахлоқ, аҳамияти арзишҳои алтуризми инсонӣ ва ахлоқи ғамхорӣ нигаронида шудааст [8].

Дар ҳамин ҳол, дар доираи равишҳои мухталифи муқарраршуда барои арзёбии “зӯроварии гендерӣ” муҳаққиқон ин падидаро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба таври кофӣ арзёбӣ накардаанд. Аз ин рӯ, муаллиф аз чунин фарзия бармеояд, ки сарфи назар аз шартҳои муайяни биологии «зӯроварии гендерӣ», он аслан падидаи фарҳангӣ, атрибути институтсионалии равандҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои байни мардону занон дар ҷомеаҳои муайян мебошад. Таърихи халқҳои ҷаҳон таҳаввулоти шаклҳо ва навъҳои зӯроварии ҷисмонӣ ва иҷтимоии гендериро нишон медиҳад. Бисёре аз ба ном «инстинктҳои ғорӣ» дар марҳилаҳои гуногуни таҳаввул ва таъсири мутақобилаи фарҳангҳо равшан зуҳур кардаанд; вақтҳои охир онҳо худро дар миқёси тамаддунҳо бо нобаробарии гендерӣ, ки дар қатори дигар чизҳо, ба шаклҳои гуногуни зӯроварии гендерӣ асос ёфтааст, зоҳир карданд. Дар ҷомеаи муосир тамоюлҳои пайдоиши система вуҷуд доранд.

Зӯроварии гендерии иттилоотии давлатӣ ва хусусӣ. Васоити ахбори омма баҳогузорӣ мекунанд, ки барои ҷомеаи “мардона” мусоид ҳастанд, андешаҳо, рафтори овоздиҳӣ. Зӯроварии гендерӣ бар забон, семантикаи пахшҳо ва шеваҳои ҳаррӯзаи муошират иҷтимоӣ паҳн мешавад.

Зӯроварии гендерӣ як падидаи иҷтимоӣ буда, мураккаб ва гуногунҷанбаи сохтори худ буда, хеле пеш аз ҷомеаи мутамаддин ба вуҷуд омадааст. Дар шуури оммавӣ зӯроварии гендерӣ аксар вақт ҳамчун зӯроварии сирф ҷисмонӣ аз ҷониби мард нисбат ба зан тасаввур карда мешавад, аммо ин як равиши танг ва якҷониба аст. Дар асл, зӯроварии гендерӣ дар ҳама гуна ҷомеа ва дар ҳама гуна низоми сиёсӣ, пеш аз ҳама аз рӯи ангезаҳо ва оқибатҳои он як категорияи иҷтимоии фарҳангӣ мебошад. Вай характери универсалӣ буда, дар амал дар хамаи сохахои хаёт: сиёсй, иктисодй, маънавй ва маишй вучуд дорад. Пеш аз ҳама, бояд баррасӣ кард, ки симои коммуникатсионӣ дар бораи зӯроварии гендерӣ дар таҳаввулоти фарҳангҳо чӣ гуна тақвият ва интиқол дода мешавад ва баръакс, фарҳанг чӣ гуна имкон медиҳад, ки зӯроварӣ дар худи дискурс боқӣ монад.

Дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва маишӣ зӯроварӣ дар асоси гендерӣ ҳамчун таъсири маҷбурӣ зуҳур мекунад, ки ба равандҳои шахсияти шахсият, меъёрҳои ҳуқуқӣ, принсипҳои ахлоқӣ, низоми арзишҳо ва озодӣ мухолиф аст. Нишонаҳои институтсионализатсияи зӯроварии гендерӣ дар он аст, ки ниҳодҳои иҷтимоӣ – давлат, ВАО, маориф ва оила – пайваста таҷрибаҳои иттилоотӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла амалҳои иҷтимоии марбут ба зӯроварии гендерӣ ва таҷовузи мардон нисбати занонро такрор мекунанд. Сарчашмаҳои асосии ирсии зӯроварии гендерӣ сарчашмаҳои маънавӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва забонӣ мебошанд, ки онро бунёд мекунанд.

Барои баҳодиҳии зӯроварии гендерӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ бояд ин мафҳум шарҳ дода шавад. Тасодуфӣ нест, ки И.Д. Горшкова ва И. Шурыгина қайд мекунад, ки якчанд истилоҳҳои зӯроварии хонаводагӣ дар адабиёти сотсиологӣ ва равоншиносии хориҷӣ ба забони англисӣ истифода мешаванд. «Зӯроварӣ дар оила» зӯроварӣеро дар назар дорад, ки аз ҷониби аъзоёни оила нисбати дигар аъзоёни оила – фарзандон, ҳамсарон, волидон ва дигар хешовандон содир карда мешавад. Оилаҳо низ истифода мешаванд.

Истилоҳҳои алоҳидаи махсусе, ки танҳо ба муносибатҳои издивоҷ алоқаманданд: “таҷовузи ҳамсар”, “латукӯб кардани зан” ва “таҷовуз ба номус”. Инкишофи аппарати кате-гориалӣ оид ба проблемам зуроварӣ ба забони англией аз диккати калоне, ки дар хорича ба ин проблема дода мешавад, шаходат медихад. Худи рушди дастгоҳи категориалӣ нисбат ба зӯроварӣ аз таваҷҷӯҳи зиёд ба ин мавзӯъ шаҳодат медиҳад [9].

Дар Русия ягон истилоҳоти мувофиқ таҳия нашудааст, ки он ҳам

Далели зарурати омухтани ин проблема мебошад. Мафҳуми «зӯроварии гендерӣ» дар тадқиқоти байнисоҳавӣ бояд аз дигар мафҳумҳои шабеҳ: «зӯроварӣ дар оила»,

«зӯроварӣ дар оила», «зӯроварӣ дар оила», «зӯроварии зану шавҳар», «зӯроварӣ нисбати занон» фарқ кунад.

Таърифи наздиктарин ба мафҳуми “зӯроварӣ бар асоси гендерӣ” таърифи “зӯроварӣ нисбат ба занон” мебошад, ки дар Эъломия оид ба барҳам додани зӯроварӣ нисбати занон, ки дар соли 1993 аз ҷониби СММ қабул шудааст. Занон, аз ҷумла таҳдид ба чунин амалҳо, маҷбур кардан ё худсарона маҳрум кардан аз озодӣ, хоҳ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва чӣ дар ҳаёти шахсӣ.”

Таърифи ҳуқуқии мафҳум фарогиртарин аст, аммо он на ҳама хусусиятҳои зарурии консепсияро, ки дар доираи равиши иҷтимоӣ-фарҳангӣ таҳия кардан мумкин аст, инъикос мекунад. Гузашта аз ин, бо истифода аз забони ҳуқуқшиносӣ метавон танҳо ба шаклҳои сахттарин ва ваҳшиёнаи зӯроварии гендерӣ (ҷиноятҳои зидди занон, рафтори девонавона нисбат ба намояндагони ҷинси муқобил, озори ҷинсӣ ва ғайра) таваҷҷӯҳ кард.

Мафҳуми «зӯроварии зану шавҳар» зуҳури зӯроварӣ нисбат ба шахсони ҷинси муқобилро, ки бевосита дар ақди никоҳ доранд, ифода мекунад, дар ҳоле ки дар ин ҳолат зӯроварӣ нисбати шахсони дар як хонавода зиндагӣкунанда арзёбӣ намешавад.

Оила. Масалан, фарзандон, волидон, хоҳарон ва дигар аъзоёни оила. Инчунин, ин таъриф ҳолатҳои зӯроварӣ нисбати намояндагони ҷинси муқобилро, ки дар муносибатҳои оилавӣ нестанд (зӯроварии пеш аз издивоҷ, зӯроварии иқтисодӣ нисбати занон дар ҷомеа ва ғайра) ба назар намегирад.

Ба мафҳуми «зӯроварии зану шавҳар» мафҳуми «зӯроварии оилавӣ» марбут аст, ки аз нигоҳи субъектҳои таъсир аллакай шумораи бештари одамонро дар муносибатҳои оилавӣ ба назар мегирад.

Дар ҳардуи ин ҳолатҳо ҳадафи хушунат на танҳо занон, балки мардон низ буда метавонанд. Таҳкики ин мафхумхо бе халли масъалахои муосири оила ва умуман никох имконнопазир аст.

Мафҳуми «зӯроварӣ дар оила» доираи боз ҳам васеътари объектҳо ва субъектҳои дар амалҳои маҷбурӣ ва таҷовуз ҷалбшударо дар бар мегирад. Ин мафҳум ҳама шаклҳои зӯроварӣ, ки дар ҳаёти ҳаррӯза дар сатҳи муносибатҳои байнишахсӣ, яъне дар ҳаёти ҳаррӯза ба вуҷуд меоянд, дар бар мегирад. Аммо, ин мафҳум зуҳуроти шаклҳои “болотар”-и зӯроварӣ, аз қабили табъизи гендерӣ, зӯроварии киберҷинсӣ ва ғайраҳоро дар бар намегирад.

Таҳия ва ба низом даровардани мафҳумҳои мазкур бо дарназардошти ҷузъҳои иҷтимоии фарҳангии онҳо имкон медиҳад, ки истилоҳи «зӯроварии гендерӣ», ки аз охири асри 20 ба муомилоти илмӣ ворид шудааст, муайян карда шавад. Бо вуҷуди ин, то имрӯз, он ба таври консептуалӣ дар заминаи таълимӣ таҳия нашудааст.

Ҳангоми таърифи ин истилоҳ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ муҳим аст, ки на танҳо ҷузъи субъектӣ-объектиро ба инобат гирифт, балки ҳамчунин таҳлили қадимтарин ва устувортарин ҷомеаи биологии.

Муносибатҳои иҷтимоии фарҳангии байни занон ва мардон. Зарур аст, ки ҷузъҳои зерини иҷтимоии фарҳангии ин мафҳумро ба назар гирифт: анъанаҳо ва қолабҳои муносибат ба зан чи дар таърих ва чӣ дар ҷаҳони муосир, қоидаву меъёрҳои нонавишта, аз ҷумла меъёрҳои ахлоқие, ки аз ҷониби падарпарастӣ ташаккул ёфтаанд ва ба нигоҳ доштани зан имрӯз дар мавқеи зертобеъ нигаронида шудаанд; муайянкунии гендерӣ ва худшиносӣ; тарбия ва дин бо назардошти тамоюли гендерии онҳо; зӯроварии иттилоотӣ ва шифоҳии гендерӣ, илова бар ин, ҳангоми муайян кардани мафҳуми «зӯроварии гендерӣ» бо истифода аз равиши байнисоҳавӣ онро бо мафҳумҳо, аз қабили таҷовуз, низоъ, рафтори харобиовар, рафтори девиантӣ, ҷиноятҳо алайҳи ҷинси муқобил, табъизи гендерӣ ва ғайра алоқаманд кардан лозим аст.

Зӯроварӣ дар асоси гендериро ба таври таҷрибавӣ ҳуҷҷатгузорӣ кардан душвор аст, ҳисоб кардан ё чен кардан ғайриимкон аст, ҳатто агар онро танҳо аз берун сабт кардан

мумкин бошад. Он танҳо ба зуҳуроти берунии худ кам карда намешавад. Зӯроварии гендерӣ, идеологияи он ва зуҳуроти он, новобаста аз ангезаҳои мушаххас, зуҳуроти патологияи фарҳангӣ ё иҷтимоӣ мебошанд. Танҳо принсипҳо ва равишҳое, ки зӯроварӣ дар асоси гендериро ҳамчун воситаи ҳалли мушкилот истисно мекунанд, метавонанд ҷаҳонро тағйир дода, дар ҷомеа шароит фароҳам оранд, ки чунин зӯроварӣ ба таври ҳақиқӣ – таҳриф ва дуршавӣ аз меъёри муносибатҳои инсонии байни одамони ҷинси гуногун ошкор карда шаванд.

Ҳамин тариқ, зӯроварии гендерӣ як падидаи мураккаб ва бисёрҷанбаи воқеияти муосир мебошад. Дар илм равишҳои сершумори омӯзиши он пайдо шудаанд. Аммо бо вуҷуди таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаҳои мухталиф ҳатто чаҳорчӯби консептуалии истилоҳ то ҳол таҳия нашудааст, ки зарурати таҳқиқоти мувофиқро тақозо мекунад. Муаллиф муътақид аст, ки бо пешбурди консепсия, ки хушунат дар заминаи гендерӣ падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ аст, метавон ин падидаро бо истифода аз меъёрҳои мукаммали арзёбӣ ва тавсифи онро таҳлил кард. Аз ин рӯ, зарур аст, ки доираи масъалаҳои иҷтимоие, ки боиси зӯроварии гендерӣ дар ҷомеа мегарданд, чи аз дидгоҳи иҷтимоӣ-таърихӣ ва чи дар шароити кунунӣ, муайян кардани сабабҳои боқӣ мондани он ва дар ниҳоят, пешниҳод намудани механизмҳои амалии коҳиш додани ҳодисаҳои зӯроварии гендерӣ дар ҷомеа.

АДАБИЁТ

1. Аристова М.В. Компонент насилия … С. 5.
2. Аристова М.В. Компонент насилия в гендерных взаимодействиях: социальнофилософский анализ: автореф. дис. … д-ра филос. наук. М., 2009. С.3.
3. Берковиц Л. Агрессия: причины, последствия и контроль. СПб.; М.роль. СПб.; М., 2001. С.31.
4. Гендерология и феминология: учеб. пособие / Л.Д. Ерохина [и др.]. М.: Флинта: Наука, 2009. С. 120.
5. Горшкова И.Д., Шурыгина И.И. Насилие против жен как проблема Горшкова И.Д., Шурыгина И.И. Указ. Соч РУс, АНГ Новосибирск, 2005. С.4.
6. Окно в русскую частную жизнь / Римашевская Н. [и др.]. М., 1999.
понимание социальной реальности. М.: Добросвет, 1998. С. 19.
7. Тевлюкова О.Ю. Насилие как феномен социальной организации: опыт теоретико-методологического анализа: дис. … канд. социол. наук: 22.00.01.
8. Ядов В.А Стратегии социологического исследования. Описание, объяснение, социологического анализа. URL: http://www.gender-cent.ryazan.ru/gorshkova.htm

УДК УДК: 338.15

ИННОВАТСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР ДАР МЕТОДИКАИ ДАРСҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ

ИННОВАЦИИ И СОВРЕМЕННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ В МЕТОДИКЕ УРОКОВ ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ В ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

INNOVATION AND MODERN TECHNOLOGIES IN THE METHODOLOGY OF PHYSICAL EDUCATION LESSONS IN HIGHER EDUCATION INSTITUTIONS

НАЗРУЛЛОЕВ А.Х. - ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Институти сайёҳии ДБСТ. (asadullonazrullo@gmail.com), Тел. 985958293.

НАЗРУЛЛОЕВ А.Х. - ассистент кафедры гуманитарных и естественно-математических наук Института туризма МУТПТ. (asadullonazrullo@gmail.com), Тел. 985958293.

NAZRULLOEV A. H. - assistant of the department of humanities and natural-mathematical sciences of Institute of tourism of IUTET. (asadullonazrullo@gmail.com), Tel. 985958293.

Аннотатсия. Мақолаи мазкур ба таҳлили имкониятҳо ва зарурати истифодаи инноватсия ва технологияҳои муосир дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ бахшида шудааст. Дар таҳқиқот нишон дода мешавад, ки усулҳои анъанавии таълим дигар ҷавобгӯи талаботи замони муосир нестанд. Миёнаравии технологияҳои интерактивӣ ба фаъолсозии донишҷӯён ва баланд бардоштани сифати таълим мусоидат мекунад. Муаллиф зарурати гузариш аз омӯзиши репродуктивӣ ба омӯзиши эҷодӣ ва ҳамкориро асоснок менамояд. Дар мақола ҳамзамон ба масъалаи паст будани сатҳи омодагии ҷисмонӣ ва камбуди шавқи донишҷӯён ба дарсҳо таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Яке аз сабабҳои асосии ин ҳолат набудани пайванди методикӣ байни мактаб ва донишгоҳ арзёбӣ мегардад. Пешниҳод мегардад, ки омӯзгорон бояд бо технологияҳои муосири таълимӣ шинос бошанд ва онҳоро дар амалия истифода баранд. Бо дарназардошти фарҳанг ва менталитети халқи тоҷик, ворид намудани арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ ба муҳтавои дарсҳо муҳим шуморида мешавад. Мафҳумҳои мардонагӣ, таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ба рақиб ва ҳамкорӣ бояд дар машғулиятҳои ҷисмонӣ таҷассум ёбанд. Ин равиш ба консепсияи тарбияи ҳамгиро мувофиқат мекунад. Дар мақола инчунин зарурати истифодаи намудҳои гуногуни варзиш ва бозиҳои миллӣ ҳамчун воситаи ҷалби донишҷӯён таъкид мешавад. Хулоса бар он аст, ки танҳо тавассути ҳамгироии анъана ва навоварӣ метавон муҳити таълими муассир ва фарҳангӣ-асосёфтаро ташаккул дод. Мақола барои муҳаққиқон, омӯзгорон ва таҳиягарони барномаҳои таълимии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ муфид мебошад.

Калидвожаҳо: инноватсия, технология, тарбияи ҷисмонӣ, таҳсилоти олӣ, методика, донишҷӯ, интерактивӣ, фарҳанг, менталитет, ҳамгироӣ, ахлоқ

Аннотация. Данная статья посвящена анализу возможностей и необходимости внедрения инноваций и современных технологий в методику преподавания физического воспитания в учреждениях высшего образования. В исследовании показано, что традиционные формы обучения уже не соответствуют требованиям современности. Интерактивные технологии и личностно-ориентированные подходы способствуют активизации студентов и повышению качества образования. Автор обосновывает необходимость перехода от репродуктивного к творческому и кооперативному обучению. В статье также поднимается проблема низкого уровня физической подготовки и недостатка интереса студентов к занятиям. Одной из причин этого

называется отсутствие методической преемственности между школой и вузом. Предлагается, чтобы преподаватели овладели современными педагогическими технологиями и применяли их на практике. С учётом культуры и менталитета таджикского народа, важным считается включение нравственных и социальных ценностей в содержание занятий. Понятия мужественности, терпимости, уважения к сопернику и сотрудничества должны быть интегрированы в физическую активность. Такой подход соответствует концепции интегрального воспитания. Также подчёркивается необходимость использования различных видов спорта и национальных игр как средства мотивации студентов. В заключение делается вывод, что только через синтез традиций и инноваций можно создать эффективную и культурно обоснованную образовательную среду. Статья будет полезна исследователям, преподавателям и разработчикам учебных программ в области физического воспитания.
Ключевые слова: инновация, технология, физическое воспитание, высшее образование, методика, студент, интерактивность, культура, менталитет, интеграция, нравственность.

Abstract. This article explores the potential and necessity of integrating innovations and modern technologies into the methodology of physical education classes in higher education institutions. The study demonstrates that traditional teaching methods no longer meet the demands of contemporary education. Interactive technologies and learner-centered approaches enhance student engagement and improve instructional quality. The author substantiates the shift from reproductive to creative and collaborative learning. The article also addresses the low level of physical preparedness and lack of student motivation. One key factor identified is the absence of methodological continuity between secondary school and university. It is proposed that instructors should master and apply modern pedagogical technologies in practice. Considering the culture and mentality of the Tajik people, incorporating moral and social values into physical education is deemed essential. Concepts such as bravery, tolerance, respect for opponents, and cooperation should be embedded in physical activities. This approach aligns with the pedagogical concept of integrative education. The article also emphasizes the importance of using diverse sports and traditional games to foster student interest. It concludes that only through the synthesis of tradition and innovation can an effective and culturally grounded educational environment be created. The article is valuable for researchers, educators, and curriculum developers in the field of physical education.
Keywords: innovation, technology, physical education, higher education, methodology, student, interactivity, culture, mentality, integration, ethics.

Дар шароити муосир, ки дар он дониш, технология ва навоварӣ ба унсурҳои калидии рушди устувори ҷомеа табдил ёфтаанд, зарурати таҷдиди назар ба усулҳои анъанавии таълим дар тамоми зинаҳои таҳсилот, аз ҷумла дар самти тарбияи ҷисмонӣ, беш аз пеш эҳсос мегардад. Дар ин замина, истифодаи инноватсия ва технологияҳои муосир дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ талаботи замон, омили муҳими баланд бардоштани сифати таълим, ташаккули малакаҳои касбӣ ва тарбияи мутахассисони рақобатпазир ба ҳисоб меравад.

Тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи низоми таҳсилот ба рушди қобилиятҳои ҷисмонӣ ва солимии донишҷӯён мусоидат мекунад ва дар ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ватандӯстии онҳо нақши муассир мебозад. Бо дарназардошти ин, ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ, воситаҳои рақамӣ, платформаҳои таълими интерактивӣ ва таҷҳизоти муосири варзишӣ ба раванди таълими тарбияи ҷисмонӣ, имкон медиҳад, ки муҳити таълимӣ бештар ҷолиб, фарогир ва самаранок гардад. Ин раванд, аз як тараф, имкониятҳои омӯзгоронро дар таҳияи

барномаҳои таълимии мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат васеъ менамояд, аз тарафи дигар, донишҷӯёнро ба омӯзиши фаъол, худомӯзӣ ва таҳлили интиқодӣ ҳидоят мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои охир бо ташаббус ва дастгирии пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба як самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат табдил ёфтааст. Таҳлили амиқи вазъи соҳа дар даврони истиқлолият, оғози марҳалаи нави рушди стратегӣ дар ин самт гардид. Дар натиҷа, таҳияи "Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои солҳои 2011–2015" ва қабули як қатор барномаҳои минбаъда, аз ҷумла "Барномаи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои солҳои 2017–2021", "Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон барои солҳои 2022–2026" ва "Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон барои солҳои 2023–2027", заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои рушди соҳа фароҳам оварданд.

Татбиқи ин барномаҳо боиси афзоиши бесобиқаи шумораи иншооти варзишӣ, таҳкими инфрасохтори соҳа ва болоравии сатҳи иштироки ҷавонон дар фаъолияти ҷисмонӣ гардид. Тавре, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ зикр гардид, дар давраи соҳибистиқлолӣ беш аз 10 ҳазор иншооти варзишӣ бунёд шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба тамоми давраи 70 соли гузашта даҳҳо маротиба зиёд мебошад. Ин дастовардҳо нишондиҳандаи сиёсати хирадмандонаи давлат дар самти рушди тарбияи ҷисмонӣ мебошанд. Он имкониятҳои фаровонро барои ворид намудани усулҳои инноватсионӣ ба методикаи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ фароҳам месозанд [16].

Аз ин рӯ, омӯзиши ҳаматарафаи масъалаи истифодаи инноватсия ва технологияҳои муосир дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ, таҳлили таҷрибаи мавҷуда, муайянсозии самтҳои афзалиятноки рушд ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ барои такмили равандҳои таълимӣ аз ҷиҳати илмӣ ва аз дидгоҳи амалӣ низ дорои аҳамияти хос мебошад. Маҳз тавассути ҳамгироии илм, технология ва таҷрибаи педагогӣ метавон ба ҳадафи асосӣ, яъне тарбияи мутахассисони соҳибмаълумот, солим, фаъол ва ватандӯст ноил гардид.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқот таҳлили амиқи имкониятҳо ва самаранокии истифодаи инноватсия ва технологияҳои муосир дар методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад. Таҳқиқот ба он равона шудааст, ки заминаҳои назариявӣ ва амалии воридсозии технологияҳои иттилоотӣ, воситаҳои рақамӣ ва усулҳои инноватсионии таълимро муайян намуда, роҳҳои баланд бардоштани сифати таълим, фаъолсозии донишҷӯён ва мутобиқсозии равандҳои таълимӣ ба талаботи замони муосирро пешниҳод намояд.

Вазифаҳои таҳқиқот.

1. Таҳлили назариявии мафҳумҳои "инноватсия", "технологияи таълим" ва "методикаи тарбияи ҷисмонӣ" бо мақсади муайян намудани асосҳои методологӣ ва мафҳумии мавзуъ.

2. Тасниф ва арзёбии намудҳои технологияҳои инноватсионӣ, ки дар таълими тарбияи ҷисмонӣ истифода мешаванд.

3. Таҳияи тавсияҳои амалӣ ва моделҳои методикӣ барои воридсозии самараноки технологияҳои муосир ба раванди таълими тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ.

4. Арзёбии таъсири истифодаи инноватсияҳо ба сатҳи омодагии касбии донишҷӯён, рушди қобилиятҳои ҷисмонӣ ва ташаккули малакаҳои худомӯзӣ ва ҳамкорӣ дар муҳити таълимии рақамӣ.

Объекти таҳқиқот. Раванди таълими тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар он донишҷӯён ҳамчун субъекти фаъол ва омӯзгорон ҳамчун роҳбари методикӣ иштирок мекунанд.

Предмети таҳқиқот. Мазмун, шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои инноватсионӣ ва технологияи муосири таълим, ки дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ истифода мешаванд ва ба баланд бардоштани самаранокии таълим ва омодагии касбии донишҷӯён мусоидат мекунанд.

Масъалаи истифодаи инноватсия ва технологияҳои муосир дар методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар солҳои охир таваҷҷуҳи васеи муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи педагогикаи варзишро ба худ ҷалб намудааст. Омӯзиши адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки мавзуъ дар доираи равияҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалӣ онро равшан месозанд.

Аз ҷумла, Фирсин С. А. (2013) дар таҳқиқоти худ ба таҳлили шаклҳо ва усулҳои инноватсионии тарбияи ҷисмонӣ пардохта, зарурати мутобиқсозии равандҳои таълимӣ ба талаботи замони муосирро таъкид мекунад. Муаллиф истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои фаъолгардонии донишҷӯёнро ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани самаранокии дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ арзёбӣ менамояд [20].

Дар самти робитаи тарбияи ҷисмонӣ бо саломатии донишҷӯён, Романченко С. А. (2006) масъалаи ислоҳи ҳолати саломатии донишҷӯёнро тавассути машғулиятҳои мунтазами ҷисмонӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, ба зарурати таҳияи барномаҳои инфиродӣ ва мутобиқ ба имкониятҳои физиологии донишҷӯён ишора мекунад. Ин равиш дар таҳқиқоти Московченко О. Н. (2008) низ идома ёфта, таваҷҷуҳи асосӣ ба оптимизатсияи сарбориҳои ҷисмонӣ дар асоси ташхиси ҳолати мутобиқшавии организм равона шудааст [17].

Дар солҳои охир, таваҷҷуҳ ба инноватсияҳо дар таълими тарбияи ҷисмонӣ боз ҳам афзоиш ёфтааст. Боков А.В. (2023) дар мақолаи худ ба таҳлили равишҳои инноватсионӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ пардохта, зарурати воридсозии технологияҳои рақамӣ ва платформаҳои таълими интерактивиро таъкид мекунад [3. С.110]. Ҳамин гуна, Коркишко О.В. (2019) масъалаи татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва солимгардонии донишҷӯёнро баррасӣ намуда, самтҳои амалии истифодаи онҳо ва таъсири мусбати онҳо ба сатҳи омодагии ҷисмонӣ ва рӯҳии донишҷӯёнро нишон медиҳанд [9. С.27-30].

Ковалев С.А. (2021) низ ба таҳқиқи шаклҳо, воситаҳо ва технологияҳои инноватсионӣ дар таълими тарбияи ҷисмонӣ машғул шуда, моделҳои методикии татбиқи онҳоро дар муҳити таълимии муассисаҳои олӣ пешниҳод менамоянд. Онҳо ба зарурати мутобиқсозии муҳтавои таълим ба талаботи бозори меҳнат ва рушди қобилиятҳои худомӯзии донишҷӯён таъкид мекунанд [10. С.19-22].

Ҷанбаҳои психологии ташаккули ангеза ба машғулиятҳои ҷисмонӣ дар таҳқиқоти Лоскутов В.А. (2020) мавриди баррасӣ қарор гирифта, технологияҳои ташаккули ангезаи дохилӣ ва устувори донишҷӯён ба тарбияи ҷисмонӣ таҳлил шудаанд [12. С.266-268]. Дар ҳамин замина, Нигреева И.Г. ва Федосюк И.В. (2021) як шакли нави машғулият, яъне «скандинавская ходьба»-ро ҳамчун воситаи инноватсионӣ барои баланд бардоштани иштироки донишҷӯён дар машғулиятҳои ҷисмонӣ пешниҳод мекунанд [14. С.71-74].

Омӯзиши адабиёти илмии муҳаққиқони ватанӣ нишон медиҳад, ки мавзуи истифодаи инноватсия ва технологияҳои муосир дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ то имрӯз ба таври мустақим ва ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Бо вуҷуди ин, як қатор корҳои илмии муҳаққиқони тоҷик ба ҷанбаҳои алоҳидаи марбут ба ин мавзуъ дахл дошта, метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ ва амалии таҳқиқоти минбаъда хизмат намоянд. Аз ҷумла, дар асари А. Бобочонов «Гуштини миллии тоҷикон» (1996) паҳлӯҳои таърихӣ ва фарҳангии варзиши миллӣ таҳлил гардидаанд, ки гарчанде ба масъалаи методикаи таълим ва технологияҳои муосир бевосита иртибот надоранд, вале аҳамияти онҳо дар эҳёи

арзишҳои миллӣ ва истифодаи онҳо дар муҳтавои таълими тарбияи ҷисмонӣ қобили таваҷҷуҳ аст [2].

Дар таҳқиқоти М. Қосимова оид ба таърихи варзиши занон дар Тоҷикистон, бахусус дар риштаи тирпарронӣ, масъалаи иштироки занон дар варзиш ва рушди ин самт баррасӣ шудааст, ки ба таври ғайримустақим ба мавзуи мо иртибот дорад, зеро яке аз самтҳои муҳимми навоварӣ дар таълими тарбияи ҷисмонӣ фарогирии гендерӣ ва рушди варзиши донишҷӯдухтарон мебошад [11].

Ҳусенов М. дар мақолаи худ “Футбол ҳамчун воситаи тарбияи насли наврас” ба нақши тарбиявии варзиш дар ташаккули шахсияти ҷавонон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, имкониятҳои тарбиявии ин намуди варзишро таҳлил мекунад [13]. Гарчанде ки масъалаи истифодаи технологияҳои муосир дар мақола баррасӣ нашудааст, равиши тарбиявии он метавонад дар таҳияи моделҳои таълимии инноватсионӣ истифода шавад.

Монографияи Ш. Сафаров (2014) бо номи “Дидактический потенциал культурологического аспекта спортивных игр в формировании национального самосознания студентов” яке аз таҳқиқоти наздик ба мавзуи мавриди назар ба шумор меравад [18]. Муаллиф бо истифода аз равишҳои фарҳангшиносӣ ва дидактикӣ, имкониятҳои тарбиявии бозиҳои варзиширо дар ташаккули худшиносии миллӣ ва рушди шахсияти донишҷӯён дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олӣ таҳлил мекунад. Ин таҳқиқот бо вуҷуди он, ки ба таври мустақим ба масъалаи технологияҳои муосир намепардозад, вале ба ташаккули муҳтавои таълими инноватсионӣ ва истифодаи унсурҳои фарҳангӣ дар методикаи таълим иртиботи мустақим дорад.

Аз таҳлили умумии ин адабиёт бармеояд, ки муҳаққиқони ватанӣ бештар ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва тарбиявии тарбияи ҷисмонӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, дар ҳоле ки масъалаи истифодаи технологияҳои рақамӣ, платформаҳои таълими интерактивӣ ва дигар воситаҳои муосири таълим дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ҳанӯз ба таври мустақим ва амиқ таҳқиқ нашудааст. Ин холигии илмӣ зарурати таҳқиқоти навро дар ин самт асоснок менамояд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мавриди назар метавонад на танҳо ба пур кардани ин фосилаи илмӣ мусоидат намояд, балки ба такмили методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва мутобиқсозии он ба талаботи замони муосир саҳми назаррас гузорад.

Дар доираи таҳқиқоти илмӣ бо мавзуи мазкур, як қатор мафҳумҳои калидӣ мавҷуданд, ки фаҳмиши дурусти онҳо барои таҳлили мавзуъ ва таҳияи асоси назариявии тадқиқот аҳамияти хосса дорад. Ҳамин тариқ, мафҳумҳои асосии таҳқиқот, ин инноватсия (навоварӣ), технологияи таълим, методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ва тарбияи ҷисмонӣ маҳсуб мешаванд.

Дар адабиёти илмии муосир мафҳуми «инноватсия» бо мазмуну тафсирҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Тавре ки профессори англис В.Р. Спенсер дар шакли умумии он таъкид мекунад, инноватсия ин падидаи комилан навест, ки дар як вазъияти мушаххас зоҳир шуда, танҳо баъд аз дарки мо қобили истифода мегардад [7]. Ба андешаи муҳаққиқон А. Кулагин ва В. Логинов, мафҳуми «инноватсия» нисбат ба истилоҳи «технологияи нав», ки солҳои тӯлонӣ дар фазои илмии кишвар истифода мешуд, доираи васеътар дорад. Он на танҳо технологияи нав, балки тамоми навовариҳоро дар соҳаҳои гуногун - аз ҷумла саноатӣ, муассисавӣ, молиявӣ, илмӣ-техникӣ ва дигар бахшҳо фаро мегирад [1]. Дар асоси ақоиди болозикр метавонем зикр намоем, ки инноватсия (навоварӣ) - ин раванди ворид намудани тағйироти сифатӣ ва мундариҷавӣ ба низоми мавҷудаи таълим бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ, мутобиқсозӣ ба талаботи замон ва ҳалли мушкилоти мавҷуда мебошад. Дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ, инноватсия метавонад шаклҳои нави машғулият, усулҳои таълими интерактивӣ, барномаҳои инфиродӣ ва истифодаи таҷҳизоти муосири варзиширо дар бар гирад. Инноватсияҳо ба навсозии муҳтавои таълим ва тағйири муносибати омӯзгор ва донишҷӯ, ташаккули муҳити омӯзиши фаъол ва фарогир мусоидат мекунанд.

Технологияи таълим бошад, ин маҷмӯи усулҳо, воситаҳо ва равандҳои ташкил ва идоракунии фаъолияти таълимӣ мебошад, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои муайяни педагогӣ равона шудаанд. Технологияи таълим дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ шаклҳои гуногуни машғулият (индивидулӣ, гурӯҳӣ, рақобатӣ), истифодаи воситаҳои техникӣ (симуляторҳо, платформаҳои рақамӣ, барномаҳои мобилӣ) ва усулҳои идоракунии раванди омӯзишро дар бар мегирад. Технологияи муосири таълим ба баланд бардоштани дараҷаи фаҳмиш, фаъолсозии донишҷӯён ва фароҳам овардани муҳити омӯзиши инноватсионӣ мусоидат мекунад.

Методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ, ки яке аз мафҳумҳои асосии мавзуъ мебошад - маҷмӯи принсипҳо, мазмун, шаклҳо ва усулҳои таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ мебошад, ки ба рушди қобилиятҳои ҷисмонӣ, ташаккули малакаҳои ҳаракатӣ ва тарбияи ахлоқии донишҷӯён равона шудааст. Методикаи муосир бояд ба рушди ҷисмонӣ ва ташаккули шахсияти мутавозин, худшинос ва иҷтимоишуда мусоидат намояд. Дар ин замина, ворид намудани унсурҳои инноватсионӣ ва технологӣ ба методикаи таълим, имконият медиҳад, ки дарсҳо ҷолибтар, муассиртар ва мутобиқ ба талаботи замон бошанд.

Дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷорӣ намудани инноватсия ва технологияҳои муосир бо дарназардошти заминаи фарҳангӣ ва анъанаҳои халқи тоҷик аҳаммияти хоса дорад. Аввалан, истифодаи унсурҳои бозиҳо ва машқҳои миллии тоҷикӣ ҳамчун технологияи инноватсионии таълимӣ яке аз роҳҳои самараноки баланд бардоштани ҳавасмандии донишҷӯён мебошад. Зеро дар асоси мушоҳидаҳои чандинсолаи масъалаи мазкур, миёни донишҷӯён муайян мегардад, ки онҳо бозиҳои гуногуни варзишӣ, инчунин машқҳои миллиро зиёдтар меписанданд. Илова бар ин бояд зикр намуд, ки бозиҳои анъанавӣ, аз қабили гӯштингирӣ, даву ҷаҳишҳои мардумӣ, инчунин машқҳои марбут ба ҷашну маросимҳои миллӣ қобилиятҳои ҷисмониро инкишоф медиҳанд ва ҳисси худшиносии миллӣ ва пайванди фарҳангиро тақвият мебахшанд. Аз нуқтаи назари илмӣ, чунин равиш ба принсипи мутобиқати фарҳангӣ дар педагогика асос ёфта, таъсири мусбат ба равандҳои равонӣ ва иҷтимоии донишҷӯён мерасонад.

Истифодаи технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои интеллектуалии мониторинг дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ яке аз самтҳои муҳими инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба шумор меравад. Тренажёрҳои муосир ва дастгоҳҳои махсусгардонидашуда имкон медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои муҳими фаъолияти ҷисмонӣ, аз ҷумла суръати ҳаракат, басомади зарби дил ва дигар параметрҳои физиологӣ ба таври дақиқ чен ва таҳлил карда шаванд. Тавре ки Ҷ. М. Койл ва С. К. Пауэрс таъкид менамоянд, ҷамъоварӣ ва таҳлили чунин маълумот барои оптимизатсияи раванди тамрин ва коҳиш додани хатари ҷароҳатҳо аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ дорад [8. С.135-136].

Дар доираи инноватсияи мазкур, истифодаи камераҳои дақиқ ва сенсорҳои рақамӣ барои таҳлили ҳаракатҳои ҷисмонӣ низ ҷойгоҳи махсус дорад. Ин технологияҳо имкон медиҳанд, ки хатогиҳои техникӣ дар иҷрои машқҳо ошкор гардида, барномаҳои инфиродии машқ бо дарназардошти хусусиятҳои физиологии ҳар як донишҷӯ таҳия карда шаванд. Ба ақидаи мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар илми варзиш, таҳлили рақамии ҳаракатҳо на танҳо самаранокии машқҳоро баланд мебардорад, балки воситаи муҳими пешгирии осебҳо низ мебошад [6].

Фитнес-трекерҳо ва соатҳои интеллектуалӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми технологияҳои рақамӣ дар тарбияи ҷисмонӣ васеъ истифода мешаванд. Ин дастгоҳҳо имконият медиҳанд, ки нишондиҳандаҳое чун сатҳи оксиген дар хун, сифати хоб ва ҳолати умумии барқароршавии организм пайгирӣ карда шаванд. Тибқи таҳлилҳои муосир, назорати мунтазами чунин параметрҳо барои донишҷӯёне, ки ба намудҳои аэробии фаъолияти

ҷисмонӣ машғуланд, аҳаммияти хоса дорад, зеро он робитаи мустақими миёни саломатӣ, истироҳат ва самаранокии фаъолияти ҷисмониро инъикос менамояд [19].

Ҳамгироии фитнес-трекерҳо ва соатҳои интеллектуалӣ бо барномаҳои мобилӣ ба омӯзгорон ва донишҷӯён имкон медиҳад, ки маълумоти ҷамъовардашуда таҳлил гардида, нақшаи машқҳо бо асоси илмӣ тартиб дода шавад. Чунин равиши рақамӣ барои назорати ҳолати саломатӣ, танзими сарбории ҷисмонӣ ва мутобиқсозии раванди таълим ба имкониятҳои инфиродии донишҷӯён мусоидат менамояд. Бо ҳамин, истифодаи технологияҳои мониторинги рақамӣ дар доираи инноватсияи дуюм ба баланд бардоштани сифати дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ва самаранокии умумии раванди таълим мусоидат мекунад.

Дар шароити муосири таҳсилоти олӣ, ки дар он талабот ба тарбияи мутахассисони ҳамаҷониба, солим, ватандӯст ва дорои ҷаҳонбинии иҷтимоӣ афзоиш меёбад, зарурати ҳамгироии тарбияи ҷисмонӣ бо арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳангии миллӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад. Ин равиш, ки дар илми педагогика ҳамчун технологияи инноватсионии иҷтимоӣ-педагогӣ маъруф аст, ба он нигаронида шудааст, ки дар баробари рушди қобилиятҳои ҷисмонӣ, шахсияти донишҷӯён низ дар заминаи ахлоқ, масъулият, ҳамкорӣ ва худшиносӣ ташаккул ёбад. Бо дарназардошти фарҳанг ва менталитети халқи тоҷик, ки дар он мафҳумҳои мардонагӣ, таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ба дигарон, ҳамбастагӣ ва ифтихори миллӣ ҷойгоҳи устувор доранд, ворид намудани ин арзишҳо ба муҳтавои дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ба сифати таълим ва тарбия таъсири мусбат мерасонад. Масалан, дар ҷараёни машғулиятҳои варзишии даставӣ, ба монанди футбол, волейбол ё баскетбол, омӯзгор таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ба аҳамияти ҳамкорӣ, эҳтиром ба ҳамдаста ва рақиб, риояи қоидаҳо ва масъулияти инфиродӣ ҷалб менамояд. Ҳангоми таҳлили бозӣ, омӯзгор натиҷаи техникӣ ва рафтори ахлоқии иштирокчиёнро арзёбӣ мекунад. Агар донишҷӯён дар ҳолати бурд эҳтироми рақибро нигоҳ дорад ё дар ҳолати бохт оромона ва бо таҳаммулпазирӣ рафтор кунад, ин амал ҳамчун намунаи тарбияи ахлоқӣ зикр мегардад. Ин гуна муносибатҳо дар фарҳанги тоҷикӣ бо мафҳумҳои “мардонагӣ”, “фаросат”, “одоб” ва “наҷобат” тавсиф мешаванд, ки дар таърихи ахлоқии мардум решаҳои амиқ доранд.

Ҳамчунин, дар машғулиятҳои инфиродӣ, ба монанди варзиши сабук, шиноварӣ ё машқҳои умумитарбиявӣ, омӯзгор метавонад тавассути баррасии мушкилоти шахсӣ, донишҷӯёнро ба худназоратӣ, ирода ва устуворӣ ҳидоят намояд. Масалан, агар донишҷӯе дар иҷрои машқҳо душворӣ кашад, омӯзгор метавонад бо истифода аз таҷрибаи шахсии варзишгарони тоҷик, ки бо сабру таҳаммул ва меҳнат ба натиҷа расидаанд, ӯро рӯҳбаланд созад. Ин равиш на танҳо ба рушди қобилиятҳои ҷисмонӣ, балки ба ташаккули ҷаҳонбинии иҷтимоӣ ва худбаҳодиҳии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Илова бар ин, ворид намудани унсурҳои фарҳанги миллӣ, аз қабили бозиҳои суннатӣ (масалан, бандкашӣ, чавгонбозӣ, гӯштини миллӣ) ба дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ муҳтавои таълимро ғанӣ мегардонад ва ҳисси ифтихор аз мероси фарҳангиро тақвият мебахшад. Ин гуна бозиҳо, ки дар муҳити деҳот ва маҳаллаҳо то ҳол роиҷанд, на танҳо фаъолияти ҷисмониро таъмин мекунанд, балки арзишҳои иҷтимоии ҳамкорӣ, эҳтиром ба калонсолон, риояи қоидаҳо ва масъулияти даставиро низ тарғиб менамоянд. Масалан, дар бандкашӣ, ки як навъи бозии суннатии тоҷикон аст, на танҳо қувваи ҷисмонӣ, балки ҳамоҳангии гурӯҳӣ ва такя ба якдигар аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Хулосаи умумии таҳқиқот нишон медиҳад, ки истифодаи инноватсия ва технологияҳои муосир дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ як равиши нав ва як зарурати воқеии педагогӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Маълум гардид, ки низоми анъанавии таълими тарбияи ҷисмонӣ дигар наметавонад ҷавобгӯйи талаботи муосир бошад. Таҳқиқот собит намуд, ки сатҳи пасти омодагии ҷисмонӣ ва камбуди донишҳои системавӣ дар байни донишҷӯён, аз як тараф, натиҷаи

набудани пайванди методологӣ байни зинаҳои таҳсилот ва аз ҷониби дигар, маҳдудияти малакаҳои касбии омӯзгорон дар истифодаи усулҳои муосири таълим мебошад.

Татбиқи методикаҳои инноватсионӣ имконият медиҳад, ки муҳити таълимӣ фаъол, ҷолиб ва фарогир гардад. Ин равиш донишҷӯёнро аз мавқеи пассив ба субъекти фаъол табдил дода, онҳоро ба худомӯзӣ, ҳамкорӣ ва масъулияти инфиродӣ ҳидоят мекунад. Ҳамзамон, бо дарназардошти фарҳанг ва менталитети халқи тоҷик, ки ба арзишҳои ахлоқӣ, ҳамбастагӣ, таҳаммулпазирӣ ва ифтихори миллӣ такя мекунад, ворид намудани унсурҳои тарбияи ахлоқӣ ва иҷтимоӣ ба муҳтавои дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад. Ин ҳамгироӣ, ки дар илми педагогика ҳамчун тарбияи ҳамгиро маъруф аст, ба ташаккули шахсияти мутавозин, ватандӯст ва иҷтимоишудаи донишҷӯён мусоидат менамояд.

Дар натиҷа, таҳқиқот зарурати таҳияи моделҳои методикии мутобиқ ба шароити миллӣ, истифодаи таҷрибаи анъанавии варзишии тоҷикон ва ҳамзамон татбиқи технологияҳои муосири таълимиро асоснок менамояд. Танҳо дар сурати мутобиқсозии ин ду унсур, яъне анъана ва навоварӣ метавон ба ташаккули муҳити таълими муассир ва тарбияи мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир ноил гардид.

АДАБИЁТ

1. Балабанов И. Т. Инновационный менеджмент. СПб.: Питер, 2009. 254с.
2. Бобочонов А. Гуштини миллии точикон / А. Бобочонов. «Душанбе: Олӣ Сомон, 1996.
3. Боков, А. В. Инновационный подход в физическом воспитании студентов вуза / А. В. Боков // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. – 2023. – № 6–2(81). – С. 110–114.
4. Грищенков А.И., Дмитриева Е.А., Легченко М.А. Инновации - определение, классификация, стадии. [Манобеи электронӣ] //
5. https://cyberleninka.ru/article/n/innovatsii-opredelenie-klassifikatsiya-stadii. (Санаи мурочиат. 02.01.2026).
6. Информационные технологии в спортивной науке и аналитике // Институт Информационных Систем ГУУ: [Манобеи электронӣ] // http://guu.ru (Санаи мурочиат. 02.01.2026).
7. Инновационный менеджмент: Учебник / С.Д. Ильенкова, Л.М. Гохберг, С.Ю. Ягудин и др. М.: ЮНИТИ, 2007. 368с.
8. Койл, Дж. М., &Пауэрс, С. К. Спортивные технологии: Руководство для тренеров, спортсменов и команд / Дж. М. Койл, С. К. Пауэрс. - 2022. - С. 135-136.
9. Коркишко О.В. Лешкевич С.А. Антонченко Н.В. Внедрение инновационных технологий физкультурно-спортивного образования и оздоровления студентов / О. В. Коркишко, С. А. Лешкевич, Н. В. Антонченко [и др.] // Развитие образования. – 2019. – № 4(6). – С. 27–30.
10. Ковалев, С. А. Инновационные формы, средства в технологии физического воспитания студентов / С. А. Ковалев // Globus : Психология и педагогика. – 2021. – Т. 7, № 4(44). – С. 19-22.
11. Қосимова Манижа Соҳибҷоновна. К истории женского спорта в Таджикистане: стрельба из лука. [Манобеи электронӣ] // https://cyberleninka.ru/article/n/iz-istorii-luchnogo-sporta-v-tadzhikistane. (Санаи мурочиат. 02.01.2026).
12. Лоскутов, В. А. Технологии формирования мотивации к занятиям физической культурой и спортом у студентов / В. А. Лоскутов // Конкурс МОЛОДЫХ УЧЁНЫХ : сб. ст. Междунар. науч.-исслед. конкурса, Пенза, 20 янв. 2020 г. – Пенза : Наука и Просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2020. – С. 266–268.

13. Маҳмудҷонович Ҳусенов Мазбутҷон. Футбол ҳамчун воситаи тарбияи насли наврас. [Манобеи электронӣ] //https://cyberleninka.ru/article/n/futbol-amchun-vositai-tarbiyai-nasli-navras. (Санаи мурочиат. 03.01.2026).

14. Нигреева, И. Г. Новая форма занятий для студентов СМГ – скандинавская ходьба / И. Г. Нигреева, И. В. Федосюк // Здоровый образ жизни: сб. статей Вып. 14 / редкол.: В. М. Куликов (отв. ред.) [и др.]. – Минск : БГУ, 2021. – С. 71–74.

15. Новикова, К. П. Инновационные формы, средства и технологии в физическом воспитании студентов / К. П. Новикова, Т. Ф. Торба, Д. А. Качур // Педагогическая наука в современном образовательном пространстве : теоретические и практические исследования (к 135- летию выдающегося отечественного педагога А. С. Макаренко) : сб. трудов Междунар. Науч.практ. конф., Москва, 28 апреля 2023 г. – М. : ООО «СамПолиграфист», 2023. – С. 248–259.

16. Рушди варзиш ва дипломатияи варзишӣ. [Манобеи электронӣ] //https://amit.tj/tj/rushdi-varzish-va-diplomatiyai-varzishi. (Санаи мурочиат. 04.01.2026).

17. Романченко С. А. Коррекция состояния здоровья студентов в процессе занятий физической культурой : дис. … канд. педаг. наук: 13.00.04. СПБ. : СПБ гос. ун-т физ.к-ры им. П. Ф. Лесгафта, 2006. С. 10–16.

18. Сафаров, Ш. Дидактический потенциал культурологического аспекта спортивных игр в формировании национального самосознания студентов высших учебных заведений Таджикистана. Монография. /Ш.Сафаров.-Душанбе.2014.

19. Технологии в большом спорте и их влияние на его развитие / [Манобеи электронӣ] // https://habr.com. (Санаи мурочиат. 02.01.2026).

20. Фирсин С. А. Инновационные формы и методы современного физического воспитания. М.: ФГБОУ ВПО «Моск. гос. ун-т путей сообщ.», Междунар. ж-л прикладных и фундаментальных исследований, 2013. № 12. С. 132–136.

УДК: 368:65.02

АСОСҲОИ БАНАҚШАГИРИИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ ВА УСУЛҲОИ ИСТИФОДАШАВАНДА

ОСНОВЫ ПЛАНИРОВАНИЯ СТРАХОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ИСПОЛЬЗУЕМЫЕ МЕТОДЫ

BASICS OF INSURANCE ACTIVITY PLANNING AND METHODS USED

РАҲИМОВА Д.А. - ассистенти кафедраи молия, ҳуқуқ, гумрук ва забонҳои хориҷии, Донишкадаи байналмилалии Данғараи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.Данғара, кӯчаи Исмат Шариф, 3. Тел: +992-985-00-04-30

РАХИМОВА Д.А. - ассистент кафедры финансов, права, таможенного дела и иностранных языков Международного института Дангара Таджикского международного университета туризма и предпринимательства. Республика Таджикистан, р. Дангара, ул. Исмат Шариф, 3. Тел: +992-985-00-04-30

RAHIMOVA D.A. – Assistant of the Department of Finance, Law, Customs, and Foreign Languages, Dangara International Institute of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Republic of Tajikistan, Dangara district, Ismat Sharif Street, 3. Tel.: +992-985-00-04-30

Аннотатасия. Мавзӯъ ба таҳлили муҳимтарин ҷанбаҳои банақшагирии фаъолияти суғуртавӣ бахшида шудааст. Дар кори мазкур моҳияти банақшагирӣ дар суғурта, вазифаҳо ва марҳилаҳои он баррасӣ мегардад. Ҳамчунин, омилҳои иқтисодӣ, актуарӣ ва молиявие, ки ба тарҳрезии барномаҳои суғуртавӣ таъсир мерасонанд, таҳлил карда мешаванд. Дар аннотатсия усулҳои асосии банақшагирӣ, аз ҷумла таҳлили хавфҳо, ҳисобҳои актуарӣ, моделсозии молиявӣ ва идоракунии портфели суғурта шарҳ дода мешаванд. Натиҷаи омӯзиш нишон медиҳад, ки банақшагирии дуруст дар соҳаи суғурта барои таъмини устувории молиявӣ, коҳиши хавфҳо ва таъмини манфиатҳои суғурташавандагон нақши муҳим мебозад.
Калидвожаҳо: суғурта, банақшагирии фаъолияти суғуртавӣ, хавф (ризк), таъмини молиявӣ, ҳисобҳои актуарӣ, портфели суғурта, моделсозии молиявӣ, идоракунии хавфҳо, стратегияи суғуртавӣ, барномаи суғурта, таҳлили иқтисодӣ, усулҳои банақшагирӣ.

Аннотация. Тема посвящена анализу ключевых аспектов планирования страховой деятельности. В работе рассматриваются сущность планирования в страховании, его задачи, принципы и основные этапы. Также анализируются экономические, актуарные и финансовые факторы, влияющие на разработку страховых программ. В аннотации раскрываются основные методы планирования, включая анализ рисков, актуарные расчёты, финансовое моделирование и управление страховым портфелем. Результаты исследования показывают, что грамотное планирование в страховой сфере играет важную роль в обеспечении финансовой устойчивости, снижении рисков и защите интересов страхователей.
Ключевые слова: страхование, планирование страховой деятельности, риск, финансовая устойчивость, актуарные расчёты, страховой портфель, финансовое

моделирование, управление рисками, страховая стратегия, страховые программы, экономический анализ, методы планирования.

Abstract. The topic is devoted to the analysis of key aspects of insurance activity planning. The work examines the essence of planning in insurance, its objectives, principles, and main stages. Economic, actuarial, and financial factors influencing the development of insurance programs are also analyzed. The abstract outlines the main planning methods, including risk analysis, actuarial calculations, financial modeling, and insurance portfolio management. The research results show that proper planning in the insurance sector plays an important role in ensuring financial stability, reducing risks, and protecting the interests of policyholders.
Keywords: insurance, insurance activity planning, risk, financial stability, actuarial calculations, insurance portfolio, financial modeling, risk management, insurance strategy, insurance programs, economic analysis, planning methods.

Муқаддима. Суғурта ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими низоми иқтисоди бозоргонӣ вазифаи муҳим — ҳифзи молу мулк, ҳаёт, саломатӣ ва манфиатҳои молиявии шаҳрвандон ва ташкилотҳоро ба уҳда дорад. Дар шароити афзоиши хатарҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва табиӣ, нақши ширкатҳои суғуртавӣ дар таъмини устувории иқтисодӣ ва кам кардани талафоти молиявӣ боз ҳам бештар мегардад. Барои он ки ташкилоти суғуртавӣ тавонад хизматрасонии босифат пешниҳод намояд, захираҳои худро самаранок истифода барад ва дар бозори рақобатпазир мавқеи устувор дошта бошад, банақшагирии дақиқ ва илмии фаъолияти он зарур аст.

Банақшагирии фаъолияти суғуртавӣ раванде мебошад, ки ҳадаф, стратегия, захираҳо ва роҳҳои ба даст овардани натиҷаи иқтисодию молиявии устуворро пешакӣ муайян мекунад. Он тамоми ҷанбаҳои фаъолияти ташкилоти суғуртавиро дар бар мегирад: таҳлили хавфҳо, муайян кардани тарофаҳо, ташкили фонди суғуртавӣ, идоракунии захираҳои молиявӣ, банақшагирии фурӯш, идоракунии хавфҳо ва коркарди стратегияҳои рушди дарозмуддат. Идоракунии муваффақонаи суғурта маҳз аз банақшагирии босифат вобаста аст, зеро ин раванд ба ширкат имкон медиҳад вазъи бозорро пешбинӣ намояд, қарорҳои дурусти идорӣ қабул кунад ва хавфҳои эҳтимолиро камтар созад.

Истифодаи усулҳои муосири банақшагирӣ, аз ҷумла таҳлили омории хавфҳо, моделсозии молиявӣ, тарҳрезии стратегӣ, идоракунии логистикӣ ва баҳодиҳии самаранокии хизматрасониҳо, ба ташкилоти суғуртавӣ имконият медиҳад, ки фаъолияти худро самараноктар ба роҳ монад. Ҳамзамон, ин усулҳо дар баланд бардоштани рақобатпазирии ширкат, беҳтар намудани хизматрасонии муштариён ва таъмини устувории молиявӣ нақши муҳим мебозанд.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқот аз он иборат аст, ки моҳият, принсипҳо ва механизмҳои банақшагирии фаъолияти суғуртавиро таҳлил намуда, усулҳои муосир ва самараноки банақшагирӣ ва идоракунии суғуртаро муайян ва асоснок намоем. Тадқиқот равона шудааст ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии банақшагирии фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ, инчунин таҳияи тавсияҳо барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии хавфҳо, захираҳо ва хизматрасониҳои суғуртавӣ дар шароити бозори рақобатнок.

Методҳои таҳқиқот. Барои омӯзиши масоили марбут ба банақшагирии фаъолияти суғуртавӣ ва усулҳои истифодашаванда маҷмӯи усулҳои зерин истифода бурда мешаванд.

Қисмати асосӣ

Бо дарназардошти аҳамияти стратегӣ доштани суғурта дар иқтисоди миллӣ ва зарурати идоракунии босамар, омӯзиши **асосҳои банақшагирии фаъолияти суғуртавӣ ва усулҳои истифодашаванда** дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалист. Ин мавзӯъ

имконият медиҳад, ки қонуниятҳои фаъолияти суғуртавӣ, хусусиятҳои банақшагирӣ ва техникаи татбиқи он дар шароити муосир омӯхта шаванд.

Ба мақсад ноил гаштани муассисаҳои суғуртаро мо дар боло дида баромадем. Муассисаи суғурта ҳамон вақт ба ин мақсад мерасанд, ки сари вақт, пурра ва бо сифати баланд ҳамаи вазифаҳои умумӣ ва махсуси идоракуниро ба хо оранд.

Вазифаҳои умумии ба ҳамаи объектҳои идоракунии корхонаю муассисаҳо тааллуқдошта инҳоянд:

- банақшагирӣ бо марҳалаҳои ояндабинӣ;
- ташкили фаъолияти корӣ (кор, рафти истеҳсолот ва ғайраҳо);
- баҳисобгирӣ ва назорат;
- таҳлил ва баҳодиҳии техникию иқтисодӣ, молиявии натихаи фаъолиятҳо;
- хо ба хо кунӣ ва танзими фаъолияти корӣ ва ё хараёни онҳо.

Ба вазифаҳои махсуси идоракунии фаъолияти корҳои ташкилоту муассисаҳои суғурта инҳо дохил[1, 75]мешаванд:

- идоракунии сифати маҳсулот, кор ва хизматрасониҳо;
- идораи фаъолияти сармоягузорӣ;
- идораи амалиётҳои содиротию воридотӣ (экспортию импортӣ);
- ҳавасмандкунии кормандон ва дигар қисмҳои алоҳидаи он ва ғайраҳо.

Яке аз вазифаҳои муҳими идоракунӣ банақшагирӣ мебошад. Ин, албатта, рушди объективонаи мавхудияти банақшагириро ҳамчун шакли унверсалии тараққиёти ҳодисаҳо, рафти системаи хамъиятии ҳаёт ва субъектҳои хохагидорӣ дар бар мегирад ва фаъолияти ҳамаи онҳоро бо мақсади муайяни амалиётҳои одамон равона месозад.

Моҳияти банақшагирӣ пеш аз ҳама зарурияти объективонаи муайян намудани розигӣ ва мувофиқат кардани шумора ва сифати муайяни он дар фазо ва вақт дар ҳолати хо ба хо намудани ҳодисаҳо, рафтҳо, натихаҳои унсурҳои онҳо, дар байн ва натихаи дар охир барои ҳаракати ба мақсад ноилшавӣ бо роҳҳои кетоҳ, бо харохотҳои ками меҳнатӣ ва ғайраҳо мебошад.

Банақшагирӣ –зарурият ва оқилона равона сохтани фаъолияти меҳнатӣ буда, барои таъмини нақшаҳои воқеии (реалии) шароитҳои воқеии (реалии) мавхудбудаи истеҳсолот ва ё намудҳои дигари он мебошад. Мазмуни асосии банақшагирӣ дар асоси боҳамалоқамандии розигии байни мақсадҳо, барои фаъолияти корхона, ташкилот, муассиса, муайян намудани роҳҳои оқилона истифода бурдани воситаҳои дар ҳолати болоравии талаботҳои истеъмолӣ ба сифат, нарх, самарнокии маҳсулот, кору хизматрасониҳо дар шароити сахти зиддиятҳо мебошанд[2,125].

Банақшагирӣ ҳамчун фаъолияти махсуси меҳнатӣ бо истифодаи усулҳо, амалиётҳо, бо воситаҳои техникӣ ба натихаи хуби меҳнатӣ сазовор гаштан мебошад.

Намудҳои банақшагирӣ инҳо мебошанд:

- системаи банақшагирии перспективӣ (ба меҳлати 3-5 сол), хорӣ (солона) ва фаврӣ (семоҳа, моҳона, дахреза ва ё ҳафтаина) мебошад.
- ояндабинии ихтимоӣ –иқтисодӣ, ояндабинии тараққиёти техникии объекти идора ва шарту шароитҳои фаъолияти берунаи он ба назар гирифта мешавад;
- кетоҳмеҳлат –ин барномаҳои мақсадноки миёна ва дарозмеҳлат мебошад.

Нақша – ҳуххатест, ки дар он мақсад, роҳҳо ва воситаҳои ноилгардии онҳо, шакли сабткардашудаи бо ҳам алоқамандии самтҳои фаъолият, нишондиҳандаҳо, таносубҳо, технология ва дигар ахбор ба нақша гирифта ва зикр карда мешавад. Намудҳои гуногуни нақшаҳои дар боло овардашуда бо таъиноти мақсаднокӣ, пуррагӣ ва ахбори ибтидоии дақиқ, барои тартиб додани онҳо, усулҳо, меҳлат ва натихаҳои амалигардонии онҳо фарқ карда мешаванд.

Нақшаҳои перспективии ташкилотҳои суғурта аз реи давомнокиашон бо даврaҳои таруфаҳо мувофиқат менамоянд. Онҳо дар асоси баҳодиҳии ояндабинӣ ва ба воситаи

нақшаҳои солона амалӣ карда мешаванд. Ин нақшаҳо имконият медиҳанд, ки системаи стратегии фаъолияти мақсаднок ва рушди муассисаи суғурта, роҳҳо ва усулҳои ба дастории онҳо ташкил карда шаванд[3, 65].

Нақшаҳои солона (хорӣ) – ин барномаҳои дақиқи фаъолият, натихаи фаъолият дар давраи банақшагирӣ ва ҳуххатҳои ташкил карда мебошанд. Нақшаҳои хорӣ (нақшаҳои солона ва ё нақшаи техникӣ - иқтисодӣ) бо мақсади амалӣ гардонидани нақшаҳои перспективӣ ва муайян намудани захираҳо, истифодаи онҳо дар истеҳсолот, бартараф кардани камбудию норасоиҳо, барои дигаргунсозии шарту шароитҳои бозори беруна, тартиб додани тавозуни даромадҳо ва харохотҳои муассисаи суғурта тартиб дода мешаванд.

Нақшаҳои фаврӣ –барномаи фаъолият ва нишондиҳандаҳои муассисаҳои суғурта ва ё зершеъба, агентҳо, брокерҳо барои давраҳои алоҳидаи банақшагирӣ буда, дар давоми сол тартиб дода шуда, ба мақсади ихрои нақшаи солона ва барои ҳисобкуниҳои фаврӣ ва инчунин қабули қарорҳои идоракунии фаврӣ, амалигардонии чорабиниҳо оиди ихрои мақсад равона карда мешаванд.

Хусусияти банақшагирии фаъолияти муассисаҳои суғурта аз реи омилҳои зерин муайян карда мешавад:

- фаъолияти суғуртавӣ пеш аз ҳама бо ташкил ва истифодабарии фондҳои суғурта, ки ба воқеаҳои суғурта алоқаманд мебошанд, ба роҳ монда мешаванд;

- зарурияти банақшагирии ҳахми мукофотпулиҳои суғуртавӣ ва пардохтҳои суғуртавии аз шароитҳои дарахаи баланди номуайянии ҳодисаҳо, тартиб додани шумораи шартномаҳои суғурта ва эҳтимолияти ба вуқеъ омадани ҳодисаҳои суғурта, аз реи хавфи намудҳои он ихро карда мешаванд;

- дар қатори суғуртаи мушаххаси муассисаи суғуртакунанда, боз барои додани зарари хавф ва барои аз нав суғуртакунӣ ба хо оварда мешавад.

Ин хусусиятҳо мувофиқи имконияти истифодаи вариантҳои банақшагирӣ (муайян намудани нишондиҳандаҳои ибтидоӣ (минималӣ), миёна ва интиҳоии (максималии) нақшаҳо) усулҳои банақшагирӣ, «тавозунӣ», «меъёрӣ» ба роҳ монда мешаванд[4, 73].

Нақшаи дохилшавии мукофотпулиҳои суғурта, ки дар давоми сол тартиб дода мешаванд, таносубан ба давраҳои пештараи ба нақшагирӣ мураттаб мегарданд, ки он қисми асосии нақшаи солонаи муассисаи суғурта ба ҳисоб меравад. Нишондиҳандаҳои он асоси банақшагирии фаъолияти ҳаматарафаи нақшаи солонаи муассисаи суғурта ҳисобида мешавад. Ин нишондиҳанда на танҳо маблағи умумии пардохти мукофотпулии суғуртаро дар давоми як сол муайян менамояд, балки намудҳо ва ҳахми хизматрасониҳои суғуртаро низ дар бар мегирад.

Усулҳои асосии банақшагирии хорӣ (солона), пеш аз ҳама воридшавии мукофотпулиҳои суғурта мебошанд, ки бо усули банақшагирии «аз дарахаи ба даст оварда» ва «ҳисобҳои мустақим» (методи «от доастигнутого уровня» и «прямого счета») сурат мегирад.

Мувофиқи усули банақшагирии аввал, воридшавии мукофотпулиҳои суғурта аз реи ҳар як намуди суғурта, ки аз суғуртаи ҳаёт фарққунанда мебошанд, бо тартиби зайл ба хо оварда мешаванд:

1. Шумораи умумии шартномаҳои тартибдодашудаи суғурта ва маблағи умумии мукофотпулии воридшавандаи суғурта оиди ҳар як намуди он дар як сол нисбати давраи гузашта муайян карда мешаванд;

2. Шумораи зиёдшавии шартномаҳои тартибдодашудаи суғурта дар соли хорӣ нисбат ба давраи гузашта аз ҳисоби рақобатпазирии намудҳои суғурта, шартҳои онҳо, дарахаи фарогирии майдони суғурта ва шумораи умумии нақшаи суғурта муайян карда мешаванд;

3. Ҳаҷми миёнаи воридшавии мукофотпулиҳои суғурта барои як шартнома дар як сол нисбат ба солҳои пешина ва ҳахми он ҳисоб карда мешавад;

4. Маблағи умуии нақшаи содиршавии мукофотпулиҳои суғурта ҳисоб карда мешавад [5, 78].

Оиди шартномаҳои инфиродии суғурта бо хусусиятҳои ба ҳар яки он хос хавфи онҳо, шарту қоидаҳои ба онҳо истифодашаванда ва шартномаҳои бо ҳамсуғуртакунанда маблағҳои воридшавандаи аз нав суғуртакунӣ бо усули ҳисоби мустақим (прямой счёт) барои маблағҳои мукофотпулии ҳар як шартномаи суғурта муайян карда мешавад.

Дар ҳолати муайян намудани (интизории) воридшавии мукофотпулиҳо аз реи банақшагирии шартномаҳои алоҳидаи суғурта дар соли нақшавӣ, оиди шартномаҳои дарозмуддати инфиродии суғуртаи ҳаёт бо пардохти ҳармоҳаи мукофотпулиҳо (аъзоҳақиҳо) ва оғози фаъолияти шартнома новобаста аз кадом моҳи тақвимӣбо алгоритми пешакӣ муайян кардашудаи ҳахми мукофотпулиҳои суғурта нисбат ба суғуртаи ҳаёт ҳисоб карда мешаванд.

Барои ин имконияти истифодабарии мафҳуми «бо меҳлати солона воридшудаи фаъолияти шартномаи суғурта» (ё ин ки оддӣ карда геем, «шартномаи суғуртаи овардашуда») ба миён меояд. Масалан, пас аз тартиб додани шартномаи дарозмуддати суғуртаи ҳаёт дар соли пештараи банақшагирӣ, вай танҳо дар давоми ҳамин сол 6 моҳ фаъолият менамояд, аммо аъзоҳақӣ ҳар моҳ пардохта мешавад ва аз реи ба 0,5 (6:12 моҳ) шартномаи солона баробар мебошад.

Ба монанди ҳамин шартномаи инфиродии суғуртаи ҳаёт бо ба охиррасии меҳлати шартномаи дарозмеҳлат ва пардохти ҳармоҳаи аъзоҳақӣ муайян карда мешавад[6, 48].

Дар ҳолати фаъолияти пурраи (12 моҳ) солонаи чунин шартномаи суғурта шумораи шартномаи суғуртаи овардашуда ба як баробар мебошад (12 : 12 моҳ). Барои ширкатҳои дарозмеҳлати суғуртаи инфиродии ҳаёт бо пардохти якбораи мукофотпулиҳо маблағи умумии мукофотпулиҳои интизории воридшаванда дар соли нақшавӣ бо усули мушаххас (дар ҳолати доимӣ будани суғурташавандагон) аз реи алгоритми овардашуда барои намудҳои суғурта истифода бурда мешаванд. Бо ҳамин усул интизоршавии маблағи воридшавандаи мукофотпулиҳои суғуртаи коллективонаи ҳаёт (илова бар ин, суғуртаи омехтаи ҳаёт) аз ҳисоби маблағҳои корхона ва ё муассисаҳо ба хо оварда мешаванд.

Ҳимояи суғуртавии ҳавасмандии амволи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо роҳи ташкил ва истифодаи фондҳои мақсадноки суғурта барои пардохти онҳо ба хо оварда мешаванд.

Дар қатори суғуртакунии мушаххаси байни суғурташавандагон ва суғуртакунандагон боз хавфи суғуртаро (хавобгарии онҳоро пурра ва ё қисман) барои аз навсуғуртакунӣ, ки бо муассисаҳои сармоягузор ва дигар ташкилоту муассисаҳои (қонунан ин намуди фаъолиятҳо манъ карда нашудаанд) фаъолияти ғайрисуғуртавӣ ба ҳисоб мераванд, ихро менамоянд. Махмеи намудҳои фаъолияти муассисаҳои суғурта, ҳайат ва сохти даромадҳою харохотҳои онҳоро муайян менамоянд.

Гуреҳбандии даромадҳо ва харохотҳо, мазмуни онҳо, муайян намудани хамъи онҳо аз реи намуди танзими фаъолияташон дар шароити ҳозира бо Қарори [укумати Хумҳурии Тохикистон тасдиқ карда мешавад:

- Низомнома дар бораи ҳолат ва ҳайати харохотҳои истеҳсол ва фуреши маҳсулот (кор, хизматрасониҳо) ва бо арзиши аслии маҳсулот (кор ва хизматрасониҳо) ва дар бораи тартиби ташкили натихаҳо, ки дар вақти андозбандӣ аз фоида ҳисобида мешаванд.

- Низомнома дар бораи хусусиятҳои муайян намудани асос барои пардохти андоз аз фоидаи суғуртакунанда (бо Қарори [укумати Хумҳурии Тохикистон №__ аз 1995 тасдиқ карда шудааст).

- Дигаргуниҳо ва иловаҳое, ки ба Низомнома оиди ҳайати харохот барои истеҳсолот ва фуреши маҳсулот (кор, хизматрасониҳо), ки ба арзиши аслии маҳсулот (кор, хизматрасониҳо) дохил карда мешаванд ва оиди тартиби ташкили натихаҳои

молиявӣ, ки дар вақти андозбандӣ аз фоида ба ҳисоб гирифта мешаванд (бо Қарори [укумати Хумҳурии Тохикистон бо қарори № аз 01. 07.96) тасдиқ карда шудааст.

Дар асоси номгеи харохотҳо, ки дар Низомнома пешбинӣ шудааст, хусуиятҳои асосии муайян намудани[7, 35] андозбандӣ барои пардохти андоз аз фоидаи суғуртакунанда аз реи фаъолияташон ба гуреҳҳои зерин худо мешаванд.

Нақшаи суғурта чунин мебошанд:



Нақшаи 4. Намуди даромадҳои муассисаи суғурта.

Ҳар як намуди даромади суғуртавие, ки дар нақша оварда шудааст, дорои сарчашмаҳои ташкил ва истифодабарии худӣ мебошад. Масалан, даромадҳо аз ҳисоби мукофотпулиҳои мушаххас, ки суғурташавандагон ба суғуртакунандагон аз реи шартномаҳо медиҳанд (аз он хумла, аз ҳисоби аз нав суғуртакунӣ), суммаи бозгаштаи захираи суғуртавӣ мебошад, аммо дар давраи пеш аз меҳлат талаб намешавад; суммаи маблағҳое, ки мувофиқи тартиби муқарраршуда барои пешонидани харохотҳо ва барои фаъолияти суғуртакунанда аз реи намуди суғуртаи ҳатмии маблағгузорӣ аз ҳисоби бухет равона карда мешавад.

Даромадҳои муассисаи суғурта (аз нав суғуртакунанда) аз хавфҳои барои аз нав суғуртакунӣ, ки мукофотпулиҳои комиссионӣ муқаррар карда шудааст, дода мешаванд; барқароркунии ҳаққи зарарҳо (пардохтҳои суғурта) аз реи хавфҳо, ки ба е барои аз нав суғуртакунӣ дода шудааст, ҳисоб карда мешавад [8, 65].

Мукофотпулиҳои комиссионии суғуртакунанда (аз нав суғурташаванда), ки барои аз нав суғуртакунии хавобгарӣ, хавфи суғуртакунандаи дигар (аз нав суғуртакунанда) дода шудааст, як қисми мукофотпулиест, ки дар асоси шартномаи аз нав суғуртакунии хавобгарӣ ба зиммаи шахси суғуртакунанда рост меояд, аз нав суғуртакунанда ин маблағро пардохт намекунад ва дар ихтиёри е мемонад. Ин қисми пардохтнашаванда мувофиқи шартномаи аз нав суғуртакунӣ мувофиқи қарордоди тарафайн аз 0 то 25% -ро ташкил медиҳад ва ин маблағ барои пешонидани харохотҳои фаъолияти муассисаи суғурта равона карда мешавад. Аслан, ин қисми харохотҳо барои фаъолнок кардани ҳайати хизматрасон, агентҳо, гуреҳи мукофотгиранда, пардохти маблағҳо барои экспертҳои мустақили ба шахсони суғурташаванда хизматрасон, ба монанди табибон, инкассаторҳо, пардохти музди меҳнати шахсоне, ки ба корҳои махсуси суғурта банд

мебошанд, харохотҳои барҳамдиҳӣ; харохотҳои маъмурию идоракунӣ равона карда мешаванд.

Мувофиқи Қонуни Хумҳурии Тохикистон «Дар бораи суғурта» суғуртакунандае, ки бо суғурташаванда дар бораи аз нав суғуртакунӣ шартнома мебанданд, хавобгарии пурраро дар назди суғурташаванда ба хо меорад, ки дар шартнома пешбинӣ карда мешавад. Дар ҳолати ба вуқеъ омадани ҳодисаҳои суғуртавӣ пардохтҳои суғуртаро суғуртакунанда дар ҳахми пурра пардохт менамояд, аммо аз нав суғуртакунанда ҳаққи зарари расидаро мепешонаду халос. Ин маблағ аз ҳисоби ҳаққи аз нав суғуртакунии қабулшуда пешонида мешавад.

Даромадҳои муассисаи суғурта (аз нав суғуртакунанда) аз хавфҳои барои аз нав суғуртакунии қабулшуда ва илова бар ин, мукофотпулиҳои суғурта аз ҳисоби хавобгариҳо оиди хавфи барои аз навсуғуртакунии дар шартномаи аз нав суғуртакунии қабул кардашуда, баъд аз тарҳ кардани мукофотпулиҳои комиссионӣ ба суғурташаванда суммаи ба дастовардаи фоиз аз нав суғурташаванда барои депонентқунонии (депонирование) мукофотпулиҳо оиди хавфҳо, ки барои [9, 105]аз нав суғртакунӣ қабул кардааст, пардохта мешаванд.

Дар шартномаи аз навсуғуртакунӣ аз тарафи аз нав суғуртакунанда агар депонентқунонӣ барои як қисм ва ё ҳамаи он мукофотпулии пешбинишудаи суғурта бошад, он гоҳ ин харохот барои хавфи қабул кардаи аз нав суғуртакунии аз нав суғуртакунанда дохил намешавад.

Баъд аз расидани меҳлати шартномаи аз нав суғуртакунӣ ва дар ҳолати ба вуқеъ наомадани ҳодисаҳои суғурта, пардохтҳои суғуртавӣ аз тарафи аз нав суғуртакунанда якхоя бо фоизҳои зиёдшавии он барои истифодаи маблағҳо ба аз нав суғурташаванда фиристода мешавад. [ахми фоизи барзиёди пардохт дар шартномаи аз нав суғуртакунӣ пешакӣ муайян карда мешавад.

Ба даромадҳои ғайримушаххасе, ки бо фаъолияти суғуртавии муассисаҳои суғурта вобаста мебошанд, инҳо дохил мешаванд:

- мукофотпулиҳои комиссионии гирифтаи суғуртакунанда барои хизматрасониҳои агентҳои суғурта, брокери суғурта ва дигар суғуртакунандагон;

- маблағи ба даст овардаи суғуртакунанда аз амалигардонии фаъолияти суғуртакунанда оиди баргардонидани маблағҳо барои пешонидани камбудиҳои суғурта, ҳуқуқи талаб кардаи суғурташаванда аз шахси хавобгари зараровар дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст;

- даромадҳо аз ҳисоби сармоягузории захираҳои суғурта ва маблағҳои худӣ (ба ин дохил мешаванд даромадҳо аз ҳисоби қоғазҳои қиматнок);

- сарфаи маблағҳо аз ҳисоби кам кардани харохотҳои фаъолияти суғуртавӣ оиди суғуртаи ҳатмии тиббӣ;

- даромадҳо аз ҳисоби мабалағгузориҳои воситаҳои захира оиди суғуртаи ҳатмии тиббӣ ба истиснои маблағҳои барои пешонидани маблағи хизматрасониҳои тиббӣ ва пурра кардани меъёри захираи фонди хатмии тиббӣ ва ғайраҳо истифодашуда [10, 33].

Ба даромадҳо аз ҳисоби фаъолияти ғайрисуғуртавии муассисаҳои суғурта инҳо дохил мешаванд:

- даромад аз ҳисоби фуреши воситаҳои асосӣ, маводҳои арзишнок ва фаъолҳои (активҳои) ғайр (ҳамчун фарқи байни фуреш ва арзиши тавозунии онҳо муайян карда мешаванд) ва ғайраҳо ;

- даромад аз ҳисоби ихора додани амвол;

- даромад аз ҳисоби фаъолияти ғайрисуғуртавӣ, ки тибқи қонун манъ карда нашудааст;

- маблағи барои пешонидани қоғазҳои дебитории воридшаванда, ки дар даврaҳои пеш ҳамчун зарар аз ҳисоби муассисаи суғурта соқит дониста шуда буданд;

- аз эътибор соқит донистани қарзҳои кредиторӣ;

- даромадҳои ғайрифуреш аз ҳисоби қоғазҳои қиматнок, фарқи курси қоғазҳои қиматнок аз ҳисоби баланд шудани нархи онҳо, иштирок дар ғанӣ гардонидани фонди оинномавии муассисаи суғуртаи дигар ва ғайраҳо.

Муҳокимаронӣ. Банақшагирии фаъолияти суғуртавӣ яке аз унсурҳои калидии идоракунии муассисаи суғуртавӣ мебошад, зеро он самаранокии молиявӣ, устувории дарозмуддат ва қобилияти рақобатпазирии ширкатро муайян мекунад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки хавфҳо зиёд ва талаботи бозор пайваста тағйир меёбад, татбиқи усулҳои муосири банақшагирӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Қисмати хотимавӣ

Таҳлили мавзӯи «Асосҳои банақшагирии фаъолияти суғуртавӣ ва усулҳои истифодашаванда» нишон медиҳад, ки банақшагирӣ яке аз равандҳои муҳимтарини идоракунии ташкилоти суғуртавӣ ба шумор меравад. Самаранокии фаъолияти ширкат, устувории молиявӣ, қобилияти рақобатпазирӣ ва сатҳи ҷалби муштариён ба сифати банақшагирӣ ва интихоби дурусти усулҳои идоракунӣ вобастагӣ дорад.

Банақшагирии дуруст имкон медиҳад, ки хавфҳо ба таври илмӣ муайян карда шаванд, эҳтимолияти талафоти молиявӣ паст гардад, захираҳои суғуртавӣ оқилона истифода шаванд ва фаъолияти ширкат ба талаботи бозори муосир мутобиқ карда шавад. Истифодаи усулҳои таҳлили оморӣ, моделсозии хавфҳо, банақшагирии стратегӣ, таҳлили бозор ва арзёбии самаранокӣ ба ширкат иҷозат медиҳад, ки қарорҳои дуруст ва асоснок қабул намояд.

Таҳқиқот нишон дод, ки дар шароити рақамикунонии иқтисод, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, моделҳои пешгӯишаванда ва таҳлили рақамӣ барои беҳтар намудани банақшагирии фаъолияти суғуртавӣ аҳамияти калон дорад. Бо вуҷуди ин, аксари ширкатҳои суғуртавӣ то ҳол имкониятҳои муосири идоракунии хавф ва банақшагириро пурра истифода намекунанд, ки ин зарурати такмили стратегияи идоракунӣ ва баланд бардоштани сатҳи малакаи мутахассисонро нишон медиҳад.

Дар маҷмӯъ, банақшагирии илмӣ ва истифодаи усулҳои муосири идоракунӣ барои рушди устувор ва рақобатпазирии ширкатҳои суғуртавӣ аҳамияти муҳим доранд. Татбиқи дурусти онҳо метавонад ба беҳбудии низоми суғуртавӣ, афзоиши эътимоди муштариён ва таҳкими суботи иқтисодии кишвар мусоидат намояд.

АДАБИЁТ

1. Акобиров Ҳ “Суғурта” Душанбе 2007 с.

2. Александрова Т.Г., Мещерякова О.В. “Коммерческое страхование. Справочник”. Москва: Институт новой экономики, 1996.

3. Алякринский А. Л Правовое регулированне страховой деятельности в России, Москва. 1994.

4. Глушенко В. В., Глушенко И. И. Финансы. г. Железнодорожный, Московской области, ТОО, НПЦ "Крылья" 1998.

5. Дробозиной Л. И. Финансы деножное обращение и кредит. Учебник.Москва ЮНИТИ-2002.

6. Ефимов С.Л. Деловая практика страхового агента и брокера. Учебное пособие Москва: Страховой полис ЮНИТИ,1996.

7. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми дуюм) шаҳри Душанбе, 11 декабри соли 1999 № 884.

8. Конститутсия (Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 1994, тағироту иловаҳо дар соли 2003).

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғурта" ш. Душанбе, 20 июли соли1994 № 982.

10.Мирзоев И. Суғуртаи давлатӣ дар Тоҷикистон.Душанбе, Ширкати давлатии суғуртаи Тоҷикистон 2001с.

УДК 327

СУБОТИ ҶАҲОНӢ ВА ВОБАСТАГИИ ОН АЗ ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

МИРОВОЙ ПОРЯДОК И ЕГО ЗАВИСИМОСТЬ ОТ СОВРЕМЕННОЙ ЦИФРОВОЙ ТЕХОЛОГИИ

GLOBAL ORDER AND ITS DEPENDENSE ABOUT DIGITAL TECHNOLOGY IN MODERN PERIOD

СИДИҚОВА Ш.М. - ассистенти кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: shokajon96@mail.ru Тел: (+992) 985 725735.

СИДИКОВА Ш.М. - ассистент кафедры истории и философии дисциплин Международного университета туризма и предпринимательства. E-mail:: shokajon96@mail.ru Тел: (+992) 985 725735.

SIDIQOVA SH.M. – assistant of Social Disciplines of the International University of Tourism and Entrepreneurship Tajikistan. E-mail: shokajon96@mail.ru Phone: (+992) 985 725735.

Аннотатсия. Дар замони муосир таъсири хатарҳои геополитикӣ дар Осиёи Миёна рӯ ба афзоиш дорад. Дар мақола ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои ҷаҳон ва равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ инъикос ёфтааст. Муайян карда шуд, ки хатарҳои замони муосир метавонанд аз ҷихати манфӣ ба муҳоҷирон таъсир расонанд. Дар таҳқиқот самтҳои асосии ташаккулёбии амнияти иттилоотӣ ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ҷойгоҳи он дар низоми ахборот ва системаи идоракунӣ нишон дода шуд. Дар шароити муосир фаъолияти бомаром ва пешрафти ҳеҷ як соҳаро бе истифодаи технологияҳои иттилоотию компютерӣ ва бе истифодаи шабакаи интернет тасаввур намудан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, рушди технологияҳои иттилоотӣ, тавсеаи истифодабарии онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва дар маҷмуъ рушди инфрасохтори иттилоотии кишвар манфиатҳое мебошанд, ки дар амал татбиқ намудани онҳо бо таъмини амнияти иттилоотӣ робитаи ногусастанӣ доранд. Аммо дар баробари ҳамаи ин, мушоҳида намудан мумкин аст, ки рушди технологияҳои иттилоотӣ боиси пайдоиши таҳдиду хатарҳои нав гардидаанд. Таҳқиқи ин паҳлуи масъала нишон дод, ки айни замон субъектҳои гуногуни минтақавию ҷаҳонӣ, дохилию хориҷӣ, махсусан давлатҳои манфиатдор ва ташкилотҳои террористию экстремистӣ барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсию стратегии хеш технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаи интернетро алайҳи манфиатҳои миллӣ ва суботи сиёсии як қатор кишварҳо истифода намуда истодаанд. Маҳз дар чунин шароит пайдоиши ҷангҳои иттилоотию психологӣ, паҳн гардидани иттилооти носаҳеҳ ва бардурӯғ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, кӯшиши ташкил намудани инқилобҳои ранга ва табаддулоти давлатӣ, кибертерроризм ва киберэкстремизм, терроризми иттилоотӣ, назарфиребӣ, таъсири манфӣ расонидан ба афкори ҷамъиятӣ ва истифодаи назарфиребии сиёсӣ ба мушоҳида мерасанд. **Калидвожаҳо:** иттилоот, таҳдидҳои иттилоотӣ, терроризм, технологияҳои коммуникатсионӣ, минтақа, ҳамкорӣ, хатарҳои муосир.

Аннотация. В настоящее время усиливается влияние геополитических процессов и угроз на отношения между государствами и процесса трудовой миграции. Автор отмечает, что необходимо координация и укрепления сотрудничества стран региона в решение этих вопросов. Исследование всесторонне рассматривает сущность,

особенности и основные направления формирования информационной безопасности и показывает ее место в системе национальной безопасности Республики Таджикистан. В первую очередь это связано с взаимосвязью информационной безопасности с другими областями, и их дальнейшее развитие зависит от уровня и качества информационной безопасности. В современных условиях невозможно представить себе бесперебойную работу и прогресс любой отрасли без использования информационных и компьютерных технологий и Интернета. Поэтому представляет интерес развитие информационных технологий, расширение их использования в различных сферах общественной жизни и развитие информационной инфраструктуры страны в целом, внедрение которой неразрывно связано с информационной безопасностью. Но в то же время видно, что развитие информационных технологий привело к появлению новых угроз и опасностей. Другими словами, в современном мире информация используется не только во благо, но и во вред всему человечеству. Исследование этого аспекта показало, что в настоящее время различные региональные, глобальные, внутренние и внешние игроки, особенно заинтересованные государства, террористические и экстремистские организации, используют информационные технологии и Интернет вопреки национальным интересам и политической стабильности ряда стран для достижения своих политических и стратегических целей. Именно в этом контексте возникают информационные и психологические войны, распространение неточной и ложной информации, информационные атаки, попытки организовать цветные революции и государственные перевороты, кибертерроризм и киберэкстремизм, информационный терроризм, мошенничество, манипуляции и негативное воздействие.
Ключевые слова: информационная безопасность, информационные угрозы, терроризм, коммуникационные технологии, безопасность, регион, сотрудничество, современные угрозы.

Abstract. At the present time, the influence of non-traditional threats on geopolitical circumstances increasing, requiring collective efforts of countries to combat them. The author showed the need to coordinate and strengthen the cooperation of the parties within the framework of the regional mechanism. The study comprehensively examines the essence, features and main directions of the formation of information security and shows its interconnection of information security with other areas, and their further development depends on the level and quality of information security. In today’s environment, it is impossible to imagine the smooth operation and progress of any industry without the use of information and computer technologies and the Internet. Therefore, it is of interest to develop information technologies, expand their use in various spheres of public life and develop the country's information infrastructure as a whole, the implementation of which is inextricably linked with information security. But at the same time, it is obvious that the development of information technology has led to the emergence of new risks and threats. In other words, in the modern world, information is used not only for the good, but also to the detriment of all mankind. The study of this aspect has shown that at present various regional, global, internal and external players, especially interested states, terrorist and extremist organizations, use information technologies and the Internet contrary to the national interests and political stability of a number of countries to achieve their political and strategic goals. It is in this context, that information and psychological wars, dissemination of fake news, information attacks, attempts to organize color revolutions and coups d’état, cyber terrorism and extremism, information terrorism, fraud, manipulation and negative impacts arise.
Key words: information, information threats, terrorism, communication technologies, security, region, cooperation, modern threats.

Тавре маълум аст, ҷаҳони имрӯза дар як давраи муқовимати шадиди геополитикии абарқудратҳо қарор дорад ва дар ин замина раванди ҷаҳонишавӣ, қисми ҳамин

сиёсатҳоро ташкил медиҳад. Хусусияти хоси ин даврараво авҷ гирифтани муноқишаҳои давомдор дар қисматҳои гуногуни ҷаҳон ва ноамнии давлатҳо ташкил медиҳад. Равандҳои геополитикӣ, ки онҳоро Самуэл Ҳантингтон бархӯрди тамаддунҳо ва Збигнев Бжезинский бо таваҷҷӯҳ ба Осиёи Марказӣ "тахтаи шоҳмот"-и ҷаҳонӣ номида буданд, дар назди хавфи гирифтори низоъҳои нави динӣ, этникӣ ва экологӣ қарор гирифт [10, с. 90].

Дар замони муосир муқовимати давлатҳо дар 4 самти асосӣ дида мешавад:

- дар самти иқтисодӣ дар шакли чорабиниҳои иқтисодӣ ва молиявӣ;
- дар самти сиёсӣ дар намуди таҳрим ва фишор;
- дар самти ҳарбӣ – ҳамчун ҷанг;
- дар самти экологӣ – баҳсҳо дар атрофи об ва ифлосшавии муҳити сарҳади байни давлатӣ [14, с. 56].

Бо чунин рӯзномаи масъалаҳо, ки аз нигоҳи субот баррасӣ мешаванд, давлатҳои ҷаҳон ва минтақаҳои алоҳида, баъзе масъалаҳоро дар сатҳи СММ ва ташкилотҳои минтақавӣ ҳал мекунанд. Масалан, мушкилоти ҳифзи пиряхҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои давлатҳои минтақа зарурат доранд, масъалаи дорои аҳамияти минтақавӣ дониста мешавад. Дар баробари таҳдидҳои минтақавӣ ба суботи инсон, шаш категорияи таҳдидҳои глобалӣ мавҷуданд, ки бештар аз амали инсон ба вуҷуд меоянд ва ба онҳо аз ҷумла омилҳои зерин мансуб мебошанд:

1. афзоиши аҳолии ҷаҳон;
2. терроризми байналмилалӣ;
3. афзоиши муҳоҷирати байналмилалӣ;
4. вайроншавии муҳити зист;
5. истеҳсол ва муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир;
6. нобаробарӣ дар тақсими имкониятҳои иқтисодӣ [14, с. 87].

Дар ин замина, мафҳуми "субот", таърифи дақиқ надорад ва ҷузъи баҳси илмӣ мебошад, зеро мазмуни он дар солҳои 1980-ум баъди анҷоми Ҷанги Сард тағйир ёфт. Дэвид Болдуин ин масъаларо дар робита ба саволи муносибатҳои байналмилалӣ ва равобити байналмилалӣ ба миён мегузорад. Чуноне ки таҷриба нишон медиҳад, тафаккури ҷуғрофӣ омили муҳими рушди иқтисодӣ аст, зеро он ба афзоиши сармоягузорӣ ишора мекунад. Ин тамоюл маънои онро дорад, ки сармоягузорон эҳтимолияти ноустувориро барои фаъолияти худ муҳим медонанд. Агар эҳтимолияти ноустуворӣ афзоиш ёбад, сармоягузорон "портфели сулҳ" ба "портфели ҷанг" рӯ оварда, сиёсати сармоягузориро тайғир медиҳанд. Чунин омезиши сармоягузорӣ аз хавф ва даромад вобастагӣ дорад. Масалан, таъсири ҳамлаҳои террористӣ дар ИМА соли 2001 ба кори ширкатҳои ҳавопаймо, системаи суғурта, самти кишоварзӣ ва саноати хӯрокворӣ таъсири манфӣ расонид. Дар натиҷаи ҳамлаҳои террористӣ дар шаҳрҳои Вашингтон ва Ню Йорк, ширкатҳои бонуфузи нақлиёти ҳавоӣ «US Airways" ва "United Airways" худро муфлис эълон карданд. Пардохти умумии суғурта 40 миллиард доллярро ташкил дод ва ин ширкатҳои суғуртаро муфлис гардонид [14, с. 45].

Масрафҳои иловагии давлат дар самти бехатарӣ ба он оварда, ки идораи озуқа ва маводи мухаддири ИМА иловатан 400 кормандро барои тафтиши маҳсулоти ғизогии воридотӣ киро кард. Вазорати кишоварзии ИМА барои бехатарии воридот дар сарҳад 350 нозир ва 20 байтории иловагиро ба кор қабул намуд. Ҳамчунин ҳамлаҳои террористии Ню Йорк ба беш аз 18,000 соҳибкорони тиҷорати хурд, ки дар наздикии "Маркази ҷаҳонии тиҷорат" фаъолият доштанд, зарар расонид [14, с. 46].

Барои пешгирии хавф ва таҳдидҳои сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, давлатҳои аъзои БРИКС, бо истифода аз технологияи муосири рақамӣ, системаи бартарафсозии таҳдидҳоро коркард мекунанд. Дар амалисозии ин система инчунин ширкатҳои ғарбӣ низ ширкат мекунанд. Моҳи марти соли 2014, "Ассотсиатсияи ҳисоббарории

башардӯстона ва фарҳанги рақамӣ” (AIUCD-Италия), дар якҷоягӣ бо “Ассотсиатсияи аврупоии гуманитарии рақамӣ” (EADH –Иттиҳоди Европа) барномаи махсусеро таҳия намуданд, ки он масъалаҳои зеринро фаро гирифт:

1. масъалаи амали сиёсии “Ассотсиатсияи ҳисоббарории башардӯстона ва фарҳанги рақамӣ” (AIUCD-Италия), дар якҷоягӣ бо “Ассотсиатсияи аврупоии гуманитарии рақамӣ” (EADH –Иттиҳоди Европа) AIUCD;

2. ҳалли муштараки мушкилоти тафовутҳои фарҳангӣ, забонӣ ва интизомӣ, дар дохили созмонҳои Европа;

3. ҳалли мушкилоти ҳамкории илмии тадқиқоти ғайризабони англисӣ дар заминаи байналмилалии “Ассотсиатсияи гуманитарии рақамии Аврупо”.

Бояд гуфт, таҳияи ҷомеаи рақамӣ таърихан бо бартарии забони англисӣ муқаррарӣ дониста мешавад, аммо давлатҳои Россия ва Чин кӯшиш мекунанд, барномасозии забони миллиро ба роҳ монанд, гарчанде, ки бартарии рамзи иттиҳодияи байналмилалии UNICODE-ро мепазиранд.

Дар ин васила давлатҳои собиқ Шуравӣ ва Ҷумҳурии мардумии Чин бештар таҳдиди кибертерроризм ва экстремизмро дар замони муосир хавфи асосии фазои рақамӣ медонанд. Падидаи киберкибертерроризм нишон медиҳад, ки террористон усулҳои худро вобаста ба давраи муаян тайғир медиҳанд ва аз ҳамин ҷиҳат ин равандхо хусусияти регионалӣ мегиранд ва ин давлатҳоро водор менамояд, ки ҷанбаҳои минтақавӣ ва системавии ин падидаро дар шароити нав ба назар гирифта, онро дар сатҳи кишварҳои Осиёи Марказӣ пешгирӣ намоянд. Мувофиқи маълумоти мутахассисон, дар сурати ҳуҷуми террористони соҳаи кибернетикӣ, 20 фоизи ширкатҳои миёна дар давоми якчанд соат, 16 фоизи ширкатҳои калон дар давоми якчанд рӯз, 33 фоизи банкҳо дар давоми чанд соат ва 50 фоизи банкҳои калон дар давоми 2-3 рӯз муфлис мегарданд [6, с. 34].

Доир ба зарари кибер-экстремизм ва кибер-кибертерроризм Асосгузори сулҳу ваҳдати миллат - Пешвои миллат хеле хуб қайд карданд, ки «кибер-экстремизм дар доираи нисбатан васеъ зоҳир мегардад. Аз ҷумла кибер-экстремизми динӣ, кибер-экстремизми идеологӣ ва кибер-экстремизми сиёсӣ вуҷуд доранд. Қуввахои гуногун бар хилофи ҷомеаи мамлакати мо моделҳои худро зӯран ба гардани Тоҷикистон бор карданӣ буданд, ки ин ҳам зуҳуроти дигари кибер-экстремизм ба шумор меравад» [15, с. 267].

Барои пешгирии хавфи кибертероризм, пеш аз ҳама саводнокии баланди ҳуқуқиро бояд ба роҳ монд, ки он ба андешаи мо барои саводнокии итттилоотию коммуникативӣ, таъминоти сатҳи дурусти фаъолияти шахс ва равандҳои асосии ҷомеаи муосирро мусоидат менамояд. Ин раванд элементҳои зеринро фаро мегирад:

1. ба вуҷуд овардани фазои саводнокии динамикӣ;
2. мубодилаи иттилооти байни давлатӣ
3. таъмини ташаккули донишҳои иттилоотӣ дар тамоми сатҳи таълим;
4. таҳияи системаи тафтиши иттилоот;
5. таҳияи пойгоҳи умумии ҷустуҷӯи иттилооти зарурӣ ва коркарди иттилоот;
6. таҳияи забони коммуникативӣ;
7. талаби сатҳи баланди назорат нисбат ба иттилоот;
8. такмил ва рушди роҳҳои инфиродӣ ва самаранокии нигоҳ доштани иттилоот;
9. таҳияи системаи пешгирии ҳамлаҳои равонӣ ва экологӣ дар системаи иттилоот;
10. таҳияи иттилооти маънавӣ барои пешгирии иттилооти бегона;
11. истифодаи муфид ва мақсадноки иттилоот [5, с. 48].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишавии чорабиниҳои гуногун дар самти Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011 идома дорад. Дар ин самт яке аз вазифаҳои асосӣ, амалӣ намудани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи ҳуҷҷати

электронӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳифзи иттилоот», «Дар бораи сирри давлатӣ» ва «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» ба шумор меравад [5, с. 9].

Дар ҳамин замина бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 23 декабри соли 2022 аз 1-уми июли соли 2023 пардохти андозҳо ва боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлатӣ пурра ба таври ғайринақдӣ гузаронида шуданд [11, с. 11].

Асоси ташаккули идоракунии рақамиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсадҳои зерин ташкил медиҳанд:

– баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

– баланд бардоштани сатҳи сифат ва дастрас будани хизматҳои иҷтимоие, ки ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо расонида мешаванд;

– содда гардонидани қоидаҳо ва кам кардани мӯҳлатҳои расонидани хизматҳои иҷтимоӣ, инчунин кам кардани (коҳиш додани) хароҷоти маъмурӣ, ки ба расонидани ин хизматҳо вобастагӣ доранд;

– баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ба иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

– ташаккули системаи ягонаи табодули иттилоотӣ бо истифода аз захираҳои иттилоотии электронӣ ва пайвастшавии доимӣ ба система ва шабакаҳои маҳдуди баҳисобгирии алоқаи ҳамаи истифодабарандагон [6, с. 87];

– ҳавасмандкунии иқтисодии истифода аз интернет ва технологияҳои муосири технологӣ [10, с. 98].

Иҷрои ҳадафҳои ҳукумати электронӣ ба ҳалли вазифаҳои зерин кӯмак менамояд:

– кор карда баромадан ва ҷррӣ намудани системаҳои иттилоотӣ – таҳлилии вазифавӣ, ки ҷараёни қабул гардидани қарорҳои идоракуниро дар доираи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҷонибдорӣ (тарафдорӣ) менамоянд;

– автоматикунонии ҳамкориҳои мутақобилаи байниидоравӣ дар ҷараёни қабул кардани қарорҳои идоравӣ.

– баланд бардоштани дараҷаи шаффофияти – ошкорбаёнии иттилоот дар барои фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, васеъ намудани имконоти дастрасӣ доштан ва иштироки бевоситаи шаҳрвандон, муассисаҳо ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҷараёнҳои ташаккул ва ташхиси қарорҳое, ки дар ҳама сутӯҳи идоракунии давлатӣ қабул карда мешаванд [1, с. 92].

– баланд бардоштани сифати ҷараёнҳои маъмурию идоракунӣ;

– таъмини фаврият ва назорати натоиҷи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

– таъмини сатҳи тақозошавандаи амнияти иттилоотии ҳукумати электронӣ ҳангоми фаъолияти он;

– рушд ва истифодаи васеи васоити таъмини дастрасии шаҳрвандон ва муассисаҳо аз маҳаллоти дур ба иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

– бартараф намудани «нобаробарии рақамӣ» (нобаробарӣ дар байни шаҳрвандон дар истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ки ба асоси тафовути иҷтимоӣ –иқтисодӣ ва мавқеияти ҷуғрофиёӣ муаяйн карда мешавад), ки яке аз вазифаҳои марказии таъмини самаранокии ҳукумати электронӣ буда, аз тариқи рушди инфрасохтор (рушди шабакаҳои алоқаи ҳудудӣ, баланд бардоштани сифати алоқа, копмютеркунонии аҳолӣ, рушди Интернет дар қаламрави кишвар) амалӣ карда

мешавад. Инфрасохтори ҳукумати электрониро архитектураи ягонаи давлатӣ, имзои рақамӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, тиҷорат, пардохтҳо, амалиёти кортӣ, алоқаи мобилӣ, телевизионм системаи моҳвора, ҳуҷҷатҳои интерактивӣ ва ғайра ташкил мекунанд [3, с. 99].

Ҳамин тавр, Тоҷикистон дар ҳамкории зич бо ширкатҳои бузурги ҷаҳонӣ ба монанди Intel, Microsoft, Google, IBM, Apple, OCLC, IMS ва ғайраҳо дар доираи системаи “UNICODE” идоракунии рақамиро пеш мебарад [9, с. 15]. Дар баробари ҳамин, олимони Тоҷикистон дар доираи ин қарорҳои техникӣ, кушишҳои навро барои эҷоди забони универсалӣ ва алгоритмҳои муошират электрониро ҷустуҷӯ мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Абдулакимова Ҷ.А. Саводнокии баланди иттилоотӣ- коммуникативӣ дар пешрафти ҷамъият // Номаи донишгоҳ // Учёные записки, №2(51) 2017.- С.122-128.

2. Абдуфатоҳ Шарифзода, Абдулло Ғафуров. Наҷотбахши миллат / Шарифзода Абдуфатоҳ, Ғафуров Абдулло . - Душанбе, 2012.

3. Бережная, Е.В. Бережной В.И. «Математические методы моделирования экономических систем» Учебное пособие – М.: 2003,- 386 с.

4. Краснова, О.В. Информационная основа развития личности: к обоснованию информационного подхода в воспитании /О.В. Краснова. - Пенза: Государственного педагогического университета им. В.Г. Белинского, 2002. - 41 с.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» Душанбе, 10.05.2002.- 15 с.

6. К вопросу о международной информационной безопасности // У.С. Саидов Вестник ТНУ, №3/5(173) Душанбе: Сино 2015.- 212 с.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маълумотҳое, ки сири давлатиро ташкил медиҳанд». - Душанбе, 10.05.2002 – 19 с.

8. Мирзоев, А.Р. Дидактические основы подготовки студентов вузов Таджикистана к использованию информационно-коммуникационных технологий /А.Р. Мирзоев. - Душанбе.: РТСУ, 2014. - 298 с.

9. Маҳмудов. А. Муқаддимаи идеяи миллӣ / А. Маҳмудов.: ЭР-граф. – Душанбе, 2013.

10. Тағйироти геополитикӣ ва таҳқиқоти амнияти муосир: контекстизатсияи рӯзномаи амнияти инсонӣ Саймон Институти корҳои байналмилалӣ Долби, Донишгоҳи Колумбияи Британиёи Кабир Ҳуҷҷати кории. - № 30, апрели 2000 - 212 с.

11. Пешвои миллат. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими Истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе, 2019.

12. Паёми Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон аз моҳи декабри соли 2022. - 17 с.

13. Тоҷикистон. // Истиқлолият сарнавишти имрӯзу фардои Тоҷикистон аст.: ҶДММ ЭР. – граф. - Душанбе, 2013.

14. Ульман Д. Введение в системы базы данных. – М.: Лори, 2000 с. - 374 с.

15. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат / Мураттиб С. Фаттоев. – Душанбе.: Ирфон, 2002. – Ҷилди 4. (2001, март – 2002, сентябр). – 472 с.

16. Эмомалӣ Раҳмон. Истиҷлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 4:. Ирфон. – Душанбе, 2002.

УДК 347.6

ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА МАСКУН КАРДАН: МУШКИЛИҲО ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН

ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО О ВСЕЛЕНИЕ: ПРОБЛЕМЫ И РЕШЕНИЯ

RESIDENTIAL LEGISLATION: PROBLEMS AND SOLUTIONS

ХОЛИҚЗОДА А. Ғ. - номзади илмҳои ҳуқуқ, E-mail: n.kholiqov@gmail.com

ХОЛИКЗОДА А.Ғ. – кандидат юридических наук. E-mail: n.kholiqov@gmail.com

KHOLIQZODA A.Gh. – Candidate of Legal Sciences. E-mail: n.kholiqov@gmail.com

Аннотатасия. Мақолаи мазкур ба таҳлили масоили ҳуқуқӣ вобаста ба маскун кардан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф масъалаҳои амалии татбиқи қонунгузории манзилӣ, аз ҷумла иҷрои ҳалномаҳои судӣ дар мавриди маскун кардан ва ҳуқуқи аъзои оила ва собиқ аъзои оила ба манзили истиқоматиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Дар мақола инчунин таҷрибаи қонунгузории кишварҳои пасошӯравӣ, махсусан Федератсияи Россия ва Қазоқистон бо қонунгузории Тоҷикистон муқоиса гардида, камбудиҳои ҷойдошта ва зарурати ворид намудани ислоҳот ба Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд. Хулосаи асосӣ дар он аст, ки танзими равшани ҳуқуқӣ ва ворид кардани меъёрҳои муосир барои ҳимояи манфиатҳои моликон ва истиқоматкунандагон ногузир мебошад.

Калидвожаҳо: Ҳуқуқ ба манзил, конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳоди Шӯравӣ, қонун, танзими ҳуқуқӣ, кодекси манзил, аъзои оилаи молик, собиқ аъзои оила, моликияти хусусӣ, ҳуқуқи истиқомат, ислоҳоти қонунгузорӣ.

Аннотация. Данная статья посвящена анализу правовых проблем, связанных с вопросами вселения и проживания в жилых помещениях в Республике Таджикистан. Автор рассматривает практические сложности исполнения судебных решений о вселении, а также правовое положение членов и бывших членов семьи собственника жилого помещения. В статье проводится сравнительный анализ с законодательством стран постсоветского пространства, в частности, Российской Федерации и Казахстана, выявляются пробелы в таджикском жилищном законодательстве и обосновывается необходимость его реформирования. Основной вывод заключается в том, что правовое регулирование должно быть конкретным, современным и обеспечивать баланс интересов собственников и лиц, претендующих на проживание.

Ключевые слова: Право на жилище, Конституция Республики Таджикистан, Советский Союз, закон, правовое регулирование, жилищный кодекс, члены семьи собственника, бывшие члены семьи, частная собственность, право на жилище, законодательная реформа.

Annotation. This article analyzes legal issues related to residential occupancy and housing rights in the Republic of Tajikistan. The author examines challenges in enforcing court decisions concerning occupancy and explores the legal status of current and former family members of property owners. A comparative overview is provided between Tajikistan’s housing legislation and that of post-Soviet countries, particularly Russia and Kazakhstan. The article highlights legislative gaps and argues for urgent amendments to Tajikistan’s Housing

Code to reflect modern social realities. The main conclusion is that clear and fair legal frameworks are essential to protect both property owners and residents' constitutional rights.

Keywords: Right to housing, Constitution of the Republic of Tajikistan, Soviet Union, law, legal regulation, housing code, family members of the owner, former family members, private property, right to residence, legislative reform.

Ҳуқуқ ба манзил яке аз ҳуқуқҳои бунёдии инсон ба шумор рафта, дар сатҳи қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ мавқеи хоса дорад. Дар моддаи 33-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки ҳар шахс ҳуқуқ ба манзил дорад, ва давлат иҷрои ин ҳуқуқро кафолат медиҳад [1]. Ин ҳуқуқ инчунин дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мустаҳкам гардидааст [2].

Бо пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ, танзими ҳуқуқии маскун кардан низ ба як марҳалаи нав ворид гардид. Дар натиҷа, моликияти хусусӣ эътироф гардид ва тартиби истифодаи манзил, муносибатҳои байни молик ва дигар истиқоматкунандагон, инчунин иҷрои қарорҳои судӣ вобаста ба маскун кардан, мавриди баҳсу мушкилоти ҷиддӣ қарор гирифт.

Қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» ва Кодекси манзилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзими маҷмӯи масъалаҳои маскун карданро бар дӯш доранд. Бо вуҷуди ин, таҷриба нишон медиҳад, ки ин меъёрҳо дар бисёр ҳолат ҷавобгӯи талаботи ҷомеаи муосир набуда, ҳуқуқи моликон ва дигар шахсони манфиатдорро ба таври кофӣ ҳимоя намекунанд [4, 7].

Дар ин асно, яке аз проблемаҳои асосии истеҳсолоти иҷро ин иҷрои санадҳои судӣ вобаста ба маскун намудан ба манзили истикомтӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳалли дурусти мушкилиҳои мазкур дар сатҳи қонунгузорӣ ин кафолати таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шахс ва тамини ҳуқуқ ба манзил мебошад.

Омӯзиш ва таҳлили санадҳои меъёрӣ ҳуқуқие, ки масъалаи маскун намуданро ба танзим медарорад нишон медиҳанд, ки дар ду моддаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» моддаи 37 (Иштироки шахсони холис дар истеҳсолоти иҷро) ва моддаи 82 (Тартиби иҷрои ҳуҷҷати иҷро оид ба маскун намуданани ситонанда) масъалаҳои вобаста ба маскун намудан ба танзим дароварда шудааст.

Дар қ.2 моддаи 37-и Қонуни мазкур омадааст: Иштироки шахсони холис дар ҳолатҳои зерин ҳатмӣ мебошад; ва дар сархати сеюми ин қисм пешбинӣ гардидааст,

- ҳангоми иҷрои қарорҳо дар бораи маскун намудан ба манзил ё кучонидан аз манзил, амалҳои марбут ба ҳабс, кашида гирифтан ва супоридани молу мулки қарздор, кушодани манзил бино ва амбори ӯ, азназаргузаронӣ, инчунин дар дигар ҳолатҳое, ки конунгузорӣ пешбинӣ намудааст.

Ҳамин тариқ тибқи талаботи мазкур ҳангоми иҷрои қарорҳо дар бораи маскун намудан ба манзил иштироки шахсони холис ҳатмӣ мебошад.

Дар қисми 2-юми моддаи 82 Қонун омадааст, ки дар ҳолати мамониат намудани қарздор ба иҷрои ҳуҷҷати иҷро оид ба маскун намудани ситонанда, амалҳои иҷро бо иштироки шахсони холис ва дар мавридҳои зарурӣ бо иштироки мақомоти корҳои дохилӣ амалӣ карда шавад.

Ҳол он, ки мутобиқи қисми 2 моддаи 37 иштироки холис ҳангоми иҷрои қарорҳо дар бораи маскун намудан ба манзил новобаста аз мавҷуд будани ҳолати мамонийат аз ҷониби қарздор, ҳатмист.

Бинобар ин зарур аст, ки аз қисми дуюми моддаи 82-и Қонун калимаҳои « бо ишитроки шахсони холис ва» хорич карда шавад. (мод: 116. ва 28 Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» низ бо чунин камбудиҳо таҳия гардидааст.)

Таҳлили ҳалномаҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба маскун кардан нишон дод, ки судҳо дар ҷумҳурӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои вобаста ба маскун кардан

асосан моддаҳои 121 ва 122 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳрири солҳои 1997-ро ба асос мегиранд.

Дар моддаи 121 Кодекс сухан дар бораи аъзои оилаи молик меравад:

Аъзои оилаи молик ҳамсар ва фарзандони ҳамроҳашон доимӣ сукунатдошта ҳисоб меёбанд. Волидони зану шавҳар ва фарзандони онҳо,ки соҳиби оилаи худ мебошанд ва бо молик муқимӣ зиндагӣ мекунанд, танҳо бо розигии тарафҳо метавонанд аъзои оилаи молик дониста шаванд.

Дар ҳолатҳои мустасно инчунин дигар ашхос, ки бо молик муқимӣ истиқомат мекунанд ва бо ӯ хоҷагии умумиро пеш мегиранд, чун аъзои оилаи молик шинохта мешаванд. Хӯрандагони ғайри қобили меҳнат, агар бо молик муқимӣ зиндагӣ кунанд, аъзои оилаи ӯ дониста мешаванд.

Баҳсҳо дар бораи аъзои оилаи молик донистани шахс ба тартиби судӣ ҳал карда мешавад.

Моддаи 122 Кодекс бошад ҳуқуқ ва вазифаҳои оилаи ва аъзои собиқи оилаи моликро ба танзим дароварахот.

Аъзои оилаи молик, ки дар бинои истиқоматӣ (квартирааш) ҷой дода шудаанд, ҳақ доранд баробари ӯ аз манзил истиқоматӣ бино, агар ҳангоми ҷойгир шудан тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, истифода баранд. Онҳо хукук доранд, ки дар хонаи бароятшон ҷудонамудаи молик фарзандони ноболиғи худро ҷой диҳанд. Ҷойгир кардани дигар аъзоёни оилаи онҳо танҳо бо розигии молик имконпазир аст. Ин ашхос ҳуқуқи истифодаи хонаро дар мавриди муносибатхои оилавӣ бо молик низ нигоҳ доштааст, вале ӯҳдадоранд хароҷоти нигоҳдошти бино, (квартира), рӯи ҳавлӣ ва таъмири асосиро пардозанд.

Бояд зикр намуд, ки Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз соли 1997 қабул гардидааст ва меъёрҳои он ба талаботи имрузаи ҷомеаи ҷавобгӯ набуда, дар он алалхусус роҳҳои ҳалли проблемаҳои вобаста ба маскун кардан дар манзилҳои истикоматӣ аъзоёни собиқ оилаи молик, ки айни ҳол хислати паҳншуда дорад, ҳалли худро нагирифтаанд.

Дар қисми 2-юми моддаи 121 омадааст, ки «дар ҳолатҳои мустасно инчунин дигар ашхос, ки бо молик муқимӣ истиқомат мекунанд ва бо ӯ хоҷагии умумиро пеш мебаранд, чун азои оилаи молик шинохта мешаванд».

Меъёри мазкур чунин нишонаҳои асосиро пешбини намудааст «ҳолатҳои мустасно», «истиқомати мукимӣ», «пеш бурдани хоҷагии умумӣ». Муайян намудани «ҳолатҳои мустасно» ва «истиқомати муқими»-ро қонунгузор ба субъекти татбиққунанда ҳавола кардааст, ки ин мафҳумҳо ба манои аслиашон дар таҷриба якхела истифода намегардад.

Ҳангоми баррасии парвандаҳо оиди маскун намудан собиқ келинҳои хонадон ҳолатҳое дида мешвад, ки онҳо панҷ моҳ ва шаш моҳ ҳатто аз ин муддат камтар дар хонаи шавҳарашон зиндагӣ кардаанд, ва баъдан дар хонаҳои собиқ шавҳарашон маскун карда шудаанд. Инчунин ҳолатҳое низ мушоҳида мегарданд, ки бад аз маскун намудан гарчанд мамониат аз ҷониби қарздор оиди воридшавии ситонанада ба бино ва истиқоматӣ дар ин бино дида нашавад, ҳам ситонанда мӯҳлатҳои дароз ва умуман дар он ҷо зиндагӣ намекунад. Мутаасифона дар таҷриба ҳангоми ба миён омадани чунин ҳолат бекор кардани ҳалномаҳои судӣ дида намешавад.

Таҳлили истеҳсолотҳои иҷро оид ба маскун кардан нишон дод, ки ниҳоят ҳолатҳое кам ба назар мерасад, ки ситонанда бо сабаби надоштани ҷойи зиндагӣ ба суд барои маскун намудан мурочиат намуда бошанд. Аксари ситонандаҳо бо мақсади ғараз бо назардошти он, ки ақди никоҳашон бекор шудааст мехоҳанд бо собиқ шавхарашон бо ҳар роҳе маҳдудияте ба миён оранд ва ё зарараре расонанд аз ин лиҳоз ба суд барои маскун кардан мурочиат намуда, ҳатто дар базе ҳолатҳо худи ситонандаҳо чунин мақсад доштанро ҳангоми иҷро ҳуҷҷати иҷро рӯйи рост изҳор менамоянд.

Омӯзиши тахлили такрории муроҷиатҳои ситонандаҳо баъд аз маскун кардан нишон дод, ки дар аксар ҳолатҳо ситонандаҳо зиндагии оромона надошта доимо ба азоёни дигари оила ва соҳибмулк дар ҷангу ҷидол карор доранд. Ҳатто ин ҳолатҳо то ба содир кардани ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ оварда мерасонад, ки ин дар набати худ ҳангоми мавҷуд будани кӯдакони ноболиғ ба ҳолати психологӣ ва таълиму тарбият онхо таъсири манфӣ мерасонад. Бо дар назар доштани чунин ҳолатҳои дар боло зикр гардида, аксари давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо мақсади ҳалли мушкилиҳои дар таҷриба ба миён омада, ва мутобиқ намудани меъёрхои қонунҳо ба талаботи замони муосир ба қонунгузориашон тағйиру иловаҳо ворид намудаанд. Мутаассифона пас аз қабули Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1977 то ба имрӯз ба Кодекс дар самти мазкур ягон тағйиру илова ворид карда нашудааст.

Таҳлили қонунгузории давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҷумла Ҷумҳурии Қазоқистон нишон дод, ки дар қисмати дуюми моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба муносибатҳои манзилӣ омадааст, ки «Дар ҳолатҳои истисноӣ инчунин дигар ашхос аъзои оилаи молик манзили истиқоматӣ эътироф карда мешавад, агар онҳо бо молик муқимӣ зиндагонӣ кунанд ва бо ӯ на камтар аз панҷ сол хоҷагии умумиро пешбурда бошанд». Тарафи мусбии ин талабот дар он аст, ки шахсоне, ки мӯҳлати кӯтоҳ бо молики манзили истиқоматӣ зиндагӣ кардаанд, ҳуқуқи даъво кардан барои эътироф намудани аъзои оилаи моликро надоранд. Дар ин ҳолат бисёр аз баҳсҳое, ки дар таҷриба пайдо мешаванд аз байн мераванд.

Аз ҷониби дигар меъёри мазкур ба мустаҳкамшавии муносибатҳои оилавӣ оварда расониданаш аз эҳтимол дур нест. Зеро, ҳангоми ба миён омадани масъалаи қатъӣ муносибатҳои оилавӣ тарафҳоро меъёри мазкур хоҳ нохоҳ ба он водор менамояд, ки бори дигар бо дар назардошти оқибатҳои ба миён меомада фикр намоянд.

Меъёрҳои қисмҳои 4 ва 5 моддаи 31 Кодекси манзили Федератсияи Россия бо назардошти он, ки доштани моликият ҳуқуқи Конститутсионии ҳар як кас мебошад, таҳия гардида ҳадалимкон ба он равона карда шудааст, ки ҳуқуқи шахс ба моликият яъне ба соҳибмулки манзили истиқоматӣ халалдор нагардад.

Дар қисми 4 моддаи 31 Кодекси манзили Федератсияи Россия омадааст, ки «Дар ҳолати қатъ гардидани муносибатҳои оилавӣ бо молики манзили истиқоматӣ, ба собиқ аъзои оилаи молики ин бинои истиқоматӣ ҳуқуқи истифодабарии бинои истиқоматии мазкур нигоҳ дошта намешавад, агар дар созишномаи байни молик ва собиқ азои оилаи дигар чизе пешбинӣ нашуда бошад.» Агар асосҳои барои ба даст овардан ё амалӣ намудани ҳуқуқ ба истифобарии дигар манзили истиқоматиро собиқ азои оилаи молик надошта бошад, инчунин агар ҳолати молу мулки собиқ азои оилаи молики манзили истиқоматӣ ва дигар ҳолатҳои лоиқи таваҷҷӯҳе, ки ба ӯ имкон намедиҳад худро ба дигар манзили истиқоматӣ таъмин намояд, хукуки истифодабарии манзили истиқоматие, ки ба молики манзили истиқоматӣ тааллуқ дорад, мумкин аст, ки ба собиқ аъзои оилаи молик ба мӯҳлати муайян дар асоси қарори суд нигоҳ дошта шавад. Бо вуҷуди ин суд ҳуқуқ дорад молики манзили истиқоматиро ӯҳдадор намояд, ки собиқ ҳамсараш ва дигар аъзои оилаи ӯро, ки бо талаби онҳо ба манфиаташон иҷрои ӯҳдадориҳои алиментиро ба зимма дорад ба дигар манзили истиқоматӣ тамин намоянд. Дар қисми панҷуми моддаи 31 пешбинӣ гардидааст, ки бо гузоштани мӯҳлат бо қарори суд бо назардошти муқаррароти қисми 4 ҳамин модда муайяншуда ҳуқуқи истифодабарии манзили истиқоматии собиқ азои оила молик қатъ мегардад, агар дар созишномаи молики манзили истиқоматӣ ва собик аъзои оилаи мазкури ӯ чизи дигар пешбинӣ нашуда бошад. То гузаштани мӯҳлаи муқарраршуда ҳуқуқи истифодабари манзили истиқоматӣ аз ҷониби собиқ аъзои оилаи молик дар баробари қатъ гардидани ҳуқуқи соҳибмулки ин молик ба ин манзили истиқоматӣ ҳамон замон қатъ мегардад, ё агар ҳолатҳое, ки асос барои нигоҳ доштани чунин ҳуқуқ дар асоси қарори суд ба инобат гирифта шудаанд, аз байн рафта бошанд.

Таҳлили муқоисавии Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси манили

Федератсияи Россия вобаста ба масъалаи мазкур нишон дод, ки меъёрҳои Кодекси Федератсияи Россия ба талаботи замони ҳозира бештар мутобиқ буда, роҳҳои ҳалли мушкилиҳои дар таҷриба ба миён меомадаро дар аксар ҳолатҳо пешбинӣ менамояд.

Истифодабарии меъёрҳои он дар Кодекси манзили ҷумҳурӣ ба ҳалли аксари мушкилиҳои дар таҷриба буда замина мегузорад. Бартарии Кодекси манзили Федератсияи Россия вобаста ба масъалаи баррасишаванда аз инҳо иборат аст.

1. Мақсад ва мӯҳтавои меъёрҳои он вобаста ба маскун кардан пеш аз ҳама ба он равона карда шудааст, ки ҳуқуқи Конститутсионӣ, яъне ҳуқуқ ба моликият доштани ҳар кас маҳдуд карда нашавад.

2. Ба таври мушаххас меъёри пешбини гардидааст, ки дар ҳолати қатъ гардидани муносибатҳои оилавӣ бо молики манзили истиқоматӣ, ҳуқуқи истифодабарии манзили истиқоматӣ мазкур ба собиқ аъзои оилаи молик нигоҳ дошта намешавад» мавҷуд будани чунин меъёр ба қисми зиёди баҳсҳое, ки дар таҷриба ба миён меоянд, хотима мебахшад.

3. Бо мақсади таъмини адолати иҷтимоӣ нисбати собиқ аъзои оила, молик дар доираи риояи ҳуқуқи конститутсионӣ (ҳуқуқ ба моликият) ҳолатҳои истиснои ҳуқуқӣ истифодабарии якҷояи манзили истиқоматиро ба собиқ аъзои оилаи молик ба мӯҳлат муайян дар асоси қарори суд пешбинӣ менамояд.

Ҳолатҳои истисноиро ба таври мушаххас нишон дода, онро ба мавҷуд набудани асосҳои бадастоварда манзили истиқоматӣ ва амали намудани ҳуқуқ ба истифодабарии манзили дигар, инчунин ба ҳолати молу мулки собиқ аъзои оилаи молик, ки имкон намедиҳад худро ба дигар манзили истиқоматӣ таъмин намояд, асоснок менамояд. Дар баробари ин, ба хотири маҳдуд накардани ҳуқуқ соҳибмулк ба моликияташ (манзили истиқоматӣ) ҳуқуқи истифодабариро ба собиқ аъзои оилаи молик ба мӯҳлати муайян пешбинӣ менамояд, ки бо гузоштани он ҳуқуқ қатъ мегадад. Ҳамин тавр меъёри Қонун бо додани ҳуқуқ ба мӯҳлати муайян ба собиқ аъзои оилаи молик, ба у имкон медихад, ки мушкилоти манзили истиқоматиашро ҳал намояд.

4. Барои таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои собиқ ҳамсар ва дигар аъзоёни оилаи ӯ, ки бо талаби онҳо молик ӯҳдадории алиментиро ба манфиати онҳо иҷро менамоянд, ба суд ҳуқуқ додаст молики манзили истиқоматиро ӯҳдадор намояд, шахсони дар боло зикргардидаро ба дигар манзили истиқоматӣ таъмин намоянд. Ин ҳолат имкон медихад, ки кӯдаконе, ки дар натиҷаи қатъшавии муносибатҳои оилавӣ бо яке аз тарафҳо мемонанд бо манзили истиқоматӣ таъмин карда шаванд.

5. Бо дарназардоштани он, ки масъалаи матраҳшаванда хусусияти молумулкӣ дорад, меъёрҳои Кодекс дар ҳама ҳолат бартариро ба созишномаи байни молики манзили истиқоматӣ ва собиқ аъзои оилаи молик додааст.

6. Ҳолатҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодабарии манзили истиқоматӣ аз ҷониби собиқ аъзои оилаи молик мушаххас нишон дода шудааст:

а) бо гузаштани мӯҳлати истифодабарии манзили истиқоматӣ, ки суд бо назардошти муқаррароти кисми 4 моддаи 31 Кодекси манзили Федератсия Россия муайян намудааст.

б) то гузаштани мӯҳлати муайянгардида хукуки истифодабарии манзили истиқоматӣ аз чониби собиқ азои оилаи молик дар баробари қатъ гардидани ҳуқуқи соҳибмулки молик ба ин манзили истиқоматӣ кать мегардад.

в) то гузаштани мӯҳлати муайянгардида агар ҳолатҳое, ки асос барои нигоҳ доштани чунин ҳуқуқ дар асоси қарори суд ба инобат гирифта шуда аз байн рафта бошад, ҳуқуқи истифобарии манзили истиқоматӣ аз ҷониби собиқ азои оилаи молик қатъ мегардад.

Мутаассифона, дар Кодекси манзили Ҷумҳурии Точикистон меъёрҳои Кодекси манзили Федератсияи Россия, ки дар боло таҳлил намудем, дида намешавад.

Дар Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон се модда вобаста ба масъалаҳои

мазкур бахшида шудааст: моддаи 121 «Аъзои оилаи молик», моддаи 122 «Ҳуқуқ ва вазифаҳои оила ва аъзои собиқи оилаи молик», моддаи 123 «хориҷ кардани аъзои оила ва дигар ашхосе, ки ба молики хонаи истикоматӣ зиндагони мекунанд.»

Тибқи моддаи 121 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- аъзои оилаи молик ҳамсар ва фарзандони ҳамроҳашон доимо сукунат дошта ҳисоб меёбад;

- волидони зану шавҳар ва фарзандони онҳо, ки соҳиби оилаи худ мебошанд, ва бо молик муқимӣ зиндагӣ мекунанд танҳо бо розигии тарафҳо метавонанд аъзои оилаи молик дониста шаванд;

- дар ҳолати мустасно инчунин дигар ашхосе, ки бо молик муқимӣ истиқомат мекунанд ва бо ӯ хоҷагии умумиро пеш мебаранд, чун аъзои оилаи молик шинохта мешаванд;

- хурандагони ғайриқобили меҳнат агар бо молик муқимӣ зиндагонӣ кунанд, азои оилаи ӯ дониста мешаванд.

Эътироф кардани дигар ашхос дар ҳолати мустаснои бо ду нишона а) «муқимӣ истиқомат кардан» ва б) «бо пешбурди хоҷагии умумӣ», ҳамчун аъзои оилаи молик ин имкон ба маҳдуд кардани ҳуқуқи моликро ба моликият медиҳад, яъне молик ҳуқуқи мустақилона ихтиёрдорӣ кардани моликиятро аз даст медиҳад. Зеро мутобиқи моддаи 122 Кодекси манзил ашхосе, ки аъзои оилаи молик этироф шудааст ҳуқуқи истифодабарии хонаро дар мавриди қатъ гардидани муносибатҳои оилавӣ бо молик низ нигоҳ дошта, вале ӯҳдадоранд хароҷоти нигоҳ доштани бино (квартира) рӯи ҳавлӣ ва таъмири асосиро пардозад.

Ҳол он, ки тибқи моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеч кас ҳақ надорад ҳуқуқи шасеро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад.

Мутобиқи меъёри моддаи 123 Кодекси манзил аъзои оила ва ашхоси дигаре, ки бо молики хонаи истиқоматӣ зиндагӣ мекунанд, дар сурати мавҷуд будани асосҳои пешбини намудаи моддаи 70 Кодекси мазкур бидуни додани хонаи дигари истиқоматӣ, аз хона бароварда мешавад.

Таҳлили меъёрҳои моддаи 70-и Кодекси манзил нишон дод, ки яке аз мушкилиҳои асосии танзими ин муносибатҳо ҳалли худро наёфтааст, яъне дар сурати қатъ гардидани ҳуқуқи молик ба хонаи истиқоматӣ ё ҳуқуқи аъзои оилаи молик (собиқ ҳамсар) қатъ мегардад ё не?

Бояд зикр кард, ки муаммои мазкур дар дигар моддаҳои Кодекси манзил низ ҳалли худро наёфтаанд, ҳол он, ки дар қонунгузории дигар кишварҳо ин масъала ба таври мушаххас ба танзим дароварда шудааст.

Омӯзиш ва таҳлили лоиҳаҳои нави Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нишон дод, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи Кодекс ба ин мушкилиҳо таваҷҷӯҳ зоҳир карда нашудааст.

Ҳамин тавр, аз таҳлил гузаронидашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки бо мақсади бартараф намудани мушкилиҳои дар таҷриба ҷойдошта оид ба маскун кардан дар манзили истиқоматӣ, зарурати ҳар чи зудтар ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1994 (тағйиротҳои минбаъда), моддаи 33
2. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, СММ, 1948, моддаи 25.
3. Кодекси манзили Федератсияи Россия // https://www.garant.ru/
4. Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон. Д., 1997.
5. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Д., 1998.
6. Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба муносибатҳои манзилӣ. Захираи электронӣ. https://www.garant.ru/

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» // Захираи электронӣ: www.mmk.tj

УДК 32.019.5

ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ЗАМИНАИ УСТУВОРИ ҲИМОЯИ ДАВЛАТИ МИЛЛӢ

НАЦИОНАЛЬНОЕ САМОСОЗНАНИЕ КАК ОСНОВА УСТОЙЧИВОЙ ЗАЩИТЫ НАЦИОНАЛЬНОГО ГОСУДАРСТВА

NATIONAL SELF-CONSCIOUSNESS AS A STABLE BASIS FOR THE PROTECTION OF THE NATIONAL STATE

ХОЛИҚОВА М.Ғ. - ассистенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, kholiqovam@mail.ru

ХОЛИҚОВА М.Ғ. – ассистент кафедры права Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Email: kholiqovam@mail.ru

KHOLIQOVA M.Gh. – assistant of the Department of Law, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Email: kholiqovam@mail.ru

Аннотатсия. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди таҳкими сулҳу субот ва давлатсозиву давлатдории навини худ баҳрабардорӣ аз арзишҳои волои таърихиву фарҳангӣ, таблиғи ҳувияти милливу ифтихори ватандорӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва ба шоҳроҳи созандагиву ободонии ин сарзамини аҷдодӣ раҳнамоӣ кардан ва сарфарбар намудани мардумро воқеан ҳам дар маркази сиёсати давлатӣ қарор додааст. Ба ибораи дигар, ҳифз кардан, омӯхтан ва омӯзонидан, инчунин таблиғи арзишҳо ва анъанаҳои неки таърихиву фарҳангиро ба сатҳи давлатӣ бардоштем ва чунон ки имрӯз мебинем, мафҳумҳои истиқлол ва озодӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, тамомияти арзӣ, ободии Ватан ва созандагӣ на танҳо ҳамчун ғояҳои умумимиллӣ пазируфта шудаанд, балки ба ҳайси қутбнамо дар тафаккури мардумамон ҷой гирифтаанд. Дар тӯли ҳазорсолаҳо моро мутафаккирони оламшумуламон ҳамеша ба озодандешиву истиқлолхоҳӣ, худогоҳиву худшиносӣ, ваҳдату ҳамзистӣ, ҳамкориву ҳамбастагӣ ва созандагиву бунёдкорӣ раҳнамоӣ кардаанд. Дар мақолаи мазкур масъалаи худшиносии миллӣ ҳамчун заминаи устувори ҳимояи давлати миллӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.
Вожаҳои калидӣ: худшиносии миллӣ, давлат, давлати миллӣ, манфиатҳои миллӣ, ҳимояи давлат, истиқлолият, таърих, фарҳанг.

Аннотация. Республика Таджикистан в процессе укрепления мира и стабильности, строительства нового государства и государственной системы сосредоточила внимание на использовании высоких исторических и культурных ценностей, пропаганде национальной идентичности и патриотической гордости, самосознания и национального самоуважения, а также на направлении народа к созиданию и процветанию своей родины. Иными словами, сохранение, изучение и преподавание, а также пропаганда положительных исторических и культурных ценностей были выведены на государственный уровень. Как мы видим сегодня, такие понятия, как независимость и свобода, национальное единство, мир и стабильность, территориальная целостность, процветание Родины и созидание, не только приняты как общенациональные идеи, но и заняли центральное место в сознании народа. На протяжении тысячелетий наши выдающиеся мыслители всегда направляли нас к свободомыслию и стремлению к независимости, самосознанию и национальному самоуважению, единству и сосуществованию, сотрудничеству и солидарности, созиданию и строительству. В

данной статье рассматривается национальное самосознание как основа устойчивой защиты национального государства.
Ключевые слова: национальное самосознание, государство, национальное государство, национальные интересы, защита государства, независимость, история, культура.

Abstract. The Republic of Tajikistan, in the process of strengthening peace and stability, building a modern state and governance system, has focused on utilizing high historical and cultural values, promoting national identity and patriotic pride, self-awareness, and national consciousness, and guiding the population towards constructive development and prosperity of the ancestral land. In other words, preserving, studying, and teaching, as well as promoting positive historical and cultural values, have been elevated to the state level. As we see today, concepts such as independence and freedom, national unity, peace and stability, territorial integrity, national prosperity, and constructive development are not only recognized as nationwide ideals but also occupy a central place in the consciousness of the people. Throughout millennia, our world-renowned thinkers have always guided us toward free thinking and independence, self-awareness and national consciousness, unity and coexistence, cooperation and solidarity, and constructive activity. This article analyzes national self-consciousness as a stable foundation for the protection of the national state.
Keywords: national self-consciousness, state, national state, national interests, state protection, independence, history, culture.

Лозим ба ёдоварист, ки инсон барои дарки моҳияти вуҷуди худ офарида шудааст, аз ин хотир, барои ӯ фарогирии моҳияти вуҷуди худ ва гирду атроф, ҷомеа ва олам арзиши созанда дорад. Огаҳӣ пайдо кардан аз рӯзгори пурихтилофи инсонӣ заминаи устуворе барои шинохти шахсияти ӯ маҳсуб мешавад. Вақте дар бораи худшиносии миллии тоҷикон, бунёди маънавии халқҳои ориёнажод ва сайри таърихии ин қавм дар паҳнои таърих андеша менамоем, беихтиёр навиштаҳои Пешвои миллат оид ба решаҳои таърихии ин халқи куҳанбунёд пеши назар меояд. Сарвари давлат – шахсияти таърихии замони имрӯз дар асари пуразриши «Тоҷикон дар оинаи таърих» муаммои пайдоиши халқҳои аҷамбунёдро дар чунин матлаб ифода кардаанд, ки руҳи иҷтимоии худшиносона дошта, андешаву равони хонандаи имрӯзро ба таърихи азалии он наздик мебарад. Шинохти аслу насаб аз шартҳои нахустин ва асосии худшиносӣ аст, ки барои амиқрафти дарки моҳияти маънавии инсон ва мақоми ӯ дар ҷомеаи мутамаддин заминаи мусоид ва муассир фароҳам меоварад. Арҷ гузоштан ба маънавият ва фарҳанги дурахшони гузаштаву имрӯзаи миллат, эҳтироми хос ба таърихи пурғановати тоҷикон ва садоқати ҳамешагӣ ба ормонҳои ватангароӣ муҳимтарин унсурҳои хештаншиносӣ ба шумор мераванд [8, с. 28].

Бояд гуфт, ки барои устувории ҳар миллате доштани худшиносӣ бисёр ҳам муҳим аст. Махсусан бояд донист, ки худшиносии миллӣ аз гузаштагонамон ба мо мерос мондааст, аммо баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави худшиносии миллӣ оғоз гардид. Дар ин давра дар Тоҷикистон вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дигар гардида, арзишҳои моддиву маънавӣ ҳам иваз шуданд.

Тавре ки Пешвои миллат қайд мекунанд, «ҷавҳари худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсиятҳои дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад» [6, с. 37].

Худшиносӣ василаи асосии ба маънавият расидани инсону ҷомеа мебошад. Худшиносии миллӣ – ин решаи миллат аст, агар мактаби миллӣ заиф бошад, миллат пароканда ва нопадид мегардад. Бинобар ин, бояд баҳри мустаҳкам гардонидани мактаби миллӣ, ки ҷузъҳои асосии он ватанпарастӣ, хештаншиносӣ ва худшиносӣ мебошанд, чораҳои зарурӣ андешид. Дар ҳақиқат, ҳар як инсони андешаманд ва оқил бояд ифтихор

намояд, ки дар тӯли солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат чи қадар дигаргуниҳои куллӣ дар бобати ба эътидол овардани вазъи сиёсию иқтисодии мамлакат, дарёфт намудани роҳи рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии кишвар ва дар ин асос баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ба амал омадааст. Ҳарчанд ки роҳи тайнамудаи Тоҷикистон дар ҷодаи ваҳдату якпорчагӣ ҳамвору яксон набуд, вале мардуми шарафманди мо ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи марзу буми аҷдодӣ, сарҷамъии миллат, густариши фазои сулҳу оромӣ ва тақвияти худшиносии миллӣ саъю талошҳои бесобиқа анҷом доданд ва итминони комил дорам, ки наслҳои оянда аз онҳо ҳамчун намунаи ватандориву ватандӯстӣ ёд хоҳанд кард.

Ҳар як фарди бонангу номус ва худогоҳи ҷомеа бояд ҳамеша дар хотир дошта бошад, ки танҳо истиқлолияту озодӣ омили муҳимтарини пойдории давлат ва бақои миллат мебошад ва вазифаи ҳамаи мост, ки ба хотири ҳифзу тақвияти ин муқаддасоти миллӣ пайгирона кӯшиш намоем**.**

Маҳз фарҳанги миллӣ, ҳуввияти миллӣ ва рӯзгори пурғановати маънавии таърихи миллат аз воситаҳои асосиинамои соҳибихтиёрии миллӣ, сарчашмаи нодири худшиносӣ ва кафили пойдории давлати мустақили миллист. Бо ин мақсад шинохтан, гиромӣ доштан ва эҳёи ақлонии сарчашмаҳои нодири ин ганҷинаи пурғановат вазифаи халқи соҳибдавлат аст. Президенти мамлакат ба ин масъала махсус таваҷҷуҳ намуда, таъкид карданд: «Ҳифзи мероси фарҳанги моддиву ғайримоддии миллати бостониамон, ки гувоҳи зиндаи таърихи шашҳазорсолаи халқамон мебошад, вазифаи муҳимтарини мо – ворисони ин мероси бузург ба ҳисоб меравад. Эҳёи арзишҳои миллӣ ва ҳифзу тарғиби ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ барои баланд бардоштани рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ ва худогоҳиву хештаншиносии мардум, хусусан, наврасону ҷавонон бисёр муҳим мебошад» [2].

Дурустӣ, ногузирӣ ва асоснокии илмии таъкидҳои мунтазами Роҳбари давлатро дар масъалаи зарурати ҳифзи мероси пурғановати фарҳанги ниёгон, бевосита равандҳои нооромии ҷаҳони муосир, фишори аз ҳад зиёди онҳо ба аслҳои фарҳанги миллӣ, бегонакунонии намунаҳои ахлоқи миллӣ ҳамчун унсури фишороварандаи хориҷӣ аз як ҷониб, хусусиятҳо ва талаботи шаклгирии ҷомеаҳои муосири давлатдор аз ҷониби дигар, ҳамчун раванди дохилӣ собит менамоянд.

Сатҳ ва сифати таълим маҳаки рушди давлат ва ҷомеа аст. Дар Паём ба масъалаи рушди соҳаи илму маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Таъкид гардид, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ ҷиҳати рушди соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузории буҷети давлатӣ зиёда аз 97 миллиард сомонӣ равона гардид. Дар 30 соли истиқлолияти давлатӣ 3240 муассисаи нави таълимӣ барои 1 миллиону 400 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шуд [2].

Яке аз натиҷаҳои хеле муҳим дар соҳаи маориф афзудани сафи донишҷӯёнест, ки дар мактабҳои олии ҷаҳон таҳсил мекунанд. Мувофиқи омори пешниҳодгардида, ҳар сол беш аз 5 ҳазор нафар ҷавононписарону духтарони боистеъдод барои таҳсил ба мактабҳои олии хориҷи кишвар фиристода мешаванд. Аммо бо ин қонеъ нашуда, сарвари кишвар дар назди Ҳукумати мамлакат вазифа гузоштанд, ки дар зарфи панҷ соли минбаъда дар ҷумҳурӣ бояд беш аз 1000 иншооти соҳаи маориф сохта, ба истифода супорида шавад. Аз ҷумлаи ғамхориҳои давлату Ҳукумат ин буд, ки аз 1-уми июли соли 2022 музди меҳнати кормандони муассисаҳои маориф 20 фоиз зиёд карда шавад. Ҳамчунон бо дастури раҳбари мамлакат дар панҷ соли оянда як миллион нафар шаҳрвандони кишвар бояд соҳибкасб гардонида шаванд [7].

Дар паёми Президент таъкид шуд: «… Роҳбарони муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи дониш ва касбияти омӯзгорон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, бахусус, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ, такмили ихтисосу бозомӯзӣ ва тарбияи омӯзгорони ҷавони баландихтисос ва ба талаботи замона ҷавобгӯй дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот эътибори аввалиндараҷа диҳанд»[2].

Роҳбари давлат шароити имрӯзи таҳсил ва илмомӯзии ҷавононро вобаста аз таҳдидҳои ҷаҳонӣ ва талаботи иқтисодию иҷтимоии халқ таҳлил намуда, ба хулоса омаданд, ки сатҳ ва сифати таълими кунунии ҷавонони мо ба талаботи давру замон мувофиқ нест. Ин мушкилӣ танҳо дар истеъдод ва сатҳи саводи муҳассилин набуда, балки аз бисёр ҷиҳат ба сатҳ ва сифати омӯзгорон ва муаллимони ҷавоне, ки ба тарбияи онҳо машғуланд тавъам аст. Бинобар он ба ислоҳоти вазъ аз зинаи тарбияи устодони ҷавон ва дигаргун намудани мафкураи илмӣ ва ҷаҳонбинии эшон шурӯъ намуданро ногузир шумурданд.

Вазъияти рӯзафзуни ҷаҳонишавӣ, ки таҳти инқилобҳои биотехнологӣ ва иттилооти рақамӣ манфиатҳои абарқудратонро дар ҳавзаи давлатҳои дигар густурда намуда, фарҳанг ва асолати миллии онҳоро камранг менамоянд, аз ҷониби дигар ба ҳолати номукаммали рушди мафкураи солими иддае аз ҷавонони мо, ки бинобар саводи комили ҷаҳоншиносӣ надоштанашон ақл ва тасаввуроти онҳо тобеи иллатҳои ифротгароӣ, хурофот ва тассуб шуда, монеи рушди фарҳангӣ ва сиёсии кишвар мегарданд [4, с. 231].

Тарзе раванди рушди мафкураи миллии мо гувоҳӣ медиҳад он аз васати ноҳамвориҳои зиёди таърихӣ ва маҳдудиятҳои мухталифи мазҳабӣ бо бурду бохти муайяни таърихӣ ва замонавӣ то ба имрӯз расидааст. Маҳз ҳамин ҳолати нооромии мафкуравӣ ва ноустувории ҳокимияти сиёсӣ дар солҳои аввали истиқлолхоҳӣ боис гардид, ки дар ҳаёти ҷомеа ҷараёнҳои носолиму манфиатхоҳ шиддат гирифта, ҷомеаи мо ба ҷанги шаҳрвандӣ гирифтор шуд.

Мо бояд аз ин мактаби бузурги сахтгири ҷанги шаҳрвандии таҳмилии солҳои аввали истиқлол сабақи дуруст бардорем, ва зинҳор ба наслҳои оянда имкон надиҳем, ки дубора ба фиреби ин ифротиёну фитнаангезон гирифтор шаванд.

Маҳз ба ҳамин хотир ҷавонони моро зарур аст, ки аз назари сиёсӣ ҳушёр бошанд, зиёиёни мо нисбат ба раванди ташаккули мафкураи миллии ҷавонон бетараф набуда, аз дастуру раҳномоиҳои маънавии Пешвои муаззами миллат дуруст баҳра бардошта, барои муттаҳидӣ, худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ содиқона заҳмат кашанд.

АДАБИЁТ

1. Истиқлол ва нашри китобҳои дарсӣ // Омӯзгор, 8 сентябри соли 2021. - №36
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» Махзаи электронӣ http://prezident.tj/node/27417 21,12.2021 (санаи мурочиат 03.01.21).
3. Пешвои миллат - абармарди арсаи сиёсат / Зери назари ададемик Фарҳод Раҳимӣ. Мураттиб ва муаллифи охирсухан Давлатҷон Муҳиддинов. - Душанбе: Ирфон, 2018. – 376 с.
4. Раҳмонов Э. Уфуқҳои Истиқлол / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ганҷ -нашриёт, 2018. – 436 с.
5. Раҳмонов Э. Чеҳраҳои мондагор / Э. Раҳмон. - Душанбе: Эр-граф, 2016. - 364 с.
6. Теъдоди донишҷӯён дар хориҷи кишвар. Манбаи электронӣ: https://www.stat.tj/ru/. Санаи дастрасӣ: 10.01.2025.
7. Тоҷикон дар оинаи таърих. Д., 1997. – 136 с.

УДК 32.019.2

ТАҒЙИРЁБИИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ДАР РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ: ТАҲДИДҲО ВА ИМКОНИЯТҲО

THE TRANSFORMATION OF NATIONAL VALUES IN THE PROCESS OF GLOBALIZATION: THREATS AND OPPORTUNITIES

ИЗМЕНЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ: УГРОЗЫ И ВОЗМОЖНОСТИ

ШАРИПОВ А.М. - устоди калони кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон., Тел. 985085842.

ШАРИПОВ А.М. - старший преподаватель кафедры истории и философии Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Тел.: 985085842.

SHARIPOV A.M. - Senior Lecturer of the Department of History and Philosophy, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Tel.: 985085842

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур масъалаи тағйирёбии арзишҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳлили амиқ ёфтааст. Муаллиф таъсири дуҷонибаи раванди глобализатсияро бар арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии ҷомеаи тоҷик равшан мекунад, таҳдидҳо ва имкониятҳои рушди фарҳанги миллӣ дар давраи муосирро муқоиса менамояд. Муаллиф таъсири сиёсати фарҳангии давлатӣ ва нуфузи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба дастгирӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ дар муҳити муосирро барҷаста баён намудааст. Бахши асосии мақола омилҳои тағйирёбӣ – аз ҷумла, таъсири технология, муҳоҷират, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ВАО –ро бо мисолҳои мушаххас аз ҷомеаи тоҷик меомӯзад. Ҷанбаҳои мусбии ҷаҳонишавӣ, ба мисли имкониятҳои ривоҷи забон, паҳншавии дониш ва платформаҳои таҳсилоту фарҳанг, низ таҳлил шуда, соҳиби таклифҳои инноватсионӣ барои самтҳои ҳифз ва таҳкими арзишҳо пешниҳод мегардад. Мақола роҳҳои оқилонаи ҳифз ва эҳёи унсурҳои миллӣ — забон, анъана, фарҳанг ва худшиносиро тавассути технологияи нав, таҳкими маориф ва қонунгузории фарҳангии давлат таъкид мекунад. Таклифҳои муфассал ба ҷомеа ва олимон бо такя ба сарчашмаҳои илмии маҳаллӣ ва байналмилалӣ тарҳрезӣ шудаанд. Мақола бояд дастгирӣ ва манфиати аслии худшиносии миллӣ, таҳкими робитаҳои байнинаслӣ ва мутобиқсозии арзишҳоро дар шароити ҷаҳонишавӣ таъмин намояд.

Калидвожаҳо: арзишҳои миллӣ, ҷаҳонишавӣ, ҳувияти миллӣ, таҳдидҳо, имкониятҳо, муҳоҷират, забони модарӣ, фарҳанги тоҷик, шабакаҳои иҷтимоӣ, ривоҷи илм, маориф, анъана, худшиносии миллӣ, насли ҷавон, сиёсати фарҳангӣ

Аннотация. В данной статье глубоко анализируется вопрос изменения национальных ценностей в условиях глобализации. Автор раскрывает двустороннее влияние процесса глобализации на духовные, нравственные и социальные аспекты таджикского общества, сравнивает угрозы и возможности для развития национальной культуры в современный период. Особо отмечено влияние культурной государственной политики и роли гражданского общества в поддержке и укреплении национальной идентичности в современных реалиях. Основная часть статьи изучает факторы изменений — в частности, влияние технологий, миграции, социальных сетей и СМИ — с примерами из таджикского общества. Положительные стороны глобализации, такие как возможности развития языка, распространение знаний и культурно-образовательные платформы,

также анализируются, предлагаются инновационные рекомендации для сохранения и укрепления ценностей. В статье обосновываются разумные пути сохранения и возрождения ключевых национальных элементов — языка, традиций, культуры и самосознания — через новые технологии, развитие образования и культурное законодательство. Подробные рекомендации для общества и исследователей подготовлены на основе местных и международных научных источников. Статья призвана обеспечить поддержку и укрепление национального самосознания, усилить межпоколенческие связи и способствовать адаптации ценностей в условиях глобализации.
Ключевые слова: национальные ценности, глобализация, национальная идентичность, угрозы, возможности, миграция, родной язык, таджикская культура, социальные сети, развитие науки, образование, традиции, национальное самосознание, молодое поколение, культурная политика

Abstract. This article provides an in-depth analysis of the transformation of national values under the circumstances of globalization. The author reveals the dual impact of globalization on the spiritual, moral, and social aspects of Tajik society, comparing the threats and opportunities for national cultural development in the modern era. The influence of state cultural policy and the role of civil society in supporting and strengthening national identity in contemporary realities is particularly emphasized. The main part of the article explores the factors of change — specifically, the influence of technology, migration, social networks, and media — with concrete examples from Tajik society. Positive aspects of globalization, such as opportunities for language expansion, dissemination of knowledge, and cultural and educational platforms, are also analyzed, with innovative recommendations offered for preserving and strengthening values. The article substantiates practical pathways for safeguarding and reviving key national elements — language, tradition, culture, and self-awareness — through new technologies, educational development, and cultural legislation. Detailed recommendations for society and researchers are prepared based on both local and international scientific sources. The article aims to support and strengthen national self-awareness, enhance intergenerational connections, and foster the adaptation of values in the context of globalization. The article also interprets the dynamics of national value transformation and mechanisms of adaptation to the dynamic conditions of globalization. The author highlights the impact of cultural policies and the prominence of civil society in supporting and reinforcing national identity in the modern environment.

Keywords: national values, globalization, national identity, threats, opportunities, migration, native language, Tajik culture, social networks, scientific development, education, tradition, national self-awareness, youth generation, cultural policy

Дар даврони муосир, масъалаи ҳифзи арзишҳои миллӣ дар баробари равандҳои босуръати ҷаҳонишавӣ яке аз мавзӯъҳои меҳварии таҳқиқоти илмӣ ба шумор меравад. Арзишҳои миллӣ ҳамчун заминаи худшиносӣ, ваҳдат, устувории иҷтимоӣ ва рушди устувори давлат муҳим буда, ба решаҳои асили фарҳанги миллӣ ва таърихи халқ алоқаманданд. Бо вуруди замонаи иттилоотӣ ва фароҳам омадани шароити боз ҳам васеъ барои муошират ва мубодилаи фарҳангҳо, арзишҳои миллӣ ба гунае дучори таҳдидҳо ва ҳамзамон, имкониятҳои нав мешаванд.

Аз як тараф, равандҳои ҷаҳонишавӣ ба густариши иртибототи фаромиллӣ, омезиши фарҳангҳо, таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ва муоширати иттилоотӣ мусоидат менамоянд, ки метавонад арзишҳои суннатӣ ва анъанавиро ба тағйир рӯ ба рӯ намояд. Аз тарафи дигар, ҳамин раванд таъкид бар зарурати нигаҳдории аслу мазмуни арзишҳои

миллиро ба миён мегузорад, то ҷомеа дар фазои рақобату ҳамбастагӣ тавонад ҳувияти хешро ҳифз ва таҳким бахшад.

Ҳамин тавр, зарурати омӯзиши таҳдидҳо ва имкониятҳои тағйирёбии арзишҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ имрӯз аҳамияти хоса дорад. Муқоисаи таҳқиқоти олимони тоҷик ва манбаъҳои байналмилалӣ роҳи бозёфт ва ҳалли дурустро барои ҳифзи ин арзишҳо равшан мегардонад.

Ҷаҳонишавӣ (globalization) яке аз раванди муҳимми иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии асри XX–XXI маҳсуб ёфта, ҷомеаҳои муосирро ба ҳамбастагии бештар ва мубодилаи ҳамаҷониба мекашонад. Андешидани ҷаҳонишавӣ ҳамчун омили марказии тағйирсоз, дар адабиёти илмӣ бо чанд маъно ва хусусият шарҳ меёбад.

Мафҳуми ҷаҳонишавӣ: Бисёр муҳаққиқон таъкид доранд, ки ҷаҳонишавӣ пеш аз ҳама равандест, ки дар натиҷаи он сарҳадҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иттилоотии давлату миллатҳо ношаффаф гардида, муошират фаромиллӣ меафзояд [8, саҳ. 11], [3, саҳ. 8]. Яъне, ҷаҳонишавӣ ҳамгироӣ ва омехташавии сохторҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии гуногунро фаро мегирад.

Хусусиятҳои асосии ҷаҳонишавӣ:

- Омезиши иқтисодӣ: Самтгирии бозор, гардиши озоди сармоя, маҳсулот ва технология дар сатҳи ҷаҳонӣ.
- Интегратсияи иттилоотӣ: Густариши шабакаҳои иттилоотӣ, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, ки марзҳои иттилоотиро аз байн мебаранд [3, саҳ. 25].
- Таъсири фарҳангии мутақобил: Раванди густариши арзишҳо ва меъёрҳои фарҳангӣ байни миллатҳо боиси ба вуҷуд омадани муҳити пур аз таъсироти муштараки фарҳангӣ ва забонӣ мегардад.
- Муошират озоди инсонҳо ва идеяҳо: Навгониҳои технологӣ ва равандҳои муҳоҷират ҳамкорӣ ва табодули осонро таъмин мекунанд.
- Сиёсати байналмилалӣ: Таъсири созмонҳо ва механизмҳои фаромиллӣ дар танзими масъалаҳои иқтисодӣ, амният ва муҳити зист.
- Густариши шабакаҳои ҷаҳонгаро ва ширкатҳои трансмиллӣ: Рӯ ба рӯ шудани тамаддунҳои гуногун ва таҳкими вобастагиҳои фаромиллӣ барои истеҳсол ва истеъмол.

Ҷаҳонишавӣ ба таври мусбӣ метавонад фазои нав барои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ эҷод намояд, аммо аз нигоҳи дигар, имконият дорад ба фаромӯшии арзишҳои анъанавӣ ва заъфи ҳувиятҳои миллӣ бирасонад [2, саҳ. 3].

Арзишҳои миллӣ маҷмӯи унсурҳо, меъёрҳо ва боварҳоеанд, ки барои худшиносӣ, ваҳдати миллӣ, рушди ҷамъият ва таъмини устувории фарҳангӣ муҳим мебошанд. Асоси арзишҳои миллӣ дар решаҳои таърихӣ, анъана, адабиёт, забон, дину мазҳаб ва маърифати халқ маншаъ мегирад.

Пайдоиши арзишҳои миллӣ ба равандҳои таърихӣ, муҳити географӣ, падидаҳои фарҳангии қадим, ҳамзистии халқҳо ва дастовардҳои маънавии ниёгон алоқаманд аст. Олимон таъкид менамоянд, ки арзишҳо ҳамчун системаи меъёрӣ ва ахлоқӣ, пас аз таҳаввулоти иҷтимоӣ ва таҷрибаи тӯлонии таърихӣ шакл гирифтаанд. Забони модарӣ, осори мардумӣ, фолклор ва этнография ҳамчун асосҳои пайдоиш ин арзишҳоро устувор нигоҳ медоранд [10, саҳ. 4].

Таркиби арзишҳои миллӣ маъмулан ба се гурӯҳ шомил аст:

- Арзишҳои моддӣ: мероси таърихӣ, биноҳо, рӯйдодҳои воқеӣ, либоси миллӣ, санъатҳои анъанавӣ.
- Арзишҳои маънавӣ: забон, адабиёт, урфу одат, ахлоқ, фарҳанги маърифатӣ, боварҳои рӯҳонӣ ва орзуву ормонҳои иҷтимоӣ.
- Арзишҳои иҷтимоӣ: муносибати байнифардию ҷамъиятӣ, ваҳдати иҷтимоӣ, эҳтироми калонсолон, ёрмандӣ ва меҳрубонӣ.

Таҳқиқоти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон собит мекунад, ки арзишҳои миллӣ танҳо як мавзӯи абстрактӣ нестанд, балки дар зиндагии ҳаррӯзаи мардум, сиёсат, иҷтимоъ ва мафкураи миллӣ ҷойгоҳи возеҳ доранд [2, саҳ. 7]

Дар ҷомеаи тоҷик, арзишҳои миллӣ ҳамчун заминаи асосии худшиносӣ, истиқлолу ҳувияти миллӣ ва рушди устувор ба ҳисоб мераванд. Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон дар асарҳояш таъкид менамояд, ки "ҳифзи арзишҳои миллӣ кафолати бақо ва пешрафти миллат аст" [7, саҳ. 22]. Арзишҳои маънавӣ, хусусан эҳтиром ба забон, фарҳанги анъанавӣ ва қадргузорӣ ба мероси таърихӣ, ҳамчун шарти калидӣ барои таъмини ваҳдати миллӣ баромад мекунад.

Ин арзишҳо, беш аз ҳама, дар тарбияи фарзанд, мактаб, муносибатҳои иҷтимоӣ ва дар сиёсати давлатӣ мустаҳкам рушд меёбанд. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки бе ҳифзи арзишҳои миллӣ наметавон насли оянда ва маърифати шаҳрвандиро тақвият бахшид [10, саҳ. 5].

Тағйирёбии арзишҳои миллӣ дар давраи ҷаҳонишавӣ ба шакл ва муҳтавои фарҳанг, ахлоқ ва зиндагии мардум таъсири амиқ гузоштааст. Ин раванди муносибатҳо, таҳаввулот ва мубодилаи фарҳангӣ боиси навсозӣ ва ғолибан тағйири унсурҳои анъанавии арзишҳои миллӣ мегардад. Тадқиқоти фаъоли маҳаллию байналмилалӣ собит менамояд, ки таъсири ҷаҳонишавӣ метавонад ду самт дошта бошад: мусбат (рушд ва омезиши нав) ва манфӣ (фурупошии аслу решаҳои миллӣ).

Омилҳои таъсиргузор хеле зиёданд:

- Технология ва васоити нав: Рафтори наврасон, забон ва урфҳои иҷтимоӣ таҳти таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ тағйир меёбанд.
- Муҳоҷират ва табодули фарҳанг: Муҳоҷират ва сафари ҷавонон, табодули донишҷӯён ва фаол шудани иртиботи байналмилалӣ, эҳсоси арзишҳои навро ба ҷомеа оварда, анъанаҳои қадимро ларзоиш медиҳанд.
- Таъсири шабакаҳо ва ВАО: Дар замони интернет ва расонаҳо, тамошои фарҳанги ғарбӣ ва таъсири забонҳои хориҷӣ, ба фурӯпошии баъзе унсурҳои анъанавӣ сабаб мешавад [9, саҳ. 58].

Тибқи таҳқиқот, таҳаввулоти муносибат ба либоси миллӣ, тарзи суханронӣ ва маърифати ахлоқии насли ҷавон баъд аз солҳои 2000 ба куллӣ дигаргун шудааст. Бисёр наврасон бештар ба арзишҳои глобалӣ — аз кино, мӯд, мусиқии хориҷӣ ва тарзи тафаккур таваҷҷуҳ мекунанд, ки баъзан бо арзишҳои суннатии тоҷикӣ мухолифанд [1, саҳ. 70–71]. Аз тарафи дигар, бо вуҷуди ин тағйирёбӣ, дар бархе ҷабҳаҳо — масалан, идҳои суннатӣ, маъракаи арӯсӣ, эҳтироми калонсолон — омезиши арзишҳои нав бо аслу решаҳои қадим қавӣ сурат мегирад[1, саҳ. 16–18].

Ҷанбаҳои мусбат ва манфии тағйирёбӣ

- Ҷанбаҳои мусбат: Ҷаҳонишавӣ имконият ба муқобилияти нав меофарад — аз ҷумла, густариши имкониятҳои таълимӣ, озмуни илмӣ, рушди донишҳои муосир ва иловаи унсурҳои созандаи ҷаҳонӣ ба фарҳанги миллӣ.
- Ҷанбаҳои манфӣ: Падидаи "фурӯпошии ҳувият" ва "мухолифати наслҳо" бар асари таъсири арзишҳои ғарбӣ метавонад ба суст шудани омилҳои анъанавӣ, кам шудани завқи забони модарӣ ва сард шудани робитаи байни наслҳо оварда расонад [1, саҳ. 42].

Дар марҳилаи муосир, муҳимтарин хатарро таҳқиқотчиён фурӯпошии баъзе унсурҳои ғайримоддӣ ва маънавии фарҳанги миллӣ арзёбӣ мекунанд, ки бештар дар байни ҷавонон дида мешавад. Ҷаҳонишавӣ, бо таҳрики табодули фарҳанг ва густариши технология, сабаби васеъ шудани дастраси ҷавонон ба иттилоот, расонаҳо ва мӯду меъёрҳои хориҷӣ мегардад — ин ҳолат метавонад ба коҳиш ёфтани эҳсоси мансубият ва ҳифзи арзишҳои аслӣ оварда расонад. Яке аз таҳдидҳои ҷиддӣ, бегонашавии забон аст: дар муҳити муосир вожагон ва истилоҳоти ғайр аз забони модарӣ ба зисти ҳаррӯзаи ҷавонон роҳ ёфта, эҳтиром ба забон ва адабиёти миллӣ коста мешавад. Ба вижа таҳқиқоти

навини Муҳаммадҷонов нишон медиҳад, ки на танҳо забон, балки бархе муқаррароти ахлоқӣ ва иҷтимоии анъанавӣ низ ба фишори тағйироти берунии фарҳанг асар мегузоранд (Муҳаммадҷонов, 2023, саҳ. 44).

Хатари дигари ҷаҳонишавӣ «фардишави»-и аз ҳад зиёд ва заъифи робитаҳои иҷтимоӣ дар муҳити анъанавӣ ба ҳисоб меравад. Ин раванд метавонад боиси миёнравӣ ва дучархагунӣ миёни наслҳо, коҳиши таъсири волидон ва анъанаву урфиятҳои қадим гардад (Абдураҳимов, 2022, саҳ. 71). Инчунин, таъсири расонаҳои муосир, кино ва шабакаҳои иҷтимоӣ мунҷар ба бартараф шудани баъзе маърифати суннатӣ, омадани тарзи нави либоспӯшӣ, тағйири арзишҳои оилавӣ ва муносибатҳои гендерӣ хоҳад шуд. Ин ҳама, агарчи дар баъзе ҳолатҳо рушди тамаддунро таъмин мекунад, аммо метавонад таҳдид ба устувории пайвастагии фарҳангӣ бошад.

Дар натиҷа, ҷомеаи тоҷик бояд ба ҳифзи арзишҳои калидӣ — забон, эҳтироми калонсолон, маърифати миллат, мероси таърихӣ ва рамзҳои маънавӣ — таваҷҷӯҳ ва чорабиниҳои намояд, то дар шароити рақобат ва таъсири қавии беруна, ҳувият ва асолати миллӣ нигоҳ дошта шавад.

Ҷаҳонишавӣ новобаста аз хатари фурӯпошии баъзе унсурҳои анъанавӣ, имкониятҳои мусбӣ низ барои рушди арзишҳои миллӣ ба миён мегузорад. Равандҳои табодули озоди иттилоот, технологияи нав, вусъати иртиботи байналмилалӣ, сафари донишмандон ва донишҷӯён ба кишварҳои гуногун боис ба густариши ҷаҳонбинӣ ва мустаҳкам гардидани шуури миллӣ мегардад. Ҷомеаи тоҷик дар шароити ҷаҳонишавӣ метавонад бо истифода аз илму фарҳанг, таҷрибаи давлатҳои пешрафта ва дастовардҳои коммуникатсионӣ арзишҳои миллиро такмил диҳад. Масалан, имконияти ривоҷи забони тоҷикӣ дар платформаҳои рақамиву фарҳангӣ, дастрасӣ ба манобеи илмии байналмилалӣ ва паҳн шудани тадқиқотҳои миллӣ дар доираи конгресҳои ҷаҳонӣ фазои беҳамто барои эҳёи эҳтироми худшиносӣ ва худбаҳодиҳӣ эҷод мекунад.

Ҷаҳонишавӣ ба муошират боз бо миллатҳо ва фарҳангҳои гуногун мусоидат намуда, шароит фароҳам меорад, ки арзишҳои миллӣ дар муҳити нав бозсозӣ ёбанд, паҳн шаванд ва ҳатто намунаи ибрат гарданд. Ин омил барои бозсозии баъзе унсурҳои қадим, рангорангии фарҳанг ва ҳамзамон ҷалби муҳтавои муосир ба арзишҳои миллӣ шароит муҳайё мекунад. Ба гуфти бархе муҳаққиқон, таносуб ва мутобиқкунии арзишҳои иҷтимоии ватанӣ бо унсурҳои созандаи ҷаҳонӣ метавонад барои рушди илм, маориф, тарбия ва ҳамкории байналхалқии ҷавонон заминаи устувор гузорад (Шодиматова, 2022, саҳ. 28–29).

Қобили зикр аст, ки дар фазои муосир арзишҳои маънавие чун масъулияти шахсӣ, ҳуқуқи инсон, фаъолияти созандагӣ, такмили малакаи шаҳрвандӣ ва рушди воситаҳои худидоракунӣ дар ҷомеаи тоҷик тавассути платформаҳои муосир ривоҷ меёбанд. Ин раванд, алалхусус, барои ҷавонон имконияти иштирок дар фестивалҳо, форумҳо ва муаррифии фарҳанги тоҷикӣ дар сатҳи байналмилалиро фароҳам месозад, ки худ навъи дигари ҳифз ва мустаҳкамкунии арзишҳои миллӣ мебошад. Чунин омезиши ҷанбаҳои созандаи миллӣ ва унсурҳои пешқадами ҷаҳонӣ метавонад асоси ташаккули фасли нави ҳувияти миллӣ ва такмили усулҳои тарбияи ҷавонон гардад.

Ҳифз ва таҳкими арзишҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ тақозо менамояд, ки ҷомеа ва ниҳодҳои давлатӣ ташаббус ва чораҳои муассиреро амалӣ созанд. Якум, лозим аст нигаҳдории забони модарӣ ҳамчун рамзи худшиносии миллӣ дар маркази диққати мактаб, донишгоҳ ва ВАО қарор гирад. Ин тадбир на танҳо тавассути таълим, балки бо роҳандозии фаъолиятҳои фарҳангӣ – озмунҳо, курсиҳо, форум ва фестивалҳо – омода шуданаш мумкин аст. Дуввум, масъалаи таълими фарҳанг ва ахлоқи суннатӣ дар муассисаҳои таълимӣ бояд бо методҳои мутобиқ ба шароити муосир такмил ёбад, то ҷавонон арзишҳоро на бо шакли анъанавӣ, балки дар раванди таълими инноватсионӣ ва рақамӣ омӯзанд. Олимон бар зарурати омӯзиши фарҳанги миллӣ бо истифода аз

технологияи навин — подкаст, видеомавод, субтитр ва шабакаҳои иҷтимоӣ — таъкид мекунанд.

Роҳи дигари муҳим, ин эҳё ва ташвиқи мероси фарҳангии моддӣ ва ғайримоддӣ тавассути ташкил кардани музейҳо, намоишгоҳҳо, барномаҳои муаррифии ҳунармандӣ, баргузор кардани ҳафтаи фарҳанги миллӣ ва рӯйдодҳои байналмилалӣ мебошад. Ин чораҳо барои ошноии насли ҷавон бо аслу решаҳои фарҳангӣ ва таърихии миллат мусоидат намуда, имконият фароҳам меоранд, ки арзишҳо дар муҳити рақобат ва омезиш ҷойгоҳ ва нуфузи худро аз даст надиҳанд.

Тавсияҳои дигари муҳаққиқон рушди сиёсати ҳифзи арзишҳои миллӣ аз ҳисоби қонунгузорӣ ва тарғиби арзишҳои маънавӣ дар ВАО мебошад. Таъмини дастрасии васеъ ба китобҳои миллии электронӣ, пажуҳишҳои илмӣ, маърифати ҳуқуқӣ метавонад таъсири мусбат дошта бошад. Дар ин росто, ба афкори ҷомеа бо роҳҳои ҷаззобу инноватсионӣ таъсир расонидан — мисли тарроҳии бозӣ, истифодаи инфлюенсерҳои миллӣ ва омода кардани контенти фарҳангии муосир — натиҷа медиҳад. Масъалаи муҳим, ҳамчунин, тарбияи солими шаҳрвандӣ аз тариқи барномаҳои омодагӣ, тренинг ва машваратҳои махсус барои устодон ва падару модар аст. Чунин тадбирҳо — дар ҳамоҳангӣ бо рушди технология, омӯзиши фарҳанг ва забон, эҳёи анъанаву тантанаҳо ва тақвияти иртиботи байни наслҳо — самти пешқадам ва бунёдии ҳифзи арзишҳои миллӣ шуморида мешаванд.

Дар марҳилаи аввали асри XXI, ҷаҳонишавӣ ба яке аз масъалаҳои асосии илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ табдил ёфтааст. Равандҳои ҷаҳонишавӣ на танҳо сохтори геополитикӣ ва иқтисодиро тағйир доданд, балки ба тарзи тафаккур, фарҳанг ва худшиносии миллии одамон низ таъсири амиқ гузоштанд. Глобализатсия ҳамчун феномени фарогир дар байни ҷомеаҳои мухталиф шароитеро фароҳам овардааст, ки ормонҳои миллӣ, урфу одат ва арзишҳои маънавӣ дар фазои боз ва рақобатпазир қарор доранд.

Дар таърихи муосир, падидаи глобализатсия боиси пайдоиши шаклҳои нав ва динамикаи тоза дар муносибат ва табодули арзишҳо мегардад. Ба вижа дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон, равандҳои иқтисодии озод, дастрасии васеъ ба технологияҳо, воридшавии фарҳангҳои хориҷӣ ва афзудани муҳоҷират сабаб шудаанд, ки арзишҳои анъанавии тоҷикӣ дар паҳлуи фармудаҳои нав мувоҷеҳ гарданд.

Глобализатсия, ки асосан тариқи муттаҳидсозии бозорҳои иқтисодӣ, расонаҳои муосир, шабакаҳои иттилоотӣ ва муносибатҳои дипломатӣ амалӣ мешавад, метавонад ҳам заминаи нави инкишофи фарҳанг ва ташаккули ҳувияти устувор фароҳам орад, ҳам тағйироти босуръат ва дағалро ба муқобилияти суннати таърихӣ ва арзишҳои миллии тоҷикӣ равона кунад. Ин нуфуз, аз як тараф имкониятҳои мусбате чун рушди маориф, зеҳни илмӣ, муошират озод ва фарогирии тафаккури ҷаҳонӣ эҷод мекунад; аз тарафи дигар, хатарҳое чун фишори арзишҳои бегона, коҳиши риояи нормҳо ва анъанаҳои миллӣ, сустии эҳсоси худшиносӣ ва бегонашавии ҷавононро вусъат мебахшад.

Сабаб ва зарурати амиқ омӯхтани ҷаҳоншавӣ ва таъсири он ба арзишҳои миллӣ, дар асоси таҷрибаи дастаи муҳаққиқон ва таҳлили мушаххаси тадқиқоти илмӣ, муайян мекунад, ки танҳо бо омӯзиш ва мутобиқсозии сиёсат, маориф ва фарҳанг метавон ба як муносибати мутавозин ва устувор даст ёфт. Таҳлили мактаби таҳқиқоти маҳаллӣ ва байналмилалӣ шоистаи он аст, ки равандҳои глобализатсияро ҳам таҳдид ва ҳам имконият барои эҳёи арзишҳои миллӣ арзёбӣ кунем ва дар асоси пешниҳодҳои олимон, рӯи роҳи ҳалли мушкилот ва самти пешрафт фаъолият намоем.

Хулоса ва таклифҳо

Дар заминаи таҳқиқоти ин мақола равшан мегардад, ки раванди ҷаҳонишавӣ барои арзишҳои миллӣ дуҷониба таъсир мерасонад: аз як тараф, таҳдидҳоеро эҷод мекунад, ки метавонанд ба фурӯпошии унсурҳо, коста шудани мансубияти миллӣ ва заъфи ҳувияти

фарҳангӣ сабаб шаванд; аз тарафи дигар, имкониятҳои мусоиде фароҳам меорад, ки бо истифодаи дуруст ва андешаманд барои рушди худшиносӣ, омезиш ва рушди иҷтимоӣ хидмат мекунад. Таҳдидҳои асосиро метавон дар воридшавии арзишҳои бегона, коҳиши эътибори забон ва фарҳанг, тағйири тарзи зиндагии ҷавонон, ҷойгузини баъзе унсурҳои суннатии маориф ва муносибати иҷтимоӣ мушоҳида кард. Имкониятҳо — ба вусъати иртибот, дастрасии васеъ ба дониш, ривоҷи созандагии байналмилалӣ, суръати рушди технология ва эҳёи тағйироти мусбат такя мекунанд.

Барои миёнаравӣ ва бартараф намудани хатари бегонашавӣ, мутаассифона, танҳо интиқоли арзишҳои қадимӣ кифоя нест. Пешниҳоди таклифҳои воқеӣ ва мутобиқ ба шароити аср мева медиҳад. Сиёсатмадорон бояд дар қонунгузории фарҳанг ва ҷомеа тадбирҳои устувор амалӣ созанд, ки забон, фарҳанг ва адоби миллӣ дар меҳвари фаъолияти расмӣ ва иҷтимоӣ қарор гирад. Ҳифзи забони модарӣ, эҳё ва таблиғи арзишҳои ахлоқию маънавӣ бояд тавассути лоиҳаҳои муҳими давлатии фарҳанг, грантҳои илмӣ ва платформаҳои рақамӣ дастгирӣ ёбад. Пешниҳод мешавад, ки лоиҳаҳои инноватсионии омӯзиши фарҳанг ва ҳунари миллӣ дар низоми таҳсилоти умумӣ ҷой дода шавад, то насли нав бо истифодаи технологияҳои муосир дар муҳити рақобатзнавиш ва таъсироти ҷаҳонӣ ҳувият ва эътибори миллиро ҳифз кунад.

Ҷомеа ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вазифадор доранд, ки бо ташаббуси урфу одат, ташкил кардани чорабиниҳои густурдаи миллӣ, таҳкими иртиботи байни наслҳо, ва дастгирии ҷавонон дар шароити муқобилияти фарҳангҳои хориҷӣ, табодули таҷриба ва маданияти забони модариро ривоҷ диҳанд. Ин тадбирҳо дар баробари густариши ВАО ва иртибототи электронии дохилӣ бояд бо ҳаракати созандаи фарҳанг густариш ёбад, то вазъи арзишҳо устувор ва самаранок хоҳад буд.

Олимон ва марказҳои илмиро муҳим аст, ки пайваста тадқиқоти нави сотсиологӣ, таърихӣ ва филологӣ анҷом диҳанд, то раванди тағйирот ва омезиши арзишҳоро дар заминаи ҷаҳонишавӣ амиқ омӯзанд, таҳлили муқоисавӣ анҷом диҳанд ва ба сиёсати давлатӣ тавсияҳои илмӣ, асоснок ва замонавӣ пешниҳод кунанд. Асарҳои навини илмӣ бояд барои ҷомеа фаҳмо, муфид ва мутобиқ ба ниёзҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ таҳия шавад, то насли ҷавон ва қишрҳои гуногуни ҷомеа аз таҷрибаи илмии муосир истифода баранд.

Дар хулоса, раванди ҷаҳонишавӣ талаб мекунад, ки ҷомеаи тоҷик, ниҳодҳои давлатӣ ва муҳаққиқон бо ҳифзи унсурҳои аслӣ, пешниҳоди навгониҳо ва истифодаи имкониятҳои муосир, арзишҳои миллиро на танҳо нигоҳ доранд, балки такмил ва таҳким бахшанд. Танҳо бо тадбирҳои устувор ва андешаманд, ҷомеа метавонад дар шароити мураккаби ҷаҳонӣ ҳувияти миллӣ ва дастоварди аслро таъмин намояд.

АДАБИЁТ

1. Абдураҳимов, Қурбоналӣ. 2022. “Муҳоҷират ва ҷаҳонишавии арзишҳо: Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир.”//Қ.Абдураҳимов. Душанбе: Меҳргон, саҳ. 67–72, 70–71.amit

2. Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 2025. “Ҳифзи арзишҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ.” Хабарнома, с. 89.amit

3. Мақолаҳо аз osiyoavrupo.tj. 2022. “Моҳияти арзишҳои миллӣ дар эҳёи фарҳанги миллӣ”, саҳ. 16–18. philosophical.tnu

4. Мақолаҳо аз Осорхонаи аврупоӣ. 2022. “Омилҳои иҷтимоии ҷаҳонишавӣ ва рушди фарҳангӣ.” OsiyoAvrupo.tj. с. 25

5. Муҳаммадҷонов, Камолиддин. 2023. “Ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулоти арзишҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон.”//К.Муҳаммадҷонов. Душанбе: Фарҳанг, саҳ. 41–44, 42.

6. Назарзода, Сайфиддин. 2024. “Ҳувияти миллӣ ва арзишҳои муносиб.”//С.Назарзода “Jumhuriyat” №18, саҳ. 15–16. ravshanfikr

7. Раҳмон, Эмомалӣ. 2021. “Тоҷикон дар оинаи таърих.”//Э.Раҳмон. Душанбе: Ирфон, с. 22

8. Хушвахтзода, Қобилҷон. 2023. “Арзишҳои миллӣ ва худшиносии миллӣ дар Тоҷикистон.”//Қ.Хушвахтзода. Душанбе: Садои Шарқ, с. 175.

9. Шарифзода, Лола. 2021. “ВАО ва тағйири фарҳангии наслҳо дар Тоҷикистон.”//Л.Шарифзода. Душанбе: Ҷавонӣ, с. 58, 60.facebook

Шодиматова, М. 2022. “Таркиби арзишҳои миллӣ ва инъикоси онҳо дар худшиносии миллии тоҷик.”//М.Шодиматова. Душанбе: Маориф, саҳ. 27–28.ravshanfikr

УДК: 338.15.8(575.3)

ОМӮЗИШИ МАЛАКАҲОИ АМАЛӢ (МАСТЕР КЛАСС)

ОБУЧЕНИЕ ПРАКТИЧЕСКИМ НАВЫКАМ (МАСТЕР-КЛАСС)

PRACTICAL SKILLS TRAINING (MASTER CLASS)

ШЕРДИЛОВА С.Ф. - Институти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, и.в.дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ Суроға:734055, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Борбад 48/5, E-mai:l ssherdilova@bk.ru Тел: +(992) 908-03-55-88

ШЕРДИЛОВА С.Ф. - Институт цифровых технологий и искусственного интеллекта Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, кондидат филологических наук, и.дотцент кафедры гуманитарных и естественно-математических наук, Адрес:734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Борбад 48/5, E-mail ssherdilova@bk.ru Тел: +(992) 908-03-55-88

SHERDILOVA S.F. - Institute of Digital Technologies and Artificial Intelligence of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, a.associfte professor at the Department of Humanities and Natural Sciences Addres:734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbad Str., 48/5 a. E-mail ssherdilova@bk.ru Тел: +(992) 908-03-55-88

Аннотатсия:Дар мақолаи мазкур масъалаи омӯзиши малакаҳои амалӣ ва аҳаммияти онҳо дар раванди таълим ва рушди касбӣ таҳқиқ гардидааст. Малакаҳои амалӣ ҳамчун асоси таъмини таҷрибаи муваффақ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти касбӣ арзёбӣ мешавад. Муаллиф бо роҳу усулҳои самараноки омӯзиши малакаҳои амалӣ таваҷҷӯҳ намуда, механизмҳои татбиқи онҳо дар муҳити таълимро таҳлил менамояд. Бо истифода аз методҳои таҳқиқотӣ, аз ҷумла мушоҳида, мусоҳиба ва таҳлили маводи амалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Мақсади асосӣ муайян кардани омилҳои муассир дар такмили малакаҳои амалӣ ва пешниҳоди тавсияҳо барои беҳтар намудани раванди омӯзиш мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки истифодаи усулҳои интерактивӣ ва омӯзиши таҷрибавӣ таъсири мусбат ба омӯхтани малакаҳои амалӣ дорад ва имкон медиҳад, ки иштирокчиён дар муҳити воқеӣ таҷриба андӯхта, қобилиятҳои худро такмил диҳанд.
Калидвожаҳо: омӯзиш, малака, таҷриба амалия, рушди шахсӣ, интерактивӣ, малакаҳои нав, такмили ихтисос, омӯзиши фаннӣ, омӯзгори ботаҷриба.

Аннотатция: В данной статье рассматривается вопрос обучения практическим навыкам и их значение в процессе обучения и профессионального развития. Практические навыки оцениваются как основа обеспечения успешного опыта в различных сферах жизни и профессиональной деятельности. Автор фокусируется на эффективных способах и методах обучения практическим навыкам и анализирует механизмы их применения в учебной среде. Были рассмотрены с использованием методов исследования, включая наблюдение, интервью и анализ практических материалов. Основная цель состоит в том, чтобы определить эффективные факторы для улучшения практических навыков и дать рекомендации по улучшению процесса обучения. Результаты исследования показывают, что использование интерактивных методов и экспериментального обучения оказывает

положительное влияние на обучение практическим навыкам, позволяя участникам приобретать опыт в реальной среде и улучшать свои способности.
Ключевые слова: обучение, навыки, практический опыт, личностное развитие, интерактивность, новые навыки, повышение квалификации, предметное обучение, опытный преподаватель.

Annotation: This article examines the issue of practical skills training and their importance in the learning and professional development process. Practical skills are assessed as the basis for ensuring successful experience in various spheres of life and professional activity. The author focuses on effective ways and methods of teaching practical skills and analyzes the mechanisms of their application in the learning environment. They were reviewed using research methods, including observation, interviews, and analysis of practical materials. The main goal is to identify effective factors for improving practical skills and provide recommendations for improving the learning process. The results of the study show that the use of interactive methods and experimental learning has a positive impact on learning practical skills, allowing participants to gain experience in a real environment and improve their abilities.
Keywords: learning, skills, practical experience, personal development, interactivity, new skills, professional development, subject training, experienced teacher.

Дар ҷаҳони муосир, ки суръати тағйирот ва рушди технологӣ хеле баланд аст, доштани малакаҳои амалӣ барои ҳар як шахс нақши асосиро мебозад. Малакаҳои амалӣ на танҳо ба беҳтар шудани сифати иҷрои вазифаҳо мусоидат мекунад, балки барои мутобиқшавӣ ба муҳити тағйирёбандаи кор ва ҳаёт низ заруранд. Бо вуҷуди он ки донишҳои назариявӣ барои фаҳмиши мавзуъот муҳим мебошанд, маҳз малакаҳои амалӣ мебошанд, ки шахсро қобилияти истифодаи ин донишҳоро дар амал фароҳам меоранд. Дар шароити муосири рушди илму техника, низоми таълим талаб мекунад, ки донишҷӯён на танҳо донандаи маълумот бошанд, балки тавоноии таҳлил, баҳодиҳӣ ва қабули қарорҳои одилона дошта бошанд. Омӯзиши ин гуна малакаҳо, аз ҷумла тавассути усулҳои интерактивӣ ва таҷрибаомӯзӣ, ба рушди касбии шахс ва баланд бардоштани сатҳи самаранокии фаъолияти ӯ мусоидат мекунад. Дар ин мақола масъалаҳои мухталифи омӯзиши малакаҳои амалӣ, роҳу усулҳои татбиқи онҳо ва аҳаммияти онҳо дар таълим ва рушди шахсият мавриди таҳлил қарор дода мешаванд.

Омӯзгорон дар ҳар давру замон кӯшиш мекарданд, ки маҳорати педагогиро ба таври гуногун муайян кунанд. Масалан, А. Дистервег чунин мешуморид, ки педагог устод аст ва танҳо ӯ «қобилияти маърифатии рушдёфта, дониши комил дар бораи маводи таълимӣ, ҳам аз ҷиҳати мундариҷа ва ҳам шакл, ҳам моҳияти он ва ҳам усули таълим» дорад. А.С.Макаренко бар он ақида буд, ки моҳияти маҳорати педагогӣ дар дониш ва малакаҳо зоҳир мешавад [1, с.268].

Дар адабиёти муосири педагогӣ ба тавсифи мафҳуми мазкур ҷузъҳои зерин дохил карда мешаванд:

-ахлоқӣ-педагогӣ;
- қобилиятҳои касбӣ;
- техникаи педагогӣ;
- сифатҳои муайяни шахсият, ки барои амалӣ намудани фаъолияти касбӣ заруранд.

Дар шароити муосир омӯзгор соҳиби таҷрибаи педагогиест, ки дорои малакаҳои таҳқиқотӣ мебошад, хусусиятҳои кори таҷрибавиро медонад, қобилияти таҳлили технологияҳои инноватсионии педагогиро дорад, мундариҷаро интихоб ва дар амал татбиқ мекунад, қобилияти пешгӯии натиҷаҳои фаъолияти худро соҳиб буда, тавсияҳои методиро таҳия мекунад.

Асоси маҳорати педагогиро ҷузъҳои асосии зерин фаро мегиранд: шахсияти педагог, дониш ва таҷрибаи педагогӣ. Омӯзгор тамоми умр меомӯзад, дар рушду такамули доимӣ қарор дорад ва тамоми ҳаёт муҳаққиқ аст. Маҳорат, одатан, бо таҷрибаи зиёд алоқаманд аст. Қадами аввал ба сӯйи маҳорати педагогӣ эҷодкорӣ аст. Бо вуҷуди хусусияти оммавии касби педагогӣ аксари омӯзгорон шахсиятҳои эҷодӣ мебошанд, ки зина ба зина соҳиби маҳорат мешаванд. Дар маҳорати омӯзгор чор унсури нисбатан мустақилро ҷудо кардан мумкин аст:

- маҳорати ташкил намудани фаъолияти дастаҷамъӣ ва инфиродии донишҷӯён;
- маҳорати боваркунонӣ;
- маҳорати интиқоли дониш ва ташаккули таҷрибаи фаъолият;
- маҳорати донистани техникаи педагогӣ.

Дар марҳилаи муосири рушди маориф омӯзиш, ҷамъбаст ва паҳн кардани таҷрибаи инноватсионии педагогӣ муҳим мебошад. Яке аз шаклҳои самараноки паҳн кардани таҷрибаи педагогӣ шакли муосири кори методӣ ба монанди маҳорати педагогӣ мебошад. Ин мафҳум дар бисёр соҳаҳои фаъолияти инсон, аз ҷумла, дар соҳаи маориф васеъ истифода мешавад. Аксар вақт дар ҷомеаи педагогӣ маҳорати педагогӣ, дарси кушод, чорабинӣ, муаррифии дастовардҳои омӯзгорро дар назар дорад, аммо ин комилан дуруст нест.

Дар адабиёти педагогӣ даҳҳо таърифи мафҳуми «маҳорати педагогӣ» мавҷуд аст.

Дар навбати аввал, маҳорати педагогӣ шакли намоиши имконоти нави педагогикаи рушд мебошад.

Намунаи технологияи интерактивӣ «маҳорати педагогӣ» ба ҳисоб меравад, ки омӯзгор дар нақши устод, мушовир, ташкилотчии фаъолияти эҷодкоронаи таълим худро муаррифӣ мекунад.

Истифодаи «омӯзиши малакаҳои амалӣ» - ро олимон дар раванди таълим ҳамчун шакли интиқоли дониш, маҳорат, таҳқиқ ва баҳогузорӣ намудаанд: Е.В.Галитский, Г.К.Селевко, Г.А.Русский, М.М.Поташник ва дигарон, ки дар тафсири он ба ақидаи ягона наомадаанд. Дар таҳқиқоти онҳо хусусиятҳои асосии ин мафҳумро ҷудо кардан мумкин аст:

- «омӯзиши малакаҳои амалӣ» - яке аз шаклҳои таълим ва инкишоф, гирифтани донишҳои нав;
- «омӯзиши малакаҳои амалӣ» - шакли самараноки интиқоли дониш ва маҳорат, ивази таҷрибаи таълим ва тарбия;
- «омӯзиши малакаҳои амалӣ» - услуби махсуси ҷамъбасткунӣ ва паҳн кардани таҷрибаи педагогӣ;
- «омӯзиши малакаҳои амалӣ» - шакли махсуси машғулияти таълим, ки дар амалҳои намоиши ҳалли эҷодии масъалаҳои муайяни маърифатӣ ва муаммои педагогӣ асос карда шудааст;
- «омӯзиши малакаҳои амалӣ» - шиносоӣ бо методика, технологияҳо, коркарди муаллифии нав.

Асосгузори омӯзиши малакаҳои амалӣ дар шакли муосир Ференс Лист эътироф карда мешавад, ки соли 1869 дар Веймар маҳорати педагогӣ гузаронидааст. Дар машғулиятҳои ӯ бо мусиқидонон аллакай атрибутҳои асосии ин усул мавҷуд буданд: нишон додани малакаҳои худ аз ҷониби мусиқишиносони маҳаллӣ, кор бо роҳбарии устод, ҷузъиёти иҷро, таъсири аслии овоз, ибора ва ритм, ҳузури аудитория. Одатан, маҳорати педагогӣ барои 10-20 иштирокчӣ пешбинӣ шуда буд. Гарчанде ки Лист асарҳоро барои омодагӣ муайян намекард, аксар пешакӣ ҳайрон буданд, ки кадом асарҳоро барои синфи навбатии маҳорати педагогӣ таҷриба карда метавонанд.

Омӯзиши малакаҳои амалӣ шакли интерактивии омӯзиш ва мубодилаи таҷриба мебошад, ки формати омӯзиш ва конфронсро муттаҳид мекунад.

Омӯзиши малакаҳои амалӣ (мастер-класс) (аз забони англисӣ masterclass: master – беҳтарин дар ягон соҳа + синф-дарс) шакли муосири гузаронидани тренинг-семинари омӯзишӣ барои омӯзиши малакаҳои амалӣ оид ба усулҳо ва технологияҳои гуногун бо мақсади баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва табодули таҷрибаи пешқадами иштирокчиён, васеъ кардани доираи фаъолияти педагогӣ ва робитаю алоқа бо соҳаҳои нави дониш.

Омӯзиши малакаҳои амалӣ аз семинар бо он фарқ мекунад, ки дар омӯзиши малакаҳои амалӣ мутахассиси пешбар нақл мекунад ва муҳимтар аз ҳама, нишон медиҳад, ки чӣ гуна технология ё усули навро дар амал татбиқ кардан мумкин аст. Омӯзиши малакаҳои амалӣ аз ҷониби коршинос дар як фанни муайян барои онҳое, ки мехоҳанд дастовардҳои амалии худро дар ин масъала беҳтар кунанд, гузаронида мешавад.

Мавзуи омӯзиши малакаҳои амалӣ , аз ҷумла:

• баррасии мушкилот ва технологияҳои ҷорӣ;

• ҷанбаҳо ва усулҳои гуногуни истифодаи технология;

• усулҳои муаллифии истифодаи технология дар амал ва ғайра мебошад.

Вазифаҳои омӯзиши малакаҳои амалӣ:

• интиқоли таҷрибаи худ аз ҷониби устод (омӯзгор) тавассути намоиши мустақим ва шарҳи пайдарпайии амалҳо, усулҳо ва шаклҳои фаъолияти педагогӣ;

• коркарди якҷояи усулҳои методии устод ва усулҳои ҳалли мушкилоти дар барномаи омӯзиши малакаҳои амалӣ гузошташуда;

• инъикоси маҳорати касбии худ аз ҷониби иштирокчиёни маҳорати педагогӣ;

• кумак ба иштирокчиёни омӯзиши малакаҳои амалӣ дар муайян кардани вазифаҳои рушди худ ва ташаккули барномаи инфиродии таълим ва такмили худ.

Дар ҷараёни омӯзиши малакаҳои амалӣ иштирокчиён:

- омӯзиши рушд дар мавзуи маҳорати педагогӣ;
- дар муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада иштирок мекунанд;
- саволҳо дода, машварат гирифтан;
- масъалаҳои худ, саволҳо, таҳияро барои муҳокима пешниҳод намудан;
- пешниҳодҳои худро оид ба ҳалли масъалаҳои баррасишаванда пешниҳод мекунанд.

Ҳангоми тайёр кардани маҳорати педагогӣ бояд ба он диққат дод, ки дар технологияи гузаронидани маҳорати педагогӣ чизи асосӣ на муошират ва азхудкунии иттилоот, балки интиқоли усулҳои фаъолият, аз ҷумла, қабули усул ё технология бошад. Интиқоли усулҳои самараноки кор яке аз вазифаҳои муҳим барои устод мебошад.

Талабот барои ташкил ва гузаронидани омӯзиши малакаҳои амалӣ:

Омӯзиши малакаҳои амалӣ роҳи аслии ташкили фаъолияти омӯзгорон дар ҳайати гурӯҳи хурд (7-15 иштирокчӣ) мебошад. Омӯзиши малакаҳои амалӣ ҳамчун технологияи маҳаллии намоиши таҷрибаи педагогӣ бояд усули мушаххаси методӣ ё усул, методикаи таълим, технологияи таълим ва тарбияро нишон диҳад. Он бояд аз вазифаҳое иборат бошад, ки фаъолияти иштирокчиёнро барои ҳалли мушкилоти педагогӣ равона мекунанд.

Алгоритми технологияи омӯзиши малакаҳои амалӣ

1.Муаррифии таҷрибаи омӯзгории муаллим-устод:

- ғояҳои асосии технология мухтасар тавсиф карда мешаванд;
- дастовардҳо дар кор тавсиф карда мешаванд;
- самаранокии фаъолияти шунавандагон самаранокии технологияро нишон медиҳад, ки исбот карда мешавад;
- мушкилот ва дурнамо дар кори муаллим-устод муайян карда мешаванд.

2.Муаррифии системаи дарсӣ:

- системаи дарсҳо дар ҳолати технологияи пешниҳодшуда тавсиф карда мешавад;
- усулҳои асосии кор муайян карда мешаванд, ки устод ба шунавандагон нишон медиҳад.

1. Гузаронидани бозии тақлидӣ

- устод (омӯзгор) бо шунавандагон дарси омӯзишӣ мегузаронад, ки дар он усулҳои самараноки кор кардан бо хонандагон нишон дода мешаванд;
- шунавандагон, ҳамзамон, ду нақш мебозанд: шунавандагон ва коршиносоне, ки дар дарси кушод ҳузур доранд.

2. Моделикунонӣ:

- шунавандагон кори мустақилро оид ба сохтани модели таълими худ дар режими технологияи муаллим-устод иҷро мекунанд;
- устод нақши мушовирро иҷро мекунад, кори мустақили шунавандагонро ташкил ва онро идора мекунад;
- устод дар якҷоягӣ бо шунавандагон дар бораи моделҳои муаллифии машғулияти таълимӣ муҳокима мекунад.

5.Инъикос:

- дар натиҷаи фаъолияти муштараки устод ва шунавандагон муҳокима гузаронида мешавад.

Устоди кори худ, мутахассисони маъруфи амалкунанда, бо шунавандагон ягон усули беназиреро мубодила мекунанд, ки шахсан аз ҷониби онҳо истифода ва бомуваффақият ҷорӣ карда шудааст.

Усули гузаронидани маҳорати педагогиҳо ягон меъёри қатъӣ ва ягона надорад. Аксари он ҳам ба ҳиссиёти мутахассиси пешбар ва ҳам шунаванда асос ёфтааст.

Маънои омӯзиши малакаҳои амалӣ

Принсипи омӯзиши малакаҳои амалӣ: «ман медонам, ки чӣ тавр ба шумо таълим медиҳам.»

Омӯзиши малакаҳои амалӣ як раванди дуҷониба аст ва муносибати «омӯзгор – шунаванда» дар он комилан муҳим аст. Тамоси пайваста, муносибати амалан инфиродӣ ба ҳар як шунаванда он чизест, ки семинарҳоро аз ҳама шаклҳо ва усулҳои дигари таълим фарқ мекунонад.

Шакли кори маҳорати педагогӣ аз услуби фаъолияти касбии омӯзгор вобаста аст.

Модели имконпазири гузаронидани омӯзиши малакаҳои амалӣ

Марҳилаҳои кори малакаҳои амалӣ	Мазмуни марҳила	Фаъолияти иштирокчиён
Омодасозӣ-ташкилотӣ: Муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳо (ҳадафи умумии дидактикӣ, ҳадафи сегона: таълимӣ, рушд ва тарбиявӣ).	Ба ҷо овардани одоби салом, сухани муқаддимавии устод, оғози ғайриодии дарс	Онҳо ба муколама дохил мешаванд, мавқеи фаъолро нишон медиҳанд ва бо ин роҳ ба устод дар ташкили дарс кумак мекунанд.
Қисми асосӣ: Мундариҷаи маҳорати педагогӣ, қисми асосии он: нақшаи амал, ки татбиқи мавзуъро марҳила ба марҳила дар бар мегирад.	Тавсияҳои методии омӯзгор барои такрори мавзуи маҳорати педагогӣ: Намоиши усулҳои дар раванди маҳорати педагогӣ истифодашаванда, намоиши усулҳои худ бо шарҳҳо	Вазифаҳоро мувофиқи вазифаи муайяншуда иҷро мекунанд, эҷоди инфиродии пешбинишуда.

• Эълоннома намоиши корҳои иҷрошуда • Калимаи ниҳоӣ • Таҳлили вазъият аз рӯйи меъерҳо: • азхудкунии усулҳои умумиинтеллектуалии фаъолият; • рушди қобилияти инъикос; • рушди фарҳанги коммуникатсионӣ.	Мубодилаи афкори ҳозиринро ташкил мекунад, ба ҳодисаҳо баҳо медиҳад	Инъикос-фаъолсозии худбаҳодиҳӣ ва равандҳои равонӣ (шуур, тафаккур) дар бораи фаъолият дар маҳорати педагогӣ

Дастурҳо оид ба омодагӣ ва гузаронидани омӯзиши малакаҳои амалӣ

(А.В. Заруба, н.и. педагогӣ, омӯзгори соли Россия -1992) [2, с.57-60]

1. Идеяи пешбари педагогиро интихоб кунед, ки мехоҳед дар омӯзиши малакаҳои амалӣ намоиш диҳед ва онро ба мавзуъ пайваст кунед.

2. Ҳадафҳо ва вазифаҳоро дар робита бо мавзуе, ки мехоҳед дар омӯзиши малакаҳои амалӣ ба даст оред, муайян кунед.

3. Мушкилот, савол, парадоксро ба мавзуи худ ворид кунед ва ба «шунавандагон» таваҷҷуҳ кунед.

4. Воситаҳои техникӣ (ҳадди аққал) ва шаклҳои гуногуни корро ба ҳадафҳо ва вазифаҳои додашуда мувофиқат кунед. Онҳо идеяи пешрафтаи педагогиро ошкор мекунанд.

6. Фантазияро дохил кунед, тарҳи ҷолиби омӯзиши малакаҳои амалиро таҳия кунед.

7. Нақшаи муфассали дарсро тартиб диҳед.

8. Пеш аз оғози маҳорати педагогӣ техника ва кори микрофонҳоро бодиққат тафтиш кунед.

9. Курсиҳо, мизҳо ва тахтаро тавре ки ба шумо лозим аст, ҷойгир кунед.

Вақте ки шумо ин амалҳоро иҷро кардед, ба ташкилкунандагон супориш диҳед, ки чӣ кор кунанд.

1. Кӯшиш кунед, ки бо овози баланд ва на оромона, балки бо интонатсияҳои гуногун (на якранг) сухан гӯед.

2. Худатон танҳо ба микрофон сухан гӯед, то ҳама дар толор бишнаванд. Қувваи овоз ва овози шунавандагонро аз рӯйи садои баландгӯякҳо назорат кунед.

3. Шумо наметавонед тамоми маҳорати педагогиро ба таври лексия иҷро кунед.

4. Омӯзиши малакаҳои амалӣ -ро танҳо ба бозӣ табдил надиҳед. Як шакли кор дар омӯзиши малакаҳои амалӣ қобили қабул нест.

5. Хусусияти мавзуъро нишон диҳед (баъзан дар охири дарс тамошобинон ва ҳакамон мавзуи таълимро намефаҳманд).

6. Ин дарс барои мутахассисони ин самт нест. Вазифа ин аст, ки мушкилотро равшан кунем, ба мушкилоти умумиинсонӣ, ки ҳамаро ба ташвиш меорад, дахл кунем.

7. Технологияҳои нави иттилоотиро танҳо дар сурате истифода баред, ки онҳо ба таври органикӣ ба идеяи дарси шумо дохил шаванд.

8. Сарфаи саломатӣ набояд аз мадди назар дур бошад, балки унсури органикии дарс гардад.

9. Кӯшиш кунед, ки на танҳо худ, балки шунавандагонро низ нишон диҳед.

10. Аз додани саволҳои душвор натарсед.

11. Дар охир таҳлили мухтасари дарсро бо шунавандагон гузаронед.

Алгоритми омӯзиши малакаҳои амалӣ (Н. И. Ведерникова)[12, с.85-97].

Сохтори гузаронидани «Омӯзиши малакаҳои амалӣ»:

1. Муаррифии таҷрибаи педагогии омӯзгор-устод

• Асосноккунии ғояҳои асосии технологияи педагогӣ, ки омӯзгор истифода мебарад;

• Тавсифи лабораторияи эҷодии омӯзгор-устод (тавсифи дастовардҳо дар таҷрибаи корӣ, манбаъҳое, ки омӯзгор аз он маълумоти худро гирифтааст);

• Муайян кардани мушкилот ва дурнамо дар кори омӯзгор-устод;

• Тавсифи системаи дарсҳо (дарсҳо) дар режими технологияи самараноки педагогӣ, ки аз ҷониби омӯзгор пешниҳод карда мешавад;

Муаррифии дарс (дарсҳо), системаи дарсҳо;

• Ҳикояи омӯзгор дар бораи лоиҳаи дарс;

• Муайян кардани методҳо ва усулҳои асосии кор, ки намоиш дода мешаванд;

• Тавсифи мухтасари самаранокии технологияи истифодашуда;

• Саволҳо ба омӯзгор оид ба лоиҳаи пешниҳодшуда;

• Дарс ё бозии тақлидӣ бо шунавандагон бо нишон додани усулҳои самаранок кор кардан бо донишҷӯён (тарбиятгирандагон)

4. Моделиронӣ

• кори мустақилонаи шунавандагон оид ба таҳияи модели дарси худӣ (дарс) дар тартиби технологияи педагогии намоишдодашуда. Устод нақши мушовирро иҷро мекунад, фаъолияти мустақили шунавандагонро ташкил ва онро идора мекунад.

• муҳокимаи моделҳои муаллифии дарс аз ҷониби шунавандагон

5. Инъикоси:

• Муҳокима аз рӯйи натиҷаҳои фаъолияти муштараки устод ва шунавандагон.

• Сухани хотимавии муаллим-устод аз рӯйи ҳамаи нуктаҳо ва таклифҳо.

Мақсади гузаронидани дарси мушаххас (дарс) аз ҷониби устод вобаста ба он чизе, ки нишон медиҳад, муайян карда мешавад.

Имконот:

• 1) Намоиши барномаи фаъолият, курси интихобӣ, факултативӣ ва ғайра.

• 2) Нишон додани шаклҳои алоҳидаи кор, ки омӯзгор дар фаъолияти худ истифода мебарад

• 3) Нишон додани усулҳои алоҳидаи кор

• 4) Нишон додани лаҳзаҳои инноватсионии фаъолият

Шаклҳо:

• Дарс

• Фаъолияти амалӣ

• Машғулияти интегралӣ (лексионӣ-амалӣ)

Хуллас натиҷаи омӯзиши малакаҳои амалӣ модели дарсе мебошад, ки онро устод-шогирд таҳти роҳбарии устод бо мақсади истифодаи ин модел дар амалияи фаъолияти худ таҳия мекунад. Гузаронидани «Омӯзиши малакаҳои амалӣ» нишондиҳандаи камолоти омӯзгор, намоиши сатҳи баланди маҳорати касбӣ мебошад.

Дар ҷаҳони муосир малакаҳои амалӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини рушди касбӣ ва шахсӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳангоми омӯзиш танҳо дониши назариявӣ кофӣ нест, балки малакаҳои амалӣ ба шахс имкон медиҳанд, ки дар вазъияти воқеӣ самаранок амал кунад. Аз ин рӯ, малакаҳои амалӣ дар раванди таълим ва омӯзиш ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад.

Омӯзиши малакаҳои амалӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини таълим ва рушди шахсият мебошад. Бо истифодаи усулҳои гуногуни омӯзишӣ, аз ҷумла таҷрибаомӯзӣ, мастер классҳо ва ҳамкорӣ, метавон сатҳи малакаҳои амалӣ ва омодагии касбиро барои бомуваффақият дар зиндагӣ ва кор баланд бардошт

ЛИТЕРАТУРА

1. Макаренко, А.С. Методы организации учебного процесса. М., 1936. С. 267–329.

2. Заруба, А.В. «Что такое мастер-класс?» Учительская газета, Москва, 1992.

3. Пахомова, Е.М. Изучение и обобщение педагогического опыта. // Методист, 2005, № 2.

4. Пахомова, Е.М., Дуганова, Л.П. Учитель в профессиональном конкурсе: учебно-методическое пособие. Москва: АПКиППРО, 2006. 168 с.

5. Селевко, П.С. Альтернативные педагогические технологии. Москва: Научно-исследовательский институт школьных технологий, 2005. 224 с.

6. Селевко, Г.К. Педагогические технологии на основе дидактического и методического совершенствования методов обучения. Москва: Научно-исследовательский институт школьных технологий, 2005. 288 с.

7. Джойс, Б., Вейл, М. Модели обучения. Бостон: Pearson, 2015.

8. Теннант, М. Преподавание, обучение и исследование в высшем образовании. Нью-Йорк: Routledge, 2019.

9. Полат, Е.С. Современные педагогические технологии. Москва: Академия, 2019.

10. Сластенин, В.А. Педагогика: учебник. Москва: Академия, 2018.

11. Бондаревская, Е.В. Педагогическая культура и профессиональные умения учителя. Ростов-на-Дону: Феникс, 2017.

12. Гончаренко, С. Педагогическое исследование: методология, методы. Киев: Лыбидь, 2018.

13. Ведерникова, Н.И. Теоретические и методические основы практико-ориентированной подготовки учителя. М., 1994.

РАВИЯИ ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ. НАПРАВЛЕНИЯ ГУМАНИТАРНЫХ НАУК. HUMANITIES

УДК 82.0

ФАЪОЛИЯТИ МУНАҚҚИДИИ ПРОФЕССОР ШАРИФҶОН ҲУСЕЙНЗОДА

КРИТИЧЕСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ПРОФЕССОРА ШАРИФДЖОНА ХУСЕЙНЗОДЫ

CRITICAL WORK OF PROFESSOR SHARIFJON HUSEYNZODA

ДИЛШОДЗОДА Ш.Д. – унвонҷӯи Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИИТ, Email: dilshodzodashamshod11@gmail.com

ҲУСЕЙНЗОДА Ш. У. - директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 1-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ дар шаҳри Душанбе

ДИЛШОДЗОДА Ш.Д. – соискатель ученой степени, Институт языка и литературы имени А. Рудаки АМИИТ. Email: dilshodzodashamshod11@gmail.com

ХУСЕЙНЗОДА Ш. У. – директор Средней общеобразовательной школы №1 района Исмоили Сомони города Душанбе.

DILSHODZODA Sh.D. – Candidate for Academic Degree, Institute of Language and Literature named after A. Rudaki, NAST. Email: dilshodzodashamshod11@gmail.com

HUSEYNZODA Sh.U. – Director of Secondary General Education School No. 1, Ismoil Somoni District, Dushanbe.

Аннотатсия. Дар ин мақолаи шогирдона дар хусуси фаъолияти мунаққидии профессор Шарифҷон Ҳусейнзода таҳқиқ шудааст. Ш. Ҳусейнзода гузашта аз тадриси таърихи адабиёти тоҷик, назарияи адабиёту таълими арузу қофияву бадеъ, ҳамчунин, мунаққиди барҷаста ва устоди муваффақу боризи ин қисмати илми адабиётшиносӣ низ мебошад, ки маҳз ҳамин қисмати фаъолияти илмии устод дар ин мақолаи шогирдонаи мо таҳқиқ мешавад. Таваҷҷуҳ ба пешинаи омӯзиши ин мавзуъ собит мекунад, ки бо вуҷуди он ки дар хусуси мерос ва дигар паҳлуҳои таҳқиқи илмии Ш. Ҳусейнзода аз ҷониби муҳаққиқону шогирдони ӯ мақолаҳои арзишманди имлӣ ироа шудаанд, аммо маҳз фаъолияти мунаққидии устод ба таври густардаву илмӣ таҳқиқ нашудааст.
Калидвожаҳо: Ҳусейнзода, таҳқиқ, нақд, мунаққид, мақола, адабиёт, наср, шеър, пажӯҳиш.

Аннотация. В данной ученической статье исследуется критическая деятельность профессора Шарифджона Ҳусейнзода. Ш. Ҳусейнзода, помимо преподавания истории таджикской литературы, теории литературы, а также обучения арузу, рифме и бадею, является также выдающимся литературным критиком и успешным, авторитетным наставником в этой области литературоведения. Именно этот аспект научной деятельности ученого стал предметом исследования в настоящей ученической статье. Обращение к предшествующему опыту изучения данной темы показывает, что, несмотря на наличие ценных научных статей, посвящённых наследию и другим аспектам научных исследований Ш. Ҳусейнзода, опубликованных исследователями и его учениками, его

критическая деятельность до настоящего времени не была изучена всесторонне и на научной основе.
Ключевые слова: Ҳусейнзода, исследование, критика, критик, статья, литература, проза, поэзия, научное исследование.

Abstract. This student article examines the critical activity of Professor Sharifjon Huseynzoda. In addition to teaching the history of Tajik literature, literary theory, and the principles of aruz, rhyme, and badiʿ, Huseynzoda is also an outstanding literary critic and a successful, authoritative mentor in this field of literary studies. It is precisely this aspect of the scholar's academic work that is analyzed in the present student research. A review of previous studies on the topic shows that, although valuable scholarly articles devoted to the legacy and other aspects of Huseynzoda's academic activity have been produced by researchers and his students, his critical work has not yet been examined in a comprehensive and systematic academic manner.
Keywords: Huseynzoda, research, criticism, literary critic, article, literature, prose, poetry, literary studies.

Профессор Шарифҷон Ҳусейнзода (1907-1988) яке аз устодони пуртаъсири илми адабиётшиносӣ ва нақди адабии тоҷик аст. Мавсуф солҳои 1947-1948 директори Пахӯҳишгоҳи забон, адабиёт, таърих ва бостоншиносии бунёди тоҷикистонии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, пас аз он то соли 1958 мудири бахши адабиёти Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти тоҷики Академияи илмҳои Тоҷикистон буд. Ҳамчунин, Ш. Ҳусейнзода яке аз поягузорони Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ДМТ имрӯза) буда, баъди таъсиси он ба вазифаи мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷик ба кор омад. Фаъолияти гуногунҷабҳаи устод дар ҳамин даргоҳи илму маърифат ба таври ҷиддӣ шуруъ мешавад ва бузургтарин суханварону донишмандони тирози аввали соҳаи адабиётро, ба мисли профессорон Х. Шарифзода, А. Сатторзода, У. Тоиров, Б. Мақсудзода ва садҳо тани дигарро тарбият кардааст, ки ҳоло адабиётшиносон ва донишмандони маъруфи Тоҷикистон мебошанд. Тавре яке аз шогирдони асили устод, профессор Мақсудзода нигоштааст, Ш. Ҳусейнзода фаъолияти чандбуъдӣ дорад ва дар ҳар як шохаи адабиётшиносӣ китобу мақолаҳои зиёде дорад, ки фарқи мактаби адабиётшиносии ӯ аз макотиби гуногуни дигар олимони ин соҳа маҳз дар ҳамин гуногуни доираи таҳқиқи илмиаш мебошад: «Фарқи асосии мактаби илмӣ-пажӯҳишии устод Шарифҷон Ҳусейнзода аз мактабҳои академик А. Мирзоев ва устод Х. Мирзозода дар он аст, ки дар мактаби мавсуф, тавре пештар ҳам ишора рафт, ҷанбаҳои назарии корҳо дар зинаи аввал қарор дорад. Дар мактаби академик А. Мирзоев таърихи илми адабиёт назаррастар ва устувортар аства дар мактаби профессор Х. Мирзозода ҷанбаи иҷтимоъгароӣ ва таълимӣ собит аст. Рӯйи ҳамин воқеият аст, ки мактаби Ш. Ҳусейнзода адабиётшиносони назарияпардози тирози аввали кишвари мо аз қабили Х. Шарифзода, А. Сатторзода ва чанд тани дигар берун омадаанд» [3, с. 7].

Ш. Ҳусейнзода гузашта аз тадриси таърихи адабиёти тоҷик, назарияи адабиёту таълими арузу қофияву бадеъ, ҳамчунин, мунаққиди барҷаста ва устоди муваффақу боризи ин қисмати илми адабиётшиносӣ низ мебошад, ки маҳз ҳамин қисмати фаъолияти илмии устод дар ин мақолаи шогирдонаи мо таҳқиқ мешавад. Таваҷҷуҳ ба пешинаи омӯзиши ин мавзуъ собит мекунад, ки бо вуҷуди он ки дар хусуси мерос ва дигар паҳлуҳои таҳқиқи илмии Ш. Ҳусейнзода аз ҷониби муҳаққиқону шогирдони ӯ мақолаҳои арзишманди имлӣ ироа шудаанд, аммо маҳз фаъолияти мунаққидии устод ба таври густардаву илмӣ таҳқиқ нашудааст. Доир ба паҳлуҳои фаъолияти мунаққидии Ш. Ҳусейнзода профессор Б. Мақсудзода дар мақолаи болоизикр, профессор А. Сатторзода дар мақолаи «Пири равшанзамири шабистони сухан» [7, с. 6.], Шодӣ Раҷабзод дар мақолаи «Давраи тиллоӣ» ва устодони фозил» [5, с. 10], Нурмуҳаммад Одинаев дар

мақолаи «Нақди муосири адабӣ ва кайфияти матолиби мубоҳисавӣ» [4, с. 215-227] ва дигар донишмандон маълумот додаанд. Аммо матолиби дар боло зикршуда мақолаҳои оммавӣ ва илмиву оммавӣ мебошад ва ҳамаи матолиби марбут ба ин маҳлуи эҷодиёти устодро фарогир нестанд.

Мавриди зикри хос аст, ки нақд ва баррасиву таҳлили асарҳои тозаэҷоди бадеӣ, таваҷҷуҳ ба густаришу каму костии жанру навъҳои адабӣ, диққат додан ба сухани ноби сарра ва сахтгириҳо доир ба осори мансуру манзум яке аз вижагиҳои хосси нақд дар тафаккури илмии Ш. Ҳусейнзода мебошад.

Мақолаҳои марбут ба наққодӣ ва чеҳраҳои адабӣ, ки Ш. Ҳусейнзода навиштааст, бо вусъати чашмандоз ва дақиқтар шудани назари танқидӣ фарқ доранд. Дар онҳо танҳо бо баёни мазмун ва ғояи асари бадеӣ қонеъ нашуд, бештар олами ботинии симои асари бадеӣ, олами фикр, андеша ва диди ҳунарӣ, ҳаяҷони шоир, масъалаи мухтассоти зоҳиршавии шахсияти ғиноиро ба андеша мегирад ва ҳунари шоиру нависанда дар офариниши маънӣ ва ғояи асарҳо низ танқид мекунад.

Ш. Ҳусейнзода аз нахустин рӯзҳои фаъолияти илмии худ ба нақду баррасии адабиёт таваҷҷуҳ дошт ва аввалин нигоштаҳои ӯ дар ин самт мақолаҳои «Мубориза дар ҷабҳаи адабиёти тоҷик» (1930), «Ба сӯйи ғалабаҳои нав» (1931), «Лоҳутӣ ва методи эҷодии ӯ» (1932), «Адабиёти шӯравӣ ба пеш» (1932), «Дар роҳи санъати бузурги сотсиализм» (1932) ва ғайра мебошанд.

Яке аз масъалаҳои асосӣ, ки устод дар ибтидои фаъолияти илмии худ ба он таваҷҷуҳи хосса доштанд, навиштани китобҳои таърихи адабиёт ва муаррифӣ кардани чеҳраҳои адабӣ буд: «Масъалаи навиштани таърихи адабиёти тоҷик яке аз масъалаҳои бисёр маданӣ ва илмии республикаамон мебогшад. Дар иҷрои чунин кори хеле бузург ва мураккаб бояд ҳамаи аҳли ин кор ҳиммат гуморанд. Комёбиҳои илмӣ ва мадании республикаи мо талаб менамояд, ки мо дар ояндаи наздик таърихи адабиёти худамонро, ки ифтихори нафақат Тоҷикистон, балки тамоми Иттифоқи советӣ ҳам мебошад, ба вуҷуд орем» [11, с. 3].

Аз ин сухани устод баръало мушоҳида мешавад, ки барои ҳар миллат ва халқ, пеш аз ҳама, доштани китоби таърихи адабиёти мукаммал зарур мебошад, чунки бидуни доштани он муаррифии чеҳраҳои адабии мо ғайримумкин мегардад: «Таҳқиқ ва омӯхта нашудани баъзе масъалаҳои таърихи адабиёт ба тараққии афкори назариявӣ мамониати ҷиддӣ мерасонад; ақибмонии афкори назариявӣ ба кори ба таври васеъ омӯхтани таърихи адабиёт, барои навиштани асарҳои ҷамъбасткунанда ва умуман ба таҷрибаҳои эҷодӣ таъсири ниҳоятдараҷа манфӣ мебахшад» [11, с. 87.]

Ш. Ҳусейнзода дар мақолаҳояш, аз ҷумла «Дар бораи муҳимтарин масъалаҳои танқиди адабӣ» ва «Дар ҷустуҷӯи маҳорат» ба зарурати тафаккури амиқ ва созгор омадани тафаккуру образ дар эҷодиёти бадеӣ таъкид кардааст. Ҳамчунин, ӯ доир ба нақди адабии даврони шуравӣ таваҷҷуҳ карда, зикр кардааст, ки таҷрибаҳо ва мақолаҳои дар ин самт ҷо дошта кифоя набуда, аз мунаққидон таваҷҷуҳи хоссаро талаб мекунад: «Таърихи илми адабиёт ва танқиди адабии тоҷик ва инчунин таърихи инкишофи эстетикаи реализм то ин дам таҳқиқ ва омӯхта нашудааст. Бино бар ин баъзе масъалаҳои муҳим, аз он ҷумла мубориза эстетикаи марксистӣ, алалхусус муборизаҳои тезу тунди мафкуравӣ-эстетикӣ дар солҳои бистум ва сиюм ҳанӯз равшан нагардидааст. Ба ғайр аз ин, таҳқиқ ва омӯзиши романтизм ё ин ки унсурҳои романтизм дар адабиёти солҳои бистум низ хеле зарур аст. чунки дар вақти омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик ин масъаларо дар канор гузоштан мумкин нест, бо ин масъала баҳои лозима додан мумкин аст» [11, с. 92].

Устод Ш. Ҳусейнзода дар мақолаҳои марбут ба нақди адабии худаш доиман ба назарияи адабиёт ва таваҷҷуҳ ба омӯзиши ҷанбаҳои назарии адабиёт таъкидҳои вижа дошта, зикр кардааст, ки бидуни донишстани назарияи илмии дабаиёт дар ин роҳ муваффақ шудан душвор аст. Ба ин таҳлуи эҷодиёти устод профессор Б. Мақсудзода

таваҷҷуҳ намуда, чунин гуфтааст: «Ӯ аз оғози фаъолияти илмӣ-пажӯҳишӣ ва интиқодии худ ба бунлоди назарии таълифоташ таваҷҷуҳи хос зоҳир мекард.Ӯ муътақид буд, ки бидуни донишҳои назариёти адабӣ, таҳқиқи адабӣ сустмоя хоҳад буд. Бо ҳамин сабаб аст, ки ӯ дар соли 1936 бори аввал ба забони тоҷикӣ китоби «Назарияи адабиёт»-ро таълиф карда ва он ба ҳуруфи лотинӣ дар Тошканд ба чоп расидааст» [3, с. 7].

Ба таъкиди муҳаққиқон, давраи ҷушу хурӯш ва авҷи камолоти эҷодии Ш. Ҳусензода солҳои 40 ва 50-ум мебошад. Ш. Ҳусейнзода дар ин солҳо мақолаҳои гуногуне доир ба масъалаҳои гуногуни адабиёти классикии мо ва нақди адабӣ навиштааст. Ӯ дар мақолаҳои «Дар бораи баъзе камбудии насри муосири мо» (1940), «Дар бораи баъзе лаҳзаҳои асосии таърихи адабиёти тоҷик» (1946), «Адабиёти советии тоҷик дар давраи баъди ҷанг» (1947), «С. Айнӣ ва баъзе масъалаҳои адабиёти советии тоҷик» (1953), «Масъалаҳои танқиди адабӣ дар адабиёти тоҷик» (1959) ва ғайра баъзе норасоиҳо ва камбудҳоро дар эҷоди бадеӣ баррасӣ карда, барои ислоҳи онҳо нукоти муҳиме пешниҳод кардааст.

Бояд зикр намоем, ки Ш. Ҳусейнзода аз тақлид ба шеъри нав ва дурӣ ҷустани аҳли сухан аз адабиёти миллӣ бисёр нигарон буд ва пайваста ба шоирону нависандагон таъкид мекард, ки ҳаргиз аз шеъри гузашта ва меъёрҳои он, хусусиятҳои миллӣ ва аз суннатҳои асосии офариниши маънӣ дар адабиёти мардуми тоҷик канораҷӯӣ накунанд. Ӯ, ба назаврам, ояндаи дури шеъри тоҷикро эҳсос карда, бар зидди даъвогарон ва тақлидкорони шеъри он рӯз, ки дар гирдоби тақлид ғарқ шуда, аз адабиёти гузашта огоҳона чашм мепӯшиданд, чунин эътироз намудааст: «Дар назари баъзе касон гӯё шеъри гузаштагони мо танҳо аз эҳсосот ва санъати шеърӣ иборат буда, меъёрҳо ва қолабҳои он, ҳатто мазмунҳои он низ қобили қабул нестанд, ҳатто баъзе аз онҳо чунин мулоҳизаҳои ғайриилмӣ доранд, ки гӯё шеъри шарқӣ, аз ҷумла шеъри форсӣ-тоҷикӣ дар гузашта аз фалсафаи маҷнунӣ – аз бадбинӣ иборат аст» [13, с. 286]. Бо ин ҳушдоре, ки мунаққиди муҳтарам ба миён мегузорад, ҳамзамон, аҳли нақди адабро даъват менамояд, ки ҳамеша дар тарғиб ва ҳимояи шеъри ниёгон бошанд ва унсурҳои тавоно, зинда ва мутараққии шеъри гузаштаамон, ки бо зиндагии имрӯз баробар ва ҳамқадам мебошад, пайвастагӣ дошта бошем. Дар воқеъ, сабақҳои салафи ҷӯяндаву созандаи мо дар шароити муосири барҳӯрдҳои сиёсию тамаддунӣ, ки дар қолиби раванди ҷаҳонишавӣ фарҳангу ҷомеаи моро аз ҳар ҷиҳат таҳдид мекунанд, сазовори омӯзишу пайгирӣ мебошанд ва моро зарур аст, ки бо истифода аз таҷрибаи муҳаққиқону мунтақидони гузаштаи худ ҳар лаҳза дар пайи ҳифзи суннатҳои неки фарҳангу адаби ниёгонамон гомҳои устувор бардорем. [4, с. 215-227] .

Ба андешаи Ш. Ҳусейнзода, шояд аз надонистани назарияи шеъри нав шоирони мо аз риояи унсурҳои зотии шеър, ки аз шоир на фақат маҳорат, ҳамчунин, заҳмату мутолиаи бештарро металабанд, канораҷӯйӣ карда, дар корхонаи эҷодии худ як муҳити озодеро ба вуҷуд овардаанд. Шарифҷон Ҳусейнзода ин вазъро хеле хуб дарк карда, дар яке аз таълифоташ чунин менигорад: «Аммо баъзе шоирони мо аз ин озодӣ суъистифода намуда, ба ҳеч гуна қонун ва меъёри шеърӣ риоя накарда ва шеърро ба дараҷаи наср расонида истодаанд. Мутаассифона, баъзе ҷавонон низ бо сабаби он ки нозукӣ ва усули шеъри навро намедонанд, пиндоштаанд, ки агар вазн шикаста шавад, мисраъҳо кӯтоҳу дароз ва ба қофияҳо риоя карда нашавад, шеъри нав эҷод мекунанд» [13, с. 286].

Ба андешаи ин ҷониб, аз маҷмуи меъёрҳои шинохти шеъри имрӯз бояд хирадмеҳварӣ, миллатдӯстӣ, меҳанпарастӣ, дунёмадорӣ, ҳувиятсозӣ, рӯҳбаландӣ (пафос), хушбинӣ (оптимизм) дар дараҷаи аввал қарор бигиранд ва баъдан тозакорию маънисозӣ ва тасвирофаринии шоирона, ки ҷанбаи ҳунарию отифии шеърро ташкил медиҳанд, меъёрбандӣ шаванд. Меъёри шинохти шеъри асилро профессор Ш. Ҳусензода чунин муайян намудааст, ки қобили эътибор аст: «Чунин ба назар мерасад, ки онҳо баъзе тағйири вазнро дар шеър ба таносуби тағйири мазмун зарур медонанд. Барои ин ки он

навъи шеър дар адабиёти моарактери умумӣ касб намояд, бояд он хусусиятҳои миллӣ низ дошта, асоси баҳрҳои арӯзӣ ташкил диҳанд. Лекин дар ин масъала набояд ба харачу марачи арӯзӣ роҳ диҳем. Вақте ки аз таҷрибаҳои адабии дигарон истифода мебарем, бояд ин корро дар шакли миллии шеърамон ба ҷо оварда бошем. Ба гуфтаи В.Г. Белинский, он чизеро, ки аз адабиёти дигар халқҳо иқтибос карда мешавад, ба асосҳо ва заминаҳои миллии шеърамон тобеъ гардонем» [13, с. 286].

Аз мақолаҳои калони Ш. Ҳусейнзода, ки ба нақди адабӣ марбут аст ва дар он тамоми бурду бохт ва комёбии адабиёти даврои шуравии тоҷикро таҳлил кардааст, мақолаи «Масъалаҳои танқиди адабӣ дар адабиёти советии тоҷик» мебошад. Ин мақолаи калон аз чаҳор фасл ё қисм иборат буда, қисмати аввал «Адабиётшиносӣ ва танқиди адабӣ аз комёиҳои муҳимми адабиёти советии тоҷик аст» ном дорад ва қисмати дувум «Дар бораи муҳимтарин масъалаҳои танқиди адабӣ», қисми севум «Танқиди адабӣ ва ҳаёт» ва қисмати чаҳорум «Танқиди адабӣ ва адабиётшиносӣ бояд беҳтарин фикру андешаҳоро ифода намояд» унвон дорад. Дар чаҳор қисми таркибии ин мақолаи гаронарзиш муҳимтарин афкори танқидии Ш. Ҳусейнзода дарҷ кардида, боарзиштарину нобтарин мушкилоти адабиётшиносӣ, хосатан, адабиёти даврони шуравӣ матраҳ ва ҳал шудаанд.

Дар қисмати аввали ин мақола Ш. Ҳусензода таъкид мекунад, ки адабиёти шуроии мо ҳамон давони адабиёти классикист ва бояд оширу нависандагони имрӯз дар такя ба талабот ва аҳаммияти адабиёти пурғановати гузашта асар эҷод намоянд: «Аввалин бор дар таърихи адабиёти духазорсолаи мо диққати нависандагони тоҷик ба амалиёти таърихии халқамон, ки ба ҳаёти нав ва озодии ҳақиқӣ рағбат дошт, равона гардид. Тасвири рағбати оммаи васеъ нависандагони моро водор кард, ки баробари нишон додани ҳаёти шахсии фарде фаъолияти иҷтимоӣ-ҷамъиятии онро низ инъикос намоянд. Адабиёти тоҷик дар асоси ҳамин зайл майли қонунӣ сол ба сол ба роман ва повестҳо, бо манзума ва достонҳо, бо песса ва ҳикояҳо такмил ёфта, дар роҳи реализми сотсиалистӣ бо қадамҳои бузург ба пеш рафта истодааст» [13, с. 82].

Ш. Ҳусейнзода таъкид бар он мекунад, ки адибону нависандагонеро, ки бо сабабҳои гуногун номи онҳо ба гӯшаи фаромушӣ рафтааст, бояд омӯзем ва нақши ҳаркадоми онҳоро дар равнақи назму насри адабиётамон нишон диҳем: «Дар натиҷаи ғамхориҳои КМ Партияи Коммунистӣ эҷодиёти баъзе нависандагоне, ки солҳои дароз «фаромӯш» шуда буд, аз нав ба халқ баргардонида шуд.Акнун боз аз нав асарҳои Дилхӯш, Азизӣ, Ҳамдӣ, Ғанӣ Абдулло, Раҳим Ҳошим ва ғайра нашр шуда истодаанд. Дар пеши адабиётшиносон ва мунаққидон вазифи дуруст фаҳмидан фаҳмонда додани фактҳои адабӣ-таърихӣ истодааст. Ба муносибати таҳқиқ ва татаббуи баъзе фактҳои эҷодӣ, ки то ин дам дар таърихи адабиётамон аз назар дур монда буданд, баъзе масъалаҳо ва нуқтаи назарҳо, ки дар чанде асарҳо ва мақолаҳо ифода ёфта буданд, аз нав диданро талаб мекунанд ва ҳам ҳалли проблемаҳои навро тақозо мекунанд» [11, с. 83].

Дар қисмати севуми мақолаи «Масъалаҳои танқиди адабӣ дар адабиёти советии тоҷик» мунаққид афкори назарии хоссеро изҳор дошта, таъкид кардааст, ки яке аз вазифаҳои танқиди адабӣ он аст, ки мунаққид бояд алоқа, муносибат ва робитаи ҳаёти муосиро ба адабиёт нишон диҳад, мунаққид ҳақиқати воқеиро ба ҳақиқати бадеӣ муқоиса кунад ва ба ин восита, ба ҳақиқатҳои воқеӣ то чӣ андоза робита доштани ҳақиқати бадеиро нишон диҳад: «Яке аз вазифаҳои танқиди адабӣ алоқаи ҳаёти муосирро ба адабиёти имрӯза нишон додан, ҳақиқати воқеиро ба ҳақиқати бадеӣ муқоиса намуда, бо ҳақиқатҳои ҳаёт то чи андоза мувофиқат намудани ҳақиқатҳои бадеиро муайян кардан мебошад» [11, с. 94]. Дар идомаи баҳс ӯ байни дигар шохаҳои адабиёт фарқ гузошта, таъкид мекунад, ки нақди адабӣ аз шохаҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ аст ва агар адабиётшинос ба таърихи адабиёт ва шарҳи саноеъи адабӣ ва таърихи фарҳангу дигар абори офариниши маъно қаноат кунад, мунақидро лозим аст, ки бояд ҳаёти рӯзмарраро дарк кунад ва ба хоири он ки ҳаёт яке аз сарчашмаҳои фаҳму дарки мунаққид мебошад:

«Адабиётшинос дар кори таҳқиқотии худ мумкин аст, ки ба омӯзиши таърих, адабиёт ва саноеи нафиса ва умуман таърихи маданият қаноат намояд. Вале мунаққиде, ки бо илми танқид машғул аст, илова ба онҳо, махсусан ҳаётро, ки дар дохили он зиндагӣ ба сар мебарад, бояд ба хубӣ бидонад, чунки ҳаёт яке аз сарчашмаҳои идроки мунаққид аст» [11, с. 95].

Ҳамчунин, дар мақолаи «Аз сарчашмаҳои тафаккури реалистӣ дар адабиёти тоҷик» доир ба ҳақиқати бадеӣ ва ҳақиқати воқеӣ баҳс карда зикр мекунад, ки бояд шеър ба ҳаёти ҳақиқӣ наздик бошад ва муҳимтарин рӯйдодҳои ҳаёти инсонро фаро гирад. Аз сабабҳои муҳими иштиҳори шеъри классикии мо яке он аст, ки шоирони классикӣ аксаран чизҳоеро сароиданд, ки ба ҳаёти воқеӣ наздик ҳастанд ва муҳимтарин арзишҳои воқеии иҷтимоии инсонҳоро бозгӯ кардаанд ва яке аз вазифаҳои адабиёт низ офариниши ҳолати айнии ҳаёт ва рӯйдодҳои он ба шумор меояд: «Шеъри классикии тоҷик ҳанӯз аз ибтидои комёбиҳои худ, яъне аз асри Х аз ҷиҳати пайвастагӣ ба воқеияти зиндагӣ ҷиҳати хосе пайдо карда, оинаи ҳаёти иҷтимоӣ гардида, расму оин ва равиши зиндагонии табақаҳои ҷамъиятро то як андозае инъикос намудааст. Шоирон ва нависандагони асри Х бештар чизҳоеро, ки ба ҳақиқат ва воқият наздик буданд, сароидаанд» [13, с. 327].

Дар баъзе мақолаҳои танқидии худ Ш. Ҳусейнзода норасоиҳо ва камбудҳои эҷодии нависандагону шоиронро бармало мегӯяд ва ба мунаққидоне, ки ин гуна саҳву хатоҳоро нодида мегиранд, эрод мегирад. Масалан, дар хусуси пайрав Сулаймонӣ сунин ибрози назар кардааст: «Пайрав Сулаймонӣ шоири машҳури тоҷик аст, вале баъзе нуқсонҳои ҷиддӣ низ дошт (махсусан дар нимаи аввали солҳои бистум). Аммо баъзе мунаққидон вазъиятро тақрибан ба назар намегиранд. Ин навъ нуқтаи назарҳо барои фаҳмидани роҳи тараққиёти эҷодиёти нависанда ёрӣ нахоҳад дод» [11, с. 91].

Ҳамин тавр, ҷойи дигар Ш. Ҳусейнзода дар мавриди сохту композитсияи осори насрии даврони шуравӣ баҳс карда, дар мавриди каму костии осори Ҷ. Икромӣ ва С. Улуғзода чунин ҳукм кардааст: «Дар Ҷ. Икромӣ дар тартиби сюжет ва сохти композитсия як навъ мураттибӣ ва ҳамворӣ ҳис карда мешавад, дар С. Улуғзода каме пасту баландиҳо мавҷуданд. Вале дар ҳар ду нависанда тасвир ва васфи воқеаҳои бисёр характери қаҳрамононро фишор медиҳанд. Ин гуна аҳвол камтаҷрибагии романнависони моро нишон диҳанд ҳам, вале аҳамияти муваффақиятҳои бисёр ҷиддии насри восетии тоҷикро паст намекунанд» [11, с. 35]. Таваҷҷуҳи Ш. Ҳусейнзода ва нақду эродҳои мунсифонаи эшон ба осори даврони шуравии тоҷик ба хотири ислоҳ ва равнақи илми адабиётшиносии тоҷик ба шумор рафта, тавре дар боло низ зикр шуд, устод ба мунаққидони бепарво ва саҳлангор бисёр метозад ва ин кори онҳоро барои рушди адабиёт хатарнок арз мекунад. Ӯ дар ҷойи дигар дар мавриди баъзе камбудҳои насри Ҷ. Икромӣ муҳокима ронда, гуфтааст: «Боз дигар аз нуқсонҳои ҷиддӣ ва ба Ҷ. Икромӣ хос ин аст, ки нависанда, азбаски ба тасвири олами ботинии дар мавриди кор ва муносибати онҳо ба одамон кам аҳаммият додааст, бештар характери қаҳрамонҳо бо нақли дуру дарози нависанда маълум мешавад. Ин ҳолат албатта нависандаро ба схематизм бурда мерасонад» [11, с. 27].

Дар мактаби наққодии устод Ш. Ҳусейзода усули муқоисаи адабиёти як халқ ба халқи дигар баръало мушоҳида мешавад. Устод дар мавриди суннат ва навоварӣ дар осори адабӣ, хосатан, наср таваҷҷуҳ мекунад ва зикр мекунад, ки бидуни таваҷҷуҳи хос ба адабиёти халқҳои ҷаҳон ва бардошту таҷрибиёти адабӣ, адибони мо наметвонанд мавқеи худро дар тасвирсозӣ ва маъниофарӣ муайян намоянд. Ӯ бисёр ҷиддӣ ба ин масъалаи муҳимми адабӣ таваҷҷуҳ карда, гуфтааст: «Ҳагоҳ насри бадеии адабиёти тоҷикро ба насри бадеии республикаҳои бародарӣ, дар навбати аввал ба асари насрнависони рус муқоиса кунем, ба назарамон хеле камбудиҳои ҷиддӣ намоён мегарданд. Пеш аз ҳама, бояд мутаассифона қайд кунем, ки Ҷ. Икромӣ ва дигар баъзе аз нависандагони пешқадами мо ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ ҳаёти воқеӣ ва зиндагонии одамони

навро, чи навҷъе, ки лозим аст, наомӯхтаанд.Аз ин ҷост, ки баъзе камбудиҳое, ки барои насри бадеии адабиёти имрӯзаамон характернок буда, нафосат ва бадеияти онро вайрон мекунанд. зоҳир мегардад» [11, с. 24].

Гузашта аз инҳо, Ш. Ҳусейнзода дар мақолаи «Масъалаҳои танқиди адабӣ дар адабиёти советии тоҷик» доир ба драматургия ва романнависӣ дар адабиёти тоҷик андеша ронда, таъкид бар он мекунад, ки камбдуиҳои дар ин самт ҷо дошта хеле нигаронкунанда ба шумор меоянд ва ба шаклу маъно, уфуқи фикрӣ ва бадеияти каломи нависандагон хатари ҷиддӣ доранд. Сари вақт бартараф кардани ин камбудиҳо вазифаи ҷонии аҳли қалам ва хосатан, нависандаҳо ва мунаққидон мебошад: «Таърихи драматургияи оҷик низ таҳқиқ ва омӯзиши ҷиддиро талаб мекунад...Дар адабиёти тоҷик таҳқиқ ва омӯзиши таърихи ташаккули жанри роман вазифаи ниҳоятдараҷа аҳаммиятнок аст. Барқароргардии жанри роман дар адабиёти советии тоҷик комёбиҳои бағоят бузурги адабиёти мазмунан сотсиалистию шаклан миллии мо мебошад» [11, с. 92].

Ш. Ҳусейнзода гузашта аз нақди осори мансуру манзуми адабӣ, ҳамчунин, ба нақди мақолаҳои оммавӣ ва нашриявӣ низ машғул будааст. Дар рӯзномаи «Пролетари Хуҷанд» («Ҳақиқати Суғд») рубрикаи «Адабиёт ва саноеии нафиса» вуҷуд дошт ва дар он нигоштаҳои шоирону нависандагонро чоп мекард.

Дар шумораи 7 (27)-уми рубрикаи адабии «Адабиёт ва саноеии нафиса» дар шумораи 23 (211) «Пролетари Хуҷанд» санаи 25-уми марти соли 1932 мақолаи танқидии профессор Ш. Ҳусейнзода бо номи «Дар роҳи санъати бузурги сотсалистӣ» чоп шудааст. Тавре номзади илмҳои филологӣ Сураё Ҳакимова дар мақолаи « Мақолаи Шарифҷон Ҳусейнзода ва ва аввалин нақди адабӣ дар рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» иттилоъ додааст, муҳтавои ин мақола таҳлилу баррасӣ ва нақди кӯтоҳе ба саҳифаи адабии «Адабиёт ва саноеии нафиса» аст. Дар соли дувуми нашри хеш ба риштаи нақд кашида шудани фаъолияти адабии рӯзнома ва саҳифаи адабии он аз ҷониби муҳаққиқон гувоҳ бар он аст, ки воқеан ҷарида дар тарғибу ташвиқи илму адаб саҳми арзанда доштааст ва имрӯз ҳам ин рисолатро сарбаландона ба ҷо меорад [9, с. 3].

Дар поёни мақолаи «Дар роҳи санъати бузурги сотсиолистӣ» муаллиф» Ш. Ҳусейнзода, Тошканд» оварда шудааст. Агар бо такя ба ин нукта, ки фаъолияти мунаққидии Ш. Ҳусейнзода поёни солҳои 20-ум ва аввали солҳои 30-юм оғоз шудааст, ба ин масъала таваҷҷуҳ кунем ва Тошканд ишора шудани макони таълифи маводро ба эътибор гирем (Ш. Ҳусейнзода маълумоти олии касбиро дар Тошканд соли 1931 факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна ба забонҳои ӯзбекӣ, тоторӣ ва русӣ) фаро гирифтааст ва муддате дар ин даргоҳи дониш дарс гуфтааст, метавонем ҳадс бизанем, ки ин навишта ба қалами Шарифҷон Ҳусейзода тааллуқ дорад [9, с. 3]. Дар ин мақола Ш. Ҳусейнзода ин рӯзномаро нақд карда, бурду бохтҳои онро арзёбӣ карда ва зикр кардааст, ки адабиёти пролетарии тоҷик ба муваффақиятҳои беназир ноил шуда, рӯзномаҳои дар ин марҳала дар дохили мамлакат нашршаванда ҷавонони боистеъдод доранд. Ш.Ҳусейзода аз ҷумла қайд мекунад «яке аз иҷрокунандагони ин вазифаи бузург, бешубҳа, рӯзномаи «Пролетари Хуҷанд» мебошад [9, с. 3].

Нақду таҳлил шудани маводди адабии ин рӯзнома аз ҷониби Ш. Ҳусейнзода шаҳодат аз он медиҳад, ки дар он солҳо рӯзнома рисолати хешро содиқона ва хеле олӣ иҷро мекардааст, дар баробари инъикоси паҳлуҳои гуногуни ҳаёт, ҳамчунин дар тарғиби адабиёт саҳми арзанда гузоштааст. Таҳлилу баррасии маводди рӯзнома аз ҷониби Ш. Ҳусейнзода аз нуфуз ва эътибори ин рӯзнома дар рушди адабиёти давр хабар медиҳад.

Ҳамин тавр, таз таҳқиқи иҷмолии фаъолияти мунаққидии профессор Шарифҷон Ҳусейнзода чунин натиҷа ба даст меояд, ки доираи таҳқиқи устод бисёр густарда буда, дар баробари таҳқиқи чеҳраҳои адабӣ, навиштани китобҳои ихтисоии назарии адабиёт, тарбияи шогирдон, нигориши китобҳои дарсӣ, ҳамчунин, мақолаҳо ва китобҳои ноқидӣ низ навишта ва дар ин самт низ яке аз саромадони адабиётшиносии тоҷик ба шумор меояд.

Фаъолияти мунаққидии Ш. Ҳусейнзода аз дигар донишмандони он даврон ва ҳозира ба он фарқ мекунад, ки ӯ ҳамаи норасоиҳо ва камбудиҳои ҷойдошта дар каломи манзумро бисёр фошу бепарда мегӯяд. Доир ба ҳар навъи адабӣ ва назари хосс дорад ва аз муҳимтарину навтарин усулҳои нақди адабӣ, ҷараёнҳои адабӣ ва мактабҳои навину машҳури нақди адабӣ ба таври комил огоҳ аст ва онҳоро дар адабиёти милли мо комилан татбиқ кардааст.

Бояд эътироф кард, ки дар нақди устод ягон духӯрагӣ ва таассубу кинае доир ба муаллифи ин ё он асари нақдшаванда вуҷуд надорад ва ҳамаи кӯшишу заҳамоти ӯ барои равнақу рушди адабиёти миллии мо буда, нигоштаҳои ӯ солҳои дароз барои ноқидону адабпажӯҳони ҷавони имрӯза як сарчашмаи илҳом ва сабақе мебошанд. Ин мавзуъ ва мавзуъҳои марбут ба фаъолияти илмии Ш. Ҳусейноза аз мавзуҳое мебошанд, ки ба таври амиқ таҳқиқу баррасиро тақозо дорад ва дар маҳдудаи чанд сатри шогирдона онҳоро бозгӯ кардан надорад.

АДАБИЁТ

1. Иззат. Як саропо шеър: Ба ёди профессор Шарифҷон Ҳусейнзода // Адабиёт ва санъат. – 1990.
2. Имронов, С., Воҳидов, С. Роҳи донишро ба ҳар гуна забон...: Ба муносибати 85-солагии зодрӯзи профессор Шарифҷон Ҳусейнзода // Садои мардум. – 1992. – 6 май.
3. Мақсудов Б. Муҳаққиқ ва устоди бузурги адабиёт // Адабиёт ва санъат.– 2017. – 6 апрел, № 14, саҳ 7.
4. Нурмуҳаммад О. Нақди муосири адабӣ ва кайфияти матолиби мубоҳисавӣ // Илм ва ҷомеа (Маҷаллаи академии илмии омавӣ) № 1. 2022 саҳ 215-227.
5. Раҷабзод Ш. Омӯзгор. // Давраи тиллоӣ» ва устодони фозил, 2013, 28 сентябр № 19 саҳ 10.
6. Самимӣ, М. Панди пири доно: Ёде аз адабиётшиноси номӣ ва педагоги барҷаста Шарифҷон Ҳусейнзода // Адабиёт ва санъат. – 2015. – 1 октябр.
7. Сатторзода А. Пири равшанзамири шабистони сухан // Адабиёт ва санъат. – 2017. – 6 апрел, № 14, саҳ 6.
8. Файзи суҳбати равшандилон: Ба пешвози 100-солагии зодрӯзи Шарифҷон Ҳусейнзода // Омӯзгор. – 2007. – 6 апрел.
9. Ҳакимова С. Мақолаи Шарифҷон Ҳусейнзода ва ва аввалин нақди адабӣ дар рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд». – Ҳақиқати Суғд, 3 марти соли 2023.
10. Ҳусейнзода Ш. Ангезаи меҳр / Шарифҷон Ҳусейнзода. – Душанбе: Адиб, 1989. – 72 с.
11. Ҳусейнзода Ш. Баҳс ва андеша / Шарифҷон Ҳусейнзода. – Душанбе: Маориф, 1964. – 263 с
12. Ҳусейнзода Ш. Гуфтор аз ганҷи сухан / / Шарифҷон Ҳусейнзода. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 224 с.
13. Ҳусейнзода Ш. Ҳабдаҳ маҷола. – Душанбе: Ҳумо, 2007.– 347.
14. Ҳусейнзода, Ш. Ангезаи меҳр: Ба муносибати 70-солагии Раҳим Ҷалил // Маориф ва маданият. – 1979. – 14 июл.
15. Ҳусейнзода, Ш. Каломи манзум: Оиди моҳияти шеър ва санъатҳои бадеӣ**.** – Омӯзгор. – 1997. – 10 апрел.

Ҳусейнзода, Ш. Марди ориятталаб: Нақли профессор Ш. Ҳусейнзода бахшида ба 70-солагии драматурги тоҷик Ғанӣ Абдулло // Газетаи муаллимон. – 1982. – 6 март.

УДК 82-3

ОБРАЗ РАССКАЗЧИКА В ПРОЗЕ

СИМОИ ГЎЯНДА ДАР НАСР

THE IMAGE OF THE NARRATOR IN PROSE

Фанни фарҳангшиносӣ ҳамчунин ба ташаккули фарҳанги муошират касбӣ мусоидат мекунад. Дар раванди омӯзиш донишҷӯён меомӯзанд, ки чӣ гуна метавонанд дар муҳити бисёрфарҳангӣ муносибати дурустро бо сайёҳон барқарор созанд, эҳсоси таҳаммулпазириро дар худ рушд диҳанд ва аз хатогиҳои байнифарҳангӣ пешгирӣ намоянд. Дар фаъолияти амалӣ, ин малакаҳо ба баланд гардидани сифати хизматрасонӣ, ҷалби бештари сайёҳон ва таҳкими нуфузи муассисаи сайёҳӣ мусоидат мекунанд.

Зарурати омӯзиши фанни фарҳангшиносӣ дар соҳаи сайёҳӣ инчунин дар он ифода меёбад, ки ин фан донишҷӯёнро ба арзёбии таносуби байни фарҳанг ва иқтисодиёт ҳидоят мекунад. Фарҳанг, ҳамчун захираи маънавӣ ва сармояи иҷтимоӣ, метавонад асоси рушди устувори соҳаи сайёҳӣ бошад. Масалан, истифодаи дурусти мероси фарҳангӣ ба рушди сайёҳии дохилӣ ва байналмилалӣ мусоидат мекунад. Дар ҳамин ҳол, нодонӣ ё бетаваҷҷӯҳӣ нисбат ба арзишҳои фарҳангӣ метавонад ба таҷрибаи сайёҳӣ ва обрӯи кишвар таъсири манфӣ расонад.

Аз нуқтаи назари таълимӣ, омӯзиши фанни фарҳангшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии соҳаи сайёҳӣ барои ташаккули ҳувияти касбӣ ва ахлоқии донишҷӯён нақши муҳиму таъйинкунанда дорад. Он дониш, ҷаҳонбинӣ, тарзи фикрронӣ ва арзишҳои маънавиро ташаккул медиҳад, ки барои фаъолияти касбӣ дар муҳити байналмилалӣ заруранд. Ҳамин тавр, донишҷӯёни Институти сайёҳӣ, ки дар ихтисосҳои гуногун таҳсил мекунанд, бояд дар асоси омӯзиши фанни фарҳангшиносӣ қобилияти фаҳмидани инсонҳо, эҳтироми гуногунфарҳангӣ ва масъулияти иҷтимоиро ба худ соҳиб шаванд.

Бо вуҷуди аҳамияти баланди фанни «Фарҳангшиносӣ» дар раванди тайёр намудани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ, таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар ҷараёни омӯзиши ин фан як қатор мушкилот ва норасоиҳо вуҷуд доранд, ки ба самаранокии таълим таъсир мерасонанд. Яке аз масъалаҳои ҷиддӣ норасоии китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимии замонавӣ мебошад. Дар китобхонаи ДБССТ теъдоди чунин манбаъҳо нисбатан маҳдуд аст [3, 13, 16]. Бисёре аз маводи мавҷуда дорои мазмуни умумӣ буда, ба ихтисосҳои сайёҳӣ мутобиқ карда нашудаанд ва бо талаботи замони муосир, аз ҷумла бо рушди технологияи иттилоотӣ ва методҳои интерактивии таълим, камтар созгор мебошанд. Норасоии дастурҳои методӣ ва маводи ёрирасони таълимӣ боиси он мегардад, ки донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиш ба манбаъҳои ғайрианъанавӣ бештар рӯ меоранд.

Барои муайян намудани сатҳи истифодаи манбаъҳои гуногун дар омӯзиши фанни фарҳангшиносӣ, аз ҷониби муҳаққиқ саволнома (анкета) тартиб дода шуд. Саволи асосии он чунин буд:

«Шумо дар омӯзиши фан кадом манбаъҳоро бештар истифода мебаред?»

бо се варианти ҷавоб:

А) Китобҳои дарсӣ;

Б) Интернет ва мақолаҳои илмӣ;

В) Зеҳни сунъӣ (ChatGPT).

Натиҷаҳои ҷамъовардашуда нишон доданд, ки аз байни донишҷӯёни курси якум 20,3 % варианти “А”-ро (китобҳои дарсӣ), 53,1 % варианти “Б”-ро (интернет ва мақолаҳои илмӣ) ва 26,6 % варианти “В”-ро (зеҳни сунъӣ) интихоб намудаанд. Ин рақамҳо худ нишондоди ҷолиби воқеияти таълимии имрӯза мебошанд ва аз тағйирёбии усули дастрасӣ ба донишҳо дар муҳити академӣ шаҳодат медиҳанд.

Аз як тараф, истифодаи манбаъҳои интернетӣ ва захираҳои илмии электронии ҷаҳонӣ як ҷанбаи мусбӣ дорад. Он ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки аз доираи маҳдуди китобхона берун рафта, аз иттилооти муосир ва таҷрибаи байналмилалӣ баҳраманд шаванд. Интернет муҳити фарогири иттилоотӣ фароҳам меорад, ки дар он донишҷӯён мақолаҳои илмӣ, таҳқиқотҳои муосир ва маводи омӯзиширо бо осонӣ дастрас менамоянд. Ин раванд ба рушди худомӯзӣ, ташаккули малакаҳои таҳқиқотӣ ва афзудани савияи илмии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Аммо, аз тарафи дигар, афзалияти манбаъҳои интернетӣ бар китобҳои дарсӣ метавонад як қатор паёмадҳои манфӣ низ дошта бошад. Аввалан, на ҳама маводи интернетӣ дорои эътимоднокии илмӣ мебошанд, ки ин ба сатҳи сифат ва дақиқии донишҳои донишҷӯён таъсир мерасонад. Дуюм, вобастагии аз ҳад зиёд ба захираҳои онлайн ва зеҳни сунъӣ қобилияти таҳлили мустақилона ва тафаккури интиқодии донишҷӯёнро коҳиш медиҳад. Дар баъзе ҳолатҳо, донишҷӯён майл доранд, ки ҷавобҳои тайёр ё тавзеҳоти омодаро аз манбаъҳои сунъӣ бигиранд, на ин ки худ мустақилона таҳлил ва ҷамъбаст намоянд.

Дар мавриди истифодаи зеҳни сунъӣ (ChatGPT), ки аз ҷониби 26,6%-и донишҷӯён зикр шудааст, метавон гуфт, ки ин падида ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам манфии худро дорад. Аз як ҷониб, чунин воситаҳо барои дарёфти маълумот, ташаккули фикрҳои ибтидоӣ, таҳияи лексикаи илмӣ ва омӯзиши фаҳмиши муосири мафҳумҳо кӯмак мерасонанд. Онҳо барои донишҷӯён ҳамчун шарики омӯзишӣ хизмат мекунанд, ки ҷараёни таҳсилро тезтар ва ҷолибтар мегардонад. Аммо, аз ҷониби дигар, истифодаи бе назорати зеҳни сунъӣ боиси кам шудани худфаъолиятии зеҳнӣ ва тафаккури танқидии донишҷӯён мегардад. Агар донишҷӯ ба натиҷаҳои тайёри он иктифо намояд, ин раванд метавонад ба пастшавии малакаи таҳлилӣ ва таҳқиқотии ӯ оварда расонад.

Дар ҷараёни таҳқиқот, бо мақсади муайян кардани муносибат ва назари донишҷӯён нисбат ба омӯзиши фанни «Фарҳангшиносӣ», як силсила саволномаҳои иловагӣ низ тартиб дода шуданд. Саволи аввал ба муайян кардани андешаи донишҷӯён дар бораи аҳамияти фан барои ихтисосашон равона гардид. Аз натиҷаҳои ҷамъовардашуда

бармеояд, ки 85% донишҷӯён фанни фарҳангшиносиро барои ихтисоси худ муҳим меҳисобанд, 13,3% онро “на он қадар муҳим” ва танҳо 1,7% “умуман муҳим нест” арзёбӣ кардаанд. Ин нишондиҳанда далолат медиҳад, ки аксарияти донишҷӯён дарк мекунанд, ки фанни мазкур дар ташаккули ҷаҳонбинии касбӣ ва иҷтимоии онҳо нақши калидӣ дорад. Ҳамзамон, мавҷудияти фоизи ками донишҷӯёне, ки аҳамияти фанро паст арзёбӣ мекунанд, нишон медиҳад, ки то ҳол дар миёни қисме аз донишҷӯён фаҳмиши фарроҳи робитаи фан бо фаъолияти касбӣ пурра ташаккул наёфтааст. Ин ҳолат зарурати тавзеҳи бештари аҳамияти амалии фан ва иртиботи он бо соҳаҳои муҳимми сайёҳиро тақозо мекунад.

Саволи дуюм ба арзёбии сифати дарсҳо ва раванди амалии омӯзиш равона шуда буд. Аз натиҷаҳо бармеояд, ки 90% донишҷӯён дарсҳои фанни фарҳангшиносиро “ҷолиб”, 8,3% “маъмулӣ” ва танҳо 1,7% “дарсҳо аксаран баргузор намегарданд” арзёбӣ намудаанд. Ин натиҷа аз он шаҳодат медиҳад, ки дар маҷмӯъ фан бо таваҷҷуҳ ва шавқи донишҷӯён омӯхта мешавад ва устодон тавонистаанд муҳити нисбатан шавқоварро барои таълим фароҳам ованд. Бо вуҷуди ин, фоизи донишҷӯёне, ки фанро маъмулӣ арзёбӣ кардаанд, нишон медиҳад, ки ҳанӯз ҷой барои такмил додани усулҳои таълимӣ ва афзудани ҷанбаи амалии дарсҳо вуҷуд дорад. Ҳамчунин, ҳолати хеле ками (1,7%) гузарондани номуназзами дарсҳо низ метавонад нишондиҳандаи баъзе мушкилоти ташкилии раванд бошад, ки бояд аз ҷониби маъмурияти таълимӣ ва устодон баррасӣ гардад.

Саволи сеюми саволнома ба пешниҳоди донишҷӯён ҷиҳати беҳтар намудани шавқоварии фан равона гардид. Аз ҷавобҳо бармеояд, ки донишҷӯён ба такмил додани усулҳои таълим таваҷҷуҳи хос доранд. Аз ҷумла, 35% пешниҳод кардаанд, ки фан бояд бо истифодаи филмҳо, мусиқӣ ва дигар маводи визуалӣ ҷолиб гардонида шавад, 21,7% зарурати ташкили чорабиниҳои фарҳангиро таъкид намудаанд ва 43,3% пешниҳод кардаанд, ки дарсҳо бо ворид намудани мавзуъҳои муосир ва баҳсбарангез ғанӣ гарданд. Ин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки донишҷӯён хоҳони раванди фаъол, интерактивӣ ва ба воқеияти муосир наздиктари таълим мебошанд. Онҳо дарк мекунанд, ки фан бояд воситаи азбар кардани мафҳумҳо, майдони мубоҳиса, таҳлил ва таҷрибаомӯзии фарҳангӣ бошад.

Дар маҷмӯъ, таҳлили ҷавобҳо нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳи донишҷӯён ба фан баланд аст, аммо онҳо мехоҳанд, ки раванди омӯзиш шакли наву ҷолибтар пайдо намояд. Аз нуқтаи назари педагогӣ, ин далел паёми муҳим аст, зеро худи донишҷӯён ҳамчун иштирокчиёни фаъоли раванд пешниҳодҳои созанда медиҳанд. Истифодаи васеи усулҳои визуалӣ ва аудиовизуалӣ, ворид намудани мавзӯъҳои муосир, инчунин ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ метавонанд муҳити таълимиро зинда, илҳомбахш ва бештар амалӣ гардонанд.

Бо дарназардошти мушкилоти мавҷуда ва натиҷаҳои саволномаҳои гузаронидашуда, ки бархе норасоиҳои раванд ва захираҳои таълимиро ошкор намуданд, масъалаи такмил ва беҳтар намудани раванди омӯзиши фанни фарҳангшиносӣ дар Институти сайёҳӣ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Тавре ки таҳқиқот нишон дод, гарчанде аксари донишҷӯён фанни мазкурро ҷолиб ва муҳим арзёбӣ менамоянд, норасоии китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимии замонавӣ ва набудани усулҳои интерактивӣ метавонад таъсири манфӣ ба сатҳи дарки амиқи мавзӯъ гузорад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки як низоми нави таълимии мутобиқ ба талаботи замон ва хусусияти касбии ихтисосҳои соҳаи сайёҳӣ ба роҳ монда шавад.

Яке аз роҳҳои муассири беҳтар намудани омӯзиши фан, таъмини китобхонаи ДБССТ бо адабиёти гуногун ва муосири илмӣ ва методӣ мебошад [6,9,10]. Имрӯз дар китобхона бештар китобҳои солҳои қаблӣ мавҷуданд, ки мазмун ва сохтори онҳо ба воқеияти фарҳангии муосир пурра ҷавобгӯ нестанд. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки китобҳои

нави илмӣ ва дастурҳои таълимии марбут ба фарҳангшиносӣ, ки махсус барои соҳаи сайёҳӣ таҳия шудаанд, ворид гарданд. Инчунин, тарҷумаи китобҳои муосири муаллифони хориҷӣ дар самти фарҳанг ва коммуникатсияи байнифарҳангӣ метавонад ба ғанигардонии захираҳои таълимӣ мусоидат намояд.

Бо дарназардошти натиҷаҳои саволномаи қаблӣ, ки нишон дод, 53,1%-и донишҷӯён аз интернет ва мақолаҳои илмӣ истифода мебаранд ва 26,6% ба захираҳои зеҳни сунъӣ (ChatGPT) рӯ меоранд, метавон хулоса кард, ки донишҷӯён худ ба манбаъҳои иттилоотии рақамӣ бештар такя доранд. Аз ин рӯ, устодон бояд ин равандро ба як равиши педагогии роҳнамоёна табдил диҳанд. Масалан, барои донишҷӯён рӯйхати сомонаҳо ва манбаъҳои боэътимоди илмиро пешниҳод намудан мумкин аст, ки истифодаи онҳоро барои таҳқиқоти мустақил ва навиштани корҳои мустақилона осон мегардонад. Эҳтимоли зиёд аст, ки дар замони муосир бо истифода аз зеҳни сунъӣ дар муҳити таълимӣ ташаккули малакаҳои таҳлилӣ ва тафаккури интиқодии донишҷӯён ба қайд гирифта шавад [11,12,15]. Устодонро зарур аст, ки донишҷӯёнро ба муқоиса, таҳлил ва хулосабарории ҷавобҳои пешниҳодшудаи зеҳни сунъӣ раҳнамоӣ намоянд. Ин раванд ба инкишофи қобилияти мустақили фикрронӣ ва арзёбии мантиқии иттилоот замина фароҳам месозад.

Дар баробари ин, бояд ба ҷолибтар ва амалитар гардондани раванди таълим таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир шавад. Аз ҷавобҳои донишҷӯён бармеояд, ки 43,3% хоҳони ворид кардани мавзуъҳои муосир ва баҳсбарангезанд, 35% истифодаи филмҳо, мусиқӣ ва дигар маводи визуалиро пешниҳод кардаанд ва 21,7% ташкили чорабиниҳои фарҳангиро роҳи беҳтар мешуморанд. Ин пешниҳодҳо баёнгари онанд, ки худи донишҷӯён мехоҳанд фан аз чорчӯби назария берун барояд ва бештар ба таҷриба, таҳлил ва муҳокимаи масъалаҳои воқеии фарҳангӣ нигаронда шавад. Аз ин рӯ, омӯзгорон метавонанд филмҳои фарҳангӣ, намоишҳои ҳунарӣ, мусоҳибаҳои видеоӣ бо намояндагони соҳаи сайёҳӣ ва барномаҳои фарҳангиро ба раванд ворид созанд. Тамошои филмҳои мустанад дар бораи фарҳангҳои гуногун ё расму ойинҳои мардумони дигар ва баъдан муҳокимаи онҳо дар дарс доираи ҷаҳонбинии донишҷӯёнро васеъ менамояд.

Ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ низ ба омӯзиши амалии фан мусоидат мекунад. Донишҷӯён лоиҳаҳои фарҳангии амалӣ пешниҳод менамоянд - мисли рӯзҳои фарҳанги халқҳои гуногун, намоиши либосҳои миллӣ ё анъанаҳои марбут ба меҳмондорӣ. Ин гуна чорабиниҳо донишу шавқ, малакаҳои ташкилӣ ва коммуникатсионии онҳоро рушд медиҳад, ки барои мутахассисони соҳаи сайёҳӣ бисёр муҳим аст.

Аз нигоҳи барномасозии таълим, зарур аст, ки фанни фарҳангшиносӣ дар асоси муносибати байнифаннӣ такмил дода шавад. Масалан, мавзуъҳои фарҳангшиносӣ бо фанҳои “Менеҷмент дар соҳаи сайёҳӣ”, “Саёҳат ва меҳмондорӣ”, “Сайёҳии экологӣ” ва ѓайра ҳамгиро гарданд. Бо ин роҳ, донишҷӯён дарк мекунанд, ки фаҳмиши фарҳанг танҳо як ҷанбаҳои назариявӣ надорад, балки дар муносибати меҳмон бо сайёҳ, дар ташкили хидматрасонӣ ва дар сохтани образи миллӣ нақши калидӣ мебозад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муайян гардид, ки фанни «Фарҳангшиносӣ» дар раванди тайёр намудани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ нақши муҳим мебозад. Он ба ташаккули ҷаҳонбинии фарҳангӣ, қобилияти муоширати байнифарҳангӣ ва рушди тафаккури таҳлилӣ мусоидат менамояд. Бо вуҷуди ин, норасоии адабиёти таълимии замонавӣ ва зарурати ҷорӣ намудани усулҳои ҷолиби таълимӣ то ҳол яке аз масъалаҳои асосӣ мемонад. Таҳлили саволномаҳо нишон дод, ки донишҷӯён фанро муҳиму ҷолиб мешуморанд, аммо хоҳони навсозии раванд ва ворид намудани усулҳои муосири таълим мебошанд.

Дар асоси таҳлилу хулосаҳо ҷиҳати беҳтар гардидани раванди таълим аз фанни фарҳангшиносӣ дар Институти саёҳии ДБССТ чунин пешниҳодҳо мегардад:

- китобхонаи Донишгоҳ бо адабиёти муосири фарҳангшиносӣ ва дастурҳои методии нав таъмин карда шавад;

- устодон усулҳои интерактивии таълим - филмҳо, муҳокимаҳо, лоиҳаҳои гурӯҳӣ ва мавзуъҳои баҳсбарангезро фаъолона истифода баранд;

- дар раванди таълим истифодаи манбаъҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ (ChatGPT) бо роҳнамоии устод сурат гирад, то ин ки тафаккури интиқодии донишҷӯён рушд ёбад;

- дарсҳо бо фанҳои касбӣ ҳамгиро гарданд;

- чорабиниҳои фарҳангӣ-сайёҳӣ мунтазам ташкил шаванд, то ин ки донишҷӯён таҷрибаи амалӣ пайдо намоянд;

- барои устодони фан курсҳои такмили ихтисос оид ба методикаи муосири таълими фарҳангшиносӣ ташкил карда шаванд.

АДАБИЁТ

1. Арбобзода, А. Таърихи фарҳанги халқи тоҷик[Матн] / А. Арбобзода. – Душанбе, 2003. – 266 с.
2. Атахонов, Т. Тамаддун [Матн] / Т. Атахонов, С. Сафар. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2003-2005. Китоби 2. – 480 с.
3. Бобоқулов И., Дилоев Н. Фарҳангшиносӣ. (Дастури таълимӣ) Душанбе, 2007, 232с.
4. Культурология / под ред. Ю. Б. Пушкова [и др.]. М.: Проспект, 2008. 384 с.
5. Қодиров, Ф.С. Захираҳои туристӣ: ёдгориҳои фарҳангӣ - таърихӣ ва табиӣ[Матн]/ Ф.С. Қодиров. –Душанбе, 2012. –127 с.
6. Латифзода Д.Н, Махсудзода Ф.М., Умедов М. Фарҳангшиносӣ. – Душанбе, “Истеъдод”, 2023, 400с.
7. Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон [Матн]: Мураттиб Д. Раҳимов. – Душанбе, 2017. –280 с.
8. Низомиддин, Ф. Ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии Тоҷикистон: Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва коллеҷҳо / Низомиддин, С. Ҷӯрахонзода, Н. Равшанова; муҳаррир М. А. Эшонова. - Душанбе: ҶДММ "Меҳроҷ Граф", 2021. - 140 с.
9. Раҳимӣ, Д. Ҳифз, муаррифӣ ва рушди мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Д. Раҳимӣ. Душанбе: Аржанг, 2021. – 154 с.
10. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ [Матн]: Мураттиб Дилшод Раҳимӣ. – Душанбе, 2023. – 299 с.
11. Искусственный интеллект: краткая история, развитие, перспективы. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://timeweb.com/ru/community/articles/chto-takoe-iskusstvennyy-intellekt (дата обращения: 05.09.25).
12. Рекомендация об этических аспектах искусственного интеллекта. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://4people.grfc.ru/analytics-and-legislation/international-and-foreign-acts/international-acts/rekomendaciya-ob-eticheskih-aspektah-iskusstvennogo-intellekta/. (дата обращения: 02.09.25).
13. Сафар Сулаймонӣ. Фарҳангшиносӣ: китоби дарсӣ барои донишҷӯён. - / Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2014. 171с.
14. Сулаймони С. Фарҳангшиносӣ: назария ва амалия / чопи дувум, бо илова ва тағдиди назар. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 492с.
15. Тарасова Татьяна Викторовна, Царёва Анна Эдуардовна. Технологии цифровизации и искусственного интеллекта в сохранении культурного наследия. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/tehnologii-tsifrovizatsii-i-iskusstvennogo-intellekta-v-sohranenii-kulturnogo-naslediya (дата обращения: 05.04.25).
16. Ҳайдаров А. А. Фарҳангшиносӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2014, 109с.

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

1. Маводи ба нашр пешниҳодшаванда бояд аслӣ буда, дар дигар маҷаллаҳо нашр нагардида бошад. Мавод дар асоси адабиёти илмии муосир бо назардошти навгониҳои илмӣ коркард гардида бошад.

2. Муаллиф(он) ба идораи маҷалла 2 нусхаи мақоларо ба суроғаи 734061, ш.Душанбе, к. Борбад 48/5 оварда мерасонад, инчунин шакли электронии маводро ба почтаи электронии majala.dbsst@gmail.com мефиристад.

3. Маълумот оид ба муаллиф(он) дар охири мақола бо забони русӣ ба таври зерин оварда мешавад:

Абдуллоев Абдулло Абдуллоевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тел: (+992) 234-88-02, E-mail: majala.dbsst@gmail.com

4. Насаб ва номи муаллиф (Фамилия И.О.), номи мақола, фишӯрдаи мақола (то 600 калима), вожаҳои калидӣ (7-10 калима), руйхати адабиёти истифодашуда (то 10 номгуй).

5. Ҳаҷми мақола (ҳуруфчинии компютерӣ) на зиёда аз 0,5 ҷ.ч. (8 саҳ.) бо назардошти шакли А4, ҷадвалҳо ва расмҳо.

6. Мақола дар шакли MS Word, шрифти Times New Roman, андозаи 12, интервали 1. Сохти саҳифа: боло ва поён -2 см, рост -1,5 см, чап -3 см.

7. Ҷадвалҳо, расмҳо ва схемаҳо бояд ғайриранга, дорои рақам ва ном бо нишондоди сарчашма, амсоли [12, с. 77] коркард шавад.

8. Барои ҷадвал ва расмҳо шрифти Times New Roman, андозаи 12, интервали 1 истифода бурда шавад.

9. Воҳидҳои ченак ба таври зайл (м, кг, сомонӣ ва ғ.), сол монанди «с.» навишта мешавад.

10. Нохунакҳои китобӣ («») истифода бурда шавад. Тире бошад (–) ва дефис (-) истифода шавад.

11. Руйхати адабиёт дар охири саҳифа оварда шуда, дар матни мақола истинод дода мешавад. Адабиёти аз забонҳои хориҷа истифодашударо ба забони аслиаш гузошта мешавад ё тарҷума намуда калимаи «тарҷума» илова карда мешавад.

12. Номҳои ширкатҳои хориҷӣ, институтҳои молиявӣ бо ҳарфҳои лотинӣ, бе истифода аз нохунак ва шакли сиёҳ навишта мешавад. Баъди истифодаи насаби олимони хориҷӣ, роҳбарони ширкатҳо ҳангоми истинод надодан, дар қавс бо ҳарфҳои лотинӣ навишта мешавад.

13. Маводҳо (мақолаҳо)-и дорои дараҷаҳои «махфӣ» ё «барои истифодаи хидматӣ» дар маҷалла нашр карда намешавад.

Дар ҳолати зарурӣ ҳайати таҳририя ҳуқуқ доранд, ки ҳаҷми мақоларо то андозаи даркорӣ кӯтоҳ намояд.

ҚОИДАҲОИ ҚАБУЛИ МАҚОЛАҲОИ ВОРИДШУДА БА ИДОРАИ МАҶАЛЛА

Ҳангоми қабули мақола ба қайд гирифта мешавад, баъди баррасии ҳайати таҳририя барои тақриз ба мутахассиси соҳа супорида мешавад. Баъди гирифтани тағризи ғайриқаноатбахш мақола ба муаллиф барои бартараф намудани камбудиҳо баргардонида мешавад.

Муаллиф метавонад дар муддати 30 рӯз аз ҳолати мақолаи худ тариқи телефонҳои (+992 37) 234 88 02 ё почтаҳои электронии majala.dbsst@gmail.com хабардор шавад.

Дар ҳолати мақолаи бори дувум аз ҷониби муаллиф коркардшудаи қобили қабул бошад, мақола барои чоп бори дувум қабул карда мешавад.

ҚОИДАҲОИ ТАҚРИЗ ШУДАНИ МАҚОЛАҲОИ ВОРИДШУДА

Ҳар як мақолае, ки ба идораи маҷаллаи **«ПАЁМШИНОСӢ»** ворид мегардад, ҳатман тақриз мешавад. Ин раванд ба муаллифон ва барои муқарризон махфӣ боқӣ мемонад.

Ба сифати муқарриз идораи маҷалла аз ҳисоби ҳайати таҳририя ва берун аз онро ҷалб менамояд. Бояд муқарриз дорои унвони илмии номзади илм ё доктори илми иқтисодӣ, ва дар ҳолати зарурӣ таҷрибаи баланд дар соҳиаи иқтисодиёт дошта бошад.

1. Баъди қабули мақола ба қайд гирифта мешавад, ҳайати таҳририя баррасӣ менамоянд, баъдан ба муқаррризи соҳавӣ фиристода мешавад. Муқарриз бояд аз рӯи хусусиятҳои зерин арзёбӣ намояд:

- сатҳи илмии мавод;
- муҳимияти масъалагузорӣ;
- навгонӣ ва иттиллоотӣ;
- мувофиқати миқдор оид ба интихоби мавзӯъ ва талаботи таҳририя.

2. Мақола аз ҷониби муқарриз дар муддати 15 рӯзи корӣ баррасӣ мегардад ва тавассути мактуб ба шакли тақриз ба идораи маҷалла бо назардошти талаботҳои зерин баргардонида мешавад:

- мавҷудияти хатогиҳо ва плагиат;
- маводро чоп кардан мумкин аст ё не;
- мавод бори дуввум ба тақриз фиристода шавад ё не (бо нишондоди муқаррризони мавҷуда);
- мавод рад карда шавад (бо пешниҳоди раддия).

3. Ҳангоми ба даст овардани пешниҳоди мусбӣ «баъди коркард нашр карда шавад…» бояд иловаҳо қайд карда шавад (қайдҳо характери пешниҳодотӣ дошта бошанд).

4. Дар ҳолати мувофиқ набудани пешниҳоди муқарриз бо муаллиф, муаллиф метавонад ба идораи маҷалла ҷавоби аргументӣ пешниҳод намояд. Мақола бо тағйиротҳои дар асоси қайдҳо такроран ба муқарриз фиристода мешавад. Агар дар ин ҳолат фикру андешаҳои муаллиф ва муқарриз мувофиқ ояд, мақола ба нашр пешниҳод карда мешавад.

ПАМЯТКА ДЛЯ АВТОРОВ

1. Материал, предлагаемый для публикации, должен быть оригинальным, не опубликованным ранее в других изданиях, написан в контексте современной научной литературы и содержать очевидный элемент создания нового знания.

2. Автор(ы) присылают в редакцию 2 экземпляра статьи (подписанной автором) в печатном и в электроном виде по (электронной) почте для иногородних авторов по адресу: 734061 Душанбе, ул. Борбад 48/5, E-mail: majala.dbsst@gmail.com;

3. Информация об авторе(ах) оформляется следующим образом:

Абдуллоев Абдулло Абдуллоевич – кандидат экономических наук, доцент, Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, тел: (+992) 234-88-02, E-mail: majala.dbsst@gmail.com

4. Фамилия и инициалы (Фамилия И.О.), название статьи, краткая аннотация статьи (до 600 печ. знаков), ключевые слова (7-10 слов), библиографический список, на который дана ссылка в тексте статьи (до 10 наименований).

5. Объем статьи не должен превышать 0,5 п.л. (1800 п. знаков -8 стр.) компьютерного текста формата А4, включая таблицы, список литературы и рисунки (схемы).

6. Файлы с текстом статьи и сведениями об авторе оформляются в формате MS Word, шрифт – Times New Roman, размер-12 пт, интервал- 1. Поля: верхнее, нижнее – 2 см, правое -1,5 см, левое – 3 см.

7. Таблицы, рисунки и схемы должны быть: черно-белыми, пронумерованы и озаглавлены, снабжены ссылками на источники, например, [12, с .77].

8. Для оформления таблиц и рисунков необходимо использовать следующие параметры: шрифт- Times New Roman (TJ), размер – 12 пт, интервал – 1.

9. Обозначения единиц измерения различных величин (м, кг, сомони и т.д.), сокращениями типа «г.» (год).

10. При использовании в тексте кавычек используется типографские кавычки («»). Тире обозначается символом «–» (длинное тире); дефис «-».

11. Библиографический список приводится в порядке упоминания в конце статьи. Ссылки на иностранные источники даются на иностранном языке и сопровождаются, в случае перевода на таджикский или русский язык, с указанием на перевод.

12. Названия зарубежных компаний, финансовых институтов приводятся в тексте латинскими буквами без кавычек и выделений. После упоминания в тексте фамилий зарубежных ученых, руководителей компаний и т.д. на русском языке, в круглых скобках приводится написание имени и фамилии латинскими буквами, если за этим не следует ссылка на работу зарубежного автора.

13. Материалы (статьи), содержащие информацию с грифом «Секретно» или «Для служебного пользования» не могут быть опубликованы в данном журнале.

Редакционная коллегия оставляет за собой право при необходимости сокращать объем статьи, подвергая их редакционной правке.

ПОРЯДОК ПОЛУЧЕНИЯ ПОСТУПИВШИХ В РЕДАКЦИЮ МАТЕРИАЛОВ

По получении статья регистрируется, рассматривается редакционной коллегией и направляется на рецензию специалистам по данной тематике. При получении отрицательных отзывов - статья передается автору для доработки.

Автор может узнать результаты рецензирования в течение 30 дней и о судьбе своей статьи позвонив в редакцию по тел. (+992 37) 234 88 02; или прислав запрос по электронной почте в редакцию E-mail: majala.dbsst@gmail.com

Если переработанная автором с учетом принципиальных замечаний рецензента и редакции, статья удовлетворяет требования опубликования, она принимается обратно редакцией журнала.

ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ РУКОПИСИ СТАТЬИ

Каждая статья, предоставленная в редакцию журнала **«АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ СОВРЕМЕННОГО ГОСУДАРСТВА, ОБЩЕСТВА И ПРАВА»** проходит процедуру обязательного рецензирования. Эта процедура анонимна и для автора, и для рецензента. В качестве рецензентов редакция журнала привлекает членов редакционной коллегии, а также внешних экспертов из числа ученых и специалистов. Рецензент должен иметь ученую степень кандидата, либо доктора экономических наук или опыт практической работы по данному направлению.

1. После получения статьи редакцией она регистрируется, рассматривается редколлегией и направляется на рецензию специалистам по соответствующему профилю. Рецензент должен оценить:

- научный уровень материала;
- актуальность освещаемых вопросов;
- новизну и информационность.
- соответствие объема выбранной темы требованиям редакции.

2. В течение 15 рабочих дней статья должна быть рассмотрена рецензентом и его письменный отзыв должен быть оформлен в виде рецензии, которая должна отвечать следующим требованиям:

- замечания и недоработки, нет ли элементов плагиата
- следует ли материал опубликовать;
- вернуть ли автору (авторам) для доработки;

- направить ли материал на дополнительное рецензирование (с указанием возможных рецензентов);

- или отклонить материал как непригодный для публикации (с обоснованием мотивации отказа).

3. При рекомендации «опубликовать материал после доработки…» должны быть указаны замечания (требования к данному материалу), которые являются обязательными, с точки зрения рецензента, и замечания, которые могут рассматриваться, как пожелания.

4. В случае несогласия с мнением рецензента автор статьи имеет право предоставить аргументированный ответ в редакцию журнала. Статья с изменениями на основе замечаний повторно направляется для согласования рецензенту. Если переработанная автором статья и одобренная рецензентом удовлетворяется требованиям редакционной коллегии, она публикуется в журнале.

NOTE FOR AUTHORS

1. The material proposed for publication should be original, not previously published in other editions, written in the context of modern scientific literature and contain an obvious element of creation of new knowledge.

2. The author(s) send to the editorial office 2 copies of the article (signed by the author) in hard copy and in electronic form by (electronic) mail for non-resident authors to the address: 734061 Dushanbe, 48/5 Borbad St., E-mail: majala.dbsst@gmail.com;

3. Information about the author(s) shall be formatted as follows:

Abdulloev Abdullo Abdulloevich – Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, tel.: (+992) 234-88-02, E-mail: majala.dbsst@gmail.com

4. Surname and initials (Surname I.O.), title of the article, short abstract of the article (up to 600 characters), key words (7-10 words), bibliographic list referenced in the text of the article (up to 10 titles).

5. The volume of the article should not exceed 0.5 p.l. (1800 characters -888). (1800 characters - 8 pages) of A4 format computer text, including tables, reference list and figures (schemes).

6. Files with the text of the article and information about the author should be in MS Word format, font - Times New Roman, size-12 pt, spacing-1. Margins: top, bottom - 2 cm, right - 1,5 cm, left - 3 cm.

7. Tables, figures and schemes should be: black and white, numbered and titled, with references to sources, for example, [12, p. 77].

8. For the design of tables and figures should be used the following parameters: font - Times New Roman (TJ), size - 12 pt, spacing - 1.

9. Denotation of units of measurement of various quantities (m, kg, somoni, etc.), abbreviations such as "g." (year). (year).

10. When quotation marks are used in the text, typographical quotation marks ("") are used. A dash is indicated by the symbol "-" (long dash); a hyphen "-".

11 The bibliographic list is given in the order of citation at the end of the article. References to foreign sources are given in a foreign language and accompanied, in case of translation into Tajik or Russian, with an indication of the translation.

12 The names of foreign companies, financial institutions are given in the text in Latin letters without quotation marks and emphasis. After mentioning in the text the names of foreign scientists, heads of companies, etc. in Russian, in parentheses the name and surname are written in Latin letters, if this is not followed by a reference to the work of a foreign author.

13. Materials (articles) containing information labeled "Secret" or "For Official Use" cannot be published in this journal.

The Editorial Board reserves the right, if necessary, to reduce the volume of the article, subjecting them to editorial revision.

PROCEDURE FOR RECEIVING MATERIALS RECEIVED BY THE EDITORIAL OFFICE

Upon receipt, the article is registered, reviewed by the editorial board and sent for review to specialists in the subject. If negative feedback is received, the article is passed to the author for revision.

The author can find out the results of reviewing within 30 days and the fate of his/her article by calling the editorial office by tel. (+992 37) 234 88 02; or sending a request by e-mail to the editorial office E-mail: majala.dbsst@gmail.com.

If the article, revised by the author taking into account the fundamental comments of the reviewer and the editorial board, meets the requirements for publication, it is accepted back by the editorial board of the journal.

PROCEDURE FOR REVIEWING THE MANUSCRIPT OF AN ARTICLE

Each article submitted to the editorial board of the journal "**CURRENT PROBLEMS OF THE MODERN STATE, SOCIETY AND LAW**" undergoes a mandatory review procedure. This procedure is anonymous for both the author and the reviewer. As reviewers, the editorial board attracts members of the editorial board, as well as external experts from among scientists and specialists. The reviewer should have a degree of candidate or doctor of economic sciences or practical experience in this area.

1. After the article is received by the editorial board, it is registered, reviewed by the editorial board and sent for review to specialists in the relevant profile. The reviewer should evaluate:

- scientific level of the material;
- relevance of the issues covered;
- novelty and informativeness.
- compliance of the volume of the selected topic with the requirements of the editorial board.

2. Within 15 working days the article should be considered by the reviewer and his written feedback should be formalized in the form of a review, which should meet the following requirements:

- remarks and deficiencies, whether there are no elements of plagiarism;
- whether the material should be published;
- whether the material should be returned to the author(s) for revision;
- whether the material should be sent for additional review (indicating possible reviewers);
- or reject the material as unsuitable for publication (with justification of the motivation for rejection).

3. When recommending "to publish the material after revision..." the comments (requirements to the material), which are mandatory, from the reviewer's point of view, and the comments, which can be considered as wishes, should be indicated.

4. In case of disagreement with the reviewer's opinion, the author of the article has the right to provide a reasoned response to the editorial board of the journal. The article with changes based on the comments is resubmitted to the reviewer for approval. If the article revised by the author and approved by the reviewer meets the requirements of the editorial board, it is published in the journal.

	МУНДАРИҶА	
	ПАЁМШИНОСӢ	
1.	**Абдуллоева Л.М.** Мақом ва нақши занон дар паёми навбатии Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон	7
2.	**Ализода Ҳ.С.** Рушди соҳаи маориф дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон	15
3.	**Бегмуратова К.Х.** Паёми пешвои миллат – роҳнамои сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат дар шароити нави стратегияи миллӣ	21
4.	**Ҷумаева П.А.** Инъикоси меъёрҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар некуаҳволии мардум	28
5.	**Ҷуразода Х.Х.** Паём ва заминаҳои асосии таъмини идоракунии рушди устувор дар марҳалаи муосир	35
6.	**Мардонзода Ҷ.** Хусусиятҳои муҳими паём ва нақши он дар муайян кардани самтҳои асосии рушди ҷомеа ва давлат	40
7.	**Марипова Ф.А.** Нуқтаҳои асосӣ аз паёми Пешвои Миллат доир ба рушди соҳибкории саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон	44
8.	**Наботзода С.Х., Умаров Р.М.** Шарҳу тавзеҳи паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: принсипҳо, методология ва ҳамоҳангсозии баромадҳо барои ниҳодҳои давлатӣ	48
9.	**Нурализода Н.И.** Нақши паёмҳои Пешвои Миллат дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм	56
10.	**Нуриддинова М.С.** Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамгироии иқтисоди миллӣ ба бозори ҷаҳонӣ	78
11.	**Нурматзода Ҳ.** Тамаддуни ориёӣ дар меҳвари паёмҳои пешвои миллат	82
12.	**Самизода М.Б.** Рушди саноати миллӣ дар заминаи сиёсати инноватсионӣ дар Паёми Президент	90
13.	**Холиқова М.** Сиёсати Пешвои Миллат дар соҳаи соаноатикунонӣ ва рушди илмҳои дақиқ	95
14.	**Ҳамидиён И.И.** Амнияти иттилоотӣ – дар меҳвари Паёми Пешвои Миллат	100
15.	**Шарипов А.М.** Нақши дониш, омӯзгор ва хонанда дар рушду суботи иҷтимоӣ дар партави паёми пешвои миллат аз 16 декабри соли 2025	110
	ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ	
16.	**Абдуназарова О.А.** Усулҳои инноватсионии таълим ва мавқеи низоми идоракунии сифат дар баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисони соҳибкасб	115
17.	**Асадуллоева З.Р., Давлатбекова Г.Ф.** Малакаҳо ва усулҳои асосии омӯзиши забони хитоӣ	123
18.	**Ахмедова Ф.Ф.** Самтҳои муосири туризми экологӣ ва консепсияҳои асосии он	129
19.	**Гафуров С.Х.** Механизми дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун омили таъмини амнияти иқтисодӣ дар шароити рушди иқтисодиёти инноватсионӣ	138
20.	**Ғуломова М.С.** Зуроварии гендерӣ ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ	144
21.	**Назруллоев А.Х.** Инноватсия ва технологияҳои муосир дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ	152
22.	**Раҳимова Д.А.** Асосҳои банақшагирии фаъолияти суғуртавӣ ва усулҳои истифодашаванда	161
23.	**Сидиқова Ш.М.** Суботи ҷаҳонӣ ва вобастагии он аз технологияи рақамӣ дар замони муосир	170

24.	**Холиқзода А.Ғ.** Қонунгузорӣ оид ба маскун кардан: мушкилиҳо ва роҳҳои ҳалли он	176
25.	**Холиқова М.Ғ.** Худшиносии миллӣ заминаи устувори ҳимояи давлати миллӣ	183
26.	**Шарипов А.М.** Тағйирёбии арзишҳои миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ: таҳдидҳо ва имкониятҳо	187
27.	**Шердилова С.Ф.** Омӯзиши малакаҳои амалӣ (мастер класс)	195
	ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ	
28.	**Дилшодзода Ш.Д., Ҳусейнзода Ш.У.** Фаъолияти мунаққидии профессор Шарифҷон Ҳусейнзода	203
29.	**Рустамова Г.Р.** Симои гӯянда дар наср	212
30.	**Рустамова Г.Р.** Саҳифаҳои эҷодиёти Лев Толстой дар Николское – оболяниново	216
31.	**Саидов А.Ғ.** Масъалаҳои омӯзиши фанни фарҳангшиносӣ дар Институти сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон	223
Маълумот барои муаллифон		233

СОДЕРЖАНИЕ

ПАЁМШИНОСӢ

1.	**Абдуллоева Л.М.** Статус и роль женщин в очередном послании Основателя Мира и национального единства – Лидера Нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона	7
2.	**Ализода Х.С.** Развитие сектора образования в послании Президента Республики Таджикистан	15
3.	**Бегмуратова К.Х.** Послание лидера нации – путеводитель внутренней и внешней политики государства в условиях новой национальной стратегии	21
4.	**Джумаева П.А.** Отражение норм послание Президента Республики Таджикистан Эмомалӣ Рахмон в благосостояние народа	28
5.	**Ҷуразода Х.Ҳ.** Послание и основные предпосылки обеспечения управления устойчивого роста на современном этапе	35
6.	**Марданзаде Дж**. Важнейшие черты послания и его роль в определении основных направлений развития общества и государства	40
7.	**Марипова Ф.А.** Основные положения послания лидера нации о развитии промышленного предпринимательства Республики Таджикистан	44
8.	**Наботзода С.Х., Умаров Р.М.** Интерпретация и разъяснение послания президента республики таджикистан: принципы, методология и координация направлений деятельности государственных органов	48
9.	**Нурализода Н.И.** Роль посланий лидера нации в формировании государственной политики в сфере образования и науки	56
10.	**Нуриддинова М.С.** Послание Президента Республики Таджикистан и интеграция национальной экономики в мировой рынок	78
11.	**Нурматзода Х.** Арийская цивилизация в центре посланий Лидера Нации	82
12.	**Самизода М.Б.** Развитие национальной промышленности в сфере инновационной политики в послании президента	90
13.	**Холиқова М.** Политика лидера нации в сфере индустриализации и развития точных наук	95
14.	**Хамидиён И. И.** Информационная безопасность – в центре послания Лидера Нации	100
15.	**Шарипов А.** Роль знания, учителя и учащихся в социальном развитии и стабильности в свете послания Лидера Нации от 16 декабря 2025 года	110
	СОЦИАЛНЫЕ НАУКИ	
16.	**Абдуназарова О.А.** Инновационные методы обучения и место системы управления качеством в повышении качества подготовки специалистов с высокой квалификацией	115
17.	**Асадуллоева З.Р., Давлатбекова Г.Ф.** Основные языковые навыки и стили изучения китайского языка	123
18.	**Ахмедова М.Ф.** Современные тенденции экологического туризма и его основные концепции	129
19.	**Гафуров С.Х.** Государственный механизм поддержки производственной предпринимательской деятельности как фактор обеспечения экономической безопасности в условиях развития инновационной экономики	138
20.	**Гуломова М.С.** Гендерное насилие как социо-культурная проблема	144
21.	**Назруллоев А.Х.** Инновации и современные технологии в методике уроков физического воспитания в высших учебных заведениях	152
22.	**Рахимова Д.А.** Основы планирования страховой деятельности и используемые методы	161

23.	**Сидикова Ш.М.** Мировой порядок и его зависимость от современной цифровой техологии	170
24.	**Холикзода А.Ғ.** Законодательство о вселение: проблемы и решения	176
25.	**Холикова М.Ғ.** Национальное самосознание как основа устойчивой защиты национального государства	183
26.	**Шарипов А.** Изменение национальных ценностей в условиях глобализации: угрозы и возможности	187
27.	**Шердилова С.Ф.** Обучение практическим навыкам (мастер-класс)	195
	ГУММАНИТАРНЫЕ НАУКИ	
28.	**Дилшодзода Ш.Д., Хусейнзода Ш. У.,** Критическая деятельность профессора Шарифджона Хусейнзоды	203
29.	**Рустамова Г.Р.** Образ рассказчика в прозе	212
30.	**Рустамова Г.Р.** Страницы творчества льва толстого в никольское-обольяниново	216
31.	**Саидов А.Г.** Вопросы изучения дисциплины «культурология» в Институте туризма Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистан	223
Памятка для авторы		233

CONTENT		
ADDRESS STUDIES		
1.	**Abdulloeva l.m.** The status and role of women in the latest address of the founder of peace and national unity – leader of the nation, President of the Republic of Tajikistan, honorable Emomali Rahmon	7
2.	**Alizoda H.S.** Development of the education sector in the message of the president of the Republic of Tajikistan	15
3.	**Begmuratova K.Kh.** The message of leader of the nation – guide-book of internal and forighn policy of country in new condition of national strategy	21
4.	**Jumaeva P.A.** Reflection of norms of presidents of Republic of Tajikistan Emomali Rahmon heralds in people prosperir	28
5.	**Djurazoda Kh.Kh.** The address and the main prerequisites for ensuring the management of sustainable growth at the present stage	35
6.	**Mardonzoda J.** Important features of the message and its role in determining the main directions of development of society and state	40
7.	**Maripova F.A.** Points from the address of the leader of the nation on the development of industrial en trepreneurship of the Republic of Tajikistan	44
8.	**Nabotzoda** S.KH., **umarov R. M.** Interpretation and policy-oriented analysis of the address of the president of the republic of Tajikistan: principles, methodology, and coordination of the activities of state authorities	48
9.	**Nuralizoda N.I.** The role of the leader of the nation's addresses in shaping state policy in the field of education and science	56
10.	**Nuriddinova M.S.** The address of the president of the republic of tajikistan and the integration of the national economy into the global market	78
11.	**Nurmatzoda H.** The aryan civilization at the core of the leader of the nation's addresses	82
12.	**Samizoda M.B.** Development of national industry in the field of innovation policy in the President's message	90
13.	**Kholiqova M.** The policy of the leader of the nation in the field of industrialization and the development of exact sciences	95
14.	**Hamidiyon I.I.** Information security – at the focus of the Leader of the nation's address	100
15.	**Sharipov A.** The role of knowledge, teachers and students in social development and stability in the light of the message of the leader of the nation dated december 16, 2025	110
	SOCIAL SCIENCES	
16.	**Abdunazarova O.A.** Innovative teaching methods and the role of the quality management system in improving the quality of training highly qualified specialists	115
17.	**Asadulloeva Z.R., Davlatbekova G.F.** The main language skills and styles of learning chinese	123
18.	**Akhmedova M.F.** Modern trends in ecotourism and its main concepts	129
19.	**Gafurov S. Kh.** The state mechanism of support for production entrepreneurial activity as a factor in ensuring economic security under the conditions of innovative economic development	138
20.	**Gulomova M.S.** Gender - based violence as an issue social – cultural	144
21.	**Nazrulloev A. H.** Innovation and modern technologies in the methodology of physical education lessons in higher education institutions	152
22.	**Rahimova D.A.** Basics of insurance activity planning and methods used	161

23.	**Sidiqova Sh.M.** Global order and its dependense about digital technology in modern period	170
24.	**Kholiqzoda A.Gh.** Residential legislation: problems and solutions	176
25.	**Kholiqova M.Gh.** National self-consciousness as a stable basis for the protection of the national state	183
26.	**Шарипов А.** The transformation of national values in the process of globalization: threats and opportunities	187
27.	**Sherdilova S.F.** Practical skills training (master class)	195
	HUMMANITIES	
28.	**Dilshodzoda Sh.D., Huseynzoda Sh.U.** Critical work of professor Sharifjon Huseynzoda	203
29.	**Rustamova G.R.** The image of the narrator in prose	212
30.	**Rustamova G.R.** Pages of Lev Tolstoy's work in Nikolskoye – obolyaninovo	216
31.	**Saidov A.G.** Issues of teaching the discipline “culturology” at the Institute of tourism of the International university of tourism and entrepreneurship of Tajikistan	223
Note for authors		233

Маълумот барои тамос:

Сармуҳаррир: Асрорзода Убайдулло Саттор
Тел./факс: (+992 37) 2-34-88-02
E-mail: dsx_ips@mail.ru

Ҷонишини сармуҳаррир: Қудратов Некруз Абдунабиевич
Тел./факс: (+992) 935777900; (+992 37) 2-34-88-02
E-mail: majala.dbsst@gmail.com

Котибони масъул: Матробиён Матроб Хуррам, Шоҳзода Назира Изатулло
Тел./факс: (+992 37) 2-34-88-02
E-mail: majala.dbsst@gmail.com

Контактная информация:

Главный редактор журнала: Асрорзода Убайдулло Саттор
Тел./факс: (+992 37) 2-34-88-02
E-mail: dsx_ips@mail.ru

Зам. гл. редактора журнала: Қудратов Некруз Абдунабиевич
тел./факс: (+992) 935777900; (+992 37) 2-34-88-02
E-mail: majala.dbsst@gmail.com

Ответственные секретары журнала: Матробиён Матроб Хуррам, Шоҳзода Назира Изатулло
Тел./факс: (+992 37) 2-34-88-02
E-mail: majala.dbsst@gmail.com

Contact information:

Editor-in-chief of the journal:
Asrorzoda Ubaidullo Sattor
Tel./Fax: (+992 37) 2-34-88-02
E-mail: dsx_ips@mail.ru

Deputy editor-in-chief of the journal:
Kudratov Nekruz Abdunabievich
Tel./Fax: (+992) 935777900; (+992 37) 2-34-88-02
E-Mail: majala.dbsst@gmail.com

Responsible secretaries of the journal: Matrobiyon Matrob Khurram, Shohzoda Nazira Izatullo
Tel./Fax: (+992 37) 2-34-88-02
E-mail: majala.dbsst@gmail.com

Ба чопаш 22.12.2025 имзо шуд.
Андозаи коғаз 60х84 1/8. Коғази офсетӣ.
Ҷузъи чопӣ 18,18. Адади нашр 100 нусха.

«Соҳибкор»,
ш. Душанбе, х. Борбад 48/5